Роҷеъ ба эҳтироми тарафайни падару модар ва фарзандон бошад, Фирдавсӣ ақидаҳои ҷолибтарро баён мекунад. Ӯ менависад, ки ҳурмату эҳтиром намудани падару модар муҳим аст, аммо набояд ин чиз яктарафа бошад, падару модар низ дар ин замина вазифадоранд, ки ҷавоби ин рафторро ба ҷо оранд:

*Чу фармонпазиранда бошад писар,*
*Навозанда бояд, ки бошад падар [1, с.68].*

Фирдавсӣ инчунин дар тарбия намудани насли наврас дар рӯҳияи эҳтиром ба падару модар ташвиқу тарғиби истифодаи хирадро муҳим ва аввалиндараҷа меҳисобад. Барои он ки насли наврас қадамҳои дуруст гузорад ва аз кардааш дар оянда пушаймон нашавад, муҳим аст, ки аз хирад оқилона истифода барад, роҳи дурустро пеша намояд ва бо ин васила дар байни аҳли ҷомеа низ шуҳрату эҳтиромро касб намояд:

*Касе к-ӯ хирадро надорад зи пеш,*
*Дилаш гардад аз кардаи хеш реш.*
*Ҳушивор девона хонад варо,*
*Ҳамон хеш бегона хонад варо [1, с. 27].*

Шоири бузург Аӯалӣ ибни Сино дар китоби «Зафарнома» манзалати модарро ба нуқтаи баландтарин расонида, сухани ӯро барои фарзанд «фармон» ва манзалати фармонашро баробари фармони Худо ва оқилон меҳисобад: «…Гуфтам: «Аз фармонҳо кадом фармонро хор набояд дошт?» Гуфт: «Се: аввал фармони Худои азза ва ҷалла; дуввум - фармони оқилон; саввум-фармони падару модар»» [2, с. 85]. Дар ин замина насли наврасро тарбият бояд намуд, ки иҷрои фармони падару модар барояшон бояд ҳам қунун бошаду ҳам фарз.

Ба ҷо овардани эҳтироми падару модарро шоири машҳури асри XI Унсурулмаолии Кайковус низ дар асари машҳури хеш «Қобуснома» ташвиқу тарғиб мекунад. Аввалан Кайковус падару модарро ба дарахт ва фарзандонро ба меваи дарахт монанд карда, мегӯяд, ки меваҳои дарахт ҳамон вақт ширин мешаванд, ки агар дарахт бе нуқс бошад. Пас падару модарро намунаи ибрати фарзандон будан муҳим аст. Ва дар боби 5-уми ин китоб, ки «Андар шинохти қадри падару модар» ном дорад, Кайковус насиҳат мекунад, ки қадри падару модарро шинохтан вазифаи аввалиндараҷаи фарзандон аст. Ӯ фарзандаш Гелоншоҳро насиҳат карда мегӯяд: «….ҳамедун аз муҷиби хирад бар фарзанд аст худро ҳурмат доштан ва тааҳҳуд кардан ва низ воҷиб аст асли худро тааҳҳуд кардан ва ҳурмат доштан ва асли ӯ ҳам падару модар аст» [10, с.25]. Дар расидан ба қадри падару модар ва дар маҷмӯъ ахлоқи ҳамидаи инсонӣ У. Кайковус низ нақши хирадро асосӣ мешуморад

Маҳз андешаи хирадмандона насли наврасро ба хислати баланди одамгарӣ, ки як ҷанбаи он шинохти қадри падару модар аст, оварда мерасонад.

Ситоиши падару модар, ба қадри онҳо расидан, пайравӣ намудан аз рафтори неки онҳо ва тайёр будан ба гирифтани эстафетаи падариву модарӣ на танҳо дар осори шоирони асрҳои X-XI, балки дар фаъолияти эҷодии шоирону донишмандони асрҳои баъдӣ ва муосирон равшан ба назар мерасад. Масалан, шоири машҳури асри XIV Абдураҳмони Ҷомӣ “тоҷи шараф”-ро “гарде аз роҳи модарон” [8, с.119] унвон мекунад. Нависандаи машҳури рус А.М. Горкий бошад, қайд мекунад, ки бе офтоб гулҳо намешукуфанд, бе муҳаббат хушбахтӣ нест, бе зан ишқ нест, бе модар шоир нест, қаҳрамон ҳам нест. Яъне ба қавли Горкий қаҳрамонон ҳам бе зан-модар ба рӯи олам наомаданд ва василаи ба мартабаи қаҳрамонӣ расидан низ падару модар мебошанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон манзалати падару модарро дар суханрониҳояш ба дараҷаи баланд бардошта, шинохти қадри падару модарро барои фарзандон муҳим ва аввалиндараҷа мешуморад. Дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26-уми декабри соли 2018 Пешвои миллат гуфта буданд: «Мо ба азму ирода ва масъулиятшиносии занон ҳамчун неруи бузурги ҷомеа эътимоди комил дорем. Баробари ин медонем, ки зан модар аст, яъне ягона мавҷудест, ки инсонро ба дунё меорад ва ба ӯ ҳаёт мебахшад. Ба ин хотир мо масъул ҳастем, ки ба ин мавҷуди офарандаи инсоният арҷ гузорем, ранҷу машаққат ва заҳмату хизматҳои ӯро қадр намоем». Дар партави ин ҳидоятҳо муҳим аст, ки дар кори таълиму тарбия, дар гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ, аз қабили соати тарбиявӣ, соати синфӣ, семинару конфронс, хонишҳои бадеӣ, маҳфилҳои адабӣ, дарсҳои иловагӣ ба ин масъала диққати зиёдтарро равона намуда, роҳҳои фаъоли таълими ин мавзӯро истифода барем, то ки натиҷаи дилхоҳ ба даст ояд.

Оре, падару модар ашхосе мебошанд, ки бо хиради волои хеш ба тарбияи фарзанд машғул мебошанд. Мехоҳанд, ки фарзандонашон намунаи ибрати дигарон бошанд. Чун модару падар худ хирадманд мебошанд, сифатҳои Худовандӣ, бахшандагиву меҳрубонӣ дар ниҳоди онҳо ҷойгоҳи махсус доранд. Пас ҳар фарди ҷомеаро ба ҳайси фарзанд зарур аст, ки аз хислатҳои наҷиби ин бузургон пайравӣ намуда, дар ин самт меросхӯри онҳо бошад:

*Эй дарего, ки хирадмандро, Бошад фарзанду хирадманд не.*
*В-ар чӣ адаб дораду дониш падар,*
*Ҳосили мерос ба фарзанд не [7, с.119].*

Қобили ёдоварист сухани Муҳаммад Ҳиҷозӣ, гуфтаанд, ки ягона доваре, ки гуноҳи моро ҳарчӣ бошад мебахшад, модар аст. Пас бесабаб нест, масали машҳури мардуми Бадахшони Тоҷикистон, ки падарро «шоҳсутуни хонадон» ва модарро «Каъбаи мақсуд» меноманд.

Агар солҳои 90-уми асри гузашта, яъне нооромӣ ва ҳодисаҳои нанговари ба сари халқу милллати давлатамон омадаро ба ёд орем, ҳазорон падарону модарон баҳри пойдорӣ, таъмин сулҳу ваҳдат ҷонбозиҳо намуда, даст намедоданд, ки ҳасудон ба нияти нопоки худ ноил гарданд. Ҳол он, ки бисёрии модарону падарон дар он вақт аз шавҳар, зан, фарзандон, аз хонаву дар бенасиб монда, сарсону саргардон буданд. Бо вуҷуди ҳамаи ин мушкилиҳо ва душвориҳои зиндагии ба сари падару модари тоҷиконмада қомати онҳоро хам ё шикаста нагардонид. Сабру тоқат, матонати халқи тоҷик ё

падарону модарон буд, ки шаби тори ноумедӣ ба субҳи сафо мубаддал гашт, чун Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати комили миллӣ ба даст омад.

Маълум ва равшан аст, ки имрӯз бисёре аз гӯшаҳои дунё нооруму ноамнанд ва зери таъқибу фишори гурӯҳҳои бадхоҳи терористиву экстримистӣ қарор доранд. Аммо мардуми тоҷик мардуми хирадманд, бофарҳанг, соҳибтамаддун, сулҳофару сулҳхоҳ аст, зеро падарону модарони фарзандони тоҷик худ ба шинохти падару модар оқилона расида, муҳаббати падару модарро аз ҷони хеш волотар дониста, ин муҳаббро ба фарзандон интиқол медиҳанд. Насли ҷавони тоҷик, ки зодаи модарони шарафманди миллати шарифанд дар ин самт низ бояд пайравони падарону модарони хеш бошанд.

Таърих гувоҳ аст, ки падарону модарони тоҷик ҳеҷ гоҳ дар дили хеш кинаву адоват ба касе наварзидаанд ва шиорашон «Чизеро, ки ба худ раво надорӣ ба дигарон ҳам матписанд» буд, аст ва хоҳад монд. Дар боло аз бахшандагии зан-модар ва падар ёдовар шудем, вале ногуфта намонад, ки боиси бахшиш фарзанде мегардад, ки падару модар аз ӯ розӣ бошанд. Фарзанде, ки дар пайи озори дигарон аст, ҳеҷ гоҳ дар ду олам модар инро ба ӯ нахоҳад бахшид. Расули акрам (с) фармудаанд, ки «Ризогии Худо дар ризогии падару модар аст» [11, с. 26]. ва аз ин ҳадис бар меояд, ки Худо замоне аз бандаи хеш розӣ мешавад, ки агар падару модар аз ӯ розӣ бошанд.

Унсурмаолии Кайковус низ падару модарро воситае байни Офаридагор ва бандагон дониста, шинохти қадри онҳоро муҳим ва зарур мешуморад: «Ва камтар ҳурмати модару падар он аст, ки іар ду воситаанд миёни ту ва Офаридгори ту. Пас чандон ки Офаридгори худро ва худро іурмат дорқ, воситаро низ» Кайковус» [10, с.127].

Шинохти қадри падару модар, расидан ба қадри онҳо, пайравӣ аз рафтору суханони модар моро ба масири ватандӯстиву ватандорӣ ва таъмини суботи ҷомеа раҳнамун месозад. Донишманди машҳур Жан Жак Руссоро гуфтаанд: «Агар тамоми неъмати дунё аз байн биравад, ба шарте, ки зан дар саҳнаи ҳаёт вуҷуд дошта бошад, зиндагӣ боз ҳам қобили таҳаммул аст». Бале, модар нафарест, ки зиндагӣ мебахшад ва дар набарди ҷовидонии ҳаёту марг зиндагиро зинда нигоҳ медорад, файзу баракати зиндагӣ аз ӯ вобастагии куллӣ дорад. Баракати зан-модар аст, ки мақоми зан дар оилава ҷомеаи тоҷикон ҳамееша баланд буд ва баланд хоҳад монд, зеро иффату зебоӣ, фурӯтаниву маърифатнокӣ хоси зан буда ба зиндагии мард ва фарзандон илҳому умед баояндаи нек мебахшад. Боиси ифтихор аст, ки бо шарофати Пешвои милат ва истиқлолияти давлатии Тоҷикистон мақоми зан дар кишвари азизи мо боз ҳам баландтар гардида, зан-модар дар оилаи тоҷик бооз ҳам нақши ҳассосро касб кард. Насли наврасро зарур аст, ки аз иқдоми Сарвари мамлакат ибрат гирифта, дар эҳтироми падару модар камар барбандад ва ин анъанаи неки ниёгонро ҳифз намоянд.

Бояд қайд кард, ки дар паратави чунин ғамхориҳо падару модар низ вазифадоранд, ки фарзандони хешро дар чаҳорчӯбаи ахлоқи инсонӣ тарбия кунанд ва худ намунаи ибрат барои фарзандони хеш ва аҳли ҷомеа бошанд. Таърих гувоҳ аст, ки халқи тоҷик аз оғози ҳаёт дар рӯи замин то ба имрӯз ба маърифатнокшавии зан аҳамияти хоса дошта, кӯшидааст, ки занон дар ҷомеа пешоҳанг бошанд, зеро онҳо модарони ояндаву тарбиятгари насли наврас мебошанд.

Дар зиндагӣ пешоҳанг будани модару падар ва маърифатнок будани онҳо имкон медиҳад, ки сатҳи маънавии оила баланд шуда, фарзандон дар рӯҳияи ахлоқи намунавӣ тарбият ёбанд. Фарзандони чунин падару модар соҳиби дониши баланд гардида, аз нозукиҳои оиладорӣ, одоби муошират, муносибат, хуллас аз маҷмӯи талаботи моддиву маънавӣ огоҳӣ дошта бошанд.

**АДАБИЁТ**


1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома, иборат аз 9 ҷилд. Ҷ. 3. Ҳайати таҳририя: М. Осимӣ, К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, А. Маниёзов, М.Н. Османов, Х. Шарифов, М. Қаноат. - Душанбе: «Адиб»,1987.- 478 с.
2. Дурдонаҳои наср. Тартибиҳандагон: А. Афсаҳзод, А. Алимардонов, Ҷ. Додалишоев. Душанбе: Ирфон, 1987. - 556 с.
3. Ҷ. Амир, М. Холов. «Нақши ориёиҳо дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ (хулосаи мақола ва гузоришҳои конференсия)». -Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2006. - 134 с.
4. Ҷамшеди Азимпур. «Сафири хуршед Ҳусайни Мансури Ҳаллоҷ». / А. Ҷамшеди - Душанбе: Кайҳон, 2008. - 320 с.
5. **Му**ҳаммад Рашод. «Фалсафа аз оғози таърих». / Р. Муҳаммад - Душанбе: Ирфон, 1990. - 478 с.
6. Ҳ.В. Кошифӣ «Футувватномаи Султонӣ», «Ахлоқи мӯҳсинӣ», «Рисолаи Ҳотамия». / Ҳ.В. Кошифӣ - Душанбе: «Адиб», 1991. - 320 с.
7. Осори Рӯдакӣ. Дар таҳти таҳрири Абдулғанӣ Мирзоев. Нашриёти давлатии Тоҷикистон. Сатлинобод, 1958. 541 с.
8. Атаханов Т. Очеркҳои афкори педагогӣ (воситаи таълим). Т. Атаханов, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифов. - Душанбе, 2005. - 224 с.
9. У. Назиров. ««Авасто» мероси муштараки ҷаҳониён». -Маҷаллаи «Адаб», №1. 2004 . - 64 с.
10. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. / У. Кайковус - Душанбе: Маориф, 2016.-239 с.
11. Р. Ваҳобов. Панҷсад ҳадис. - Москва, 1991.- 74 с.
12. https://allinweb.ru/pedagogika/1265/

## РОЛЬ МУДРОСТИ В ПРИЗНАНИИ ЦЕННОСТИ РОДИТЕЛЕЙ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ МЫСЛИТЕЛЕЙ X-XI ВЕКОВ

*Уважение к родителям - священный долг каждого ребенка. Этот вопрос занимает особое место в культуре таджикского народа и стал традицией. Данная тема веками привлекала внимание ученых и писателей, и в этом направлении было проведено множество исследований. Однако многие аспекты этого вопроса еще предстоит изучить.*

*Именно в статье о признании ценности родителей с точки зрения мыслителей X-XI веков и позже представлены взгляды современных мыслителей на эту тему, подчеркивающих роль мудрости в признании ценности родителей.*

*Родители - это люди, которые своей высшей мудростью занимаются воспитанием своих детей и желают, чтобы их дети были примером для других. Эта часть вопроса также освещена в статье. Например, в статье говорится: «Поскольку матери и отцы мудры и владеют такими атрибутами Бога, как прощение и доброта, занимающие особое место в их природе, каждый член общества в качестве потомка должен следовать благородным качествам этих великих людей и унаследовать их».*

*В следующей части статьи обсуждается падение морального духа молодых людей и подростков в наше время, а также приводятся идеи и предложения по устранению этих явлений.*

***Ключевые слова:*** *отец, мать, ребенок, мудрость, признательность, воспитание, обучение, традиции, мыслители.*

## THE ROLE OF WISDOM IN RECOGNIZING THE VALUE OF PARENTS FROM THE POINT OF VIEW OF THINKERS OF THE X-XI CENTURIES

*Respect for parents is the sacred duty of every child. This issue holds a special place in the culture of the Tajik people and has become a tradition. This topic has attracted the attention of scientists and writers for centuries, and many studies have been carried out in this direction. However, many aspects of this issue remain to be explored.*

*It is in the article on the recognition of the value of parents from the point of view of thinkers of the X-XI centuries and later that the views of modern thinkers on this topic are presented, emphasizing the role of wisdom in recognizing the value of parents.*

*Parents are people who, with their highest wisdom, are engaged in raising their children and want their children to be an example for others. This part of the question is also covered in the article. For example, the article says: "Since mothers and fathers are wise and possess such attributes of God as forgiveness and kindness, which occupy a special place in their nature, each member of society as a descendant should follow the noble qualities of these great people and inherit them."*

*The next part of the article discusses the decline in the morale of young people and adolescents in our time, as well as ideas and suggestions for eliminating these phenomena.*

***Key words:*** *father, mother, child, wisdom, appreciation, education, training, traditions, thinkers.*

***Сведения об авторах:***

***Саидиброимов Шомуким Саидисмоилович*** *- кандидат философских наук, преподаватель кафедры «Философия культуры» Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни, Адрес: Таджикистан, г. Душанбе, пр-т Рудаки, 121. E-mail: saidismoil82@mail.ru, Тел: (+992) 934151113*

***Саидиброимов Шозодаиброхим Одилшоевич*** *– кандидат педагогических наук, заместитель директора по образовании, науке и инновациям Филиала Республиканского института повышения квалификации и переподготовки работников системы образования в ГБАО* ***Адрес:*** *736000, Таджикистан, г. Хорог, улица С. Абдурахмонов 104. E-mail: shozoda07.71@mail.ru Тел: (+992 )935277171*

***About the authors:***

***Saidibroimov Shomuqim Saidismoilovich*** *- Candidate of Philosophy, lecturer of the Department of Philosophy of culture, Tajik State Pedagogical University named after from S. Aini, Address: Tadjikistan, Dushanbe, street Rudaki, 121. E-mail: saidismoil82@mail.ru, Тел: (+992) 934151113*

***Saidibroimov Shozodaibrohim Odilshoevich*** *- The deputy director for Education, Science and Innovation of the Branch of the Republican Institute for Professional Development in Education in GBAO, Saidibroimov Shozoddaibrohim is the candidate of pedagogical science. Address: 104 Abdurahmonov Street, Khorog, GBAO, Tajikistan, 736000, E-mail address: shozoda07.71@mail.ru, Telephone (+992) 935277171.*

***УДК: 301:32***

# МОНИТОРИНГИ СИФАТИ ТАЪЛИМ ОМИЛИ РУШДИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТ

***Миров Ф.С., Давлатова Ш.Д.***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

*“Мо ба соҳаҳои илму маориф эътибори аввалиндараҷа дода, ислоҳотро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бомаром идома медиҳем ва мушкилоти мавҷударо давра ба давра бартараф мекунем”.*

***Эмомалӣ Раҳмон***

Тағйироти иҷтимоӣ-иқтисодие, ки солҳои охир дар Тоҷикистон руй медиҳанд, боиси шиддат гирифтани рақобат дар бозори меҳнат ва афзудани талабот нисбати мутахассисони соҳаҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоӣ мегарданд. Дар чунин вазъият вазифаҳо ва масъулияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр кардани мутахассисони касбии рақобатпазире, ки ба талаботҳои рӯзафзуни бозори меҳнат ҷавоб гуфта тавонанд, бамаротиб зиёд мегардад.

Яке аз воситаҳои омода намудани мутахассисони ба талаботи муосири бозори меҳнат ҷавобгӯ, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. “Баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар зинаи таҳсилоти олӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои асосӣ боқӣ мемонад... Ҳоло дар баробари ин масъала, ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳу усулҳои пешқадаму муосири таълим, мустаҳкам намудан ва ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимиву илмӣ, васеъ ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, ба роҳ мондани ихтисосҳои нави ба талаботи иқтисоди миллӣ ҷавобгӯй ва воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилот дар маркази таваҷҷуҳи таҳсилоти олии касбии кишварамон қарор дорад... Таъмин намудани таҳсилоти босифат яке аз роҳҳои ворид шудан ба фазои байналмилалии таҳсилот мебошад” [14].

Такмил, рушд додан ва назорати сифати таълим яке аз самтҳои муҳимтарини ташаккули низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, зеро тараққиёти дигар соҳаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ аз вазъ ва ҳолати институти таҳсилот вобастагии калон дорад. “Имрӯз дар раванди пурзӯр гаштани рақобатҳо дар дунё ҳадафи давлатӣ дар самти илму маориф пеш аз ҳама, ба таҳсилоти босифати мувофиқ ба талаботи ҷомеаи муосир дастрасӣ пайдо кардан ва ба ин восита таъмин намудани рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-маънавии шаҳрвандон мебошад” [6].

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” муассисаҳои таълимӣ вазифадоранд, ки амали мусоиди раванди таълим ва натиҷаҳои босифати таҳсилотро вобаста ба стандартҳои таълимӣ таъмин намоянд. Ҳар як муассисаи таълимӣ бояд вобаста ба дастовардҳои низоми таҳсилоти ҷаҳонӣ раванди таълимро ба роҳ монад ва мутахассисони ба талаботҳои муосири бозори меҳнат ҷавобгӯйро омода намояд. Тайёр намудани мутахассисони соҳаҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, ба сатҳу сифати таҳсилот ва назорати пайвастаи он алоқамандии зич дорад.

Оид ба мафҳуми “сифати таълим” фикру ақидаҳо гуногун аст, зеро мазмунӣ ин мафҳум тағйирёбанда ва бисёрҷанба мебошад. Зери мафҳуми “сифати таълим” маҷмӯи хусусиятҳои низоми таҳсилотро дида баромадан мумкин аст, ки сатҳи мувофиқати натиҷаҳои воқеии таҳсилот ва шароитҳои таъминоти раванди таълим ба талаботҳои меъёрӣ ва интизориҳои ҷамъиятию шахсиро инъикос менамояд. Ба ибораи дигар сифати таълим вобаста ба стандартҳои меъёрӣ ва талаботҳои рӯзафзуни ҷомеа ба роҳ мондани раванди таҳсилот ва ба даст овардани натиҷаҳои чашмдоштро ифода менамояд.

Инчунин дигар таърифҳои сифати таълим пешниҳод шудаанд, ки ҳарчанд шаклан фарқ кунанд ҳам, аммо мазмунан ба якдигар алоқамананд. Сифати таълим – ин тарзи ташкили дуруст ва самараноки раванди таълим, ки дар натиҷаи он шахс соҳиби таҳсилот мегардад [8]. Сифати таҳсилот қобилияти амалӣ намудани хизматрасониҳои таълимӣ ва бадастории сатҳи маърифатнокии таълимгирандагон маҳсуб ёфта, дар асоси ин хизматрасониҳои бадастомада, ба талаботи истифодабарандагони натиҷаи таълим ҷавобгӯ аст [3]. Сифати таълим – ташкили ҷараёни таълим

аст, ки дар натиҷаи он шахсият ва сифатҳои марбут ба таълиму тарбия ташаккул меёбанд [2]. "Сифати таҳсилот мутобиқати таҳсилот (ҳамчун натиҷа, ҷараён ва низоми ҷамъиятӣ) ба талаботи гуногунҷабҳа, манфиатҳои шахсият, ҷомеа ва давлат мебошад. Сифат як навъ маҷмӯи муназзами хусусиятҳои моҳиятан муҳимми иҷтимоии таҳсилот аст" [16, с.44].

Идора кардани сифати таълим раванди мақсадноки таъсир расонидан ба таълим ва унсурҳои алоҳидаи он бо мақсади мувофиқ намудани натиҷаҳои он ба талабот, меъёрҳо ва стандартҳои муайяншудаи мебошад [4]. Идоракунии сифати таҳсилот бо усулҳои баҳогузории дохилӣ ва берунӣ дар асоси натиҷаҳои мониторинг ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар муассисаҳои таълимӣ амалӣ мегардад.

Назорати сифати таълим вазифаи бисёрҷанба ва нисбатан доманадоре мебошад, ки на танҳо аз тарафи мақомоти давлатӣ (назорати давлатӣ), балки аз ҷониби худи муассисаи таълимӣ низ ба амал бароварда мешавад. Назорати сифати таълим назорати хонишу муваффақияти хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ, аттестатсияи мунтазам ва давра ба давраи омӯзандагон, аттестатсияи ҷамъбастии хатмкунандагон ва тафтиши фаъолияти муассисаҳои таълимӣ аз тарафи мақомоти давлатиро дар бар мегирад.

Дар моддаи 28-уми "Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" омадааст, ки "Назорати давлатӣ дар соҳаи маориф фаъолияти таълимии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро оид ба риояи иҷрои талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот, нақша ва барномаҳои таълимӣ бо мақсади таъмини сиёсати ягонаи давлатӣ пешбинӣ менамояд. Назорати давлатӣ дар соҳаи маориф тавассути мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва мақомоти маҳаллии идоракунии маориф амалӣ мегардад" [8]. Назорати давлатӣ дар соҳаи маориф бо роҳи назорати ҷорӣ, фосилавию нақшавӣ ва бо тарзҳои зерин амалӣ мешавад:

- иҷозатномадиҳӣ;
- баҳогузории маҷмӯӣ ба фаъолияти муассисаҳои таълимӣ;
- аттестатсияи давлатӣ;
- аккредитатсияи давлатӣ;
- назорати риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф.

Қоидаҳои назорат ва баҳодиҳии сифати таълим вобаста ба вақту замон бетағйир наменонад ва бо ин сабаб барои саривақт ошкор намудани норасоиҳо ва такмили минбаъда ба мушоҳидаю баррасиҳои доимӣ зарурат дорад. Барои расидан ба ин мақсад аз мониторинг истифода бурда мешавад. Мониторинг – ин мушоҳидаи мунтазами муташаккил аз болои ягон раванд бо мақсади муқоиса намудани ҳолати мавҷуда бо натиҷаҳои чашмдошт ё бо нишондиҳандаҳои дақиқ муайяншуда (стандартҳо, меъёрҳо) мебошад.

Мониторинги сифати таълим қоидаҳои бонизом ва муназзами ҷамъоварии ахбор оид ба ҷанбаҳои муҳими таълимӣ дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ мебошад [10]. Мониторинги сифати таълим мушоҳидаи стандартии раванди таълимӣ ва натиҷаҳои он мебошад, ки тавассути он ба тағйироти субъектҳои таълим ва низоми таълимот баҳо гузошта шуда, раванди рушди таълимот ва дурнамои он муайн карда мешавад. Рушди бошиддати ҷомеаи муосир зарурaтеро ба миён овардааст, ки бояд сатҳи рушди таҳсилот мунтазам таҳқиқ гардад ва сифати таълим ҳамчун категорияи иҷтимоӣ вобаста ба мувофиқат намудани он ба талаботҳои воқеии ҷомеа мавриди омӯзиш қарор гирад.

Мониторинги сифати таълимро ҳамчун низоми ҷамъоварӣ, коркард, ҳифз ва паҳн намудани ахборот дар бораи низоми таълим ва ҳамачун воситаи ба даст овардани ахборот тавассути гузаронидани тадқиқоти илмӣ номидан мумкин аст [7, с. 35]. Сифати таълим тавассути як қатор нишондиҳандаҳо, мисли мазмуни таълим, шакл ва методҳои таълим, базаи моддию техникӣ, ҳайати кадрӣ ва дигар меъёрҳои таълим муайян карда мешавад. Дар раванди мониторинги сифати таълим маҳз ин омилҳо ва равандҳои таълим таҳқиқ мегарданд.

Мониторинги таълим нисбати дигар намудҳои тадқиқот аз он фарқ мекунад, ки ба воситаи меъёрҳои қаблан муқарраршуда мунтазам гузаронида мешавад ва натиҷаҳои он муқоиса карда шуда, раванди ҷараёнгирӣ ва тағйироти таълим муайян карда мешавад. Мониторингро бо мақсади ба даст овардани ахбороти объективӣ ва дуруст оид ба ҳолати таълим дар дараҷаҳои гуногуни таълимӣ барои назорат, таҳлил ва идоракунии сифати таълим гузаронида мешавад. Вазифаҳои мониторинги сифати таълимро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

- мунтазам ва бетанаффус мушоҳида намудани вазъи раванди таълимӣ;
- саривақт ошкор намудани омилҳои тағйироти раванди таълимӣ;
- муайян ва пешгирӣ намудани тамоюлҳои номатлуб дар ташкили раванди таълим;
- муайян намудани дурнамои рушди тамоюлҳои муҳимтарини раванди таълим;
- баҳодиҳии самаранокии таълим ва ғайраҳо [11].

Ба таркиби мониторинги сифати таълим объект ва субъекти раванди таълимӣ, нишондиҳандаҳои сифати таълим, воситаҳои таълим, базаи ахбор, методикаи коркард, таҳлил ва

шарҳдиҳии ахборот ва воситаҳои барномавии коркарди ахборот дохил мешаванд. Дар раванди мониторинги сифати таълим дуруст интихоб кардани объекти мониторинг аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар маҷмӯъ объекти мониторинги сифати таълим раванди таълим ва натиҷаҳои он, тавсифи ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим (донишҷӯён, ҳайати омӯзгорон, муассисаҳои таълимӣ ва низоми таълим дар маҷмӯъ), талаботҳо ва муносибати онҳо ба муассисаи таълимӣ мебошад.

Ба меъёрҳои баҳодиҳии сифати таълим баҳодиҳии дохилии барномаҳои таълимӣ, баҳодиҳии ҳайати омӯзгорон, баҳодиҳии дастовардҳои фардии хонандагон, намудҳои дигари худбаҳодиҳии муассисаҳои таълимӣ, баҳодиҳии муассисаҳои таълимии аз ҷониби макомоти идоракунии низоми таҳсилот, баҳодиҳии рейтинги маъруфияти ҷамъиятӣ ва ғайраҳо шомил шуда метавонанд. “Барои он, ки ин тавсифоти сифати таҳсилот таъмин шаванд, омилҳои муайянкунандаи сифати таҳсилотро қайд кардан бамаврид аст, ки муҳимтаринашон банақшагирии муҳтавои таълим, таъмини заминаи методӣ ва моддию техникии раванди таълим, таъмини раванди таълим бо кадрҳо (нерӯи зеҳнии муассисаи таълимӣ), ташкили усули таълим, ҳавасманд кардани таълимгирандагон барои гирифтани таҳсилоти босифат, назорати сифати таҳсилот мебошанд. Махсусан омили кадрӣ, такмили ихтисоси онҳо дар баробари дигар омилҳо аввалиндараҷа аст, ки аз системаи сезинагии такмили ихтисос сахт вобастагӣ дорад” [9].

Дар раванди мониторинги сифати таълим чунин нишондиҳандаҳо ё меъёрҳои баҳодиҳии сифати таълим истифода мешаванд:
- таъминоти моддӣ-техникӣ;
- шароитҳои раванди таълим;
- нишондиҳандаҳои иқтидори кадрӣ;
- тавсифи ҳайати омӯзгорон;
- шумораи хонандагон ва сатҳи иштироки онҳо дар раванди дарсҳо;
- сатҳи ташкили раванди дарс;
- истифодаи методҳои муосири таълимӣ дар раванди дарс;
- истифодаи маводи айёнӣ дар раванди дарс
- истифодаи технологияи муосир дар раванди дарсҳо;
- сатҳи донишазхудкунии хонандагон;
- муносибати тарафайни омӯзгор ва донишҷӯ
- таъминоти маводи дарсӣ ва ғайраҳо.

Дар мониторинг ва баҳодиҳии сифати таълим методҳо ва воситаҳои гуногуни ба даст овардани ахбороти зарурӣ истифода мегарданд, аз ҷумла:
- таҳлили ахбороти оморӣ;
- анкетаи сотсиологӣ;
- баҳодиҳии экспертӣ;
- таҳлили контентӣ [4];
- мушоҳида;
- муқоисанамоӣ;
- баҳодиҳии сохтори идоракунии сатҳои гуногуни таълим ва ғайраҳо.

Муассисаҳои таълимӣ асосан ба муҳити дохилии Тоҷикистон такя менамоянд ва фаъолияти онҳо ба истеъмолгарони худ нигаронида шудааст. Бо назардошти он, ки аҳолии қобили меҳнати Тоҷикистон зиёд аст, бояд мутахассисони омоданамудаи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар талаботҳои на танҳо бозори меҳнати миллӣ ё дохилӣ, балки бозори меҳнати хориҷӣ низ ҷавобгӯ бошанд.

Муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон бо назардошти афзудани шумораи аҳолӣ, махсусан, наврасону ҷавонон ва захираҳои меҳнатии ҷавон ботадриҷ зиёд мешавад. То замони истиқлол дар Тоҷикистон ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 69000 донишҷӯ фаъолият мекард. Имрӯз шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба 41, донишҷӯён ба 245 ҳазор ва бо иловаи донишҷӯёне, ки дар хориҷи кишвар таҳсил мекунанд, ба 285 ҳазор нафар расидааст” [12].

Яке аз самараҳои асосии фаъолияти донишгоҳу донишкадаҳо дар раванди омӯзиш ба донишҷӯён додани дониш ба ҳисоб меравад. Дониш танҳо аз конспекти лексия иборат набуда, балки натиҷаҳои санҷиши тестӣ, супоридани имтиҳонҳо, ҳимояи лоиҳаҳо ва корҳои тахассусии хатмкуниро дар бар мегирад. Донишу малакаҳое, ки донишҷӯён бо кӯмаки омӯзгорон, мустақилона аз сарчашмаҳои гуногун, лабараторияҳои илмии донишгоҳ ва таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ба даст меоранд, натиҷаи ниҳоии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ба ҳисоб меравад. Ин донишу малакаҳоро худи истеъмолгарон – хатмкунандагони донишгоҳу донишкадаҳо бояд идора кунанд ва босифат баҳогузорӣ намоянд.

Низоми кафолатҳои омода намудани мутахассисон ба мувофиқ омадани барномаҳои таълимӣ, захираҳои моддӣ, таъминоти илмӣ-методӣ, мутахассисон ва низоми идоракунӣ ба талаботҳои муайяни аз тарафи ҷомеа, шахсон ва давлат пешниҳодшуда асос ёфтааст. Дар донишгоҳу

донишкадаҳо мақомоти асосии маъмурии ташкилнамоӣ, банақшагирӣ, назорат ва идоракунии раванди таълим шӯъбаи идораи таълим ба ҳисоб меравад. Ин идора дар зери итоати ноиби ректор оид ба корҳои таълим қарор дорад ва вазифаҳои худро дар зерии роҳбарии ӯ ба амал мебарорад. Тамоми кори идораи таълим барои ҳалли масъалаи асосии донишгоҳ-омода намудани мутахассисони баландихтисоси дорои малакаҳои баланди назариявию амалӣ дар ихтисоси интихобкарда, дорои қобилияти ташкили фаъолияти истеҳсолӣ ва маҳорати кор бо коллективи меҳнатӣ нигаронида шудаастигаронида шудааст.

Банақшагирӣ ва идоракунии стратегӣ дар самти сифати таълим бе алоқаи мутақобила бо истифодабарандагони мутахассисони оянда ғайриимкон аст. Аммо бештари муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон имкониятҳои маҳдуди маблағгузории соҳаи маориф ва неруи нокифояи сармояи инсонӣ барои ботадриҷ гузаштани муассисаҳои олии кишвар аз низоми анъанавӣ ба низоми таҳсилоти кредитӣ ва самаранок ба роҳ мондани ин раванд як платформаи мувофиқро омода карда натавонистанд. Ин ҳолат ба таҳриф шудани худи идеяи низоми таҳсилоти кредитӣ оварда расонид, ки ба сифати таҳсил дар муасиссисаҳои олии Тоҷикистон таъсири манфӣ мерасонад ва монеҳою зуҳуроти манфии ҷойдоштаро дар мактабҳои олӣ баратараф карда наметавонад.

Дар соҳаи таҳсилоти олӣ коркарди низоми назорати дохилии сифати таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ташкил додани асосҳои методии баҳодиҳии дараҷаи омодагии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба амал бароварда мешавад. Соли 2013 Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул намуд, ки дар доираи он дар ҳар як муассисаи таҳсилоти олӣ шуъбаи Мониторинг ва баҳодиҳии сифати таълим таъсис дода шуд. Аммо ин сохтор то ба ҳол барои ошкор намудани зуҳуроти манфӣ дар муассисаҳои таълимӣ фаъолияти пурраи худро ба роҳ намондааст. Шуъбаи мониторинг ҳангоми гузаронидани пурсишҳои анкетавӣ ба саволҳо ва масъалаҳои умумӣ маҳдуд мешавад, ки натиҷаҳои он барои ислоҳи раванди таълимӣ имкониятҳои заруриро фароҳам сохта наметавонад.

Вазифаи асосии муассисаҳои олии Тоҷикистон дар ин марҳилаи рушди Тоҷикистон омода намудани кадрҳои ба талаботи бозори меҳнатии миллӣ ва ҷаҳонӣ ҷавобгӯ мебошад. Аммо мушоҳидаҳо ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар амалӣ намудани ин вазифаи калидӣ муассисаҳои олии Тоҷикистон ба як қатор монеаҳои ҷиддӣ гирифтор шудаанд. Ба сифати чунин монеаҳои ҷиддӣ зуҳроти манфӣ, ба мисли коррупсия, имкониятҳои ночизи маблағгузории соҳаи маориф, паст будани сатҳи сифати таҳсилот, паст будани сатҳи дониши довталабони мактабҳои олӣ, маҳалгароӣ ва ғайраҳо баромад мекунанд.

Дар Тоҷикистон дар маҷмӯъ мониторинги сифати таълим дар сатҳи ҷумҳурӣ аз тарафи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад. Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия буда, дар доираи салоҳияти худ сиёсати давлатӣ ва батанзимдарории меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи маориф ва илм масъул аст. Бо мақсади таъмини назорати давлатии самараноки сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ, арзёбии шаффофу воқеъбинона ва одилонаи мақоми муассисаҳои таълимӣ ва имконияти мустақилона қабул намудани қарори дахлдор, дар заминаи пояи моддию техникӣ ва иқтидори кадрии Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2020, №1430 Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф ба Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд. Сипас, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июни соли 2020, №1557 “Дар бораи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” Низомнома, сохтори дастгоҳи марказӣ ва нақшаи идоракунии он тасдиқ гардид.

Ҳадафи асосии Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардани самтҳои амалӣ намудани сиёсати ягонаи назорати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм буда, иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва стандартҳои давлатии таҳсилотро дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идорӣ назорат мекунад, ҳуҷҷатҳои таҳсилоти дар хориҷи кишвар гирифташударо эътироф ва баробарарзишӣ менамояд ва ба ҷараёни таълиму тарбия, сатҳи сифати дониши хонандагон, шунавандагону донишҷӯён, магистрантон, докторантон, тайёр намудани мутахассисон ва дигар самтҳои фаъолияти муассисаҳои таълимӣ баҳо медиҳад.

Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин вазифаҳо дорад:

– бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аттестатсия, аккредитатсия, баҳогузории маҷмӯӣ ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзиро мегузаронад, мақоми онҳоро муайян менамояд, инчунин фаъолияти муассисаҳои онро дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри

Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оид ба гузаронидани аттестатсия, аккредитатсия, баҳогузории маҷмӯӣ ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимӣ назорат намуда, дар ҳолати риоя нагардидани шарту талаботи иҷозатнома ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм оид ба манъи фаъолияти минбаъдаи онҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ қарор қабул менамояд;

– тартиби коркард, истифода ва нигоҳдории маводи таълимӣ-илмӣ ва шароити ҷобаҷогузории онро портали шабакаҳои иттилоотии интернетии муассисаҳои таълимӣ назорат менамояд;

– нақшаи гузаронидани аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ, илмӣ-таҳқиқотиро новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравии онҳо таҳия ва тасдиқ намуда, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маълумот пешниҳод менамояд;

– ташкил ва гузаронидани санҷишҳои тестӣ, корҳои хаттӣ, пурсиши шифоҳиро дар раванди аттестатсия ва назорати сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ амалӣ менамояд;

– оид ба масъалаҳои ба ваколати Агентӣ тааллуқдошта ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ машварат медиҳад;

– татбиқи барномаҳои ба масъалаҳои сифати таҳсилот ва идоракунии он мансуббударо назорат мекунад;

– тартиб ва меъёрҳои гузаронидани рейтинги муассисаҳои таълимиро новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравии онҳо муқаррар менамояд;

– пойгоҳи моддию техникӣ, илмӣ ва педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва ташкилотҳои илмии ҷумҳуриро омӯхта, барои додани иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ аз рӯи ихтисоси магистратура, интернатура, ординатура (резидентура), аспирантура, докторантура аз рӯи ихтисос (доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос), докторантура ва постдокторантура ва доктор ҳабилитат қарор қабул менамояд;

– ҳолатҳои риоя нагардидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба самти фаъолияти Агентӣ ошкор ва пешгирӣ менамояд;

– раёсат ва шуъбаҳои Агентиро дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ва дигар маводи иттилоотӣ таъмин менамояд;

– ҳифзи иттилоот ва дигар маълумоти махфии давлатиро дар доираи ваколатҳои худ таъмин менамояд [1].

Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои мониторинг, назорат ва баҳодиҳии сифати таълим "Шуъбаи назорати сифати таҳсилот" амал менамояд. Дар асоси низомномаи "Шуъбаи назорати сифати таҳсилот", шуъба ҳуқуқ ва вазифаҳои зеринро дорад:

**Ҳуқуқҳои шуъба:**

1) сифати таҳсилотро дар донишгоҳ новобаста аз ихтисос ва шакли таҳсил (шӯъбаи рӯзона, таҳсилоти фосилавӣ, ғоибона ва магистратура) назорат ва натиҷагирӣ намояд;

2) бо мақсади амалигардонии вазифаҳои дар назди шуъба гузошташуда дар гурӯҳҳо санҷишҳои тестӣ, корҳои хаттӣ, пурсишҳои даҳонӣ ва варақавӣ гузаронад;

3) сифати таҳияи маводҳои таълимию методиро назорат намояд. Дар мавридҳои ба талаботи пешниҳодшаванда мутобиқ набуданашон чопи онҳоро боздоронад;

4) бо супориши раёсат ва Шӯрои олимони донишгоҳ санҷишҳои фосилавии фаврӣ гузаронида, оид ба натиҷаҳои он ба раёсати донишгоҳ маълумот пешниҳод намояд;

5) бо мақсади баҳодиҳии объективӣ дар мавридҳои зарурӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда бидуни огоҳ намудани омӯзгорон дар машғулиятҳои онҳо иштирок намояд;

6) ба раёсати донишгоҳ оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти шуъба дохил мешаванд, таклифу дархостҳо пешниҳод намояд.

**Вазифаҳои шуъба:**

– ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо оид ба назорати сифати таҳсилот дар факултетҳо;

– гузаронидани санҷиш, таҳлил ва хулосабардории сифати таълим дар кафедраю факултетҳо;

– ташкил ва гузаронидани баҳогузории рейтингӣ дар якҷоягӣ бо факултетҳо бо мақсади баланд бардоштани сатҳи донишазхудкунӣ ва сифати таҳсилот дар донишгоҳ;

– гузаронидани санҷиш, таҳлил ва хулосабарории сифати таълим дар бахши магистратураи донишгоҳ;

– ба амал баровардани назорат ва тавсияҳои методӣ оид ба истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни таълим, мониторинги сатҳи маҳорату малакаи истифодаи технологияи иттилоотӣ аз ҷониби омӯзгорон ва донишҷӯён дар ҷараёни машғулиятҳои дарсӣ;

– тартиб додани маводҳои баргузории санҷишҳои экспертӣ (тестҳо, саволномаҳо, варақаҳои диктант) барои гузаронидани мониторинги сифати таҳсилот;

– таҳия ва такмили технологияҳои назорат ва худбаҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот;

– таҳлили комплексии натиҷаҳои санҷиш ва баҳодиҳӣ ба дониши донишҷӯён;

– таъмини талаботи ягона ҳангоми гузаронидани мониторинг, санҷиш ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот;

– ташкил ва рушди системаи иттилоотӣ дар соҳаи мониторинг, назорат ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот;

– ташкили конфронсҳо, маҷлисҳо, семинарҳо бо мақсади такмили машғулиятҳои назариявӣ, амалӣ, лабораторӣ ва корҳои мустақилона вобаста ба таҳлил ва ҷамъбасти маводҳои вобаста ба сифати таълим;

– таҳия ва пешниҳоди маълумот оид ба натиҷаҳои мониторинг, назорат ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот ба Шӯрои илмию методӣ, Шӯрои олимон ва раёсати донишгоҳ;

– пешниҳоди нақшаи чорабиниҳо оид ба бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта дар ҷараёни таълим ва мукаммал гардонидани сифати таҳсилот ба Шӯрои илмию методӣ, Шӯрои олимон ва раёсати донишгоҳ;

– мунтазам ширкат кардан дар машғулиятҳои дарсии омӯзгорон бо мақсади таҳлили сифати таҳсилот;

– санҷиши фаъолият ва чорабиниҳои садорати факултет ва кафедраҳо оид ба назорати сифати таҳсилот;

– санҷиши вазъи ҳуҷҷатгузорӣ дар самти таъмини сифати таҳсилот дар садоати факултетҳо ва кафедраҳо;

– гузаронидани мониторинг таввасути пурсиши варақавӣ (анкета) дар байни донишҷӯён дар мавзӯи «Омӯзгор аз нигоҳи донишҷӯ»;

– таъмини иҷрои қарорҳои Шӯрои олимон ва Шӯрои илмию методии донишгоҳ оид ба баланд бардоштани сатҳ ва сифати машғулиятҳои дарсӣ;

– гузаронидани санҷиш оид ба иҷрои нақшаи дарсҳои кушод ва баҳамдигардароии омӯзгорон;

– санҷиши вазъи таҳияи васоити таълимӣ, китобҳои дарсӣ, аёниятҳо аз тарафи омӯзгорон;

– ба роҳ мондани қабули омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба масъалаҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот” [17].

Нишондиҳандаҳои мониторинги сифати таълим на таҳо барои низоми таълим, балки барои баҳодиҳии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мориф хеле муҳим мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид менамоянд, ки “аз ҷониби роҳбарони Вазорати маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар масъалаи қабули довталабон ва тарбияи кадрҳо, пеш аз ҳама, ба сифат эътибори аввалиндараҷа дода шавад” [12]. Сарвари давлатамон барои беҳтар намудани сифати таълим дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» як қатор таклифу супоришҳо доданд: “Аз соли 1991 то ба имрӯз дар мамлакат 3020 иншооти соҳаи маориф бо зиёда аз 1 миллиону 300 ҳазор ҷойи нишаст сохта, ба истифода супорида шудааст. Мо барои беҳтар кардани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бояд тамоми шароити заруриро муҳайё карда, дар ин раванд масъулияти падару модар, аҳли ҷомеа ва омӯзгоронро боз ҳам баланд бардорем. Дар ин ҷода муассисаҳои типи нави замони истиқлол – мактабҳои президентӣ ва литсею гимназияҳо пешсаф буда, ҳар сол беш аз 97 фоизи хатмкунандагони ин муассисаҳо сазовори номи донишҷӯи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ва хориҷ аз он мегарданд. Вазорати маориф ва илмро зарур аст, ки ташаббусу таҷрибаи ин мактабҳоро доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи муассисаҳои таълимии кишвар васеъ татбиқ намояд” [12].

Хулоса, талаботи ҷомеа ва муассисаҳои таълимӣ барои ахбороти объективӣ дар бораи ҳолати таълим боиси аҳамиятнок гардидани мониторинги сифати таълим гардид [1]. Ахбороти дар натиҷаи мониторинг ҷамъовардашуда барои муайян кардани ҳолати раванди таълим, сатҳу сифати таълим, мушкилоти низоми таҳсилот ва роҳҳои бартараф намудани онҳо мусоидат менамоянд. Тавассути мониторинги сифати таълим сатҳи истифода шудани навовариҳои низоми таҳсилот, технологияи муосири коммуникатсионӣ дар раванди таълим ва сатҳи мутобиқшавии низоми таҳсилоти кредитӣ дар муассисаи таълимӣ муайян ва баҳогузорӣ мегардад.

Дар натиҷаи мониторинги сифати таълим роҳбарони донишгоҳҳо ва омӯзгорон барои беҳтар намудани фаъолияти худ кӯшиш менамоянд. Махсусан, масъулияти омӯзгорон барои беҳтар намудани раванди таълим зиёд мегардад. Мутаассифона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол масъалаи мониторинги сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили илмӣ-сотсиологӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, омӯзиши масъалаи мазкур дар илми сотсиология аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

**АДАБИЁТ**

1. Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [манбаи электронӣ]. URL: https://ansmi.tj/dar-borai-agenti/malumoti-umumi.html (санаи истифодабарӣ: 10.05.2021)

2. Атахонов Т. Фарҳанги истилоҳоти маориф / Т. Атахонов, А. Муллоев. – Душанбе: "Ирфон", 2011. – 184 с.

3. Барномаи идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон №8/17, аз 29.06.2017).

4. Бондарева О. Мониторинг качества обучения студентов как средство управления образованием [электронный ресурс]. URL: http://vio.uchim.info/Vio_56/cd_site/articles/art_1_6.htm (дата обращения: 10.05.2021)

5. Вовна В.И. Мониторинг качества обучения как важнейший инструмент управления образованием / В.И. Вовна, В.В. Короченцев // Инновации в образовании. – 2005. – № 5. – С. 23-29.

6. Ғарибшоев Ғ. Такмили ихтисос омили беҳдошти сифати таълим [манбаи электронӣ]. URL: http://www.marifatiomuzgor.tj/blog-detail.php?id=234(санаи истифодабарӣ: 10.05.2021)

7. Горб В.Г. Педагогический мониторинг развития учебных групп в вузе / В.Г. Горб // Стандарты и мониторинг. – 2000. – № 5. – С. 33-37.

8. Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 22.07.2013 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, № 7, мод. 1 - 28с.

9. Қурбонов Ғ. Алоқамандии такмили ихтисос ва сифати таҳсилот [манбаи электронӣ]. URL: http://www.marifatiomuzgor.tj/blog-detail.php?id=320 (санаи истифодабарӣ: 10.05.2021).

10. Мониторинг качества образования [электронный ресурс]. URL: http://bank.orenipk.ru/Text/t32_192.htm (дата обращения: 10.05.2021). //

11. Мониторинг качества образования [электронный ресурс]. URL: http://cyclowiki.org/wiki/ (дата обращения: 10.05.2021).

12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.01.2021 [манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/25005 (санаи истифодабарӣ: 10.05.2021).

13. Петрухин В.В. Проблема организации и апробации системы педагогического мониторинга в образовательном учреждении / В.В. Петрухин // Информатика и образование. – 2007. – № 3. – С. 4–9.

14. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш аз 17.08.2020 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.vhk.tj/tj/462-sukhanronii-prezidenti-um-urii-to-ikiston-peshvoi-millat-mu-taram-emomal-ra-mon-dar-r-zi-donish(санаи истифодабарӣ: 10.05.2021)

15. Трубина И.И. Мониторинг качества образования: проблемы и подходы / И.И. Трубина // Информатика и образование. – 2005. – № 5. – С. 102-104.

16. Шарифзода Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ. Монография / Ф. Шарифзода. –Душанбе: Ирфон, 2010. – 543 с.

17. Шуъбаи назорати сифати таҳсилоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: https://tnu.tj/index.php/tj/shubai-nazorati-sifati-ta-silot/ (санаи истифодабарӣ: 10.05.2021).

## МОНИТОРИНГ КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ ФАКТОР РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ СИСТЕМЫ

*В своей статье авторы исследуют понятие, сущность и основы мониторинга качества образования. В статье отмечается, что подготовка специалистов в различных сферах социальной деятельности, прежде всего, зависит от постоянного мониторинга и контроля уровня и качества образования в образовательных учреждениях. По мнению авторов, уровень качества обучения зависит от ряда факторов, таких как уровень знаний студентов, преподавателей, учебных материалов, качество учебного процесса, качество материально-технической базы учебного заведения, качество управления образованием.*

*Авторы отмечают в своей статье, что одним из способов подготовки специалистов, отвечающих современным требованиям отечественного и зарубежного рынка труда, является, прежде всего, повышение уровня и качества образования в высших и средних профессиональных учебных заведениях. Под «качеством образования» авторы понимают организацию учебного процесса и достижение ожидаемых результатов в соответствии с нормативными стандартами и растущими потребностами общества.*

*В статье подчеркивается, что правила мониторинга и оценки качества образования меняются с течением времени, поэтому необходимо своевременно выявлять недостатки и в дальнейшем улучшать их посредством регулярного мониторинга и проверки. Для достижения этой цели используется мониторинг качества образования. В статье рассматриваются критерии оценки качества образования, методы мониторинга качества образования и показатели уровня и качества образования в высших учебных заведениях Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *образование, обучение, качество образования, мониторинг, контроль качества образования, управление учебным процессом, оценка учебного процесса, показатели качества образования, учебные пособия, учебная программа, рынок труда.*

**EDUCATIONAL QUALITY MONITORING A FACTOR OF DEVELOPMENT OF THE EDUCATION SYSTEM**

*In their article, the authors explore the concept, nature and basis of monitoring the quality of education. The article notes that the training of professionals in various fields of social activity, first of all, depends on the constant monitoring and control of the level and quality of education in educational institutions. According to the authors, the level of quality of education depends on a number of factors, such as the level of knowledge of students, teachers, teaching materials, the quality of the educational process, the quality of the material and technical base of the educational institution, the quality of education management.*

*The authors note in their article that one of the means of training specialists who meet the modern requirements of the domestic and foreign labor market is, first of all, improving the level and quality of education in higher and secondary vocational education institutions of the Republic of Tajikistan. By "quality of education" the authors understand the organization of the educational process and the achievement of expected results in accordance with the normative standards and the growing demands of society.*

*The article emphasizes that the rules for monitoring and evaluating the quality of education do not change over time, and therefore it is necessary to identify shortcomings in a timely manner and further improve them through regular monitoring and review. To achieve this goal, monitoring of the quality of education is used. The article discusses the criteria for assessing the quality of education, methods of monitoring the quality of education and indicators of the level and quality of education in higher education institutions of the Republic of Tajikistan.*

***Keywords:*** *education, training, quality of education, monitoring, quality control of education, management of educational process, evaluation of educational process, indicators of quality of education, teaching aids, curriculum, labor market.*

***Сведения об авторах:***

***Миров Фируз Сафаралиевич*** *– Таджикского национального университета, кандидат философских наук, доцент, заведующий кафедры социологии факультет философии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17; E-mail: mirov.firuz.s@gmail.com; mirov2010@mail.ru. Тел.: (+992) 937333311*

***Давлатова Шаходат Диловаровна*** *– Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры социологии факультет философии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 17. Тел.: (+992) 915392021*

***About the authors:***

***Mirov Firuz Safaralievich*** *– Tajik National University, candidate of Philosophic Science, Associate professor, Head of sociological department of. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 17; E-mail: mirov.firuz.s@gmail.com; mirov2010@mail.ru. Phone: (+992) 937333311*

***Davlatova Shahodat Dilovarovna*** *– Tajik National University, doctoral student, Doctor of Philosophic Science, department of sociology faculty of philosophy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki str. 17. Phone: (+992) 915392021*

**УДК: 338.43 (576.4)**

# ИНКИШОФИ САЛОҲИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-КОМПЮТЕРИИ ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАЪЛИМИ ПОЛИТЕХНИКӢ

***Дустов Ҷ.М., Сангов Н.Н.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф барои расидан ба мақсадҳои олии сатҳи тараққиёти ҷаҳонии таҳсилот ва ба ин васила ба рушди босуръати нерӯи ақлию зеҳнии ҷамъият равона карда шудааст.

Аз ин ҷост, ки борҳо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қайд мекунад, ки дар ин раванд як нуқтаро дар назар бояд дошт: дар ҷаҳони сатҳи маърифат дар ҷомеа таваҷҷуҳи хоса зоҳир кард,техникаву технологияи навро ба таври васеъ дар амал ҷорӣ менамояд.

Ислоҳоти соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд намудани сифати таҳсилот ва ба меъёрҳои ҷаҳонӣ баробар намудани он ба воситаи баланд намудани маҳорати касбии

*В рамках данной статьи проанализированы основные формы и направления использование информационно-коммуникационных технологий в процессе обучения английскому языку учащихся и студентов, охарактеризованы некоторые особенности использование интерактивных методики обучения на примере выполнения задач на уроках английского языка, сформулированы отдельные предложения по расширению направлений использования ИКТ в учебном процессе.*



***Ключевые слова***: *информационное общество, современные технологии, мультимедийные технологии, компьютер, сфера образования, учебные программы, внедрения новых технологий и т.п.*

## INFORMATION STAGE OF DEVELOPMENT OF TAJIK SOCIETY AND PLACE OF EDUCATION IN IT

*This article is devoted to the consideration of the particular qualities of informational phase of the development of Tajik society and the place of education in it. The article emphasizes the relevance of a common combination of traditional methods and modern ICT. Examples of promising regulatory and legal measures taken at the beginning of the new millennium are given, and the efforts of the country's leadership to use ICT in the development of Tajik society, including the field of education, are substantiated, and the feasibility of informatization and automated control of knowledge is emphasized. The author establishes that the use of various means of communication technology in teaching is an important stage on the example of learning foreign languages, including English, which makes it possible to create a promising individual educational space.*

*Within the framework of this article, the main forms and directions of the use of information and communication technologies in the process of teaching English to pupils and students are analyzed, some features of the use of interactive teaching methods in an example of performing tasks in English lessons, formulated separate proposals for expanding the directions of using ICT in the educational process.*

***Key words:*** *information society, modern technologies, multimedia technologies, computer, education, curriculum, introduction of new technologies, etc.*

***Сведения об авторе.***

***Хафизова Барно Амиралиевна-*** *старший преподаватель кафедры теории перевода и стилистики факультета английского языка Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни. Тел: (+992) 919503500, Barnosha700@gmail.ru.*

***About the author:***

***Khafizova Barno Amiralievna*** *- Senior Lecturer of the Department of Theory of Translation and Stylistics, English faculty, Tajik state pedagogical university named after S. Aini, Тел: (+992) 919503500 E-mail: Barnosha700@gmail.ru.*

## НАҚШИ БОЗӢ ДАР РУШДИ ЗЕҲНИИ ТОЛИБИЛМОНИ ЗИНАИ АВВАЛИ ТАҲСИЛОТ

***Аҳадова А., Саидмирова С.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Дар илми равоншиносӣ оид ба рушди зеҳни инсон ақидаҳои мухталиф ҷой доранд. Аз ҷумла, равоншинос Говард Гарднер таъкид мекунад, ки зеҳни инсон падидаи одии аз қобилиятҳои гуногун иборат набуда, балки навъҳои гуногуни зеҳн мавҷуд аст ва ҳар яки онҳо ба якдигар новобаста ва муҳим мебошанд, ки инро бояд ҳар як омӯзгор, хоса омӯзгори синфҳои ибтидоӣ донад[1, с.12]. Бояд тазаккур дод, ки зеҳн воситаи ғизодиҳанда барои ақл мебошад. Ба саволи он ки оё зеҳнро ривоҷ додан мумкин аст, ҷавоб додан лозим аст, ки албатта , мумкин аст ва ба ин шубҳае нест. Назарияи гуногунии зеҳни Г. Гарднер маротибаи аввал соли 1983 дар китоби «Чорчӯбаи ақл: назарияи гуногунии зеҳни инсон» чоп шуда буд. Гарднер таъкид мекунад, ки ҳар як инсон, на камтар аз 8 навъи зеҳнро, ки дараҷаи ифодааш гуногун аст, соҳиб мебошад:

1. Зеҳни мантиқӣ - риёзӣ (дорандаи ин зеҳн хисоб ва кор кардан бо рақамхоро дӯст медорад, мафҳумҳои риёзиро хуб мефаҳмад, ҳал кардани масъала ва ҳар гуна бозиҳои риёзиро дӯст медорад, назар ба рафиконаш дар бораи мафҳумҳои абстрактӣ бештар маълумот дорад ва алоқаи байни сабаб ва натиҷаро хуб мефахмад). [ 2, с.36]. Ин навъи зеҳн дар раванди бакамолрасӣ бо баланд шудани фаҳмиши кӯдак ба фанни риёзӣ ташаккул ёфтан мегирад. Аз ин диди нигоҳ, омӯзгорро зарур аст, ки аз бозиҳои гуногуни дидактикӣ дар ҷараёни дарсҳои риёзӣ ба таври васеъ истифода намояд. Мисол: Агар булбул ба гул як-як нишинад, як булбул зиёдатӣ мекунад, агар ба гул ду-ду нишинад, як гул зиёдатӣ мекунад. (Ҷавобашро ёбед: чанд гул ва чанд булбул? Ҷавоб: 3 гул ва 4 булбул)

2. Зеҳни визуалӣ (биноӣ)-фазоӣ (дорандаи ин зеҳн аз рӯйи дидаҳояш фикр мекунад, аз матн дида харита, ҳар гуна схема ва диаграммаҳоро бештар мефаҳмад, бисёр хаёл мекунад, ба санъат машғул мешавад, месозад; масалан, бо истифода аз бозии ЛЕГО; дар вақти хондани матн аз расмҳои додашуда бештар маълумот мегирад. Ба дорандаи ин шакли зеҳн ҳисси биноӣ ва қобилияти тасаввур кардани ашёҳо дар хаёл имконият медиҳад, ки образҳои гуногунро дар майнааш офарад. Ин навъи зеҳн асосан ба рассомон, ҳайкалтарошон, меъморон, ихтироъкорон ва шоҳмотбозон хос аст. [ 3, с.44-45].

3. Зеҳни муҳаррикӣ - ҳаракатӣ (моторӣ) (дорандаи чунин зеҳн натиҷаҳои баланди варзишӣ нишон медиҳад, ба осонӣ ҳаракат, мимика ва рафтори дигаронро тақлид мекунад, ҷисмҳоро ба қисмҳо ҷудо карда, боз ҷамъ меоварад, чизеро, ки ба чашмаш расад, даст мерасонад, давидан,

паридан ва муҳорибаро дӯст дошта, ҳама ҳунархоро хуб меомӯзад. Чунин шахсон ба ҳаракатҳои ҷисмонӣ ва донистани имкониятҳои дохилии организми худ бо иловаи он қисми майнаи сар, ки барои ҳаракати мушакҳои бадан ҷавобгӯ аст, маълуманд. Ин навъи зеҳн дар раванди таҷриба ташаккул ёфта, дар байни онҳо раққосон, ҳунармандони театру кино ва варзишгарон бештар дида мешаванд.

4. Зеҳни мусикӣ - ритмикӣ (дорандаи чунин зеҳн мусиқии сурудҳоро ба хотир мегирад, асбобҳои мусиқиро менавозад, овози хуб дорад; ғайриихтиёр замзама мекунад, дар вакти ба ягон кор банд будан, дар болои миз бо ангуштонаш мусиқӣ менавозад. Дорандаи ин навъи зеҳн охангҳои гуногунро (аз ҷумла, овозҳои моро иҳотакарда) хуб мешиносад ва он бештар дар навозандагон, ҳофизону ракққсон ва оҳангсозон хуб ташаккул ёфтааст.

5.Зеҳни шифоҳӣ - забонӣ. (дорандаи ин зеҳн хонданро дӯст медорад, хотираи хуб ва бойи луғавӣ дорад, эҷодкорона навиштанро дӯст медорад ва ғайра). Ин шакли зеҳн дар шоирон, нависандагон ва нотиқони забардаст дида мешавад.

6.Зеҳни байнишахсӣ (дорандаи чунин зеҳн бо ҳамсолонаш муошират карданро дӯст медорад; дар ҳолатҳои гуногун пешоҳанг аст; бо дигар кӯдакон бозӣ кардан ва ба онҳо ёд додани бозиҳоро дӯст медорад; дилсӯз буда, нисбати одамон ғамхорӣ изҳор мекунад, кӯдакони дигар кӯшиш мекунанд, ки бо ӯ бошанд. Ин навъи зеҳн асосан дар муоширатҳои байнишахсӣ кор бо гуруҳро дар шароити ҳамкорӣ ва инчунин кобилияти муошырати забонӣ ва гайризабониро бо одамони дигар доро аст. [ 4, с.61-62].

7.Зеҳни дохилишахсӣ (дорандаи он хисси мустакилӣ ва кувваи иродаро намоиш медихад; тарафхои заиф ва қавии худро медонад; вазифаҳои супоридашударо хуб иҷро мекунад, ба шарте ки касе ба вай халал нарасонад, худро идора карда метавонад, ҳиссиёти худро дуруст ифода карда метавонад, аз хатоҳояш меомӯзад; дар танхоӣ кор карданро дӯст медорад, ҳисси баланди худшиносӣ дорад. Ин навъи зеҳн имконият медиҳад, ки ба ҳолати ботинии худ ошно бошӣ, қадаме ба ақиб гузошта ба худ аз як тараф, ба монанди мушоҳидачии беруна нигоҳ кунӣ).

8.Зеҳни натуралистӣ (зеҳни муҳаққиқи табиатшинос)- дорандаи чунин зеҳн ба табиат ва ҳдисахои табиӣ, ҳайвонот, наботот, диққат дода, қобилияти фаҳмидани олами табиатро зоҳир карда, аломат ва хусусиятҳои муҳити атрофро тасниф мекунад. Гарднер таъкид мекунад, ки дараҷаи муайяншавӣ ва ташаккули ин ё он навъи зеҳн ба таҷрибаи ҳаётии ҳар як фард вобаста аст. Чӣ қадаре ки бештар ҳар одам ин ё он навъи зеҳнро истифода барад, ҳамон кадар имконияти омӯхтан бештар мешавад ва ин навъи зеҳн дар шахс ташаккул меёбад. Хулоса, ҳамаи 8 навъи зеҳн байни худ дар алоқа буда метавонанд. Вале ҳар яки онро дар алоҳидагӣ низ хеле хуб ташаккул додан мумкин аст.

Истифодаи назарияи гуногунии зехн дар мактаб ба назардошти хусусиятхои гуногуни кӯдакон ва роҳҳои гуногуни истифодаи кор бо чунин кӯдакон асос меёбад. Фарз кардем, ки «назарияи гуногунии зеҳн» дар бораи хусусиятҳои гуногуни одамон аз рӯйи қобилиятҳояшон маълумоти пурра медода бошад, пас қайд кардан лозим аст, баъзе кӯдакон, нисбат ба дигарон аз рӯйи қобилияти бештар бартаридоштаашон омӯхта метавонанд». Вариантҳои истифодаи назарияи Гарднер дар мактабҳои гуногун, хеле гуногун буда метавонад. Аз ҳама шарти асосӣ тавре ташкил кардани раванди омӯзиш мебошад, ки кӯдакон барои ба даст овардани дониш ва таҷриба аз соҳаҳои гуногуни зеҳниашон истифода бурда тавонанд ва ба ин дар таҳия, ташаккул ва истифодаи барномахои нав дастрас шудан мумкин аст. [5, с.50].

Гузаштан аз усулҳои якранги мактаби имрӯза ба истифодаи назарияи гуногунии зеҳни кӯдакон ва фаъолиятҳои гуногун дар барномаҳои навташаккулдодашуда имконият медиҳад, ки орзуи дар романи Б. Акунин «Азозил» тасвиршуда: «Дар муайян кардан ва ташаккул додани истеъдоди кӯдак ба ӯ роҳро барои фатҳи ҳама гуна қуллаҳои баланд фароҳам меорад» амалӣ мешавад. [ 6, с.17-18].

1. Бо назардошти чунин андешаҳо омӯзгор муаззаф аст, ки раванди таълиму омузишро тавре ба роҳ монад, ки дар вақти омӯхтан (дониш, таҷриба гирифтан) кӯдакон аз соҳаҳои гуногуни зеҳниашон истифода бурда тавонанд. Масалан, як бозии дигари дидактикиро дар намуди тест меорем: Пайдарҳамии дурусти тайёр кардани оши палавро муайян кунед:

а) биринҷ б) равған

в) гӯшт г) пиёз д) сабзӣ

Ҷавоб: 1- Б, 2 - Г, 3 - В, 4 - Д, 5 - А [7, с.6-7].

Дар баробари ин, муаллим дар назди худ як қатор саволҳоро мегузорад: Чӣ тавр хониш, навиштан ва ҳикояро дар нутқи шифоҳӣ истифода барам? Чӣ тавр ададҳо, амали тарҳ ва ҷамъро истифода кунам? Чӣ тавр ранг, нақша, расм ва санъатро истифода кунам? Чӣ тавр мусиқӣ, наво, савт, ҳаракат ва нақшбозиро дохил намоям. Чӣ тавр интихоби инфиродӣ ва вақтро барои фаъолияти мустақилона, кор дар гурӯҳ, мубоҳиса бо ҳамсинфон ва муколама дар алоқамандӣ истифода барам?

Бояд тазаккур дод, ки асоси раванди баҳодиҳӣ мушоҳидаи доимии кӯдакон ҳангоми дарс мебошад. Агар дар натиҷаи фаъолияти иҷрокардаистода кӯдакон ташаккул меёфта бошанд, пас баҳои онҳо пешравӣ ва муваффақияти онҳоро нишон медиҳад. Агар сифат ва дараҷаи корҳои

кӯдакон беҳтар нашавад, пас усули интихобкарда самаранок нест ва барои чунин кӯдакон муносибати инфиродӣ ва усули дигарро интихоб намудан зарур аст, то ба ташаккули истеъдоди онҳо мувофиқат кунад. Дар ин замина омӯзгор бояд ҳассос ва дақиқназар бошад, зеро маҳз чунин фазилатҳо метавонанд ба ташаккули истеъдоди кӯдак мусоидат намоянд, кӯшиш ба харҷ дода, роҳу воситаҳоеро ҷустуҷӯву дарёб намояд, ки барои рушди зеҳнии кӯдакон заминаи мусоид фароҳам меорад. Таъкид ба ёдоварист, ки андаке рафтори ноҷоя ё муносибати нодурусти муаллим барои рушди зеҳнии кӯдакон монеа эҷод мекунад. Бо ба инобат гирифтани чунин нуқтаи назар яке аз педагогони машҳур навишта буд: «Ба чунин хулосаи даҳшатбор омадам, ки ман чун муаллим дар синф шахси асосӣ ҳастам. Бо рафтори шахсӣ дар муносибатҳоямон ман муҳити синфро ба вуҷуд меорам. Ман, муаллим, дар сари кӯдакон қудрати комил дорам, ман ҳаёти ҳар кадоми онҳоро вайронкардаметавонам, ё баръакс, онҳоро хушбахт мекунам. Ман метавонам аслиҳаи тазйиқ бошам ё сарчашмаи илҳом» [ 8, с.31-32].


**АДАБИЁТ**

1. Асосҳои назариявии таълим ва омӯзиши ҳамфаъол: Дастури таълимӣ.-Душанбе, 2007.-С.44-45.
2. Бабанский, Ю.К. Педагогика/ Ю.К. Бабанский.-М., 1988.-С.50.
3. Баҳодиҳии дониши хонандагон дар муҳити ҳамфаъол.-Душанбе, 2007-С.36
4. Лихачев, Б.П. Педагогика. Курс лекций/ Б.П. Лихачев.-М., 1993.-С.17-18.
5. Подласый, И.П. Педагогика/ И.П. Подласый.-М., 2000.-С.6-7.
6. Раҳимов, Х. Педагогика/ Х Раҳимов, А. Нуров. Душанбе: - 2011.-С.61-62.
7. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол: Дастури таълимӣ. Модули 5. 2.-С.12
8. Харламов, И.Ф. Педагогика/ И.Ф. Харламов.- М., 1990.-С.31-32.


## РОЛЬ ИГРЫ В РАЗВИТИИ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОГО ПЕРВОГО ОБРАЗОВАНИЯ ЧИТАТЕЛЕЙ


*В данной статье рассматривается роль игры в развитии интеллектуального первого образования читателей. В своей статье автор проанализировал особенности игры и ее пользу в развитии интеллектуальности детей. Кроме того, тема топика является одной из аргументированных и распространяемых тем и до сих пор не нашла решение самой, отделенной. Тем самым, к одной небольшой статье, которую мы исследовали, эта проблема была не в пользу. Следует отметить, что игра является одним изглавным образом обучения и мотивации читателей к классу.*



***Ключевые слова**: роль, игра, развитие, образование, интеллектуал, дети, тема, проблема, главным, обучение, воспитание, читатель, класс, школа, образование, средний, диплом, шаг за шагом, дисциплина, сфера, учитель, процесс, организация урока, выражение, говорящий, прослушивание и т. д.*


## THE ROLE OF PLAYING IN THE DEVELOPMENT OF INTELLECTUAL OF THE FIRST EDUCATIONAL OF READERS


*This article deals with the role of playing in the development of intellectual of the first educational of readers. An author has analyzed of the feature of playing and its benefit in development of intellectual of the children in his article. In additional, about the theme of the top is one of the theme argued and spread-out and till now do not find solved itself, to the separated.Thereby, to the one a little article we have researched this problems was not from benefit. It should be noted that, the playing is one of the mainly of the education and motivation of readers to the class.*



***Keywords:** role, playing, development, educational, intellectual, children, theme, problem, mainly, educate, reader, class, school, education, middle, degree, step by step, discipline, sphere, teacher, process, organization of the lesson, express, speaker, listening and etc.*



***Сведение об авторах:***

***Ахадова Афшона** - ассистент кафедры обшей психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел: (+992) 931699932*

***Саидмирова Савринисо** – кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры обшей психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел: (+992) 901053030*

***About the authors:***

***Akhadova Afshona** – an assistant in the department wideuniversity of the psychological of Tajik state pedagogical University named after S. Aini, tell: (+992) 931699932*

***Saidmirova Savriniso*** *– candidate pedagogy of sciences, a senior teacher in the department wideuniversity of the psychological of Tajik state pedagogical University named after S. Aini, tell: (+992) 901053030*

**УДК-947/575.3/ (2-точ)**
**Б-78**

# ВАЗЪИ МАКТАБ-ИНТЕРНАТҲОИ МИНТАҚАИ КӮЛОБИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XX

***Бозоров С.Б., Ҳусейни Б.***
*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ*

Ибтидои садаи XX марҳилаи сифатан нави давлатдории тоҷикон ва сарнавишти миллати тоҷикро асос гузошт. Ин марҳила зарурати омӯзиш ва таҳқиқи амиқи арзишҳои бисёрҳазорсолаи таърихӣ ва фарҳангии миллатро дар асоси воқеияти таърихӣ ба миён овард. [1, с.5]. кишвар бо рушди маориф алоқаманд аст. Маҳз сатҳ ва мақоми иҷтимоии шахс ва миллатҳоро дар ҷаҳони мутамаддин муайян мекунад. Маориф на танҳо объект, балки субъекти навсозии ҷомеа, фишанги тавоно ва захираи дохилии он низ мебошад[8].

Маълум аст, ки мушкилоти таърихи татбиқи таълими ҳамагонии насли наврас бо равандҳои рушди иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давлатҳои соҳибихтиёри иттиҳод зич алоқаманданд[5]. Ятимон ва кӯдакони бидуни парастории волидайн ба категорияи кӯдакон дар шароити фавқулодда вазнини ҳаёт дохил мешаванд, ки барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти асосӣ дар рушди психологӣ, ҳифзи эмотсионалӣ ва иҷтимоӣ имконият намедиҳанд. Ғайр аз ин, ин категорияи кӯдакон наметавонанд дар фазои иҷтимоии комилҳуқуқ рушд кунанд[7].

Дар асоси қарори съезди XX ҲК ИҶШС дар соли таҳсили 1956/57 дар Тоҷикистон 2 мактаб-интернат (дар н. Шаҳринав ва н.Уротеппа ҳозира Истаравшан) ташкил карда шуд, ки дар онҳо 827 нафар хонандагон тарбия мегирифтанд. Дар ҷумҳурӣ дар баробари мактаб-интернатҳо дар мактабҳо гурӯҳҳои машғулияташон давомдор ташкил меёфтанд[3, с.91].

Шумораи мактаб-интернатҳо дар ҶШС Тоҷикистон, махсусан, дар қишлоқҷойҳо низ меафзуд. Чунончӣ, дар соли 1964 аз 33 мактаб-интернати мавҷуда 13-тоаш дар қишлоқҷойҳо воқеъ гардида буд. Дар 33 мактаб-интернати амалкунандаи ҷумҳурӣ 14000 нафар тарбият- гирандагон ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда буданд. Дар давоми солҳои 1959-1963 барои мактаб-интернатҳо 31 бинои таълимӣ иборат аз 8370 ҷой нишаст сохта ба истифода дода шуд. Баъзе колхозҳои Ҷумҳурӣ бо маблағҳои худ биноҳои зебои мактаб-интернатҳо сохта ба истифода доданд: чунончӣ, колхози «Москва» ноҳияи Хуҷанд колхози ба номи Ленини ноҳияи Восеъ[3, с.92].

Мактаб-интернатҳо дар солҳои мавҷудияти худ дар байни аҳолии ҷумҳурӣ хеле машҳур гардиданд. Ба кори мактаб-интернатҳо мутахассисони дорои маълумоти олии педагогӣ, ки таҷрибаи бой доштан, роҳбарӣ мекарданд. Дар соли таҳсили 1963-64 дар мактаб-интернатҳои Ҷумҳурӣ бештар аз 800 муаллим ва зиёда аз 550 мураббӣ кор мекард. Дар аксарияти мактаб-интернатҳо барои тарбиягирандагон синфҳои васеъ, равшан, китобхонаҳо, утоқ устохонаҳои нағз ҷиҳозонидашуда, толорҳо ва майдончаҳои варзишӣ, хобгоҳҳои тозаю бароҳат, хонаҳои истироҳатӣ бо асбобҳои мусиқӣ, бозиҳои гуногуни шавқовар, радио, телевизор, ошхона, ҳаммом барои инкишоф ва тараққии ҳаматарафа ва маишати мадании кӯдакон заруранд, муҳайё карда шудаанд.

Дар кори таълими мактаб-интернатҳо аз усулҳои гуногуни таълимию тарбиявӣ истифода бурда мешуданд, ки бо ёрии онҳо хонандагон дониш, маҳорат ва малакаҳои даркорӣ ба даст дароварда, онҳоро дар амал мустақилона ба кор мебурданд.

Дар шароити Тоҷикистон мактаб-интернатҳо барои рушди маълумоти миёна аҳамияти калон доштанд. Ҳамин тавр, то миёнаи солҳои 70-ум дар ҷумҳурӣ 41 мактаб-интернат ва 14 мактаб-интернати махсус мавҷуд буданд, дар ки аз онҳо 13 хазор нафар бачаҳо мехонданд[2, с.385]. Аммо, беш аз 1,5 ҳазор нафар дар руйхати интизори ворид шудан ба мактаб – интернатҳо буданд[11, с.32]. Дар мактаб-интернатҳо кори таълиму тарбия бо меҳнати ҷамъиятӣ, бо фаъолияти гуногуни меҳнатии хонандагон пайваста ба роҳ монда мешавад. Ин аз намудҳои оддитарини меҳнат худхизматрасонӣ ва меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ чи дар дохили мактаб-интернатҳо ва чи берун аз онҳо, аз иштироки бачагон ба меҳнати маҳсулнок дар устохонаҳо, дар қитъаҳои таълимӣ-таҷрибавӣ, дар корхонаҳо, дар колхозҳо иборат мебошад.

Дар аксарияти мактаб-интернатҳои ҷумҳурӣ асосҳои фанро аз худ кардани хонандагон назар ба мактабҳои муқаррарӣ беҳтар буд. Дар соли таҳсили 1958/59 дарсазхудкунии хонандагон дар мактаб-интернатҳо 91,5% ва дар соли таҳсили 1963/64 94,5%-ро ташкил мекард[3, с.93-94].

Масалан, деҳаи Саричашма аз соли 1947 то замони барҳамхурии ноҳияи Шӯрообод (моҳи марти соли 1959) маркази маъмурии он буд. Баъд аз як моҳи барҳамхурии ноҳия, дар заминаи идораҳои маъмурии он биноҳои кумитаи ҳизбӣ, бонк ва почта мактаб-интернат таъсис дода шуд ва

Вазорати маорифи Тоҷикистон собиқ мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Шурообод Ҳамроҳ Раҷабоврo ба он директор таъйин намуд. Ҳамон сол бо фармони Вазорати маорифи Тоҷикистон Самад Фаттоев дирекгори мактаб-интернати навтаъсис таъйин карда шуд ва Ҳ. Раҷабоврo ба ҳайси ҷонишини директор ба мактаби миёнаи умумии №10-и ба номи А. Лоҳутии деҳаи мазкур таъйин намуданд. Директори нав таъйингардида корро ҷиддӣ оғоз намуда, дар кӯтоҳтарин фурсат ба як қатор муваффақиятҳои назаррас ноил гардид[2, с.7].

Дар соли аввали барқароршавии мактаб-интернат ҳамаги 150 нафар тарбиягиранда шомили он буд. Дар соли аввали таҳсил (с. 1959) ин теъдод хонандагони синфҳои V-VIII буданд. Дар ибтидо аз ҳисоби омӯзгорони соҳибтаҷриба комиссияи махсус таъсис дода шуда буд, ки онҳо дохилшавандагонро имтиҳон гирифта, баъд қабул мекарданд. Ба мактаб-интернат омӯзгорони варзида ва беҳтаринҳо аз гӯшаю канори ҷумҳурӣ ба кор ҷалб шуда буданд. Ташкили интернатҳо он солҳо падидаи нав буд ва аз ин рӯ, ба рушди онҳо таваҷҷуҳи махсус дода мешуд. Мактаб-интернати деҳаи Саричашма, ки ба тозагӣ ташкил шуда буд, синфхонаҳо ва хобгоҳи хонандагон шароити зарурӣ надоштанд ва гузашта аз ин, дар як маҳалли беоб ва бедолу дарахт ҷойгир буд. Дар роҳи обод кардани мактаб-интернат монеаҳои зиёд вуҷуд доштанд. Дар мактаб-интернат тартибу низоми нимҳарбӣ ҷорӣ буд, Талаба тӯли 24 соат зери назорати муаллиму мураббӣ буд. Хонандагон бо хобгоҳ, сару либоси махсус ва хӯрок таъмин карда мешуданд. Дар мактаб-интернат системаи махсуси таълиму тарбия ҷорӣ буд. Қабули хонандагонро ба мактаб-интернат танҳо аз синфи 5 ҷорӣ намуданд. Шумораи хонандагон тадриҷан аз 150 нафар то 320 нафар расида буд. Аз синфи V то VIII назорати ҷиддии муаллимону мураббияҳо ва аз синфи IX то XI системаи худидоракунӣ ба роҳ монда шуда буд. Омӯзгоронро директори мактаб қабул ва озод мекард, на шуъбаи маорифи ноҳия. Муаллимони фаъолу таҷрибанокро интихобан ба мактаб-интернат даъват мекарданд. Ин буд, ки дар як муддати кутоҳ Каримов Қосим Алӣ Эгамқулов, Барот Муродов, Эмомалӣ Содиқов, Масамӣ Абдураҳмонов, Нур Насимов, Раҷабалӣ Шокиров, Вазир Назиров, Ҳабибулло Табаров, Шавсан Кабирова, Машариф Одинаев, Иззатулло Исматов, Назир Тошматов, Назар Зикруллоев, Мирзо Ӯзбеков, Тоҷиддин Қурбонов, Назаралӣ Давлатов, З. Холназаров барин омӯзгорони донишманду бомаҳоратро аз ҳар гӯшаю канор даъват намуда, як коллективи хуб ташкил карда шуд[1, с.6-7].

Аз ҷониби коллективи педагогии мактаб-интернат ба тарбияи меҳнатии хонандагон аз рӯзҳои аввали ташкилшавиаш диққати махсус зоҳир карда мешуд. Ҳарчанд ки дар нимаи аввали солҳои 60-уми асри гузашта дар иҷрои ин вазифаи пурмасъул заминаи моддӣ-техникии интернат чандон мусоидат намекард. Вале тадриҷан дар ин ҷо кабинетҳои хуб таҷҳизотонидашудаи физика, химия ва биология, устохона-ҳои дӯзандагӣ, пойафзолдӯзӣ ва механикӣ пайдо шуданд.

Дар ин давра (солҳои 1961-1962) дар мактаб-интернат маҳфили «Хайётон» ба фаъолият шурӯъ намуд, ки дар ибтидо 13 нафар хонандагони синфҳои VIII-XI дар бар мегирифт. Дар солҳои минбаъда шумораи маҳфили мазкур тадриҷан ба 35 нафар расида буд. Аъзоёни маҳфил корҳои духтудӯз (масалан, аз нав шинондани тугмаҳои шиму костюму палтоҳо, тайёр кардани бандинаҳои навбатдорӣ, каллапӯшҳою галстукҳои пионерӣ ва амсоли инҳо)-ро ба сомон мерасониданд. Қисме аз аъзоёни маҳфил ба таъмиру тармим кардани пойафзолҳои ҳаммактабони худ шуғл меварзиданд. Дар ин ҷода ба устоҳои ҷавон пойафзолдӯзи гулдаст Абдусаттор Зарифови қистакӯзӣ, ки дар дӯхтану тайёр намудани пойафзол шуҳрати калон дошт, ёрии амалӣ мерасонид. Аксарияти аъзоёни маҳфил на танҳо пойафзолро хуб тармим мекарданд, балки тайёр намудани туфлӣ (ботинкаҳо)-и мактабиро низ ёд гирифта буданд.

Пойафзолдӯзони ҷавон таъмири пойафзоли хонандагони синфҳои поёниро худ анҷом медоданд.

Ба мактаб-интернат, ки аз тамоми шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ бачагон ба таълиму тарбия фаро гирифта мешуданд. Аксари онҳо рӯзҳои аввали ба мактаб-интернат омадан ҷойхоби худро ғундошта наметавонистанд, инчунин оддитарин қоидаҳои истифодаи асбобу анҷомҳои мавҷударо низ намедонистанд. Ба ин хотир, аз байни хонандагон комиссияи санитарии мактаб ташкил шуда буд ва дар баробари ин омӯзгорон корҳои зиёди фардию комплексӣ низ мегузарониданд. Мураббиён аз рӯи нақшаи пешакӣ тартибдодашуда фаъолият карда, дар таҷрибаи худ методҳои мухталифро истифода мебурданд, роҳу воситаҳои мусоиди ҷалб намудани тарбиягирандагонро бо меҳнати хоҷагӣ амалӣ менамуданд.

Тарбиядиҳандагон Савсан Кабирова, Масамӣ Абдураҳмонов, Исматов Изатулло, Табаров Ҳабибулло, Шокиров Раҷабалӣ, Сафаров Санг кӯшиш мекарданд, ки фориғ аз дарс хонандагон ба корҳои манфиатбахш фаро гирифта шаванд. Аз ин рӯ, ба онҳо эҳтиёткорӣ, тозакорӣ, маҳорати дарки арзиши асбобу ашёҳои гирду атроф ва боинтизом буданро ташвиқ мекарданд, ки чунин корбариҳо натиҷаҳои мусбат медоданд. Хонандагон акнун худашон тадриҷан аз уҳдаи иҷрои ҳама корҳо мебаромадагӣ мешуданд.

Ҳамин гуна заҳматҳои бардавоми тарбиядиҳандагон буд, ки ҳуҷра ва синфхонаҳоро гулҳои зиёди рангоранге, ки онҳоро худи бачаҳо парвариш мекарданд, зиннат медоданд. Гулдонҳоро

бошад, худи бачаҳо, аъзоёни маҳфили «Гулдаст» дар устохонаи мактаб тайёр мекарданд. Гулҳои замини назди мактабиро низ бачаҳо нигоҳубин менамуданд.

Ҳамчунин дар мактаб-интернат маҳфили «Чеварон» амал мекард. Ин маҳфил дар аввал чор нафар духтар ва дар охири нимаи дуюми солҳои 60-ум 12 чевардухтарро дар худ муттаҳид карда буд. Дар маҳфил духтарон ба дӯхтану тайёр намудани тоқиҳои чакани бачагона, куртаҳои чакан, бофтани ҷӯробҳои занонаю мардона, кашидадӯзиҳо, дӯхтани рӯйпӯшҳои гулдӯзишуда барои болинҳо, пардаҳои тирезаҳо ва амсоли инҳо машғул мешуданд. Барои дар сатҳи баланд гузаронидани кори маҳфил маъмурияти мактаб-интернат, хусусан бо ташаббуси ҷонишини директор оид ба таълим Қосим Каримов дар баробари он ки бо духтарон роҳбари маҳфил кор мебурд, аз деҳаи Саричашма дӯзандаҳои моҳиру машҳур Бибӣ-апаю Холиса-холаро низ даъват карда буданд. Ин модарони ҳунарманди шинохта, ки шуҳрати дастранҷи онҳо дар саросари кишвар маълуму машҳур шуда буданд, ба маҳфил омада ба кори духтарон маслиҳатҳо дода, дар сифатан хуб баромадани маҳсули дасти онҳо ёрии амалӣ мерасониданд. Ин буд, ки сифати маҳсули дасти духтарон дар андак вақт шуҳрат ёфта, ҳатто дар саросари ҷумҳурӣ овозадор шуд.

Махсусан, гулдӯзиҳои Шарифова О., Раҳматова Д., ки яке расми асосгузори Давлати Шӯравӣ В.И. Ленин ва дигаре обанбори ГЭС-и Норакро кашидадӯзӣ намуда буданд, толори Намоишгоҳи Комёбиҳои Хоҷагии Халқи Ҷумҳурии Тоҷикис-тонро зиннат медоданд[2, с.16].

Ба варзиш ҷалб намудани тарбиягирандагон низ дар мадди аввал меистод. Дар таълимгоҳ муҳассилин ба маҳфилҳои (сексияҳои) гуногуни варзишӣ аъзо буда, дар лаҳзаҳои фориғ аз дарс маҳорати худро сайқал медоданд. Нозукиҳои варзишро аз роҳбарони маҳфилҳо меомӯхтанд. Аъзоёни ҳамаи маҳфилҳо бо либосҳои ягонаи варзишӣ, ки дар он солҳо ин ягонагӣ дар дигар мактабҳо тамоман набуд ё аҳён-аҳён дида мешуд, ба пуррагӣ таъмин буданд.

Аксар вақт спартакиадаи мактаббачагони мактабҳои ноҳия дар майдончаи варзишии интернат, ки он зиёда аз 3 га-ро дар бар мегирифт ва шароитҳои хуби гузаронидани мусобиқаҳои варзиширо доро буд, гузаронида мешуд. Аксар вақт варзишгарони навраси интернат дар ҳамаи намудҳои варзиш: давидан ба масофаҳои гуногун, ҷаҳидан ба баландию дарозӣ, волейболу баскетбол, футболу шоҳмот ва амсоли инҳо ба варзишгарони мактабҳои дигар дастболо мешуданд.

Масъалаи дар руҳияи одобу ахлоқи ҳамида тарбия намудани духтарони таълимгоҳ дар мадди аввал меистод. Барои таълими хуб гирифтану тарбияи ҳаматарафа дидани духтарон муаллимаи таҷрибанок депутати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ду даъват) Шавсан Кабирова (ёдаш ба хайр) мутасаддӣ буд. Муаллима Ш. Кабирова ҳамроҳи духтарон кору фаъолият намуда, дар лаҳзаҳои фориғ аз дарс корҳои ташвиқотӣ-тарғиботӣ бурда, дар ташаккули шахсият ва рушди ҷаҳони маънавии онҳо нақши муҳим мебозид. Ҳамеша кӯшиш мекард, ки духтарон меҳнатдӯсту хушрафтор ва донову покахлоқ ба воя расида, дар рушду нумӯи Тоҷикистони азиз ҳиссагузор гарданд. Ин буд, ки фориғ аз дарсҳо ва дар рӯзҳои истироҳатӣ бо духтарони таълимгоҳ корҳои зиёди фаҳмондадиҳӣ ва ташвиқотию тарғиботиро ба роҳ монда мекӯшид, ки онҳо номбардори Ватан бошанд.

Бо ин мақсад байни тарбиягирандагон, бахусус духтарон дар мавзӯъҳои «Нақши занон дар ҷомеа», «Духтарон-модарони оянда», «Духтарон-симои Тоҷикистон», «Оянда зи туст духтари тоҷик», «Ҳунар омӯз», «Интихоби касб ва духтарон» «Ҳаё- меваи ҳаёт», «Шуҳрати зан- ҳаёи ӯ», «Ҳунар мебояд духтарро» ва амсоли инҳо бо маърӯзаҳо баромад намуда, дар тарбияи ахлоқии онҳо заминагузор буд. Онҳоро ба меҳнати софдилона, аъло хондану рафтори намунавӣ доштан ҳидоят мекард. Пайи он заҳмат мебурд, ки духтарони интернатро чун фарзандони хеш тарбия намояду дар ҷомеа ба таври устувор мавқеи худро ёфта, баҳри халқу Ватан хизмат намоянд.

Яке аз хислатҳои хуби Шавсан Кабирова он буд, ки корҳои тарғиботию ташвиқотиро натанҳо байни духтарони мактаб-интернат ба роҳ мемонд, балки ҳангоми ташкилу гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ хонандагон – духтарони мактабҳои миёнаи атрофи деҳаи Саричашмаро низ ҷалб менамуд. Тавассути даъватномаҳои махсус, ки ба номи сарварони ҳамсоямактабҳо фиристода мешуд, духтарони мактабҳои мухталиф ба чорабиниҳо ҷалб мешуданд. Ин усули кор дӯстии байни духтарони мактабҳоро таъмин намуда, ба васеъ гардидани дониш, ақлу хирад ва ҷаҳони маънавии онҳо боис мегардид. Дар баробари тарбиягирандагони ин таълимгоҳ духтарони мактабҳои гирду атроф, ки муаллима Шавсан Кабирова бевосита ба онҳо мавзӯъ ва ё супорише медод, бо маърӯзаҳои худ баромадҳо мекарданд.

Принсипи асосӣ дар мактаб-интернат «ҳама чизро худат анҷом бидеҳ» буд. Аз ин рӯ, хонандагон худашон медӯхтанд, пойафзолҳоро таъмир мекарданд, либос мешустанд, дар ошхона ёрӣ мерасониданд ва синфҳоро тоза мекарданд.

Дар баробари муаллимону мураббиён хонандагон низ масъулияти зиёд ба уҳда доштанд ва бо талқини роҳбарияти мактаб худро соҳиби ҳақиқии ин муассисаи таълимӣ медонистанд. Ташкилотҳои талабагӣ ва комсомолӣ дар мактаб амал мекард, ки тамоми рафти таълиму тарбияро назорат мекарданд.

Аввалин раиси ташкилоти талабагӣ дар мактаб-интернат марҳум Ҳабибулло Солиев таъйин гардид ва солҳои 1959-1963 ин вазифаро иҷро намуда буд. Котиби ташкилоти комсомолии талабагӣ Ҷангӣ Шамсиддинов интихоб шуда буд. Ӯ ба ёд меорад: «ман аз рӯзҳои аввали таҳсил то давраи хатми мактаб-интернат (соли 1963) котиби ташкилоти комсомолии талабагӣ будам. Аввал 15 нафар ва баъд 80 нафар аъзои комсомол доштем. Соли дуюм радиоузел ташкил кардем ва барандагии онро ҳам ба уҳдаи ман гузоштанд. Ҳар саҳар радиолинейка мегузаронидем. Овози радиоро ҳатто нисфи аҳолии Саричашма мешуниданд ва аз мазмуну мундариҷаи фаъолияту таҳсили мо огоҳ мегардиданд. Радио барои пешрафти таълиму тарбия таъсири бисёр хуб мерасонид. Соли 1961 маро вакили анҷумани XV ЛКСМ Тоҷикистон интихоб карданд. Баъди анҷуман ғояҳои онро ба хонандагони мактаб-интернат ва ҳатто як қисми аҳолии деҳа тавассути радиоузел пурра расонидам»[4, с.19].

Мактаб-интернати дигаре, ки дар минтақаи Кӯлоб фаъолият менамояд, ин мактаб-интернати №2 ба номи Ф. Энгелс, ки соли 1958 дар деҳаи Кадучии ноҳияи Васеъ таъсис ёфтааст, буд. Мактаб-интернат аз соли 1973 ба номи интернати санатории кӯдакони синни мактабӣ барои касалиҳои сироятии сил (Туберклёз) ташкил ёфт, ки дар он 320-нафар хонанда дар хобгоҳ зери назорати табибони ҷумҳуриявӣ қарор гирифта буд. Ин номгӯи мактаб-интернати санаторӣ то соли 1986 давом кардааст. Аз соли 1986 то соли 2004 мактаб-интернат бо номи кӯдакони ятиму бепарастор ташкил карда шуд. Шумораи хонандагон 414 нафар буда, 360 нафари онро писарон ташкил медиҳад. Хонандагоне, ки дар хобгоҳи мактаб-интернат шабонарӯзи мезистанд, 70-нафарро ташкил медиҳад.

Ҳоло мактаб-интернат дорои 5-адад синфхонаҳои фаннӣ, буда, 2 адад синфхонаҳои иттилоотӣ, бо 21 адад компютер ва тахтаи электоронӣ ва утоқи мусиқӣ бо таҷҳизотҳои лозима муҷаҳаз мебошад.

Раванди таълим дар мактаб-интернат хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Дар он зиёда аз 60 омӯзгорони маълумоти олидошта кору фаъолият намуда истодаанд[7].

Котиби ташкилоти комсомолии талабагии мактаб-интернат он солҳоро ба ёд оварда мегӯяд, ки мо, комсомолон баъди дарс, шабҳои моҳтобӣ бо азму хоҳиши худ белу каланд гирифта, теппаҳоро нарм, пастиҳою баландиҳоро ҳамвор мекардем, ниҳол мешинондем, аз ҳавз бо сатил об кашида, дар бехи ниҳолҳо мерехтем. Алаф даравида, бехи ниҳолҳоро бо мақсади нигоҳ доштани намнокӣ мепӯшонидем. Болои алафҳоро хок мерехтем, то ин ки нами бехи ниҳолҳо аз таъсири офтоб тез буғ нашавад. Ин усул барои аҳолии муқимии Саричашма наву тааҷҷубовар буд. Онҳо механдиданд, тамасхур мекарданд, вале диданд, ки ниҳолҳо то тирамоҳ сабз истода, нашъунамо карда истодаанд, ангушти ҳайрат газиданд.

Синфҳо байни худ мусобиқа доштанд ва ин мусобиқа тамоми фаъолияти хонандагонро дар бар мегирифт. Сар карда аз интизоми намунавӣ доштан. Агар интизоми синф қаноаткунанда – хуб хол дода мешуд, ғайриқаноатбахш бошад 40 хол ҷарима гузошта мешуд. Ё агар ҳамон рӯз аз дарсҳо ягон нафар баҳои «2» нагирифта бошад, 15 хол ба синф дода мешуд ва агар нафаре баҳои «2» мегирфт, ба синф 30 хол ҷарима монда мешуд. Ҳамин тавр тозагии хобгоҳ, синфхона ва дигар паҳлуҳои фаъолияти хонандагони мактаб ба ҳисоб гирифта мешуд ва ҳар бегоҳ баъди соати 22-и шаб комиссияи махсуси талабагӣ тамоми бурду бохти якрӯзаро ҷамъбаст менамуд. Рӯзи душанбеи ҳар ҳафта ҷамъомади саҳарӣ пеш аз дарс гузаронида мешуд ва мувофиқи ҷамъбасти комиссия ҷойҳои ифтихорӣ муайян карда мешуд. Ғолибон таҳсину офарин ва онҳое, ки қафомонда буданд, танқид мешуниданд. Синфе, ки бо гуноҳи ин ё он талаба дар ҷамъбаст холи паст гирифтааст, аз тарафи ҳамсинфонаш танбеҳ медид, то ки вай ислоҳ шавад. Аз ҷумла баҳои «2» нагирад, интизомро вайрон накунад ва ғайра.

Талабагон ҳар саҳар соати 6:00 аз хоб хеста, то соати 8:00 ба тарбияи бадан машғул мешуданд, ҷои хобашонро ба тартиб медароварданд, субҳона тановул мекарданд, дар ҷамъомади пагоҳирӯзӣ (линейка) иштирок карда, ба дарс омода мешуданд.

Баъд аз дарс хӯроки нисфирӯзӣ ва сонӣ ду соат барои истироҳат ҷудо шуда буд. Баъди истироҳати нисфирӯзӣ ба синфхонаҳо баргашта, зери роҳбарии мураббиҳо ба тайёр намудани дарсҳо машғул мешуданд. Чи мушкилоте, ки дар рафти дарстайёркунии мустақилона пайдо мешуд, мураббӣ дарҳол омӯзгори ҳамон фанро ба синф даъват менамуд ва мушкилӣ бартараф карда мешуд.

Баъди дарстайёркунии мустақилона хонандагон ду соати дигар истироҳат мекарданд ва аз рӯи шавқу рағбати худ ба бозиҳои гуногуни варзишӣ машғул мешуданд. Баъди тановули хӯроки бегоҳӣ ба синфхонаҳо баргашта, машғули дарстайёркунӣ мешуданд. Хонандагони синфҳои V-VIII то соати 22:00 ва синфҳои IX-XI то соати 23:00-и шаб мустақилона дарс тайёр мекарданд…[2, с.22].

Дар баробари муаллимону мураббиён аз ҳисоби фаъолони синфҳои болоӣ барои назорат ба дарстайёркунии синфи V-VIII роҳбарон таъйин шуда буданд ва ба рафти дарстайёркунии онҳо назорат мебурданд. Дар синфҳои болоӣ (IX-XI) бошад, сардорони синфҳо назорату роҳбарӣ мекарданд.

Дар он солҳо қувваи барқи марказонидашуда набуд. Мактаб-интернат стансияи дизелӣ дошт, ки то соати 12:00-и шаб қувваи барқ медод. Лекин хонандагоне, ки шавқу ҳаваси илмомӯзӣ доштанд, бо истифодаи лампаҳои керосинӣ дарс тайёр мекарданд...

Аввали солҳои 60-уми асри XX дар тамоми мактабҳои Иттиҳоди Шӯравӣ методи таълими муаллимони шаҳри Липетск овоза дошт. Маъмурияти мактаб-интернат барои татбиқ намудани баъзе нуқтаҳои ин метод кӯшиши зиёд менамуданд. Ва ин заҳматҳо ба он оварда расонд, ки муҳассилин барномаи мактаби миёнаро пурра аз худ намуда, роҳи ояндаи худро бошуурона интихоб менамуданд.

Дар таълимгоҳ дараҷаи тахассусии муаллимон ва кормандони ёрирасон хеле баланд гардид, аксари синфхонаҳо ба кабинет табдил дода шуданд, кабинетҳо бо воситаҳои аёнӣ ва техникаи замонавӣ ҷиҳозонида шуданд, системаи таълими кабинетӣ ҷорӣ гардид, ки он солҳо ин тарзи таълимро таҷрибаи наву пешқадам ва шаклу усули пурмаҳсули таълим меҳисобиданд. Заминаи моддиву таълимии мактаб-интернат васеъ ва мустаҳкам гардидан мегирифт.

Дар мактаб-интернат таълими политехникӣ ҷорӣ шуд. Тарбиягирандагон касбҳои механизаторӣ, харротӣ, челонгарӣ, механикӣ, дӯзандагиро меомӯхтанд, мутахассисони электротехника ва ғайра ба воя мерасиданд.

Тахти сарварии С. Фаттоев дар солҳои шастум фазои ин даргоҳи таълиму тарбия ба фазои якдигарфаҳмӣ, дӯстию рафоқат ва меҳнатдӯстии омӯзгорону мураббиҳо табдил ёфта буд. Аз як тараф теъдоди муаллимони маълумоти олидору соҳибтаҷриба ба маротиб афзуд ва аз тарафи дигар шумораи ба мактабҳои олии мухталиф шомил гардидани хатмкунандагон 94-95%-ро ташкил медод[2, с.23].

Мактаб-интернати Саричашма ҳарчанд аз марказ хеле дур воқеъ гашта бошад ҳам, он дар солҳои аввали мавҷудияти худ дар ҷумҳурӣ хеле машҳур гардид. Ба кори мактаб-интернат мутахассисони дорои маълумоти олии педагогӣ ва таҷрибаи бойдошта кору фаъолият мекарданд ва ҳамаашон маълумоти олии педагогӣ доштанд. Чунин мактабе, ки дар охирҳои солҳои 60-уми асри гузашта омӯзгоронаш 100% маълумоти олӣ дошта бошад, дар ягон гӯшаи ҷумҳурӣ набуд. Вале ин масъала дар интернат ҳалли худро ёфта буд.

Дар мактаб-интернат барои таҳсили хонандагон шароити хуби таҳсилу зиндагӣ муҳайё шуда буд: Синфхонаҳои васею равшан, кабинету устохонаҳои муҷаҳҳаз, майдончаҳои варзишӣ, хобгоҳҳои тозаю бароҳат, хонаи пионерон, хонаи маданият, толори консертӣ, ҳаммом, ошхона, бунгоҳи тиббӣ, хуллас- тамоми шароитҳое, ки барои инкишоф ва тараққии ҷаҳони маънавӣ ва маишати мадании хонандагон зарур буданд, муҳайё буд.

Мактаб-интернати ёрирасони №1-и шаҳрии Кӯлоб, асосан, соли 1960 ҳамчун муассисаи таълимии мактаб-интернати таҳсилоти умумӣ барои кӯдакони бепарастор ва оилаҳои камбизоат ба фаъолият шурӯъ намудааст. Мактаб-интернат ҳамчун мактаб-интернати колхози ба номи Шаталов, ки тобеи ноҳияи Восеъ буд (дар аввал ва баъди соли 1969 ин мактаб-интернати таҳсилоти умумӣ ба шумор мерафт, ба мактаб-интернати ёрирасони №1 табдил дода шуд) ба фаъолият шурӯъ кард.

Мактаб-интернат дорои 18 синфхона ва се иморати хобгоҳи якошёна буда, барои 180-нафар тарбиятгиранда сохта шуда буд. Ба мактаб-интернат кӯдакони дорои имкониятҳояшон маҳду (шаклҳои гуногун) дар дараҷаи сабук қабул карда мешаванд. Қабули тарбиятгирандагон ба мактаб-интернат бо роҳхати Раёсати маорифи шаҳру ноҳияҳо ва дар асоси хулосаи комиссияи тиббӣ-педагогӣ шаҳри Кӯлоб сурат мегирад. Таҳсил дар мактаби мазкур ба забони тоҷикӣ ба роҳ монда шуда буд. Мӯҳлати таҳсил дар мактаб-интернат 9-сол буда, тарбиятгирандагон баъди хатми мактаби мазкур соҳиби касб мешуданд ва соҳиби шаҳодатномаи муқаррагардида оид ба хатми мактаби таҳсилоти махсуси асосӣ мешуданд. Ба синфи 1 кӯдакони синни 7 то 10 сола аз ҷиҳати ақл қафомонда қабул карда мешуданд. Миқдори тарбиятгирандагон дар ҳамаи синфҳо то 12-нафар ва синфи махсус то 8-нафар ва дар гурӯҳҳои тарбиявӣ то 12-нафарро ташкил медоданд. Асосан, бештари тарбиятгирандагон аз ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ба таълиму тарбия фаро гирифта шудабуданд.

Муассисаи таълимие, ки то ҳол фаъолияти худро барои ин қишри ниёзманди ҷомеа ба роҳ монда истодааст мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим дар шаҳри Кӯлоб ба ҳисоб меравад. Муассиса сол 1961 бо мақсади ба таълиму тарбия фаро гирифтани кӯдакони ятиму бепарастор ва оилаҳои камбизоат таъсис дода шуда, фаъолияти густурда дорад. Муассисаи мазкур аз се бинои асосии дуошёнаи дорои 28 синфхонаи таълимӣ ва хобгоҳи замонавӣ барои 110 нафар иборат буда, ҳамчунин, ошхона барои 144 нафар ва ҳаммом дар хизмати тарбиятгирандагон қарор дорад. Дар мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим аз синфи 5 сар карда, бо хоҳиши хонандагон ва падару модарону парасторашон қабул карда мешаванд.

Дар мактаб-интернат аз шумораи 113 нафар кӯдак, 4 нафар ятими кулл, 8 нафар бепарастор, 101 нафар аз оилаҳои нимятим ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Хонандагон дар ошхонаи мактаб-интернат бо се вақт хӯроки гарм таъмин буда, ошпазҳову мураббияҳои мактаб-интернат

кӯшиш мекунанд, ки таркиби хӯроки тайёркардаи онҳо аз маҳсулоти гуногуни сабзавот ва серғизо иборат бошад. Раванди таълиму тарбия дар мактаб-интернат аз рӯйи равияи умумӣ ҷараён дошта, назорати сифати таълиму тарбияро аъзои гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондаанд, ки дар натиҷа сол то сол омӯзгону хонандагон ба дастовардҳои назаррас ноил мегарданд[5].

Соли 1991 теъдоди муассисаҳои интернатӣ ҳамаги 38- торо ташкил мекард, соли 1996 ин рақам ба 44 – то расид, ки ба 7-тои он мақоми ҷумҳуриявӣ дода шуд[6, с.209]. Имрӯзҳо дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар мактаб-интернатҳои ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ, дорои шароити олии донишандӯзӣ, муассисаҳои махсуси таълимӣ барои маъюбон ва дигар иншоот барои табақаи ниёзманди ҷомеъа бунёд карда шудааст. Илм ва маориф бешубҳа аз омилҳои муҳимтарини ташаккули сармояи инсонӣ ба шумор рафта, дар ҳар давру замон барои рушди ҷомеа ва гузариш ба марҳилаҳои нави фарҳангӣ нақши муҳим бозидааст[9, с.17].

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки дасти ёрӣ дароз кардан ба нафарони ниёзманд аз беҳтарин хислатҳои инсонӣ маҳсуб ёфта, ин амалоро дар ҷумҳури чун анъанаи накуи ниёгон шахсони саховатпеша ва хайрхоҳ пайваста анҷом медиҳанд.

Боиси хушнудист, ки имрӯзҳо таваҷҷуҳ ва дастгириҳои пайваставу беназири давлату Ҳукумати Ҷухурии Тоҷикистон, бахусус, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба ятимону бепарасторон назаррас арзёбӣ гардида, бо мақсади таъмини шароити зиндагии арзанда, рушди баркамол ва соҳибилму соҳибмаърифат гардидани онҳо тамоми шароитҳои муосир фароҳам оварда шудааст.

Пешвои миллат ҳамеша бо хислати нодири раъиятпарварии хеш дар фикри беҳбудии шароити зиндагии мардуми эҳтиҷманд, ятимон, барҷомондагон ва шахсони бесаробону камбизоат буда, таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардан ба ин табақаи ниёзмандро аз аҳли ҷомеа борҳо талаб менамояд. Ва ҳамин аст, ки пайваста таъкид медоранд, ки «Ман ҳеҷ вақт ягон ятимро дар нимароҳ намемонам, меомӯзонам, тарбия мекунам ва ба ҳаёти мустақилона гусел менамоям».

**АДАБИЁТ**


1. Алиев А.Х. Традиции обучения и воспитания предков-таджиков в контексте современных проблем образования: на материалах арийской цивилизации / А.Х. Алиев // Автореферат. Душанбе – 2012. – 26 с.
2. История таджикского народа. Том VI. (Новейшая история) – Душанбе: «Империал-Групп», 2011 - 688
3. Карим Давлат. «Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор…». Душанбе.- 2005.- 225 с.
4. Обидов Ибрагим Обидович. Краткий очерк истории народного образования в Таджикистане. / И.О. Обидов - Душанбе, 1965.- 208 с.
5. Обидова, М.И. История становления и развития системы народного образования в Северных районах Республики Таджикистан (1917-1941). https://www.dissercat.com/content/istoriya-stanovleniya-i-razvitiya-sistemy-narodnogo-obrazovaniya-v-severnykh-raionakh-respub (санаи муроҷиат: 20.05.2021)
6. Фархуддинов И. Вазъи маорифи халқи тоҷик дар даврони истиқлолият. Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. № 1(14) 2016 - С.274
7. Стрельцова М.В. Педагогические условия социальной адаптации и реабилитации детей-сирот и детей, оставшихся без попечения родителей. https://www.dissercat.com/content/pedagogicheskie-usloviya-sotsialnoi-adaptatsii-i-reabilitatsii-detei-sirot-i-detei-ostavshik (санаи муроҷиат: 20.05.2021)
8. Сулейманова Л.Ш. История становления и развития национальных общеобразовательных школ и педагогических учебных заведений в Башкортостане, 1900 - начало 70-х гг. XX в. https://www.dissercat.com/content/istoriya-stanovleniya-i-razvitiya-natsionalnykh-obshcheobrazovatelnykh-shkol-i-pedagogichesk (санаи муроҷиат: 20.05.2021)
9. Файзов Н.Н. Ҳамкориҳои илмӣ – фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар даврони истиқлолият. / Файзов Автореферат). Душанбе – 2019 - 47с.
10. Шариф Абдулҳамид. Масоили ҳалталаб дар мактаб-интернат боқи мондааст. / Ш. Абдулҳамид// Омӯзгор.-2020.- 19 ноябри .-№ 47 (12271).
11. Шукуров М. Культурная жизнь Таджикистана в условиях развитого социализма. – Душанбе - 1980. 422с.


## ПОЛОЖЕНИЕ ШКОЛ-ИНТЕРНАТОВ КУЛЯБСКОГО РЕГИОНА ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ ВО ВТОРОЙ ПОЛОВИНЕ XX ВЕКА


*В этой статье мы постарались дать информацию о положении школ-интернатов в Кулябском районе Хатлонской области во второй половине XX века. Новые образовательные учреждения и школы-интернаты были созданы в советское время и играют важную роль в обучении подрастающего поколения. Краткое изложение информации.*

*В обучении в школах-интернатах использовались разные образовательные методы, с помощью которых учащиеся приобретали необходимые знания, навыки и умения и самостоятельно применяли их на практике.*

*После распада Советского Союза традиционные подходы к организации жизни, воспитанию и обучению детей-сирот и детей, оставшихся без родителей. Существующие государственные учреждения не могли удовлетворить определённые требования общества. Национальный менталитет, питающий культурные основы человека был сломан. Однако за короткий промежуток времени, по инициативе Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, дела пошли на поправку. Фактически, сегодня Президент страны Эмомали Рахмон подчеркнул, что помощь нуждающимся - одно из лучших человеческих качеств, и это всегда делается в стране по доброй традиции предков, щедрых людей.*

***Ключевые слова:*** *образование, интернат, регион, учащиеся, дети-сироты, воспитание, учителя, навыки, компетенции, знания.*

**THE SITUATION OF BOARDING SCHOOLS IN KULOB REGION OF KHATLON PROVINCE IN THE SECOND HALF OF THE XX CENTURY**

*In this article, we tried to give at least some information about the situation of boarding schools in the Kulob district of the Khatlon region in the second half of the twentieth century. New educational institutions and boarding schools were created during the Soviet era and play an important role in educating the younger generation. Summary of information.*

*In teaching in boarding schools, various educational methods were used, with the help of which students acquired the necessary knowledge, skills and abilities and independently applied them in practice.*

*After the collapse of the Soviet Union, traditional approaches to organizing life, raising and educating orphans and children left without parental care in the existing state institutions could not satisfy the changed society. The national mentality that feeds the cultural foundations of man is broken. However, in a short period of time, on the initiative of the Founder of Peace and National Unity, the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, things got better. In fact, today the President of the country Emomali Rahmon stressed that helping those in need is one of the best human qualities, and this is always done in the country according to the good tradition of ancestors, generous people.*

***Keywords:*** *education, boarding school, region, students, orphans, upbringing, teachers, skills, competencies, knowledge.*

***Сведения об авторах:***

***Бозоров Салим Бобоевич*** *- соискатель кафедрой истории таджикского народа Кулябского государственного университета имени Абуабдулло Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафарова, 16. Тел: (+992) 907406687.*

***Хусейни Бободжон*** *- ассистент кафедра истории таджикского народа Кулябский государственный университета имени А. Рудаки, Адрес: С. Сафарова 16. Тел: (+992) 988481604.*

***About the authors***

***Bozorov Salim Boboevich,-*** *postuates of the Department of History of the Tajik People of the Abuabdullo Rudaki Kulob State University. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street, 16. Phone: (+992) (+992) 907406687*

***Husaiuni Bobojon*** *- Kulob State Univetresity named after A Rudaki: Assistant of o the Department of History of the Tajik People. Adres:734065, Republic of Tajikistan, Kulob, Safarov Street,16.Tel: (992) 988481604.*

## АФСОНАҲОИ ХАЛҚӢ САРЧАШМАИ ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС

***Мамадносирова М.М.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*
***Юсупова Г.Ҳ.***
*Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ ба номи С.Раҳимов*

Афсонаҳои халқӣ – ин боигарии маънавӣ ва дурдонаҳои ақлу заковати халқ мебошад. дар онҳо психологияи халқ, муносибати халқ ба тамоми паҳлуҳои зиндагӣ хеле образнок, вале оддӣ ифода ёфтааст. Барои ҳамин ҳам афсонаҳои халқӣ ба дили, хусусан, кӯдакону наврасон, ҷавонону калонсолон низ тез роҳ ёфта, онҳоро ё мафтун мегардонад, ё ба хашму ғазаб меорад. Маҳз ҳамин ҷиҳати афсонаҳо ба руҳи инсон, таъсири калони психологӣ мерасонанд. Андешаҳои шодравон академик Раҷаб Аминов, ки дар сарсухани «Афсонаҳои халқии тоҷик» (Душанбе «ирфон» 1998, с. 3) нисбати ин масъала оварда шудааст, аз он равшан гувоҳӣ медиҳад. Ӯ овардааст, ки: «Ман як шахси солхӯрдаи рӯзгордида, баъзан аз худ мепурсам, ки кай ва барои чи афсонаро дӯст доштам. Ва ин маврид ёди замони кӯдакӣ мекунам.

Афсона дар тарбияи ахлоқии кӯдакон дар оила нақшии басо муҳимро ишғол мекунад. Аксарияти бачаҳои хурдсол гӯш кардани афсона, хондани китобчаҳои шавқоварро дӯст медоранд. Аммо худашон китобро интихоб карда наметавонанд. Бинобар ин, бисер мухим аст, ки калонсолон ба дар хондан ва мутоилаи китобҳо ба кӯдакон кӯмак кунанд.

Ба китобхонии кӯдакон аҳамият дода истода, шавқу завқи фардии кӯдаконро ба хисоб бояд гирифт. Бачагон хусусан писарон, аксар вақт ба адабиёти саргузаштӣ майлу рағбат доранд.

Аз ин рӯ, ҳатман ба он бояд кӯшид, ки китобҳо аз ҷиҳати мавзӯъ гуногун бошанд: афсонаҳо, ҳикояҳо дар бораи ҳайвонот, саргузаштҳо, афсонаҳо дар бораи қаҳрамонҳо, тилисмшиканхо, оид ба меҳнати осоиштаи калонсолон ва кӯдакон, дар бораи Ватан ва ғайраҳо.

Барои кӯдакони хурдсол дар оила падару модар, ё ин ки бобою бибиашон афсонаҳои аҷибу ғарибро нақл кунанд, китобчаҳо ё рӯзномаҳоро бо овози баланд хонанд.

Барои шавқу ҳаваси кӯдакро нисбат ба китобхонӣ бедор кардан байни падару модарон лексияҳои педагогӣ-психологиро ташкил намудан лозим аст. Нақшаи тахминии онро тартиб дода чунин сӯҳбатҳоро ба нақша гирифтан мумкин аст:

1. Интихоби китоб барои хондан.
2. Чӣ бояд кард, ки агар кӯдак хонданро дӯст надорад.
3. Китобҳо чӣ гуна бошанд ва ғайраҳо.

Ҳангоми гузаронидани чорабиниҳо дар баҳсу мунозираи мавзӯҳо аксарияти волидайн аз таҷрибаи хеш ҳарф мезаданд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки дар қисме аз оилаҳо ба хондани китобҳо, ё ин ки нақли афсонаҳо ҳикояҳо ба кӯдакон диққати ҷиддӣ медиҳанд. Гапҳо умумӣ нашаванд аз таҷрибаи яке аз волидони синфи 2 мисол меорам.

Модари толибаи синфи 2 Умеда – апа аз таҷрибаи хеш чунин нақл кард: «Дар кӯдакони ман завқи китобхониро бибиҷонашон бедор кард. Бибиашон зани рӯзғордидаю меҳнаткаш ба фарзандонамон афсонаҳои гуногунро аз ҳаёти он замон, қисмашро худашон бофтаю сохта карда нақл мекард. Бачаҳо бо тамоми завқ ба бибиашон гӯш мекарданд. Ман, пай бурдам, ки кӯдаконам ба қаҳрамононе, ки дар афсона бадхоҳанд, нафрат мехонданд ва ба қаҳрамонҳои мусбӣ пайравӣ мекарданд».

Вакте ки бибиашон афсонаи «Кали айёр» – ро нақл кард: Бачаҳо чунон бо завқ гӯш мекарданд, ки гуё худашонро дар нақши «Кали айёр» тасаввур намуданд. Модоме, ки афсона тамом шуд ба бибиашон чунин ваъда доданд, ки мо «Кали айёр мешавем, савдогарҳои ҳаромхӯрро боб мекунем».

Ҳатто кӯдаконам чунин одат карданд, ки то бибиҷонашон ягон афсона нагӯянд, хоб намерафтанд. Бибиҷонашон, ки зани оқилу доно буд, бо онҳо чунин шарт гузошт:

1. Абдуллоев М.Х. Маорифи халқи Тоҷикистон:Таърих ва воқеият (солҳои 60-80-уми асри хх) \ М.Х. Абдуллоев.- Душанбе: 2015 – 203с.

2. Абдуллоев М.Х. Аз таърихи мухтасари мактабҳои Шӯравӣ дар Кӯлоб \ М.Х. Абдуллоев - 2007.-48 с.
3. Абдуллоев М.Х. Аз таърихи мухтасари мактабҳои маълумоти умумӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ.\ Абдуллоев М.Х.-Душанбе, 2013.-197с.
4. Абдуллоев М.Х. Мақоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол\М.Х.Абдуллоев\ Душанбе, 2001.-123 с.
5. Абдуллоев М.Х. Рушди маорифи Тоҷикистон дар 25-соли истиқлолият\ М.Х. Абдуллоев-Душанбе -2006.
6. Абдуллоев М.Х. Ислоҳот ва рушди маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолияти давлатӣ \ М.Х. Абдуллоев,Х.С. Аъзамов, Ҳ.Ҳ. Аллоева-Душанбе, 2006.-100 с.
7. Бойгонии минтақавӣ дар шаҳри Кӯлоб. С.1974.-Ф.5.Д.8.
8. Бойгонии Ҳизбӣ Коммунисти вилояти Кӯлоб (Манба БҲК ВК), 3.7, руйхати. 12, д.10.-С. 28.
9. Бойгони Иниситиути таърихи сиёсии Кумитаи Маркази Ҳизбӣ Коммунисти Ҷумҳурии Тоҷикистон (манба БИ КМ ҲК ҶТ), руйхати. 129 д. 90, С.335
10. БИ ТС КМҲК ҶТ, руйхат,16, д. 49. С.104.
11. БДМ ҶШС Тоҷикистон, руйхати 21, д.-649,-С.279.

## ОБЕСПЕЧЕНИЕ КУЛОБСКИХ ОБЛАСТНЫХ ШКОЛ ВЫСОКОКВАЛИФИЦИРОВАННЫМ ПЕДАГОГИЧЕСКИМИ КАДРАМИ

*Тема данной статьи посвящена, одним из важнейших проблем развития народного образования, подготовки и воспитания педагогических кадров, поскалку за это перод спрос к учителями в связи с увеличенией численности учеников и перехода на общее среднее образавание по сравнению с их подготовкой в высщих учебных заведениях на мнго вырос.*

*По этому Превительство Советского Таджикистана расширило работу по подготовке и переподготовке педагагичиских кадров,чтобы обоспечеть школь высококвалифицировенными кадрами-учителиями системи народного образования. Подготовка высококвалифицировенных кадров-учителей для школ Кулябскогой области была направлена на заверщение перехода к обшему среднему образаванию.*

*В 1974 учебном году в школах Кулябской области работали 6471 учитель, из них 3599 учителей с высшем образаванеи,737 с неполныи высшим образаванием,1631 со средним педагогическим и специельным образаванием,54 с общим средним образаванием, учителя школ Кулябского области добились хороших резултатов в воспитаним подрастенощего поколения.*

*Таким образом, в 70-80-е годы Кулябская область добилась успехов в развитии образования. В годы Советского Союза высоко ценился труд народных педагогов. В связи с переходом на новые планы и программы в стране была проделана большая работа по переподготовке педагогических кадров, большое внимание было уделено повышению квалификации руководителей школ. Советское правительство и Коммунистическая партия всегда убеждали людей в блестящем будущем. За эти годы Кулябская область добилась больших успехов в развитии народного образования.*

***Ключевые слова***: *образование, учитель, персонал, аттестация, предложение, реформа, уровень, молодежь, улучшение.*

## PROVISION OF KULOB REGIONAL SCHOOLS WITH HIGH QUALIFIED PERSONNEL TEACHING

*The topic chosen in this article was one of the most important issues in the development of public education, the training and education of teaching staff, as the demand for teachers was growing faster than the training of students in higher education. . Therefore, the Government of the Soviet Union of Tajikistan has expanded the work on training and retraining of teaching staff, their training to provide schools with highly qualified teachers and other staff of the public education system. The training of highly qualified teachers for schools in Kulyab Province was aimed at completing the transition to general secondary education.*

*In the 1974 academic year, 6471 teachers worked in the schools of Kulyab region, of which 3599 had higher education, 737 had incomplete higher education, 1631 had secondary pedagogical and special education, and 54 had general secondary education. rural schools worked. Teachers of schools of Kulyab region have achieved good results in educating the younger generation.*

*Thus, in the 70s and 80s, Kulyab region has made progress and success in the development of education. During the years of the Soviet Union, the work of public educators was highly valued. In connection with the transition to new plans and programs in the country, a lot of work has been done on retraining of teaching staff, much attention was paid to raising the qualification level of school management. The Soviet government and the Communist Party have always convinced people of a bright future. During these years, Kulyab region has made great progress in the development of public education.*

***Keywords***: *education, teacher, staff, certification, supply, reform, level, youth, improvement.*

***Сведенияоб авторах:***
***Хусейни Бободжон** - ассистент кафедра истории таджикского народа Кулябский государственный университета имени А. Рудаки, Адрес: С. Сафарова 16. Тел: (+992) 988481604.*
***Бозоров Салим Бобоевич** - ассистент кафедра истории таджикского народа Кулябский государственный университета имени А. Рудаки, Адрес: С. Сафарова 16.Тел:(+992) 907406687*
***About the authors:***
***Husaiuni Bobojon** - Kulob State Univetresity named after A Rudaki: Assistant of o the Department of History of the Tajik People. Adres:734065, Republic of Tajikistan, Kulob, Safarov Street,16.Tel: (992) 988481604.*
***Bozorov Salim Boboevich** - Kulob State Univetresity named after A Rudaki: Assistant of o the Department of History of the Tajik People.Adres:734065,Republic of Tajikistan, Kulob, Safarov Street,16. Tel: (+992) 907406687*

# ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГӢ–ИҶТИМОИИ ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ КӮДАКОНИ БЕНАЗОРАТ

***Ҷумаев М.Р.***
*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рудакӣ*

Беназоратӣ нисбат ба ноболиғон як падидаи хеле шадид буда, барои давлати мо нав нест. Он ҳар гуна ҷомеаро ҳамроҳӣ мекунад. Ин падидаи манфии иҷтимоӣ мебошад, ки аз беназоратии калонсолон, алахусус волидайн, аз болои рафтори кӯдакон ба вуҷуд омадааст. Кӯдакони беназорате, ки бо оилаҳои худ дар тамосанд, аммо бо сабабҳои гуногун (камбизоатӣ, аъзои бисёри оила дар манзил, истисмори кӯдакон, бетафовутӣ, нофаҳмӣ бо волидайн, дӯстон, омӯзгорон ва ғ.) маҷбуранд, ки аксари рӯзро ва баъзан ҳатто шабҳоро, дар кӯча гузаронанд. Ин падида миқёси бухрони давлатиро касб кардааст. Кӯдакони беназорат гурӯҳи хавфи махсус ҳамчун паҳнкунандагони бемориҳои барои ҷомеа хатарнок ва ҳамчун шахсони ба қонунвайронкуниҳо ва ҷинояткориҳо моил мебошанд.

Бояд зикр кард, ки «кӯдакони хиёбонӣ»–и беназорат ва бепарастор заминаи мусоиди қонуншиканӣ мебошанд. Аз ин рӯ, ин мушкилот барои давлат яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад ва барои ҳалли он, пеш аз ҳама, сабабҳои ин падидаи манфиро муайян кардан лозим аст.

Зери мафҳуми «сабаб», аввалан, падидае, ки падидаи дигареро ба вуҷуд меорад ё тавлид мекунад; дуввум, асос, баҳона барои ҳар гуна амал, рафтор (ангеза, андеша, ваҷҳе, ки боиси ҳар гуна амал мешавад), сеюм, ҳолати ғайричашмдошт, вазъиятҳои душвор фаҳмида мешавад [6, с. 24].

Табақабандии ҷомеа аз рӯи мақом, афзоиши ҳиссаи аҳолӣ, қарор доштан зери хатти камбизоатӣ ба кӯдакон таъсири дарднок мерасонад. Кӯдакони оилаҳои камбизоат мекӯшанд, ки дар кӯча зиндагии беҳтареро ҷустуҷӯ кунанд; барои ба даст овардани некӯаҳволии моддӣ онҳо, одатан, бештар ба истифодаи чораҳои ғайриқонунӣ майл доранд.

Дар байни шароит ва сабабҳои пайдоиш ва паҳншавии беназоратии кӯдакон чунин омилҳоро ҷудо кардан мумкин аст:

– ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии вазъи ҷомеаи Тоҷикистон, ки паҳншавии беназоратии кӯдаконро муайян мекунанд;

– номукаммалии функсионалии оила ҳамчун омили тақвияти падидаи беназоратӣ ва бепарастории кӯдакон;

– бегонашавии кӯдакон аз муҳити мактаб ҳамчун заминаи беназоратии кӯдакон;

– камбудиҳо ва маҳдуд будани имкониятҳои иҷтимоисозии кӯдак дар муассисаҳои интернатӣ ҳамчун яке аз сабабҳои бепарасторӣ;

– мушкилоти ташкили фароғат ҳамчун омили паҳншавии бепарастории кӯдакон;

А.С. Макаренко ба рушди назария ва методикаи тарбияи кӯдакони бепарастор саҳми арзанда гузоштааст. Методҳои мутобиқсозии равонӣ – маънавиие, ки ӯ дар гурӯҳи кӯдакон таҳия карда, санҷидааст, мубрамияти худро дар рӯзҳои мо низ аз даст надодааст. Ӯ чунин мешуморид, ки тарбия ва таълими кӯдакони бепарастор махсусан дар синни то ҳаждаҳсолагӣ нақши муҳимро мебозанд. Ба ақидаи ӯ, барои он ки аз кӯдаки бепарастор инсони ҳақиқӣ тарбия карда шавад, бояд донист дар чандсолагӣ ӯ ба он табдил ёт. Агар писарбачаи бепарастори “тарбиягирифта” дар синни ҳаштсолагӣ гирифта шавад, мутмаин шудан мумкин нест, ки ӯ комилан тарбия ёфтааст, то даме ки ӯ ҳаждаҳсола нашавад [11, 46].

Баро беҳтар кардани фаъолияти раванди тарбиявӣ бо кӯдакони бепарастор А.С. Макаренко пешниҳод мекард, ки ҳамаи усулҳо истифода бурда шаванд, то ки хонаҳои кӯдакон муассисаҳои

истеъмолкунанда набуда, ба муассисаҳои тарбияи меҳнатӣ мубаддал шаванд. Дар айни замон меҳнати тарбиягирандагон бояд на танҳо ухдадорӣ, балки инчунин ҳуқуқ низ бошад. Меҳнат бидуни таҳсилот ва тарбияи ҷамъиятӣ – сиёсӣ фоидаи тарбиявӣ намеорад. Меҳнати эҷодӣ танҳо ҳамон вақт имконпазир аст, ки агар шахс ба он бо муҳаббат муносибат карда, фоида ва зарурати онро фаҳмад; барои он (шахс) шакли асосии зоҳир кардани шахсият ва истеъдод бошад. Инчунин меҳнат аҳамияти калонро дар рушди ҷисмонӣ дорад, ки унсури муҳим ва зарурии фарҳанги ҷисмонӣ маҳсуб меёбад [16, с. 149-150].

Тарбия, ба ақидаи А.С. Макаренко, на танҳо дар интиқоли тарибаи иҷтимоии насалҳои калон ба наслҳои хурд каст, балки инчунин таъсири мунтазам, мақсадно ба шуур ва рафтори инсон барои он мебошад, то ки мафҳумҳо, принсипҳо, тамоюлҳои арзишие ташаккул дода шаванд, ки шароити заруриро барои рушди шахсияти инсон ва омодасозии ҳаматарафи он ба фаъолияти ҷамъиятӣ ва фаъолияти меҳнатӣ фароҳам меоранд. А.С. Макаренко чунин мешумори, ки “...мубориза бо бепарасторӣ, бо тамоми маҷмӯи душвори он, ки онро ҳамроҳӣ мекунад, реҷа воситаи аз ҳама сарфакорона ва аз ҳама педагогӣ мебошад...” [13, с. 29].

Ба сифати воситаҳои муҳимтарини таъсир А.С. Макаренко чунин омилҳоро, аз қабили: гурӯҳи педагогӣ ё гурӯҳи тарбиягирандагон; фаъолияти ҳаррӯзаи тарбиягиранда (раванди азхудкунии донишҳо, кори пурмаҳсул, фаъолияти ҷамъиятӣ, азхудкунии дастовардҳои фарҳанг, худтарбиякунӣ ва ғайра); интизом ва реҷа; ҳавасмандсозӣ ва муҷозот; воситаҳои “бисёрсимо”: китоб, кино, театр, сафарҳо, дӯстӣ, ибрати шахсӣ, атрофи табиӣ ва ҷамъиятӣ ва ғайраро меҳисобид.

А.С. Макаренко талаботи умумиро ба ҷорӣ намудани низоми воситаҳои тарбияи инсонро таҳия кардааст: нақши пешбарандаи педагог дар тарбия ва ташкили фаъолияти хонандагон, ягонагии таълим ва тарбия, муайян кардани талаботҳои маънавӣ ба тарбиягирандагон, риояи талаботҳои ягона аз ҷониби гурӯҳи мураббиён, мувофиқати мазмун ва методҳои кори тарбиявӣ ба хусусиятҳои синну солии хонандагон, муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳои гурӯҳи педагогӣ ва гурӯҳи мураббиён, муассирӣ, муназзамӣ, пайдарпайӣ, амалисозии вазифаҳои тарбиявӣ [13, с. 34].

Мафҳуми беназоратӣ аксар вақт бо мафҳуми оворагӣ алоқаманд аст. Дар асарҳои худ В.С. Мухина якчанд сабабҳои тамоюл ба оворагардиро муайян мекунад:

– майл ба таассуроти нав, талабот ба сафар, ба даст овардани маълумоти нав. Олимон ин ҳолатро дромомания меноманд.

– кӯдакон аксар вақт аз сабаби номусоидии фазои хурд дар оила аз хона баромада мераванд. Ҷанҷолҳои байни волидайн, парокандашавӣ ва мунокишаҳои минбаъдаи оилавӣ боиси он мегардад, ки кӯдак «дар ҷустуҷӯи фаҳмиш дар кӯча аз хона баромада меравад».

– кӯдакон метавонанд хонаро бо сабаби муносибати сахт бо ӯ аз хона баромада раванд.

Дар аксарияти кӯдакон ва наврасони беназорат мушкилот бо солимии ҷисмонӣ ва равонӣ (бемориҳои сироятӣ, неврозҳо, зеҳнӣ коҳишёфта ва дигар патологияҳои рушди организм) ба вуҷуд меоянд.

Дар байни кӯдакони бепарастор зуҳуроти рафтори девиантӣ: тамокукашӣ, майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикомания паҳн мешаванд.

Оила шарти асосӣ барои ташаккули бомуваффақияти шахсият ва рушди равонии кӯдак мебошад. Набудани таҷрибаи иҷтимоисозии оилавӣ боиси таҳрифоти рушди шахсиятӣ ва равонии кӯдак мегардад, ки бо ноумедии эхтиёҷоти асосӣ вобаста ба шароити зиндагӣ дар кӯча алоқаманд аст [15].

Зарурати ҳифзи махсуси кӯдак ҳанӯз дар Эъломияи Женева оид ба ҳуқуқи кӯдак дар соли 1924 пешбинӣ шуда буд. Ҳуқуқҳои кӯдак – ин имкониятҳои муайяне мебошанд, ки ба кӯдакон барои он пешниҳод карда мешаванд, то ки зиндагӣ кунанд ва ба воя расанд [7].

А.С. Макаренко қайд мекард: «Тарбияи фарзандон муҳимтарин соҳаи ҳаёти мо мебошад. Тарбияи дуруст – пирии хушбахтонаи мо, тарбияи бад – ғаму андӯҳиояндаи мо, ин ашкҳои мост, ин гунохи мо дар назди одамони дигар, дар назди тамоми кишвар аст» [11, с. 82]. Волидон бояд дарк кунанд, ки онҳо нақши муҳими иҷтимоӣ – тарбияи шаҳрвандони ояндаро иҷро мекунанд ва ҳар як оилаи таҳкурсии ҷомеаи солим мебошад.

Беназоратии кӯдакон ва наврасон қадами аввал дар роҳи бепарасторӣ, гадоӣ, бадрафторӣ, вайрон кардани раванди муқаррарии иҷтимоисозии кӯдакон мебошад. Паёмадҳои харобиовари беназоратӣ вайрон шудани ҷузъи эҳсосотӣ – арзишии шахсият, ба даст овардани сифатҳои манфии ҳамгироӣ (хашмгинии баландшуда, изтироб, мунокишанокӣ ва ғ.), набудани таҷрибаи мусбати ҳаётӣ, малакаҳои модели асертивии рафтор, тамоюл ба рафтори ба одатдаромада, худмидоракунии субъективӣ мебошанд.

Беназоратӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ба пайдоиши рафтори ҷабрдида дар наврасон таъсир мерасонад. Иқомати иҷбории наврасоне, ки аз парастории волидайн маҳруманд, дар гурӯҳи хавфи иҷтимоӣ боиси ба вуҷуд омадани зуҳуроти ҷабрдида дар рафтори онҳо мегардад.

Сабабҳо, шароити пайдоиш, мушкилоти беназоратии кӯдаконро баррасӣ намуда, мо чораҳои зерини профилактикиро оид ба пешгирии беназоратии кӯдакон қайд менамоем:

– расонидани кумак ба оила дар марҳилаи аввали бӯҳрон, пеш аз он ки дар ҳолати аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок қарор гирад;

– кор бо оила зимни далелҳои мавҷуда ё хавфи муносибати сахти волидайн бо фарзанд, зӯроварии равонӣ ва психологӣ дар оила;

– барқарорсозии саривақтии оила ва кӯдак, аз ҷумла бо истифода аз марказҳои махсус гардонидашудаи кумак ба оилаҳо ва кӯдакон;

– ҳамкории байниидоравӣ ҳангоми кор бо ҳар як ҳолати вайронкунии ҳуқуқи кӯдак;

– огоҳ кардани волидон дар бораи усулҳои тарбия ва роҳҳои ба роҳ мондани муносибатҳои волидон ва фарзанд;

– истифодаи васоити ахбори омма барои ба таври муфассал равшан кардани масъалаи беназоратии кӯдакон ва таблиғи арзишҳои оилавӣ – д .

Қариб ҳамаи мутахассисон (ҷомеашиносон, омӯзгорон, психологҳо, криминологҳо) ба сифати яке аз муҳимтарин сабабҳои каҷрафтории ноболиғон тарбияи оилавиро меноманд. Олимоне, ки кори худро ба мавзӯъҳои насли ҷавон бахшидаанд, бо ин ё он роҳ ба масъалаҳои некӯаҳволии оила дахл мекунанд. Маҳз оила ниҳоди асосӣ дар раванди иҷтимоисозии инсон аст, ки дар он хусусиятҳои асосии хислат, афзалиятҳо ва нуқсонҳои ояндаи он ташаккул меёбанд. Оила барои ҳар як инсон муҳим аст ва онро ягон муассисаи дигар ё муассисаи иҷтимоӣ иваз карда наметавонад.

Дар доираи психология ва педагогика назарияе мавҷуд аст, ки исбот мекунад, агар ба кӯдаки навзоди то сесола диққат дода нашавад, аз меҳрубонӣ, муҳаббат ба нигоҳубин ё аз муоширати тамосӣ бо волидон маҳрум карда шавад, пас раванди ташаккули шахсият дорои каҷравиҳои муайян мебошад, чунин кӯдак аксар вақт аз сифатҳои муҳими иҷтимоӣ, аз қабили ҳамдардӣ, раҳм, меҳрубонӣ маҳрум аст [20].

Дар таҳқиқоти марбут ба оила, криминологҳо камбудиҳо ва нуқсонҳои онро омӯхтанд. Мо таҳсилоти оилавиро интиқолдиҳандаи шароити номусоиди ташаккули шахсӣ меҳисобидем, ки дар натиҷаи он як наврасе, ки ба ҷиноят моил аст, рушд кард. Аз ин рӯ, олимон дар асарҳои худ ба мушкилоти муносибатҳои оилавӣ, бӯҳронҳои оилавӣ диққати махсус доданд. Онҳо дар омӯзиши ин масъалаҳо саҳми бебаҳо гузоштанд.

Бояд қайд кард, ки таъсири номусоиди оила пас аз солҳои зиёд дар ояндаи ҷавон инъикос меёбад. Инро асарҳои А.Б. Сахаров ва Г.М. Минковский [14] тасдиқ мекунанд, ки маводи ба низом даровардашудаеро дорад, ки сатҳи номусоидии оилавӣ ва таъсири онро ба иҷтимоишави наврасон тавсиф мекунад.

Олимон пешниҳод мекарданд хусусиятҳои зерини оила, ки ба рушди кӯдак таъсир мерасонанд, муайян карда шаванд: а) шароити зиндагӣ; б) даромади оила; в) таркиби оила; г) арзишҳо ва ташмоюлҳое, дар оила ҷонибори карда мешаванд; г) шаклҳои тарбияи оилавӣ. Ҳар як ҷузъи хусусиятҳои номбаршуда маълумотро дар бораи дараҷаи номусоидии оила дар бар мегирад. Муносибатҳои хусусияти ахлоқидошта муносибатҳои байни волидон ва фарзандонро муайян мекунанд. Намунаи бад муносибатҳои тарафайни наслҳост, вақте ки кӯдак худро дар оилааш «бегона», нолозим ҳис мекунад, алахусус вақте ки ӯ нисбати худ муносибати душманонаро ҳис мекунад [20].

Масъалаи беназоратии насли наврас мустақиман бо масъалаҳои номусоидии оилаҳо зич алоқаманд аст. Мафҳуми «беназоратӣ» бояд ҳамчун шартӣ, ки дорои хусусияти абзорӣ мебошад, истифода шавад Ин мафҳум дар ҳолате истифода мешавад, ки ноболиғон дар шароити таъсири номусоид ва манфии иҷтимоӣ аз тарафи ҷаҳони беруна дар ҳама ҳолатҳое, ки кӯдак волидони қонунӣ дорад ё надорад (аз ҷумла ятимон, бепарасторӣ ва ғ.), қарор дошта бошанд [1].

Олими маъруф Ҷ.М. Глозман таърифи мафҳуми «беназоратӣ» –ро дода, чунин мешуморад, ки кӯдакони беназорат дар натиҷаи мавҷуд набудани назорат аз ҷониби волидон ё парасторон пайдо мешаванд. Ин падида яке аз шаклҳои бадрафтории иҷтимоии ноболиғон буда, сабаби чунин паёмадҳо, аз қабили дарсгурезӣ, оворагардӣ, истеъмоли машруботи спиртӣ ва нашъамандӣ, ҷинояткорӣ, каҷраторӣ мебошад [5].

Ин мафҳум дар луғати кори иҷтимоӣ каме дигар хел тафсир карда мешавад. Ҳамин тариқ, ба ноболиғони беназорат кӯдаконеро нисбат медиҳанд, ки бо ин ё он сабаб аз ҷониби волидон таваҷҷуҳ ва тарбияи дуруст надоранд.

Беназоратӣ, аз як тараф, метавонад бо як қатор сабабҳо ба каҷрафторӣ ва, аз тарафи дигар, ба нуқтаи ибтидоии гузариши ноболиғ ба категорияи беназоратон табдил ёбад.

Олими россиягӣ П.И. Люблинский ин зуҳуротро ҳамчун «ҳолати ғайримуқаррарии иҷтимоии ноболиғ ...» медонист. Олим дар навиштаҳои худ қайд кардааст: «Беназоратӣ як ҳолатест, ки хислати кӯдак ва он муҳити иҷтимоиеро, ки вай дар он ба воя расида, тарбия меёбад, муайян мекунад» [10].

Бояд қайд кард, ки пас аз он ки кӯдак ба ҳолати бепарасторӣ мегузарад, ин маънои қатъ шудани муносибатҳои ҳуқуқии оилавиро надорад. Тамоми ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои аз ҷониби қонунгузории оила пешбинишуда бояд иҷро карда шаванд.

Тарбиягирандагони муҳити кӯча дар оянда аксар вақт қонуншикан ё ҷинояткор, интиқолдиҳандаи «сирояти иҷтимоӣ» – и хатарнок шуда, шумораи торафт зиёди кӯдаконро ҷалб мекунад, ки дигар онҳо наметавонанд шаҳрванди сазовори ҷомеа шаванд

Дар хориҷа, Э. Кречмер [9] ва Э. Дюркгейм асарҳои худро ба муайян кардани омилҳо ва сабабҳое, ки ба каҷрафторӣ ва содир шудани ҷиноят дар кӯдакон мусоидат мекунанд, бахшидаанд. Олимон қайд кардаанд, ки шароити муҳити атрофи кӯдак дар ташаккули хусусиятҳои каҷравии кӯдак нақши ҳалкунандаро мебозанд.

Инчунин, ин нуқтаи назарро Э Э. Торндайк [19] ва Б. Скиннер [18, с. 60-67], ҷониборӣ карда, чунин мешумориданд, ки муҳити иҷтимоии кӯдак заминаи ибтидоии зуҳури хусусиятҳои фардии шахсияти рушдёбандаи кӯдак мебошад. Дар айни замон, М. Холл нақши майлҳои табиии кӯдакро қайд карда, изҳор мекард, ки чизеро, ки аз табиат аз вақти таваллуд шудан дода мешавад, тағйир додан номумкин нест, аммо фақат ислоҳ ворид кардан мумкин аст.

Аз нуқтаи назари Ҷ. Пиаже [17] ва Ҷ. Брунер [3], инсон аз хурдӣ хусусияти таҳқиқотӣ нишон медиҳад, худаш олами атрофро меомӯзад ва вазифаи асосии волидон ва омӯзгор он аст, ки ӯро ба омӯзиши ҷузъҳои мусбати дунё ҳидоят намоянд.

Олими маъруф А. Коэн [8, с. 290-295] изҳор доштааст, ки таъсири бузургро ба рушди зуҳуроти гуногуни рафтори зиддиҷтимоӣ микромуҳит, инчунин субмаданияти ҷиноятӣ, агар фарҳанги ҷомеа ба бӯҳрони назаррас дучор шуда бошад, мерасонад. Э. Уилсон таваҷҷуҳи худро ба ҷузъҳои биологӣ, генетикӣ ва иҷтимоӣ тамаркуз кардааст. Онҳо ба рушди кӯдак, наврасе аз назари педагогӣ беназоратмонда таъсир мерасонанд. Э. Уилсон қайд мекард, ки каҷравиҳое, ки дар рафтори ноболиғон зоҳир мешаванд, бартараф кардан номумкин аст, аммо шакл ва сабабҳои онҳоро омӯхта, ислоҳ кардан мумкин аст [21].

Муаллифи таҳқиқотҳои сершумор С.А. Беличева менависад, ки «қонунвайронкунӣ – ин як навъ амалест, ки аз меъёрҳо, қоидаҳо, ба истилоҳ, дур рафтааст, ба қавле оқибатҳои хусусияти мулоимдошта, дигар зуҳуроти иҷтимоӣ дорад, ки ба ҷомеа, давлат зарари назаррас намерасонанд, дар айни замон, наврас ҳанӯз ҷинояткор нашудааст, аммо дар хати гузариш қарор дорад” [2].

Ҳамин нуқтаи назарро дар асарҳои худ М.А. Галагузов ҷонибори мекунад [4]. Вай қонунвайронкуниҳои ноболиғонро ҳамчун “кирдорҳои такрорёбандаи зиддиҷамъиятии кӯдакон ва наврасон, ки ба стереотипи муайяни устувори амалҳое ташаккул меёбанд, ки меъёрҳои ҳуқуқиро вайрон мекунанд, вале бо сабаби хавфи маҳдуди ҷамъиятии онҳо ва ё нарасидани кӯдак ба синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ дар пайи худ ҷавобгарии ҷиноятиро надоранд”.

Масъалаи шахсият ва рушди онро дар синну соли кӯдакӣ мавриди баррасӣ қарор дода, мо ҷонибдори мавқеи С.Д. Рубинштейн ва В.С. Мухина дар бораи он ҳастем, ки шахсият дар ҳастии воқеӣ ва худшиносии худ он чизест, ки шахс, худро ҳамчун субъект дарк карда, бо “Ман” – и худ меномад. “Ман” – ин шахсият дар маҷмӯъ аст, ки дар худшиносӣ инъикос ёфтааст. Рушди шахсият – ин рушди қобилияти субъект будан дар ҳаёти шахсии худ дар кӯдак мебошад.

Мо ғояи А.В. Петровскийро дар бораи он тасдиқ мекунем, ки манбаи рушд ва тасдиқи шахсият дар синну соли кӯдакӣ зиддият байни талаботи кӯдак ба шахс будан ва манфиатдории объективонаи умумияти референтӣ дар қабул кардани зуҳуроти фардияти ӯ мебошад.Давраҳои синну соли томактабӣ ва хурди мактабӣ даврони кӯдакиро ташкил медиҳанд, ки нақши он дар болоравии шасият ба камолоти иҷтимоӣ асосан аз мутобиқсозии иҷтимоӣ иборат мебошад. Маънои он аз тарбияи шаҳрванди қонунро риоякунанда бо муносибати арзишӣ ба худ ва дигарон иборат мебошад.

Рушди шахсият – ин раванди ягонаи иҷтимоишавӣ ва фардишавӣ, ки механизмҳои онҳо айниятиятдиҳӣ ва фарқноккунӣ мебошад. Азхудкунии айниятдиҳӣ ҳамчун қобилияти ба дигарон нисбат додани хусусиятҳо, майлу рағбатҳо ва ҳиссиёти худ ба дигарон ва, баръакс, эҳсос кардани аз дигариҳо ба монанди азони худ, боиси ташаккули механизмҳои рафтори иҷтимоӣ, сифатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, азудкунии нақшҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои конвентсионалӣ мегардад. Фарқноккунӣ азхудкунии рафтор, тамоюлҳои арзишӣ ва ангезаҳои инсонро фардӣ кунонида, рушди инфиродии худшиносии онро муайян мекунад (В.С. Мухина).

Ташаккули шахсияти кӯдак дар натиҷаи амали муштараки як қатор равандҳо амалӣ мешавад: ботинии алоқаманд бо тағйироти психофизиологии худ, кӯшишҳо барои худтағйирдиҳӣ, фаъолнокӣ дар азудкунии муҳити атроф, интериоризатсия (дохилӣ кардан) ва азхудкунии шахсиятии таҷрибаи иҷтимоӣ, фарҳанг, ва берунии алоқаманд бо ин ё он таъсирот ба шахсият, кии ба тарбияи он нигаронида шудаанд.

Барои кӯдакони синну соли томактабӣ ва хурди мактабӣ таъсироти муҳитӣ бо доираи ками муошират (оила, боғчаи кӯдакон, мактаб, маҳал) маҳдуд мебошанд, ки ягонагии ду зернизомҳои асосии иҷтимоӣ: зернизоми ибтидоӣ “калонсол – кӯдак” ва зернизоми ба он дар марҳилаи муайян

ҳамроҳшавандаи “кӯдак – кӯдак” – ро муаррифӣ мекунад. Бинобар махсусияти синну соли кӯдакӣ, нақши муҳимтарин дар микромуҳити иҷтимоии кӯдак ба микроҷомеаи тарбиявӣ – волидайн он ва педагогҳо тааллуқ дорад, ки таъсироти онҳо ба кӯдак метавонад дорои хусусияти самтдодашуда ва стихиявӣ, мустақим ё ғайримустақим, мусбат ё манфӣ дошта бошад. Ин таъсир бо референт будани калонсол барои кӯдак, “таъсири партав” – и педагог ва “иррадиатсия” – и эътибори он ба тамоми низоми муносибатҳо ва тамоюлҳои арзишии кӯдак, бартарӣ доштани механизмҳои айниятдиҳӣ ва мутобиқсозӣ, инчунин мавқеи иҷтимоии кӯдак “ман дар ҷомеа”, ки талаботи ӯро ба пайвастани худ ба ҷомеа татбиқ менамояд, тақвият дода шудааст (А.В. Петровский, Д.И. Фельдштейн, А.В. Мудрик, В.Г. Бочарова). Кӯдак таҷрибаи иҷтимоиро дар фаъолияти муштарак ва муошират бо калонсолон азхуд мекунад. Микромуҳити иҷтимоӣ, ки чунин ҷузъи таркибӣ, ба монанди ҷомеаи ҳамсолонро низ дар бар мегирад, манбаъ, қувваи ҳаррактдиҳандаи рушди шахсияти кӯдак, омили муҳим ва шарти тарбия ва иҷтимоишавии он мебошад. Аммо, ҳар гуна унсур ба кӯдак таври гуногун таъсир мерасонад; ҳолатҳои беруна, таълим ва тарбия ҳамеша аз тариқи шартҳои ботинӣ дар вазъияти мушаххаси рушди он амал мекунанд (Л.И. Божович, А.В. Запорожетс, В.С. Мухина).

Кӯдак махлуқи табиие мебошад, ки ба худрушддиҳӣ қодир буда, дорои истеъдодҳои табиӣ, қувваҳои ботинӣ ва ангезаҳо барои рушди беихтиёронаи онҳо мебошад. Ба қадри калоншавӣ кӯдак ҳарчи бештар ба субъекти рушди шахсии худ аз тариқи фаъолияти муштарак бо муҳити предметӣ ва иҷтимоӣ табдил меёбад, агар ҳанӯз дар синну соли кӯдакӣ ӯ дараҷаҳои кофии озодиро барои зоҳир кардани субъектӣ будан ба даст оварда бошад (Б.Г. Ананев, Л.С. Виготский, Б.Т. Лихачев, А.В. Петровский ва дигарон).

Ниҳоят, барномаи кор оид ба пешгирии беназоратии кӯдакон бояд дар асоси принсипҳои ягонагии ташхис ва ислоҳ, пайдарҳамӣ, маҷмӯавӣ ва принсипи фаъолиятии ислоҳ бунёд ёфта, аз блокҳои ташхисӣ, ташаккулдиҳанда – барқарорсозанда, назоратӣ иборат буда, чорабиниҳои тамоюли шахсиятӣ, байнишахсиятӣ ва микроиҷтимоидоштаро бо истифодаи шаклу усулҳои фаъоли кумак дар бар гирифта бошад. Сиёсати иҷтимоии давлат дар соҳаи кӯдак бояд ҳамаҷониба ба кам кардани таъсири паёмадҳои манфии равандҳои иҷтимоӣ, ки ҳоло дар ҷомеа ба амал омада истодаанд, мусоидат намуда, инчунин шароитро барои пайдоиши ниҳодои нави иҷтимоӣ, ки талабот ва манфиатҳои кӯдаконро пурратар қонеъ мегардонанд, фароҳам орад.

**АДАБИЁТ**


1. Антонян Ю.М. Причины преступного поведения. М., 2002; М.М. Бабаев, М.С. Крутер «Молодежная преступность» / Ю.М. Антонян Издательство: Юристь, 2006.
2. Беличева С.А. Сложный мир подростка. – Свердловск: Средне–Уральск. Книжное / С.А. Беличева-изд–во, 1984.
3. Брунер Дж. Психология познания. За пределами непосредственной информации Пер. с англ. –/ Дж.Брунер (Общественные науки за рубежом. Философия и социология) М.: Прогресс, 1977. – 413 с.
4. Галагузова М.А. Социальная педагогика: Курс лекций. / М.А. Галагузова – М.: Гуманит. изд. центр ВЛАДОС, 2000.
5. Глозман Ж.М. Личность и нарушение общения. / Ж.М. Глозман М. 1987.
6. Зисс В.Э. Преобразование нравственной позиции педагогически запущенных подростков в деятельности, основанной на нравственном выборе / В.Э. Зисс, С.А. Расчетина. – Новосибирск: НОИУУ, 2015. – 60 с.
7. Конвенция о правах ребёнка (одобрена Генеральной Ассамблеей ООН 20.11.1989) (вступила в силу для СССР 15.09.1990).
8. Коэн А.К. Отклоняющееся поведение и контроль над ним. / А.К. Коэн // Американская социология. М., №5, 1972. С.290–295.
9. Кречмер Э. Строение тела и характер. М: Педагогика Пресс, 1995; / Э. Кречмер, Э. Дюркгейм Норма и патология. Издательство: Прогресс Место издания: Москва, 1966.
10. Люблинский П.И. Борьба с преступностью в детском и юношеском возрасте. Социально–правовые очерки / Люблинский П.И. – М.: Юрид. изд–во НКЮ СССР, 1923.
11. Макаренко А.С. О воспитании в семье. –М.: Учпедгиз, 1955. –1988. – 486 с.
12. Макаренко А.С. Пед. соч.: Т. 7. Педагогика, 1983.
13. Макаренко А.С. Пед. соч.: Т. 8, 1983.
14. Миньковский Г.М. Особенности расследования и судебного разбирательства дел о несовершеннолетних. / Г.М. Миньковский М.: Госюриздат, 1959.
15. Мудрик А.В. Социальная психология воспитания. – М.: МПСУ, 2017.
16. Неустроев А.Н. Воспитательные идеи А.С. Макаренко и современная проблема детской беспризорности // Научно–методический электронный журнал «Концепт». – 2017. – Т. 11. – С. 149–150. – URL: http://e–koncept.ru/2017/770184.htm.
17. Пиаже Ж. Речь и мышление ребенка. М.,1994; Брунер Дж. Психология познания. М., 1977.
18. Скиннер Б. Оперантное поведение // История зарубежной психологии. 60–е годы XX в. / под ред. П.Я. Гапьперина, А.Н. Ждан. М., 1986. С. 60–97.
19. Торндайк Э. Принципы обучения, основанные на психологии. М., 1930.

20. Хибатова А.А. Анализ проблем безнадзорности и правонарушений несовершеннолетних в научной литературе // Психология, социология и педагогика. 2018. № 6 [электронный источник]. URL: ttps://psychology.snauka.ru/2018/06/8615 (дата доступа: 29.03.2021).
21. Эдвард У. О природе человека. – Кучково поле, 2015.

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ И СОЦИАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ БЕЗНАДЗОРНЫХ ДЕТЕЙ

*В статье рассматриваются педагогические и социальные аспекты формирования личности безнадзорных детей. Автор отмечает, что дети из бедных семей пытаются найти лучшую жизнь на улице; для достижения материального благополучия они обычно более склонны к незаконным мерам. На основании анализа многочисленных работ автор приходит к выводу, что социальная педагогика, психология, социология продолжают интенсивные теоретические, исследовательские, а также научно-практические поиски новых форм и технологий в образовательной деятельности, а также в направлении создания эффективных технологий социально-педагогической деятельности в области социализации и успешной адаптации безнадзорных детей.*

***Ключевые слова***: *педагогическая и социальный аспект, личность, бенадзорный ребенок, родители, семья, образовательное заведение, поведение, отклонение, профилактика безнадзорности.*

## PEDAGOGICAL AND SOCIAL ASPECTS OF THE FORMATION OF THE PERSONALITY OF STREET CHILDREN

*The article examines the pedagogical and social aspects of the formation of the personality of street children. The author notes that children from poor families are trying to find a better life on the street; to achieve material well-being, they are usually more prone to illegal measures. Based on the analysis of numerous works, the author comes to the conclusion that social pedagogy, psychology, sociology continue intensive theoretical, research, as well as scientific and practical searches for new forms and technologies in educational activities, as well as in the direction of creating effective technologies of social and educational activities in the field of socialization and successful adaptation of neglected children.*

***Key words***: *pedagogical and social aspect, personality, neglected child, parents, family, educational institution, behavior, deviation, prevention of neglect.*

***Сведение об авторе***

***Джумаев Мухиддин Рахмоналиевич*** *– аспирант кафедры психологии Кулябский государственный университет имени Абуабдуллохи Рудаки*

***About the author***

***Jumaev Mukhiddin Rakhmonalievich*** *- post-graduate student of the Department of Psychology Kulyab State University named after Abuabdulloha Rudaki*

**УКД 373 (575.3)**

## ОМОДАГИИ ОМӮЗГОРОН БА ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ

***Эшова Г.С.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Дар Паёми Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид гардидааст: “Дар марҳилаи кунунии пешрафти Тоҷикистон ба соҳаҳои илму маориф афзалияти аввалиндараҷа дода мешавад, зеро онҳо дар таҳкими пояҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ нақши калидӣ мебозад” [11, с.22]

Аз ин рӯ, дар омода намудани мутахассисони соҳибкасб тибқи талаботи афзояндаи бозори меҳнат муносибатро дигар намудан зарур аст. Бозори муосири меҳнат нисбат ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ талаботи нав ба навро ба миён мегузорад. Барои қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнат ба мутахассисони варзида танҳо дониши баланд кифоят намекунад, ӯ бояд соҳиби маҳорат ва малакаи кордонӣ бошад ва бисёр масъалаҳои ҳаётиро мустақилона ҳал карда тавонад.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Ҳукумати кишвар, пайваста кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки низому равиши таълимро ба талаботи замон ва дурнамои рушди мамлакат мутобиқ намуда, тадбирҳои муайяну мушаххасро дар ин самт амалӣ гардонад. Ба тасвиб расидан ва андешидани чораҳои амалӣ дар татбиқи «Стратегияи рушди маориф барои солҳои 2012-

2020», ки дар он ҷорӣ намудани низоми таълими салоҳиятнокӣ пешбинӣ гардидааст, бозгӯӣ равшани ҷаҳонишавии таҳсилот мебошад [8, с.22]

Омода будани омӯзгорон ба фаъолияти инноватсионӣ дар низоми босалоҳият шароити муҳимми инкишофи таҳсилоти касбӣ маҳсуб меёбад. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар давраи истифода бурдани технологияи озмоишу санҷиш бисёр омӯзгорон дар куҷо ва чӣ тавр гузаронидани инноватсияро намедонанд ва муносибати босалоҳиятро дуруст дарк наменамоянд.

Мақсади асосии рӯ овардани мактабу маориф ба ин шакли фаъолият ҳар чӣ тезтар аз низоми куҳнаи анъанавӣ ба фазои ҷаҳонии таҳсилот ворид гардидан мебошад. Маълум аст, ки мавқеи асосиро дар навсозиҳои касбии омӯзгори муосир фаъолияти инноватсионӣ ва муносибати босалоҳият ишғол менамояд. Омода будани омӯзгорон ба фаъолияти инноватсионӣ дар низоми босалоҳият шароити муҳими инкишофи таҳсилоти ибтидоӣ маҳсуб меёбад.

Тавассути фаъолияти инноватсионӣ тағйирот ва инкишофи ҷараёни таълимӣ-тарбиявӣ бо мақсади ноил гардидан ба натиҷаҳои баланд, соҳиб гардидан бо донишҳои нав, таҷрибаҳои сифатан нави педагогӣ рӯй медиҳанд.

Дар зери мафҳуми омодагии омӯзгор ба фаъолияти инноватсионӣ тамоми сифатҳои касбии омӯзгор, ки ба навзозии фаъолияти педагогӣ равона гардидаанд, фаҳмида мешавад. Инчунин иқтидору тавоноии омӯзгор дар масъалаи пешниҳод намудани роҳ ва тарзи ҳалли мушкилоти мубрами таълим ва пайдо намудани тарзи дурусти самараноки, натиҷа ва ҳолати мавҷуда ҳосил мегардад.[12, с.14]

Инноватсия метавонад системаи муосири таълимро шуурона муътадил гардонад. Албата, ҳатмӣ нест, ки навгонӣ бошад, аммо ҳатмӣ он аст, ки худ аз худ фаъолият ба беҳтару хубтар гардидани фаъолият нигаронида шавад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки барои таъмини самаранок ҳамчун омӯзгори соҳибтахассус дар соҳаи фанҳои таълимӣ: омӯзгори фанни ҷудогона; омӯзгор-мураббӣ; омӯзгор таҳқиқотчӣ; омӯзгор-навовар ду омил мавҷуд аст:

1) омодагии равонии омӯзгор ба фаъолияти инноватсионӣ, тавре ки таҳқиқотҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ташаккули махсуси гурӯҳӣ, малака ва маҳорати фаъолияти рефлексӣ, аналитикӣ ва низоми тартиби фаъолияти амалӣ;

2) моил гаштани тамоми шаклҳои таҳсилоти касбӣ ба баланд бардоштани маҳорати касбии хатмкунанда, ҳамчун омӯзгор-касбият ба инкишофи бетанаффуси маҳорати касбӣ.

Дастоварди баландтарини омӯзгор дар фаъолияти педагогӣ омили асосии моҳияти инкишофи шахсият мебошад. Ба фаъолияти инноватсионӣ шуғл варзида, фаъолияти инноватсиониро инкишоф дода, омӯзгор худаш инкишоф меёбад.

Бояд қайд кард, ки кӯдакони давраи калони томактабӣ ва омодагӣ ба мактаб соҳиби таҷрибаи муайяни иҷтимоӣ буда, онҳо метавонанд мустақилона ба ҳаёти гурӯҳ ва кӯдакистон ворид гарданд. Ташкилу роҳбарии педагогӣ ба ҳаёту фаъолиятҳои кӯдакони 5-7 сола имконият медиҳад, ки омодагии онҳо ба мактаб таъмин гардад. [11, с.24]

Таҷҳизонидани хонаи гурӯҳ барои кӯдакони 5-7 сола хусусияти ба худ хос пайдо мекунад. Бо баробари он ки ҷой барои бозӣ, машғулиятҳо, мизу курсиҳо, ҷевонҳо ҷудо карда мешаванд, инчунин бозичаҳои замонавии электронӣ, оинаи нилгун, тамошои фиттаҳои махсус ва ғайраҳо дар ҳаёти кӯдакон нақши муҳим пайдо менамояд. Барои намудҳои меҳнат ва шаклҳои ташкили он шароитҳо таъмин карда мешаванд.[8, с.24]

Кӯдакон метавонанд бозиҳоро мустақилона интихоб ва ташкил намоянд. Мураббия бозиро ҳамчун як шакли ташкили ҳаёти кӯдакон дар давоми рӯз (пагоҳирӯзӣ, байни машғулиятҳо, дар машғулиятҳо, сайругашт, иду дилхушиҳо) истифода бурда онҳоро дар фаъолияти бадеӣ, эҷодкории кӯдакон ташкил менамояд. [6, с.9-18]

Маълум аст, ки кӯдакони 3-4 сола бо меҳнат, фаъолияти меҳнатии калонсолон мароқ зоҳир намуда майлу рағбати меҳнат кардан доранд ва мехоҳанд мустақилнокӣ, шахси арзишманд ва тавонгар будани худро нишон диҳанд. Бинобарин, мураббия ҳар рӯз меҳнати кӯдаконро ташкилу роҳбарӣ намуда дар ҷараёни он иҷро гардиданӣ вазифаҳои тарбияи ҷисмонӣ, ақлию зеҳнӣ, ахлоқӣ-иродавиро таъмин мегардонад. Тибқи талаботҳои барномаи таълимӣ- тарбиявии кӯдакистон номгӯй ва теъдоди машғулиятҳои таълимӣ зиёд гардида, доираи талабот ва шавқу рағбати донистагирии кӯдакон низ васеъ мешавад. [10, с.17]

Махсусан, машғулиятҳои тайёрӣ ба саводомӯзӣ, тарбияи хештаншиносӣ, ташаккулдиҳии тасаввуротҳои аввалини математикӣ фаъолгардонии кӯдакон ва истифодабарии усулҳои фаъол, ҳамфаъоли таълим, шаклҳои гуногуни ташкили фаъолияти донишомӯзониро талаб менамояд.

Дар ҳаёти кӯдакон муошират ва муносибатҳои байниҳамдигарӣ нақши муҳимро мебозад. Шакли нави муошират-муошират шахсӣ, расмӣ ва вуҷуд омода мазмуни онҳо мукаммал мегарданд. Мураббия ба тарбия намудани одоби муошират, риоя кардани қоида ва меъёрҳои рафтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ диққати махсус медиҳад.

Бояд қайд кард, ки ташкили раванди педагогӣ дар муассисаи томактабӣ ва самти

афзалиятбахши онро иҷро гардидани мақсаду вазифаи ташаккулдиҳии шахсияти кӯдакон, иҷро намудани вазифаҳои тарбиявӣ ташкил менамояд.

Мазмун, моҳият, мақсаду вазифаҳои тарбиявӣ вобаста ба хусусиятҳои синнусолии кӯдакон, талаботҳои барномавӣ муайян карда мешаванд. Зарурияти ташкил намудани раванди ягонаи педагогиро амалӣ гардондани Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак (аз рӯзи таваллуд то 7 (6) солагӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва барномавӣ-методӣ талаб мекунад. Дар ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо ба истифодабарии арзишҳои маънавию моддӣ, тайёр намудани кӯдакон ба мактаб, тарбияи насли созандаю бунёдкор, чун вазифаи асосии волидон ва муассисаҳои томактабӣ таъкид гардидааст.

Ба пешрафти соҳаи тарбияи томактабӣ, беҳтар намудани таъминоти методию таълимии он қабул карда шудани «Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 2006-2010» таъсири калон расонид. Чунки он самтҳои асосии пешрафти соҳаро дар беҳдошти кори таълиму тарбиявӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш, маҳорату малакаҳои касбии кормандон, ғанӣ гардонидани заминаҳои методию таълимии таълимгоҳ, коркарди барномаҳои алтернативии таҳсилотӣ, ҷалб намудани хонавода ва аҳли ҷомеа ба тарбияи кӯдакони хурдсол мебинад.

Кӯдакони мо дар давраи муҳими ташкил ва такомули низоми давлатиии таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбия меёбанду таълим мегиранд. Маълум аст, ки зинаи аввалини таҳсилот, таҳсилоти томактабӣ аст, ки он дар хонавода ва ҳамаи намудҳои муассисаҳои томактабӣ ба амал бароварда мешавад.

Маҳз зарурияти тарбия, таълим ва таҳсилоти томактабиро ба ҳисоб гирифта Вазорати маориф ва илми кишвар дар назди кормандорни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, аҳли илм вазифа гузошт, ки Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ таҳия ва барои тасдиқ намудан ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад. Ин амал таҳти роҳбарии Академияти таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо иштироки кормандони илмӣ, педагогӣ, адибони бачагона ва мададу дастгирии ташкилоти байналмиллалии «Хазинаи кӯдакон»-и Созмони миллали муттаҳид иҷро гардид. Аввалин Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ, аввалин шуда моҳи декабри соли 2010 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид. [8, с.29]

Барои амали гардонидани Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ имрӯз якчанд корҳо амалӣ гардида истодаанд. Яке аз онҳо таҳия ва дар амал тадбиқ намудани Барномаҳои таъмин намудани омодагии кӯдакони ба кӯдакистонҳо, фаро гирифта нашуда ба мактаб мебошад. Маълум аст, ки бо сабабҳои гуногун 94-95% кӯдакон ба кӯдакистонҳо фаро гирифта нашудаанд ва зарурияти ба мактаб, таҳсилу тадриси мактабӣ омода намудани онҳо ба миён омадааст.

Маҳз ташкил намудани гурӯҳҳои кӯтоҳмуддат (то 3-моҳ) ва Марказҳои кӯдакони синни томактабӣ дар назди кӯдакистонҳо, мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва ҷамоатҳо имконият медиҳанд сатҳ ва меъёри муайяни омодагии кӯдакон ба мактаб таъмин гардад.

Сазовори қайд кардан аст, ки ба Қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи таълимии кӯтоҳмуддати омодагии кӯдакони 5-7 (6) сола ба мактаб» тасдиқ гардид. Инчунин бо қарори мушовараи Вазорати Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи таълимии омодагии пешазмактабии кӯдакони 5–7 (6) сола» тасдиқ гардид.

Барномаи мазкур вазифаҳои асосии тарбия, таълим ва инкишофи кудакони синни 5-7 (6) соларо муайян менамояд. Ҳама қисматҳои барнома дар мувофиқа бо нишондодҳои «Барномаи давлатии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015», «Стандарти давлатии таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мураттаб гардида, барои инкишофи ақлӣ, ҷисмонӣ, иҷтимой-шахсӣ, бадей-эстетикии кӯдакон равона шудааст ва муттасилии таҳсилоти томактабию ибтидоиро таъмин менамояд. Ба барнома натиҷаи тақиқотҳои илмии олимону мутахассисони ҷумҳурӣ, давлатҳои ИДМ дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ ворид гардидаанд.

Таҷрибаи амалӣ бурду бохти ин барномаро муайян намуда, минбаъд тағйиру такмилдиҳии онро дар асоси баҳисобгирии дархосту пешниҳоди мураббиёни кӯдакистон, муаллимони синфҳои ибтидоӣ, волидон, олимонро дар назар дорад. Фарогирии кӯдакон ба мактаб аз синни 6-солагӣ, таҳлилу такмилдиҳии ҳамаи барномаҳоро талаб мекунад.

Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар яке аз дастовардҳои муҳими соҳаи таҳсилоти томактабӣ ин мавриди истифодабарӣ қарор гирифтани барнома ва технологияи байналмиллалии таҳсилотӣ, дар хонавода, кӯдакистон ва мактабҳо мебошад.

Масъалаи дигари таҳсилоти томактабӣ ин истифодабарии унсурҳои таълим ва таҳсилоти инклюзивӣ-фарогир дар кӯдакистонҳо мебошад. Бояд ба ҳисоб гирифт, ки кишвари мо бо фазои ягонаи таҳсилотӣ ворид гардида, аз дастовардҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи таълиму тарбия, таҳсилоту маълумотгирӣ ҳамарӯза истифода мебарад.

*Мувофиқи талаботҳои ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ «Декларатсия оид ба ҳуқуқи кӯдак» (1959), «Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак» (1989), ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҳукумати*

*Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1994, 2002), Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» (1993, 2004), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи оила» (1999), «Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2007) ва ғайраҳо бачагони имконияти маҳдуддошта (имконияти ақлашон суст, ноқисиҳои узвҳои нутқронӣ, шунавоӣ ва биноӣ дошта, нуқсонҳои ҷисмонӣ дошта новобаста ба синну сол, ҷинс, мавқеи иҷтимоӣ, миллат) чун ҳамсолони солими худ ҳуқуқи зиндагӣ кардан, таҳсилоту маълумотигирӣ ва аз худ намудани арзишҳои маънавию моддиро доранд.[9, с.35]*

Масъалаи дигари таҳсилоти томактабӣ ин истифодабарии унсурҳои таълим ва таҳсилоти инклюзивӣ-фарогир дар кӯдакистонҳо мебошад. Бояд ба ҳисоб гирифт, ки кишвари мо бо фазои ягонаи таҳсилотӣ ворид гардида, аз дастовардҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи таълиму тарбия, таҳсилоту маълумотгирӣ ҳамарӯза истифода мебарад.

Тули 20 соҳибистиқлолии кишвар ва дигаргуниҳои ислоҳоти соҳаи маориф ба фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ низ тағиротҳо ворид гардид. Сарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудааст, ки «барои беҳтар намудани сифати таълиму тарбия ислоҳотро пеш аз ҳама дар муассисаҳои томактабӣ бояд тавсеа бахшид». Мо оғози дигаргуниҳои ислоҳоти соҳаи томактабиро пеш аз ҳама дар далелҳои зайл мебинем:

- таъсисёбии муассисаҳои таҳсилотии томактабии типпи нав; кӯдакистонҳои оилавӣ, хусусӣ, кӯдакистон-мактаб, кӯдакистон-гимназия;
- ҷорӣ гардидани хизматрасонии иловагии пулакӣ аз ҳисоби волидон ва шахсони ҳуқуқӣ (омӯзиши забонҳои хориҷӣ, таъмин намудани омодагии математикӣ ба мактаб);
- таҳия, нашр ва дастрас гардидани маводҳои методию таълимӣ барои волидон, кормандони кӯдакистон(бо иштироки устодони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ДҶТИБКМ, кормандони муассисаҳои томактабӣ) ва ғайраҳо. [11, с.27]

Фаъолият иҷрои амалҳои мақсаднокест, ки дар натиҷаи он алоқа ва таъсири мутақобилаи кӯдак ба ашёҳо, одамони гирду атроф таъмин карда мешавад ва дар натиҷаи таъсири фаъолиятҳо инкишофи шахсияти кӯдак таъмин карда мешавад. Фаъолияти кӯдакон аз тарафи калонсол ташкил ва роҳбарӣ карда мешавад ва он ба иҷрои вазифаҳои таълиму тарбиявӣ равона мегардад. Кӯдак дар раванди фаъолиятҳо чун объект ва субъекти фаъол иштирок намуда ҳаҷми муайяни дониш, маҳорату малакаҳоро аз худ менамояд, инкишоф меёбад.

Ба ҳамаи кӯдакон фаъолиятҳои бозикунӣ, таълимгирӣ ва меҳнат кардан хос аст. Ин фаъолиятҳо аз руи мақсад ва самти иҷро шудани худ боз ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд: маърифатӣ-донистагирӣ, таълимӣ-тасвирӣ, фароғатӣ-истироҳатӣ, бадеӣ, муошират намудан, варзишӣ, меҳнатӣ, бозикунӣ, ки дар навбати худ ҳар яки онҳо ба кӯдак ҳисси қаноатмандӣ мебахшад, иҷрои вазифаҳои таълиму тарбиявӣ, инкишофи шахсияти ӯро таъмин менамояд. Рӯҳ ва ҷисми кӯдак доимо талабот барои машғул шудан ба ин ё фаъолиятро дорад, ки он омили инкишофи шахсияти ӯ мегардад.

Бояд қайд кард, ки мазмун, мақсад ва вазифаи фаъолиятҳо вобаста ба синнусол ва мавқеи иҷтимоии кудакон тағйир меёбанд. Бинобарин дар илми педагогикаи томактабӣ ва психологияи бачагона мафҳуми «фаъолияти пешбаранда» (Л.С.Виготский, Д.Б. Элконин, А.Н. Леонтев ва дигарон) ворид карда шудааст, ки он дар раванди худ таълим, тарбия ва инкишофи кӯдакро таъмин менамоянд.

Таҷрибаи амалӣ ва тадқиқотҳои олимон нишон доданд, ки ба ҳар як давраи синнусолии инкишофи кудак фаъолятҳое хос мебошанд, ки онҳо ба талабот ва имкониятҳои кудак мувофиқат менамояд, мақсад, вазифа, иҷрои амалҳои махсусро талаб мекунад. Мазмун ва иҷро гардидани вазифаҳои таълиму тарбиявӣ дар раванди фаъолиятҳо ба шароиту имкониятҳои оила, кудакистон ва мактаб алоқаманд аст (А.Н. Леонтев, М.И. Лисина ва дигарон).

Барои кӯдакони то яксола фаъолияти аввалин ин муносибати эмотсионали ва эмотсионалӣ-ашёӣ бо калонсолон аст. Дар ҷараёни ин фаъолият дар кӯдак талабот бо таасуротҳои нав инкишоф ёфта тасаввуротҳои нав ҳосил мегардад. Бо баробари калон шудан кӯдак тарзи иҷрои амалҳоро зиёдтар аз худ мекунад, ки он воситаи зиёд шудани фаърлиятнокии ӯ мегардад. Иҷрои амалҳо ба заминаи ирсӣ-маҳорати тақлид карда тавонистан такя намуда барои идрок намудани атроф, амалҳо бо ашёҳо ва муошират бо калонсолон мадад мерасонад.[9, с.37]

Ташкил намудани муносибати эмотсионалӣ ва эмотсионалӣ-ашёӣ ба инкишофи фаъолияти донистагирӣ-маърифатӣ, амалҳо бо ашёҳо, муносибат ба одамони атроф, таъсир расонида он замина барои инкишофи минбаъда мегардад. Дар соли дуюми ва сеюми ҳаёт, ки он дар педагогикаи томактабӣ синни барвақти кудакӣ, давраи пешазтомактабӣ номида шудааст, амал кардан бо ашёҳо ва муошират бо атрофиён ба зинаи боло мебарояд. Он замина барои гузоштан барои фаъолияти бозикунии мустақилона ва фаъолияти мусаввирӣ-расмкашӣ суробсозӣ, тартибдиҳӣ ва баъдтар гулмонӣ мегардад.

Дар ҷараёни фаъолиятҳо махсусан муошират, худшиносӣ, мустақилнокӣ ва дигар сифатҳои шахсии кӯдак ташаккул меёбад.

Тадқиқотҳои олимон (Д.Б.Элконин, Т.П. Абдулова) ва таҷрибаи амалӣ нишон медиҳанд, ки дар бозиҳои гуногун фаъолнокии иҷтимоӣ, фаъолияти маърифатии кӯдакон инкишоф ёфта тасаввуротҳои онҳо оид ба ашёҳо, ҳодисаҳои иҷтимоӣ бой мегарданд.

Дар охири 2-3 солагӣ дар кӯдак майлу рағбат ба мустақилнокӣ зиёд гардида ҳангоми иҷрои амалҳо «Ман худам», «Ман метавонам»-ро истифода мебарад. Он заминаи ба вуҷуд омадани фаъолияти меҳнатӣ мегардад. Минбаъд иҷро намудани супоришҳои меҳнатӣ, меҳнати якҷоя бо ҳамсолону калонсолон имконият медиҳад, ки маҳорату малакаҳои меҳнатӣ, майлу рағбати меҳнаткунӣ ба манфиати одамони атроф, ҳаловат бурдан аз натиҷаи меҳнати худ ва дигарон ташаккул дода шавад. [13, с.15]

Фаъолияти таълимии кӯдакон дар раванди машғулиятҳои махсус ташкил кардашуда имконият медиҳад, ки ба онҳо доир ба ашёҳо, ҳодисаю воқеаҳои иҷтимоӣ, табиати иҳотакарда маълумот дода шавад, маҳорату малакаҳои иҷро намудани амалҳои фикрронӣ (таҳлил, таркиб, хулосабарорӣ, муқоисакунӣ) инкишоф ёбанд. Иҷрои амалҳои фикрӣ барои омодагии кӯдакон ба мактаб, таҳсилу тадрис хеле муҳим аст.

Дониш, маҳорату малакаҳо ва қобилияти фикрронии кудакон дар раванди меҳнат, бозиҳои гуногун ва ҳаёту зиндагии ҳаррӯза мустаҳкам ва васеъ гардонда мешаванд.Баъди ба мактаб рафтан на танҳо мавқеи иҷтимоии кудак тағйир меёбаду ба шахсияти ӯ талаботҳои нав пешниҳод карда мешавад, инчунин мазмун ва хислати фаъолиятҳо дигар мегарданд.

Таълимгирӣ дар дарсу машғулиятҳо, муошırату муносибатҳо дар доираи ҳамсолон-шарикдарсон, талабаи мактабхон будан иҷрои супоришҳои хонагӣ аз ӯ сифатҳои мустақилкунӣ, масъулиятшиносӣ, таҳаммулгароӣ, фаъолнокӣ, рафтори маданӣ, интизомнокиро талаб менамояд. [9, с.41]

Дар сарчашмаҳои илмӣ- педагогӣ самтҳои гуногуни таҳқиқоти фаъолияти инноватсионӣ тахминан чунин баён гардидаанд:

- *хусусиятҳои умумӣ ва махсуси ин шакли фаъолият дар асарҳои* Ф.Н. Гоноболина, В.И. Загвязинск, В.А. Кан-Калик, А.К. Маркова, Н.Д. Никандрова, Н.Р. Юсуфбекова мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтаанд.

- *аз нуқтаи назари омӯзиши дастовардҳои педагогӣ ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадам дар фаъолияти инноватсионии омӯзгорон дар асарҳои* Ю.К. Бабанский, М.М. Поташник, низ таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст.

- *оид ба хусусияти зуҳуроти инноватсионӣ дар системаи муосири таълим аз ҷониби* М.С. Бургин, В. Кларин, С.Д. Поляков, Л.С. Подымова, А.В. Хуторский пажӯҳиш анҷом дода шудааст.[2, с.174]

Дар илми педагогика фаъолияти инновационӣ, ҳамчун фаъолияти мақсадноки педагогӣ, ки ба дарки таҷрибаи амалии хеш тавассути муқобилгузорӣ ва омӯзиш нигаронида шудааст фаҳмида мешавад. Тавассути фаъолияти инновационӣ тағйирот ва инкишофи ҷараёни таълимӣ- тарбиявӣ бо мақсади ноил гардидан ба натиҷаҳои баланд, соҳиб гардидан ба донишҳои нав, таҷрибаҳои сифатан нави педагогӣ рӯй медиҳад.

Ба сифати вазифаҳои асосии фаъолияти инновационӣ тағйироти омилҳои ҷараёни педагогӣ: ба монанди мақсад, мазмуни таълим, шакл, услуб, технология, воситаҳои таълим, системаи идоракунӣ, муносибати босалоҳият ва ғайраҳо муарифӣ мешаванд. [3. С. 3-7]

Фаъолияти педагогии омӯзгор, агар дар болои методҳои кори як вақтҳо аз худ намудаи ӯ сохта шуда бошанд, арзишманд намегардад ва қимате пайдо наменамояд. Метод, дар ягон ҳолат доимӣ шуда наметавонад, он ҳамеша тағйир меёбад ва муккамал мегардад. Агар дар он чизҳои ба таври воқеъӣ мавҷудбуда барои ба даст овардани дастовардҳои баланд истифода бурда нашаванд, агар он иқтидори баланд бардоштани инкишофи шахсии омӯзгорро таъмин намуда натавонад, фаъолияти педагогии омӯзгор арзишманд гардида наметавонад. [1, с.9-15].

Албатта, характери фаъолияти инновационии омӯзгор аз шароити мавҷудаи муассисаи таълимӣ ва дараҷаи омодагии шахсии омӯзгор ба фаъолияти инновационӣ сахт вобаста мебошад. Дар зери мафҳуми омодагии омӯзгор ба фаъолияти инновационӣ тамоми сифатҳои касбии омӯзгор, ки ба навсозии фаъолияти педагогӣ равона гардидаанд фаҳмида мешавад. Инчунин иқтидору тавоноии омӯзгор дар масъалаи пешниҳод намудани роҳ ва тарзи ҳалли мушкилоти мубрами таълим ва пайдо намудани тарзи дурусти самараноки натиҷа аз ҳолати мавҷуда ҳосил мегардад. .[7, с.174].

Сарчашмаҳои ақидаҳои инновационӣ метавонанд инҳо бошанд:

- ҳодисаҳои ногаҳонӣ (барор ва нобарорӣ, ҳамчун такон ба инкишоф ё васеъ гардидани майдони фаъолият ё ба гузоштани проблемаҳо);
- фарқи номутаносибӣ (байни рафтори ҳақиқии кӯдакон, ва фаъолияти амалии омӯзгор);
- талабот ба ҷараёни педагогӣ (ҷойи сусти методиро бо андешаҳои нав пур кардан);

- пайдо намудани тамсилаҳои нави таҳсилотӣ;
- ба эътибор гирифтани факторҳои демографӣ;
- тағйирот дар арзишҳо ва омодагии кӯдакон (тағйр додани муносибати кӯдакон ба таълим, ҷустуҷӯйи шаклҳои нави муошират, баланд бардоштани рафторҳои касбӣ);
- донишҳои нав (консепсияи нав, муносибати нав бо таълим, методо ва технологияи мушаххас).

Хусусиятҳои фарққунандаи фаъолияти инновационии омӯзгор:
- навгонӣ дар гузориши мақсад ва вазифа;
- мазмуннокии амиқ;
- истифодаи нозуки методҳои пеш маъмул ва ворид намудани методҳои нав дар ҳалли вазифаҳои педагогӣ;
-коркарди консепсияи нав, мазмуни фаъолият, технологияи педагогӣ дар асоси инсондӯстӣ ва фардияти ҷараёни таълим;
- иқтидори огоҳона тағйир додан ва инкишофи хеш, ҳиссагузорӣ дар фаъолияти касбӣ; [4. С. 14].

Барои татбиқи фаъолияти инновационӣ омӯзгорон бояд дар гурӯҳҳо дар чунин шакл муттаҳид шаванд:
- иттиҳодияи методӣ аз рӯйи мавзӯи муайян ё самти фаъолият;
- гурӯҳҳои (эҷодӣ) проблемавӣ, ки дар он омӯзгорони самтҳои гуногун муттаҳид гардида, масъалаҳои ҷараёни талимиро татбиқ менамоянд;
- гурӯҳҳои, коркардкунандаи соҳаҳои ҷудогонаи аспектҳои методӣ дар ҷараёни таълим;
- гурӯҳҳои, ҳалкунандаи вазифаои муайяни давраҳои синнусолӣ дар таълим ва тарбияи кӯдакон.

Мақсади асосии фаъолияти инновационӣ - инкишоф додани маҳорати педагогии омӯзгор ва ба дараҷаи шахсияти педагогӣ расонидани ӯ мебошад. Омӯзгор дар фаъолияти педагогӣ навгониҳоро ворид намуда, ба фаъолияти самаранок дар ҷустуҷӯи мустақилонаи ҳалли вазифаҳои педагогӣ ва методӣ сафарбар мегардад.

Барои ба фаъолияти инновационӣ ворид намудани омӯзгорон бояд дар муассисаҳо оид ба ин масъала хонишҳои педагогӣ, машварат, семинар ва тренингҳо гузаронида шуда, омӯзгорон ба фаъолияти инновационӣ омода гардонида шаванд. Инчунин дар ҳар як муассиса комиссияи махсуси фаъолияти инновационӣ ташкил гардида бошад ва барои ҳавасмандии омӯзгорони натиҷаи дилхоҳро ноилгардида, тадбирҳои моддӣ андешанд.

Иштироки омӯзгор дар фаъолияти инновационӣ аз як тараф барои фаъолияти касбии ӯ агар амал манфиатовар бошад, аз тарафи дигар инновация мушкилоти зиёдро пеш меоварад, ки метавонад дар фаъолияти омӯзгорӣ бӯҳронро ворид намояд. [5, с.9-15].

**АДАБИЁТ**


1. Аҳмадбекова А. Бозӣ фаъолияти асосии кӯдакони синни томактабӣ / А. Аҳмадбекова // Масъалаҳои маориф. – 2015-№ 2 (39) С.9-15.
2. Баракина Т.В. Некоторые методические аспекты ознакомления младших школьников с устройством компьютера. / Т.В. Баракина // Информатика и образование, 2006.-№2.-174с.
3. Баракина Т.В. Развитие интеллекта при обучении информатике в начальной школе / Т.В. Баракина // Начальная школа плюс до и после. 2007.-№ 7.-С. 3-7.
4. Барномаи таълимии кӯтоҳмудати омодагии кӯдакони 5-7 (сола ба мактаб), Душанбе, 2010.-С.14.
5. Гуров В. Инновационная деятельность педагога / В. Гуров // Дополнительное образование и воспитание. - 2008. - № 2. - С. 9-15
6. Усова А. Роль игры в воспитании детей. / А. Усова М., 1976.-С. 9-18.
7. Калачикова О.Н. Исследование содержания и этапов вхождения педагогов в инновационную деятельность // Вестник Томского государственного университета. - 2008. - № 316. - С. 174.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маориф».-Душанбе.-2013. С.23,24,29.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон"Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ш.Душанбе, 26 декабри соли 2019, С. 22, 24, 27, 42, 49.
10. Разина Н.А. Профессионально-личностное развитие педагога в условиях инновационной деятельности образовательного учреждения / Н.А. Разина // Современные наукоемкие технологии. - 2008. - № 1.-С. 14
11. Сластенин В.А., Подымова Л.С. Готовность педагога к инновационной деятельности / В.А. Сластенин, Л.С. Подымова // Сибирский педагогический журнал. - 2007. - № 1. – 15с.


## ГОТОВНОСТИ ПЕДАГОГОВ К ИННОВАТЦИОННОМ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В НАЧАЛЬНОЙ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ


*В данной статье речь идёт о Послание Основателя мира и Национального единство, Лидер нации, уважаемый Эмомалӣ Раҳмон на Маджилиси Оли Республик Таджикистана от 26 декабрь 2019 и Закон Республик Таджикистана от «30» апреля 2012 года за № 200, О «Программа*

*государственного исправлениями развития начального и среднего профессионального образования Республики Таджикистан за 2012 - 2020».*

*Если педагогу, работающему в традиционной системе, достаточно владеть педагогической техникой, т.е. системой обучающих умений, позволяющих ему осуществлять учебно-воспитательную деятельность на профессиональном уровне и добиваться более или менее успешного обучения, то для перехода в инновационный режим определяющей является готовность педагога к инновациям.*

*Для того чтобы преподаватели вошли к деятельности инновации во всех образовательных учреждениях по етому вопросу нужно провести: педагогические чтение, собеседование, семинар ва тренинги, подготовили преподавателей к деятельности инновации. Также во всех образовательных учреждениях организовать специальной комиссии деятельности инновации, для поошерения отличивших преподавателей материальное ценностей.*

*Активное участие преподавателей к инновационное деятельности с другой стороны для его профисиональной деятельности если действие будит полезным, с другой стороны инноватсия приносит много трудности, это может приводить кризис в дейтельности преподавателей.*

*Конечно, характер инновационной дейтельности учителей от нахождениея условия образовательная учреждения строго зависить. Под словом готовности учителей к инновационном дейтельности, понимается всех професиональной качеств учителья направлено к перестройки дейтельности учителя. Также одарённость и способность учителья по вопросу предложение пути и виды решение трудности, актуальность обучение и найти рационально исползование возникшие ситуатсии.*

***Ключевые слова:*** *компетенции компетентность, инноватция, инновационный деятельность, исследователь, компетентный преподаватель, новые методы обучения, полезный, кризис, связано, актуальность, рационально.*

## TEACHERS' READINESS FOR INNOVATION ACTIVITIES IN THE PRIMARY EDUCATIONAL INSTITUTION

*This article deals with the Message of the Founder of Peace and National Unity, the Leader of the Nation, respected Emomali Raҳmon on the Majilisi Oli of the Republic of Tajikistan dated December 26, 2019 and the Law of the Republic of Tajikistan dated April 30, 2012 No. 200, and secondary vocational education of the Republic of Tajikistan for 2012 - 2020".*

*If a teacher working in a traditional system, it is enough to know the pedagogical technique, i.e. a system of teaching skills that allow him to carry out educational activities at a professional level and achieve more or less successful learning, then for the transition to an innovative mode, the teacher's readiness to innovate is decisive.*

*In order for teachers to enter into the activity of innovation in all educational institutions on this issue, it is necessary to conduct: pedagogical reading, interview, seminar and trainings, prepared teachers for the activity of innovation. Also, in all educational institutions, I organize a special commission of innovation activities, to defraud the material values that distinguished teachers.*

*The active participation of teachers in innovative activities, on the other hand, for his professional activities, if the action wakes up useful, on the other hand, innovation brings a lot of difficulties, this can lead to a crisis in the activities of teachers.*

*Of course, the nature of the innovative activity of teachers depends strictly on finding the conditions for an educational institution. The word teachers' readiness for innovative activity is understood as all the professional qualities of a teacher aimed at restructuring the teacher's activity. Also, the giftedness and ability of the teacher on the issue of proposing ways and types of solutions to difficulties, the relevance of training and finding a rational use of the situations that have arisen.*

***Key words:*** *competence competence, innovation, innovative activity, researcher, competent teacher, new teaching methods, useful, crisis, connected, relevance, rationally.*

***Сведения об авторе:***

***Эшова Гулчеҳра Самадовна*** *– соискатель кафедры общий педагогика Таджикского госудаственной педагогической университет им. С. АйниАдрес. г. Душанбе, проспект Рудаки 121, тел: (+992) 935059050*

***About author:***
***Eshova Gulchehra Samadovna*** *- Title Pedagogical department of the National Pedagogical University of the Tajikistan by nfme S. Ayni, Address:Dushanbe city, Avenue Rudaki 121, tel: (+992) 935059050*

**ИБРОҲИМИ ҲАЛАБӢ: ОШНОӢ БА ҲАЁТ ВА МЕТОДҲОИ ТАЪЛИФИ Ӯ**

***Ёрибеков Ф.А.***
*Академияи исломии Татаристони Федератсияи Россия*

Илму маориф яке аз муҳимтарин соҳаҳои рушди ҳар як кишвар ба шумор меравад. Мамолики пешрафтаи ҷаҳон на аз рӯи доштани саноати вазнину сабук ва техникаи пешрафтаву амсоли инҳо ба дараҷаҳои тараққиёту пешрафт расидаанд, балки муҳимтарин чизе, ки ба инкишофи онҳо таъсир бахшидааст, илму маърифат ва донише мебошад, ки дар ҳар давру замон ва дар ҳар вазъу ҳолат бо истифодаи оқилона аз он ба муваффақиятҳои беназир бурда мерасонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ бахшида ба Рӯзи дониш ва 70-солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (соли 2015) таъкид доштанд, ки "*Тамоми фикру андешаи ман ҳамчун Сарвари давлат дар баробари таъмин намудани сулҳу оромии мамлакат ба ҳалли масъалаҳои маориф ва дастгирии ин соҳаи барои ҷомеа ва давлат ниҳоят муҳим банд буд. Ва чунонки мушоҳида мекунед, ман ҳамаи имконоту василаҳоро ба хотири таҳким бахшидани пояҳои илму маориф равона карда, ба рушди ин соҳаҳои муҳими иҷтимоӣ диққати махсус медиҳам ва ин масъаларо ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати Давлат ва Ҳукумат бо истифода аз тамоми захираву имконот дастгирӣ менамоям*» [1].

Инчунин дар мавриди дорои аҳамияти хос будани илму маърифат таъкид карданд, ки: "*Бо дарназардошти нақши бузурги илму маърифат, Ҳукумати мамлакат дар даврони истиқлолият масъалаи рушди илму маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ эълон кардааст". Аз ин ҷиҳат таъкид намуданд, ки: "Вобаста ба ин, омӯзгоронро зарур аст, ки ҷиҳати омӯхтани навгониҳои илмиву таълимӣ, таҷрибаи пешқадам ва такмили маҳорату малакаи касбии худ мунтазам кӯшиш намоянд*" [2].

Бинобар ин, тасмим гирифтем, то дар ҳошияи дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат доир ба илму маориф, нуктаи назари хешро иброз намуда, саҳми худро дар рушду нумуи кишвар гузорем.

Мегӯянд: "Таърих ҳамеша такрор мешавад", замоне буда, ки донишмандони форсу тоҷик барои башарият хидматҳои бузург ва шоёне кардаанд, ки ҳатто кишварҳо ва шаҳрҳо ба сабаби номҳои он фарзандони фарзона шинохта шудаанд. Мисли Самарқанду Бухоро, Тирмиз, Насо, Фороб, Ҳамадон, Истравшан ва амсоли ин шаҳру диёрҳо, ки ба сабаби фарзандони донишмандони ин манотиқ, дар олам номвар гардидаанд. Бояд аз таҷрибаи ин ҷавонмардони илм барои насли наврас пешниҳод намоем, то онҳо сабақи ибрат бигиранд ва тавонанд номи кишвару Ватанро бори дигар дар арсаи ҷаҳонӣ ба некиҳо ва хадамоти илмию маърифатиаш баланд бардоранд.

Агар ба Аврупо назар намоем, мебинем, ки дар таърихи худ ҳолатҳое дошт, ки аз кишварҳои Шарқ қафомондатар буд, вале баъд аз он ки донишмандони мусулмон, чи дар Шарқ ва чи дар Ғарб (ба моанади Андалус - (Испания), ба пешрафтҳои илмӣ расиданд, Аврупоиҳо низ аз ин илму дониш ва пешрафтҳои илмӣ хостанд биёмӯзанд ва аз он истифода намоянд. Бинобар ин, талаб карданд, то дар донишгоҳҳои Андалус таълим бигиранд. Дар натиҷа, он чӣ аз донишмандони андалусии мусулмон омӯхтанд, барои пешрафт ва тараққиёти Аврупо як такони бузурге буд. Ин мавқеъҳоро худи донишмандон ва муаррихони мунсифи аврупоӣ худ дар китобҳояшон дарҷ кардаанд, ки агар илму дониши Андалус намебуд, Аврупо панҷсад соли дигар дар торикӣ ва ҷаҳлу нодонӣ боқӣ мемонд. Яъне ба эътирофи худи онҳо, илму дониши мусулмонҳо онҳоро ба панҷсад сол пеш партофтааст.

Донишмандони мунсифи ғарбӣ эътироф намудаанд, ки тамаддуни исломӣ бар гузоштани пойдевори маданияти ғарбӣ соҳиби фазл мебошад. Чунки ӯ бо ганҷинаҳояш дар тиб, кимиё, риёзиёт ва физика, дар суръат бахшидан ба омадани асри бапохезии Аврупо ва зинда гардонидани илмҳои гуногун, саҳми арзанда гузоштааст. Ҳангоме ки маданияти исломӣ аз Шарқ то Ғарбу Андалус дорои маданият буд, Аврупо ва дигар манотиқи олам дар торикии маданӣ ва бесаводӣ ба сар мебурданд. Чандин афроде аз донишмандони Ғарб буда, ки маданияти исломро бодиққат ва таҳқиқоти ималӣ омӯхтанд ва дар таълифоти илмии таърихию иҷтимоии худ ин саҳми босазоро зикр намудаанд. Масалан, В.М. Ватт менависад: "*Бе арабҳо илм ва фалсафаи Аврупо наметавонист бо чунин суръат рушд кунад. Арабҳо на танҳо интиқолдиҳанда буданд, балки интиқолдиҳандагони ҳақиқии афкори юнонӣ буданд. Онҳо на танҳо илмҳои дарккардаашонро зинда нигоҳ доштанд, балки доираи худро васеъ карданд*» [3, с.38].

Ҷорҷ Сартон дар китобаш “Муқаддима дар таърихи илм” мегӯяд: “*Ҷониби бештаре аз вазифаҳои андешаи инсониро мусулмонҳо ба душ гирифтанд: Масъудӣ - бузургтарин ҷуғрофиёидонҳо; Табарӣ - бузургтарин муаррихон*”.

Таъсири густурдаи тамаддуни асримиёнагӣ ба кишварҳои Аврупо на танҳо дар соҳаи фалсафа, балки қариб дар ҳама соҳаҳои илмӣ низ таъсир гузошт, ки ин табиист. Б. Ибанес қайд кард, ки: “***Испанияи мусулмонӣ (асрҳои XIII-XV) зеботарин ва боҳашаматтарин тамаддунест, ки дар асрҳои миёна вуҷуд дошт***” [4, 48-51].

Аз ин ҷиҳат, барои ҷавононе, ки дар роҳи илму маърифат рағбат доранд ва мехоҳанд барои Ватану миллат ва умуман барои башарият хидматҳое пешниҳод намоянд, намунаеро аз мухтасари ҳаёт, таълифоти гуногуни донишманд Иброҳими Ҳалабӣ меорем, ки ҳам дар таълифи китобҳо, ҳам дар ҷамъу мухтасар кардани иддае аз таълифоти бузургон дар илми ҳуқуқи мусулмонӣ ва инчунин мухтасар кардани китобҳои бузурги фатво барои истифодаи мутахассисон ва оммаи мардум нақши муҳим дорад.

Дар он давру замон аҳли таҳқиқ методу усулҳоеро дар таълифи китобҳои ҳуқуқӣ истифода намудаанд, ки ин бояд барои донишмандон ва донишҷӯён намунае бошад, то дар замони худ тавонанд бо истифода аз роҳу воситаҳои навин шаклҳои муносиберо барои замони худ пешниҳод намоянд.

**Ному насаб, лақаб ва нашъати донишманд:** олими фозил, имом ва шайхи донишманд, аллома Иброҳим ибни Муҳаммад ибни Иброҳим ал-Ҳалабӣ, сипас Қустантинӣ, ҳанафӣ [5, 67; 295].

Насабаш ба Ҳалабӣ машҳур аст, мансуб ба Ҳалаб мебошад, ки он шаҳри бузургу паҳновар, дорои хайроти зиёду боду ҳавои пок ва замину оби шоиста аст. Он дар ин рӯзҳо ба минтақаи Ҷунди Қаннасрин машҳур аст. Ҳалаб бошад, дар луғат масдарест, ки ҳам ба маънои шир ва ҳам ба маънои нӯшидан омадааст. Заҷҷоҷӣ гуфтааст: “Ҳалаб аз он ҷиҳат номида шудааст, ки паёмбар Иброҳим (а) рамаашро дар он мавзеъ рӯзҳои ҷумъа медӯшид ва онро садақа мекард, бинобар ин, фақирон мегуфтанд: ҳалаб! ҳалаб! Аз ин ҷиҳат, чунин номугузорӣ шудааст. Котиби ин сатрҳо мегӯяд, ки ман дар ин масъала чунин назар дорам, ки зеро Иброҳим ва аҳли Шом дар он рӯзгорон аз мардуми арабзабон набуданд. Забони арабӣ аз фарзанди Иброҳим (а) - Исмоил (а) ва аз Қаҳтон мунташир шудааст. Чунки Иброҳим дар қалъаи Ҳалаб иқомат дошт, ки то ҳоло зиёрат карда мешавад. Агар ин лафзи “Ҳалаб” дар забони иброни ё суриёнӣ ягон асле дошта бошад, ин номгузорӣ ҷоиз мебуд, зеро бештари калимоти онҳо вақте муқоиса шавад, ба забони арабӣ шабоҳат доранд, танҳо каме фарқ мекунанд. Мисол, “каҳаннам” бо калимаи “ҷаҳаннам”. Гурӯҳе гуфтанд, ки Ҳалаб, Ҳимс ва Барзаъа - аз Бани Амлиқ, бародар буданд, ҳар яке аз онҳо шаҳре бино намуда, ба номи онҳо номгузорӣ шудаанд. Онҳо аз бани Мухр ибни Ҳайс ибни Ҷон ибни Муканниф мебошанд. Шарқӣ гуфтааст: Амлиқ ибни Ялмаъ ибни Оиз ибни Аслих ибни Луз ибни Сом. Ва дигаре гуфта: Амлиқ ибни Луз ибни Сом. Араб онҳоро ғариб меномид. Дар масале мегуфтанд: “Касе ғариберо итоат кунад, ғариб мегардад”, қасдашон Амлиқ ибни Луз мебошад. Ва гуфта шуда, ки боқимондаи онҳо дар миёни араб вуҷуд дорад, зеро онҳо бо арабҳо омехта шуда буданд, ки аз-Заббо аз ҷумлаи онҳост. Бинобар ин, дуруст аст, ки аҳли ин шаҳр ба забони арабӣ сухан мегуфтанд, пас мегуфтанд: “Ҳалаб” - вақте Иброҳим (а) шир медӯшид [6, 282, 283].

**Нашъунамои Ҳалабӣ.** Иброҳими Ҳалабӣ дар шаҳри Ҳалаб ба камол расид. Дар он ҷо дар назди уламои замонаш илм омӯхтааст. Сипас, ба Миср реҳлат намуда, дар он ҷо дар назди донишмандони илми ҳадис, тафсир, усул ва фаръиёт таълим гирифтааст. Баъд аз он ба шаҳрҳои Рум сафар мекунад ва Қустантинияро макони сукунат қарор медиҳад. Дар яке аз масҷидҳои ҷомеи он ҳамчун имом таъйин мегардад. Сипас, дар масҷиди ҷомеи Султон Муҳаммадхон дар Қустантиния имом ва хатиб гардида, дар “Дору-л-қурро”, ки онро Мавлоно Фозили Саъдии Ҳалабии Муфтӣ бино намуда буд, мударрис таъйин мегардад. Ӯ бо ҳамин ҳол дар соли 956ҳ., ки аз синни навад ҳам гузашта буд, вафот мекунад. Ӯ дар илмҳои забони арабӣ, тафсир, ҳадис, улуми қироатҳо олим ва донишманд буд. Дар илми фиқҳ ва усул низ бартарии зиёд дошт. Масъалаҳои фаръӣ бошанд, дар маркази диққати ӯ буданд. Ӯ шахси парҳезкор, тақводор, пок, зоҳид, худотарс, обиду носик буд. Ӯ талабаҳоро дарс медод ва аз зери дасти ӯ афроди зиёде ба камол расидаанд. Ҳамеша дар хонааш буда, ба илм машғул буд. Касе ӯро намедид, магар ин ки дар хонааш буд ё дар масҷид, агар дар роҳ мерафт, чашмашро аз назар кардан ба ҳар тараф фурӯ мегирифт. Аз ӯ касе нашунида, ки ягон инсонеро ба бадӣ ёд карда бошад. Ба чизе аз дунё лаззат намебурд, магар ба илму ибодат ва тасниф намудану навиштан [7, 295-296]. Ин аст табиат ва тарзи зиндагии олимон ва донишмандон дар ҳар давру замон, ки тавонистанд аз худ илмҳо ва китобҳоеро барои манфиати ояндаҳо тақдим намоянд.

Иброҳими Ҳалабӣ тақрибан дар соли 866 ҳ. (1451 м.) таваллуд ва дар соли 956 ҳ. (1549 м.) вафот карда, дар Қустантиния (Константинопол) ба хок супурда шудааст [8, 80].

Китобҳое, ки тароҷим, табақот, мероси уламо ва таърихи ислом зикр шудаанд, дар бораи онҳо мушаххасан чизе пайдо карда намешавад. Ҳар шахсияте, ки дар бораи Иброҳими Ҳалабӣ менависад, чунин менигорад, ки ӯ илмро дар шаҳри Ҳалаб гирифта, назди уламои асри худ дарс хондааст.

Сипас, ба Миср сафар намуда, назди уламои ҳадис, тафсир, усул ва фуруъ дониш омӯхтааст [9, 97]. Вале дар он ҷо номҳои устодоне, ки аз онҳо илм омӯхтааст, зикр намешавад, магар ин ки гуфта мешавад, дар назди уламои Ҳалаб дарс хонда, сипас, ба Миср сафар кард ва дар назди Имом Суютӣ ва Ибни Ҳаҷари Маккӣ ва бисёре аз уламои машҳури замон таълим гирифта, машҳур гардидааст. Баъд аз он ба шаҳрҳои Рум омада, дар Қустантиния сукунат меварзад ва ин маконро барои худ ватан ихтиёр намуда, дар масҷиди ҷомеи Абулфатҳ имом ва хатиб мегардад [10, с.46].

Доир ба шогирдонаш низ дар манобеъ ва сарчашмаҳо чизе зикр нашудааст, магар як шогирдаш, ки он ҳам Алӣ ибни Абдуллоҳи Ҳалабии Ҳанафӣ, шогирди Иброҳим Ҳалабӣ (с.в. 967ҳ.) мебошад. Сабаби зикри ӯ ҳам ин аст, ки ин шогирдаш яке аз таълифти устодаш Иброҳими Ҳалабиро, ки "Шарҳи мултақа-л-абҳур фи фуруъи-л-фиқҳи-л-ҳанафӣ" ном дорад, шарҳ додааст [11, с.746].

Ҳарчанд ки аз ҳаёту фаъолияти ин донишманди бузург барои мо ахбори зиёде боқӣ намонда бошад ҳам, вале китобҳои ӯ то ба мо расидаанд, ки донишмандон аз онҳо дар замонҳои зиёде ҳамчун китобҳои муътамад дар мазҳаб истифода намудаанд. Махсусан дар даврони Усмониҳо, аз китобҳои ӯ дар соҳаи фиқҳ, қазо ва фатво зиёд истифода шудаанд.

Абдуллоҳи Ҳалабии Ҳанафӣ дар умри хеш китобҳои зиёдеро таълиф намудааст, аз ҷумла:

1. "Ғуняту-л-мутамаллӣ фи шарҳи муняту-л-мусаллӣ" [12, с.67]. Ин китоб дар фиқҳи мазҳаби ҳанафӣ таълиф шудааст. Хусусияти ин китоб дар он аст, ки ягон масъалаи ибодотро сарфи назар накарда, магар ин ки онро дар ин китоб ворид намудааст. Дар он инчунин масоиле, ки дорои ихтилоф мебошанд, зикр гардидаанд, вале фарқияташ аз дигар китобҳо шояд дар ин бошад, ки ин масоил ба беҳтарин сурат ва нармтарин тариқа баён гардидаанд [13, с.78]. Ин китоб аз ҷуммлаи китобҳои ниҳоят муҳим, барои ҳар толибилм ва донишомӯз ба шумор меравад. Аз ҷумла номҳое, ки ин китоб ба он машҳур шудааст, "Ҳалабии кабир" мебошад.

2. "Ғуняту-л-мутамаллӣ фи шарҳи муняту-л-мусаллӣ"-ро муаллиф ба шакли мухтасар даровардааст ва бо унвони "Ҳалабии сағир" номгузорӣ намудааст.

3. "Мултақа-л-абҳур фи фуруъи-л-Ҳанафия", китоби дигари муаллиф мебошад, ки ин низ аз бузургтарин шоҳкориҳои ӯ башумор меравад. Метавон ин китобро дастоварди бузурги донишманд ва умуман дар мазҳаби ҳанафӣ ном бурд. Зеро ин китоб дарбаргирандаи масоиле мебошад, ки дар китобҳои "Қудурӣ", "Мухтор", "Канз" ва "Виқоя", омадаанд. Ин ҳама масоилро бо ибораҳои равшан баён намуда, бар он баъзе масъалаҳои "Маҷмаъ"-ро, ки ба онҳо ниёз пайдо мешавад, илова намудааст. Ҷузъе аз "Ҳидоя" низ аз қавлҳояшон он чӣ роҷеҳ ва раъйи бартар мебошад, овардааст. Ӯ таълифи китоби худро дар соли (923 ҳ.) ба итмом расонидааст. Яке аз шогирдони ӯ, ки бо, номи ал-Ҳоҷ Алӣ ал-Ҳалабӣ шинохта мешавад (с.в. 967ҳ.), онро шарҳ додааст [14, 78].

4. "Талхис ал-Ҷавоҳир ал-музиа фи табақот ал-Ҳанафия" [15, 67]. Ин китоби дигари муаллиф мебошад, ки он дар бораи табақаҳои мазҳаби ҳанафӣ сухан мегӯяд. Ӯ дар ин китоби худ танҳо донишмандонеро табақабандӣ намудааст, ки соҳиби таснифот будаанд [16, 68].

5. Таълифи дигари ин донишманд чунин буда, ки китоби "Фатҳу-л-қадир шарҳи ал-Ҳидоя"-ро ба шакли мухтасар даровардааст. Ӯ дар он мулоҳизаҳое, ки нисбат ба Ибни Ҳумом шудаанд, зикр намуда, баъзеи онҳоро зери интиқод қарор додааст, ки назаррас мебошанд [17, 68].

6. "Туҳфату-л-ахёр ало ад-дур ал-мухтор шарҳ танвиру-л-абсор" [18, 80]. Ин китоб ҳам дар фиқҳи ҳанафӣ аст.

7. "Шарҳу алфияти-л-Ироқӣ", ин китоб дар усули ҳадис таълиф шудааст [19, 383].

8. "Талхису-л-фатово а-т-тоторхония" [20, с.383]. Ин китоб низ дар фиқҳи ҳанафӣ мебошад. Онро дар як муҷаллад мухтасар намудааст. Аз он масоилеро, ки ғариб аст ё бисёр воқеъ мешавад ва дар китобҳое, ки рӯи даст мебошанд, вуҷуд надорад, интихоб намудааст. Ӯ дар ин китоб пойбанд ба ин буда, ки номҳои китобҳоро ошкоро зикр намудааст.

9. "Талхису-л-қомус ал-муҳит" [21, с.383]. Ин китоб чунонки аз номаш бармеояд, ба шакли кӯтоҳ даровардани китоби "Қомуси Муҳит" мебошад.

Ин аст он чӣ ин донишманд аз худ боқӣ гузоштааст. Гарчанде аз ҳаёташ барои мо маълумоти зиёд нарасидааст, вале ин китобҳое, ки дар онҳо илму маърифат ва тарзу методҳои мухталиф дар навиштани китоб истифода шудааст, ба мо расидааст. Ҳоло ҳам баъзе китобҳои ӯ дар ҳисоби дастхатҳо қарор доранд ва донишмандон дар садади омӯзиш ва таҳқиқи онҳо мебошанд.

**Назари олимону донишмандон дар бораи муаллиф, осор ва ҷойгоҳи илмии ӯ.** Ин донишманд аз бузургтарин фақеҳони ҳанафӣ буд. Ӯ имом, олими илмҳои забони арабӣ, тафсир, ҳадис ва қироатҳо буд [22, с.67]. Бадруддини Ғаззӣ дар китоби "Риҳла"-аш дар бораи ӯ мегӯяд: "Ӯ шайхи солеҳ, олими ягона, дорои хайри комил, худ устоди қироат ва соҳиби таҷвид буд". Зикр намуда, ки бо ӯ чандин маротиба вохӯрда, аз ӯ баъзе китобҳояшро орият мегирифт ва нисбат ба ӯ мадҳу ситоиш намуда, барояш дуъо кардааст [23, с.67].

Соҳиби китоби "Шақоиқ" ӯро зикр намуда, дар мадҳу санояш зиёд муболиға намудааст. Ӯ дар "Дору-л-қурро", ки муфтӣ Саъдӣ Афандӣ онро иморат намуда буд, мударрис таъйин гардид, дар илмҳои арабӣ (забон ва адабиёти араб), тафис, ҳадис, илмҳои қироот, фиқҳ, бисёр бартарӣ дошт ва

бисёр варзида буд. Бештари фаръиёти мазҳаб дар маркази диққати ӯ буданд. Ӯ донишманди парҳезкор, зоҳид, носик, аз мардум гушагир, қариб ки доим ё дар масҷид буд ё дар хонааш дида мешуд. Ба чизе лаззат намебурд, магар ба ибодат кардан, илм омӯхтан, музокира намудани илму тасниф намудан ва умуман аз бузургон, машҳурон ва аз уламои омил буд [24, с.67-68].

Саъдӣ Чалапии муфтӣ гуфтааст: "Ӯ дар илмҳои арабӣ, тафсир, ҳадис, илмҳои қироот, олим буд. Дар фиқҳ ва усул бартарӣ дошт. Масоили усул дар маркази диққати ӯ буданд. Ӯ дар хонааш менишаст ва ба илм машғул буд. Касе ӯро намедид, магар дар хонааш ё дар масҷид ва агар дар роҳ мерафт, чашмашро аз мардум фурӯ мебаст. Касе аз ӯ нашунида, ки нафареро бад гуфта бошад. Ба ягон чизе аз дунё дил набаста буд, магар ба илм, ибодат ва тасниф намудан [25, 78].

Ӯ шарҳи фарогиру бузурге дар як муҷаллад таълиф намуда, онро "Ғуняту-л-мутамаллӣ" ном гузошт. Мардум ба он рӯй оварданд ва бузургон онро қобили қабул қарор доданд [26, с.886].

**Назари олимон ва донишмандон дар бораи баъзе китобҳои ӯ.** Дар китоби "Кашфу-з-зунун ан асоми ал-кутуби ва-л-фунун" дар мавриди "Мултақ-ал-абҳур"омадааст, ки он яке аз китобҳои фурӯъи мазҳаби ҳанафӣ мебошад. Муаллифи он шайх ва Имом Иброҳим ибни Муҳаммад ал-Ҳалабӣ аст. Ӯ дар соли 956 вафот намудааст. Ин китоб фарогири масъалаҳоест, ки дар ин китобҳо омадаанд: 1) Қудурӣ; 2) Мухтор; 3) Канз; 4) Виқоя. Ӯ ба масоили ин китобҳо ва дигар масоиле, ки ба онҳо ниёз ҳосил мешавад, аз "Маҷмаъ" ва андаке аз "Ҳидоя" изофа намудааст.

Дар қавлҳои онҳо он чӣ бартар буда, онро муқаддам зикр намуда ва дигар қавлҳое, ки ингуна набудаанд, онҳоро ба таъхир гузоштааст. Дар мавриди ҷудо кардани қавлҳои "қавитар" ва "саҳеҳтар" ва дар ин ки ягон масъаларо аз китобҳои чоргона вогузор накунад, кӯшиши илмии худро анҷом додааст. Ин аз он ҷиҳат буда, ки овозаи он дар ҳама ҷо паҳн гардида, дар назди пайравони мазҳаби ҳанафӣ ба қабул кардани он иттифоқ намудаанд.

Ин китоб аз ҷониби афроди зиёде шарҳ шудааст, ки ин ҷо баъзе аз онҳоро зикр менамоем. Ва ин ҳам аз арзиши баланд доштани китоби мазкур шаҳодат медиҳад.

1. Яке аз шогирдонаш, ки Ҳоҷӣ Алии Ҳалабӣ ном дошт, онро шарҳ намудааст. Соли вафоти он 967 ҳиҷрӣ мебошад. Дар шарҳаш: эътирозҳо ва ҷарҳҳоро бар шарҳҳои матнҳои китобҳои чоргона ворид намудааст.

2. Мавло Муҳаммад Сайравӣ - маъруф ба Айшӣ низ, ки соли 1016 ҳиҷрӣ вафот кардааст, бар он шарҳ намудааст. Ва Муҳаммад ибни Муҳаммад маъруф ба Ибни Баҳнасӣ, ки дар моҳи ҷимодиюлохири соли 987 ҳиҷрӣ вафот кардааст, аз машоихи Димишқ буда, онро то китоби "Байъ" шарҳ намудааст.

3. Шарҳи дигари он аз ҷониби шайх Нуриддин Алӣ Боқонӣ, Қодирӣ, аз шогирдони Баҳнасӣ сурат гирифтааст, ки дар аввалҳои соли 990 ҳиҷрӣ шурӯъ намуда, дар соли 995 ҳиҷрӣ аз шарҳи он фориғ шудааст. Онро "Маҷмаъу-л-анҳур ало мултақа-л-абҳур" номидааст, ки зимни шарҳи худ ин китобро гуфтааст: чун "Мултақа-л-абҳур" аз бузургтарин матнҳои мазҳаб ва ҷомеътарини онҳо ва дорои манфиати ом буда, манфиатноктарини онҳо ба шумор мерафт, хостам онро шарҳе нависам. Баъди он ки шайхам - ягонаи замон, Муҳаммад Баҳнасӣ, соли вафоташ 987 ҳиҷрӣ, бар он шарҳ навишт ва сабаби он ҳам дар ин кораш ман будам. Сабабаш ин буда, ки ман матни ин китобро дар назди ӯ хондам ва аз ӯ талаб намудам, ҳамчуноне ки дар дебочаи китоб инро ишора намуда гуфтааст, ки ҳамоно аз ман шарҳи онро баъзе афроде, ки пешам омадурафт мекарданд, аз шахсиятҳои бузурге, ки ба таҳсили илм машғул буданд, талаб намуданд. Ин матнро дар назди ӯ касе ҷуз ман нахонда буд. Онро аз аввали китоб то китоби "Нафақот" хондам. Навиштани ӯ низ ба ин ҷо итмом ёфт. Сипас, бори дувум то китоби "Хиёру-р-руъё" хондам. Ва ӯ аз китоби "Буюъ" то ин ҷо навишт. Сипас, ба ҳаҷ сафар намуд. Баъди ин ки онро ҷамъоварӣ намуд, як сол пас вафот кард. Сипас, ман ба шарҳи он шурӯъ намудам, ки ин дар аввалҳои соли 990 ҳиҷрӣ буд. Дар ин муддат вақтҳое шуда, ки аз навиштан таваққуф намудам, ки он чандин рӯзҳои зиёдро дар бар мегирифт ва он ҳам ба сабаби ҳаҷ дар соли 993 ҳиҷрӣ буд. Ман дар он китобҳои мазҳабро гирдоварӣ намудам, ҳамчун "Ҳидоя" ва шарҳҳои он ва ғайри онро. Номи ин китобро "Маҷра-л-анҳур ало мултақа-л-абҳур" номидам .

4. Шаҳри дигари он аз ҷониби Исмоил Афандии Сивосӣ буда, он дар чор муҷаллад мебошад. Шарҳашро "Фароид" номидааст. Ӯ дар соли 1047 ҳиҷрӣ вафот кадааст.

5. Шарҳи дигари он аз ҷониби шайх, Имом Алоуддин Алӣ ибни Муҳаммади Троблисӣ ибни Носируддин - имом масҷиди ҷомеи бани Умайя, димишқии ҳанафӣ, анҷом шудааст, ки ӯ дар соли 1032 ҳ. вафот кардааст. Дар боби фароизи он шарҳ навишта, онро "Сабку-л-анҳур ало фароизи мултақа-л-абҳур" номидааст. Шарҳи ӯ низ дар соли 990 ҳиҷрӣ анҷом ёфтааст.

6. Шарҳи дигари он аз тарафи Шоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Абӯсаъуди Сиддиқӣ, Ҳанафии Маностирӣ мебошад. Ин шарҳи омехта буда, онро "Мунтаҳа-л-анҳур фи шарҳи мултақа-л-абҳур" номидааст. Хотимаи он дар соли 1077 ҳиҷрӣ сурат гирифтааст.

7. Шарҳи дигари он аз ҷониби аллома Муҳаммад ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Алӣ, бо лақаби Алоуддини Ҳаскафӣ димишқӣ, ки дар соли 1088 ҳиҷрӣ вафот кардааст, мебошад. Номи шарҳи ӯ "ад-Дурр-ал-мунтақо фи шарҳи ал-мултақа" аст.

**Ҷамъоварии чандин китоб дар як намуна.** Як намуд ва ё методи таълифоте миёни донишмандон ба вуҷуд омада буд, ки он дар мазҳаби ҳанафӣ низ шурӯъ шуда буд ва он ба замони Наҷмуддини Ҳалабӣ (соли вафоташ 734ҳ.) рост меояд.

Хусусиятҳои ин намуди таълиф:

1. Ин намуди таълифот ду китоб ё аз он бештарро дар як китоб ҷамъоварӣ менамуд, ки барои хонандагону истифодабарандагон, чӣ дар соҳаи омӯзиш бошад ва чӣ дар соҳаи қазо, истифода карданро ниҳоят осон ва муфид мегардонид. Зеро аз як китоб метавонист масоиле, ки дар ду ё чандин китоб омадааст, баҳрабардорӣ намояд ва аз онҳо огоҳ шавад.

2. Хусусияти дуюмаш чунин аст, ки донишмандон дар таълифи ин гуна китобҳо роҳҳои соддатару фаҳмо ва равшантар намудани масъалаҳоро ба хонандагона таъмин мекарданд. Яъне дар ҷамъоварии масоил кӯшиш мекарданд аз чанд китоб беҳтарин ва равшантарин ибораҳоро ҷамъоварӣ намоянд.

3. Хусусияти дигари ин намуд таълифҳо чунин аст, ки то ҳадди имкон мекӯшанд, то масъалаҳои иттифоқӣ ва ё дар мазҳаб роҷеҳу бартарро ҷамъоварӣ намоянд, ки ин барои толибилмҳо ва махсусан барои қозиҳо корро ниҳоят осон менамуд.

4. Шояд аз хусусиятҳои дигари ин таълифот он буда, ки вақт барои мардум тангтар мегардад ва аз хондани китобҳои бузург даст мекашанд. Ин намуд китобҳо хонандаро ташвиқ менамояд, ки бо хондани як китоб, боз дар шакли мухтасар ва осону дастрас кардашуда, аз чандин китоб огоҳӣ пайдо намояд.

Аз ҷумлаи китобҳое, ки дар ин шакл таълиф шудаанд, метавон ин китобҳоро зикр намуд:

1. **"Ал-Минҳоҷ ало мазҳаб ал-ҳанафӣ"-и** Наҷмуддини Ҳалабӣ, соли вафоташ 734ҳ., ки дар он китобҳои "ал-Ҷомеъ ас-сағир" ва "Мухтасар ат-Таҳовӣ" ва "ал-Қудурӣ"-ро бо ҳам ҷамъоварӣ намудааст.

2. **"Маҷмаъ-ул-баҳрайн маъа шарҳиҳ"-и** Ибни ас-Соъотӣ, соли вафоташ 694ҳ., ки дар он китобҳои "Мухтасар ал-Қудурӣ" ва "Манзума"-и Умари Насафиро ҷамъоварӣ намудааст.

3. **"Ал-Фавоид ал-муштамала ало ал-мухтасар ват-тикмила"-и** Абулфазли Мусилӣ, соли вафоташ 683ҳ., ки дар он китобҳои "Мухтасар ал-Қудурӣ" ва "ат-Такмила"-ро ҷамъоварӣ намудааст.

4. Ал-Вофии ан-Насафӣ, соли вафоташ 710ҳ., китобҳои "Ал-Қудурӣ" ва ҳар ду "Ҷомеъ"-и Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ: "Ал-Кабир" ва "Ас-Сағир" ва масъалаҳои хилофиётро дар ин китобаш ба танзим даровардааст.

5. **"Бидоят ал-мубтадӣ,** сипас дар шарҳи он "**Ал-Ҳидоя**"-и Марғинонӣ, соли вафоташ 593ҳ., китобҳои "Мухтасар ал-Қудурӣ" ва "ал-Ҷомеъ-ас-сағир"-и Муҳаммад ибни Ҳасанро ҷамъоварӣ намудааст.

6. Бо "**Ал-Укуд ал-муфассала фи ал-ҷамъи байна ал-мухтасари ва ал-такмилати**"-и Аҳмад ал-Аббосӣ, соли вафоташ 898 ҳ., китобҳои "Мухтасар ал-Қудурӣ" ва "ал-Такмила"-ро ҷамъоварӣ намудааст.

7. "**Мултақа ал-Абҳур**"-и ал-Ҳалабӣ, соли вафоташ 956ҳ., китобҳои "Мухтасар ал-Қудурӣ" ва "ал-Мухтор"-и ал-Мавсилиро ва "Канзу-д-дақоиқ" ва "Ал-Виқоя"-и Садрушшариъа ҷамъоварӣ намудааст.

Хулоса, пажӯҳиш ва муаррифӣ намудани шахсиятҳое амсоли Иброҳими Ҳалабӣ имкон медиҳад, ки осори мактуби то ҳанӯз номакшуфу аз манзари муҳаққиқони соҳа канормонда ба мутахассисини марбута муаррифӣ шавад ва чунин иқдом падидаест дар муаррифӣ сохтани арзишҳои илмӣ-таҳқиқотии ватанӣ.

**АДАБИЁТ**


1. Пешвои миллат ва рушди маориф. Илму маърифат - омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат. https://khovar.tj/2020/10/peshvoi-millat-va-rushdi-maorif-ilmu-marifat-omili-mu-imtarini-ta-kimi-davlat-va-na-oti-millat/

2. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилӣ. https://avkd.tj/tg/rblock/19-sukhanronii-asosguzori-sulhu-vahdati-milli-peshvoi-millat-prezidenti-jumhurii-tojikiston-muhtaram-emomali-rahmon-dar-majlisi-botantana-ba-munosibati-ruzi-militsiya.html.

3. Ниг. Уотт У.М. Таъсири ислом дар Аврупои асримиёнагӣ. Москва: Наука, 1976. -148 с.

4. Алиев А. Средневековые научные и культурные связи исламского мира и Европы // Ахбори Донишгоҳи Славянии Қирғизистон-Русия, 2014. Т. 14, No 1.

5. Тошкуброзода. Аҳмад ибни Мустафо ибни Халил, Абулхайр, Исомуддин Тошкуброзода (с.в. 968 ҳ.). Ал-Шақоиқ ан-Нуъмония фи уламои давлати-л-Усмония. Берут: Нашриёти Китоби арабӣ; Абдулқодир ибни Муҳаммад ибни

Насруллоҳ ал-Қурашӣ, Абӯмуҳаммад, Муҳйиддин ал-Ҳанафӣ: (с.в. 775 ҳ.). Ал-Ҷавоҳир ал-Музиа фи табақот ал-ҳанафия". Карочӣ, китобхонаи Мирмуҳаммад. Ҷ.1.
6. Румӣ. Шиҳобуддин Абӯабдуллоҳ Ёқут ибни Абдуллоҳи Румӣ ал-Ҳамавӣ (с.в. 626ҳ.). Муъҷам-ал-Булдон. Бейрут. Нашриёти Содир, 1995. Ҷ.2.
7. Тошкуброзода. Ал-Шақоиқ ан-Нуъмония фи уламои давлати-л-Усмония. Ҷ.1.
8. Умар Ризо Каҳола. Муъҷам ал-муаллифин. Китобхонаи ал-Мусанно, Бейрут, иборат аз 15 ч. Ҷ.1.
9. Умар Ризо Каҳола. Муъҷам ал-муаллифин. Китобхонаи ал-Мусанно, Бейрут, ч.1.
10. Ҳочӣ Халифа. Мустафо ибни Абдуллоҳи Қустантинии Усмонӣ маъруф ба "Котиби Чалапӣ" ва ба "Ҳочӣ Халифа" - С.в. 1067ҳ. Ва Салоҳуддин Уйғур. Сулламу-л-вусул ило табақоти-л-фуҳул. Истанбул. Китобхонаи Арсико, 2010. Ҷ.1.
11. Ал-Бобонӣ. Ҳадияту-л-орифин асмоу-л-муаллифин ва осору-л-мусаннифин. Берут - Лубнон,1951. Нашриёти Эҳёи Туроси Арабӣ. Ҷ.1.
12. Тақиюддин ибни Абдулқодир Ат-Тамимӣ ад-Дорӣ ал-Ғаззӣ. Ат-Табақот ас-санийя фи тароҷим ал-ҳанафийя. Ҷ.1.
13. Ал-Ғаззӣ. Ал-Кавокиб ас-саоира би аъёни ал-миати ал-ъошира. Ҷ.2.
14. Ал-Ғаззӣ. Ат-Тамимӣ. Ат-Табақот ас-санийя фи тароҷим ал-ҳанафийя.Ҷ.1.
15. Аз-Зираклӣ. Хайруддин ибни Маҳмуд ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Форис Зираклии Димишқӣ. Ал-Аълом аз-Зираклӣ. Бейрут, 2002. Ҷ.1.
16. Ат-Тамимӣ. "Ат-Табақот ас-санийя фи тароҷим ал-ҳанафийя". Ҷ.1.
17. Ат-Тамимӣ. "Ат-Табақот ас-санийя фи тароҷим ал-ҳанафийя". Ҷ.1.
18. Умар ибни Ризо ибни Муҳаммад Роғиб ибни Абдулғанӣ Каҳҳола Димишқӣ (соли вафоташ: 1408/1987); Муъҷам-ул-муаллифин. Бейрут. Китобхонаи ал-Мусанно. Нашриёти Эҳёи туроси арабӣ. Бейрут. Ҷ.1.
19. Сиддиқ Ҳасанхон. Абутайиб Муҳаммад Сиддиқхон ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Лутфуллоҳ ал-Ҳусайнӣ ал-Бухорӣ, ал-Қиннуҷӣ (с.в.1307ҳ.). Ат-Тоҷ ал-мукаллил мин ҷавоҳир маосир ат-тироз ал-охир ал-аввал. Қатар,чопи аввал, 1428х/2007м.
20. Сиддиқ Ҳасанхон. Ат-Тоҷ ал-мукаллил мин ҷавоҳир маосир ат-тироз ал-охир ал-аввал. Ҷ.1.
21. Сиддиқ Ҳасанхон. Ат-Тоҷ ал-мукаллил мин ҷавоҳир маосир ат-тироз ал-охир ал-аввал. Ҷ.1.
22. Аз-Зираклӣ. Ал-Аълом аз-Зираклӣ. Ҷ.1.
23. Ат-Тамимӣ. Ат-Табақот ас-санийя фи тароҷим ал-ҳанафийя.
24. Ат-Тамимӣ. Ат-Табақот ас-санийя фи тароҷим ал-ҳанафийя.
25. Ал-Ғаззӣ. Наҷмуддин Муҳаммад ибни Муҳаммад Ал-Ғаззӣ (с.в. 1061ҳ.). Таҳқиқи Халил Мансур, ал-Кавокиб ас-саоира биаъёни ал-миати ал-ъошира. Бейрут – Лубнон: Нашриёти Кутуби илмӣ, 1418х/1997. Ҷ.2.
26. Ҳоҷӣ. Кашфу-з-зунун ан асоми ал-кутуб ва-л-фунун. Ҷ. 2. – С. 886.

## ИБРАХИМ ХАЛАБИ: ВВЕДЕНИЕ В ЖИЗНЬ И МЕТОДЫ ЕГО НАПИСАНИЯ

*В данной статье рассматривается жизнь Ибрагима Халаби, знатока исламского права, и приводится его краткая биография: его учеба, научная, образовательная и практическая деятельность (в качестве судьи), а также его книги.*

*Среди его книг – "Мультака-ль-абхур фи фуру'и-ль-ханафия", который является одним из его величайших шедевров. Эту книгу можно назвать большим достижением ученого и ханафитской школы в целом. Потому что эта книга содержит вопросы, упомянутые в книгах: "Кудури", "Мухтар", "Канз" и "Викая". Этот тип и метод сочинения книг, при котором несколько книг были собраны в одну книгу, и между ними проводились анализы, сравнения и по ним делались выводы, был новым методом, добавленным в области науки. Одним из других шедевров этого ученого является сокращенная форма книги "Фетв татархания" и "Камус-ал-мухит" под названием «Талхису-л-фатово а-т-тоторхония» и «Талхису-л-комус ал-мухит». У него также есть книга под названием «Халаби кабир», которая в настоящее время находится в списке рукописей и в настоящей времени исследуется и изучается, так что в ближайшие годы она будет доступна для использования профессионалами и широкой публикой.*

## IBRAHIM HALABI: INTRODUCTION TO LIFE AND METHODS OF ITS WRITING

*This article is about the life of an Islamic jurist named Ibrahim Halabi, which summarizes his life, his scientific work as a scientist and about his teachers and students, his practice as a judge, and the books he wrote.*

*Among his books is Multaka-l-abhur fi furu'i-l-hanafiyah, which is one of his greatest masterpieces. This book can be called a great achievement of the scholar and the Hanafi school in general. Because this book contains the questions mentioned in the books: Kuduri, Mukhtar, Kanz and Vikaya. This type and method of writing books, in which several books were collected into one book, and between them analyzes, comparisons were made and conclusions were drawn from them, was a new method added in the field of science. One of the other masterpieces of this scholar is an abbreviated form of the book "Fatw Tatarkhaniya" and "Kamus-al-muhit" called "Talkhisu-l-fatovo ha-t-totorkhonia" and "Talkhisu-l-komus*

*al-muhit". He also has a book called Halabi Kabir, which is currently on the list of manuscripts and is currently being researched and studied so that in the coming years it will be available for use by professionals and the general public.*

***Keywords:***

***Сведения об авторе:***

***Ёрибеков Фаррух Асадбекович*** *- магистр 2 курса факультета исламских наук Исламской Академии Республики Татарстан Российская Федерация*

***About the author:***

***Yoribekov Farrukh Asadbekovich****-Master of the 2nd year of the Faculty of Islamic Sciences of the Islamic Academy of the Republic of Tatarstan, Russian Federation*

## К ВОПРОСУ О ФОРМИРОВАНИИ ПОЗНАВАТЕЛЬНЫХ И ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ ЗНАНИЙ СТУДЕНТОВ

***Дрозденко Л.А.***

*Таджикский государственный финансово - экономический университет*

В условиях динамично развивающегося современного мира необходимо непрерывно совершенствовать образовательную систему. Одна из важнейших её задач – развивать возможности и способности человеческой личности. В связи с этим, за последние десятилетия в центре внимания педагогов и психологов оказалась проблема интеллектуального развития.

Есть точка зрения, согласно которой интеллект относится к одному из способов приобретения знаний. Но стоит подчеркнуть, что приобретение знаний может выступать лишь дополнительной стороной процесса применения знаний при решении задачи. Важно, чтобы эта задача была действительно новой или, по крайней мере, имела компонент новизны; поэтому с проблемой интеллектуальных знаний и навыков тесно связана проблема переноса знаний из одной ситуации на другую, из одной сферы жизнедеятельности в другую. Одним из важнейших качеств интеллекта современного специалиста является эрудиция, которая представляет собой знания из разных областей жизни, науки и искусства.

Поэтому перед современной системой образования стоит непростая задача – обеспечить рост общего интеллектуального богатства страны, в интересах настоящего и будущих поколений. Образование должно быть ориентировано на развитие общих интеллектуальных способностей каждого студента, чтобы он мог раскрыть свой потенциал и быть готовым к жизни в высокотехнологичном мире, в условиях высокой конкуренции. Необходимо выстраивать систему поиска и поддержки талантливых личностей, способную помочь их развитию, становлению и самореализации.

Цель данной статьи - продемонстрировать, при помощи каких специальных психолого-педагогических средств возможно систематически развивать интеллект студентов, их творческое мышление, формировать обобщенные знания, научное мировоззрение, ориентированное на актуальную жизненную позицию, и всячески способствовать устойчивому формированию интеллектуальных знаний.

Актуальность данного исследования заключается в том, чтобы доказать необходимость формирования непрерывного интереса студентов к получаемым знаниям, регулярному формированию и поддержке межпредметных связей для получения в итоге устойчивых интеллектуальных знаний.

Задача современной образовательной системы и каждого преподавателя – создать условия, позволяющие личности студента максимально раскрыть свой потенциал, приобрести актуальные навыки и эффективные знания. И особенно значимо здесь развитие интеллектуальных знаний и навыков обучаемых. Педагогическая практика показывает, что существует ряд проблем, без решения которых невозможно обеспечить продуктивное развитие интеллектуальных знаний и навыков. Следовательно, важно построить учебный процесс таким образом, чтобы он включал в себя научные знания, и позволял студентам осмыслять весь свой познавательный опыт таким образом, чтобы это вело к постоянному развитию познавательных способностей и творческих сил, и в конечном результате – формированию у них устойчивых интеллектуальных умений, знаний и навыков.

Образовательный процесс следует рассматривать как целостную, многогранную область человеческой деятельности. Стоит подчеркнуть, что не во всех определениях эта целостность чётко представлена. Чаще всего обучение трактуется как совокупность последовательных, взаимосвязанных действий преподавателя и студентов, направленных на усвоение системы знаний и

навыков. Это определение верно, потому что эти действия вполне реально осуществляются на каждом занятии; их можно видеть своими глазами. Но сущность обучения не лежит на поверхности, и непосредственно наблюдать ее нельзя. Чтобы раскрыть эту сущность, нужно осознавать происходящее в более широких категориях, соотнести видимые действия людей с функциями и результатами этой деятельности.

В современном мире образование и интеллектуальное развитие личности играют важную роль. Растут требования к профессионализму, уровню образования и развитию творческих способностей человека. Достичь такого результата можно только при осознанном, инициативном отношении студента, в том случае, если у него развит познавательный интерес.

Для создания предпосылок к формированию познавательного интереса у студентов необходимо учитывать этот важный аспект при подготовке к учебному году и в ходе составления планов занятий, с этой точки зрения проанализировать содержание курса.

Есть ряд методических приемов, которые можно применить для мотивирования студентов:

- рассматривать достижения и перспективы науки, раскрывать профессиональную, прикладную, социальную значимость изучаемого материала,

- демонстрировать новизну изучаемого материала, расширять и углублять ранее усвоенные студентом знания, помогать формированию внутрипредметных связей;

-реализовывать в практических работах межпредметные связи;

-использовать сведения справочной литературы;

-использовать культурный, исторический и занимательный материал.

Студентов следует знакомить не только с широко известными, но и новыми методами получения и обработки материалов, иллюстрировать рассказ примерами деятельности. Все это при умелом изложении, убедительности примеров безусловно вызовет у них интерес к предмету и профессии. Зная о силе первых впечатлений, опытные преподаватели стремятся раскрыть значимость изучаемого предмета для подготовки профессионалов в своей области уже на первых занятиях. Поэтому важно, чтобы уже первые впечатления оказались позитивными, способствовали возникновению заинтересованности - а впоследствии и устойчивого интереса к предмету, профессии. Необходимо непрерывно подчёркивать цель изучения материала, убедительно доказывать его практическую, научную значимость. Известно, что для осуществления любой деятельности, в том числе и учебной, очень важна цель. Если она ставится только преподавателем, то при всей ее важности для студентов, их работа будет носить исполнительский, неосознанный характер. Формирование положительных мотивов цели возможно только при сознательном отношении студента к учебе. Если предоставляется возможность самим, под руководством преподавателя, определять цели деятельности, у студентов появляется возможность проявить себя, проявить личную заинтересованность и творческое отношение. Тогда каждый студент хорошо понимает цель своей деятельности, необходимость постоянного контроля и мотивации от преподавателя отходит на второй план. Цель студента становится личной, его ведущим мотивом в получении знания.

Педагоги утверждают, что новое для разума человека, является, как правило, привлекательным. Раскрытие нового содержания учебного материала, сопровождающееся интересными материалами, демонстрацией фильма, необычных пособий привлекает внимание, вызывает интерес. Сама по себе новая тема может не вызвать интереса, поскольку название само по себе ничего не объясняет. Более устойчивым будет внимание и интерес, если преподаватель раскрывает важность изучения темы или сообщает новое, опираясь на уже имеющиеся знания студента, расширяя и углубляя их, перенося в новые условия и ситуации. Расширение и углубление знаний, рассмотрение уже известного материала с другой точки зрения, осуществление внутрипредметных связей представляет несомненный интерес и актуализацию, «оживление» знаний, их переход в статус интеллектуальных знаний. Новую информацию сейчас в большом объеме получают с помощью цифровых технологий. При этом она зачастую остаётся несортированной, хаотичной, бесцельной. Педагог может помочь увязать все имеющиеся знания студентов, структурировать их и направить к определённой, лично каждому студенту интересной цели, напрямую означающей профессиональную или научную деятельность. Таким образом, для формирования и развития познавательных интересов студентов, для осознания ими необходимости изучения всех предметов учебного плана, для развития интеллектуальных знаний, необходима постоянная реализация межпредметных связей.

Занимательность - это прием педагога, который позволяет сложные темы преподносить интересно и доступно, независимо от уровня способностей студентов, их прежних интересов и интеллектуального багажа. Тогда они становятся эмоционально вовлечёнными, живо откликаются на занимательное, необычное, интригующее. Курьезы, шутки, эффектные опыты, яркие наглядные пособия создают положительный фонд деятельности, располагают к выполнению тех заданий, которые студенты поначалу считают трудными. Занимательность раскрашивает учебный материал,

создает своеобразную психологическую ситуацию ожидания, делает процесс познания более привлекательным. Наиболее широко занимательность используется при первоначальном объяснении учебного материала. Необходимо отчётливо помнить, однако, что занимательность не самоцель, она должна побуждать студентов проникать в суть вопроса. Важно определить место занимательности в учебном материале, структуре конкретного урока. Используя её, побуждая любопытство и любознательность у студента, надо помнить о том, что это лишь средство для развития интереса. И чем больше внимания преподаватель уделяет творческому, прикладному овладению знаниями, умениями, навыками на основе разносторонней самостоятельной работы, тем раньше формируются у студентов глубокие и устойчивые интересы.

Творческий процесс в любой интеллектуальной среде не может осуществляться без участия целостной, интересной личности. Создание условий для интеллектуальной и творческой деятельности является основой реализации личностно-ориентированного подхода в образовании. Цель педагогической деятельности - обеспечить положительную динамику самореализации студента. Это повысит уровень развития исследовательских навыков студента, интеллекта и креативности при изучении различных дисциплин.

Необходимо внедрить в педагогическую практику такую организацию учебного процесса, которая способствует интеллектуальному развитию студентов, стимулирует самообучаемость. Педагогу необходимо создать условия для формирования профессионально необходимых навыков у студента, для приобретения студентами исследовательских умений, необходимых для дальнейшего образования. Это возможно, если содействовать поддержке внутренней учебной мотивации на основе познавательного интереса, развивать коммуникативные навыки, создать условия для раскрытия личностного потенциала, оптимального самоосознания и самореализации. Мотивом исследовательского поведения является любознательность. Это внимание ко всему, что тебя окружает, стремление найти ответы на все вопросы, удовлетворение от того, что получается, удовольствие и радость от интеллектуального труда. Любознательность невозможно представить без присутствия интеллектуальных знаний. Проблема поиска новых, более действенных средств для повышения учебной мотивации, формирования среды для развития интеллектуальных умений и навыков интересовала педагогическое сообщество давно. Но в последние годы в связи с модернизацией системы образования и изменением социального заказа она вышла на первый план.

Дар мақолаи илмӣ бисёр тарафҳои таъриху инкшофи шохаҳои санъат, ба монанди меъморӣ, нақшпартоӣ ва кандакорӣ дар чӯб дар Осиёи Марказӣ омӯхта шуда, қисмати зиёди маъхазҳои таърихӣ, китобатӣ ва ҷуғрофи оиди ин маъсала коркард шудаанд. Ҷамъулҷамъ беш аз 270 адабиёт, рисолаҳои илмӣ ва мақолаҳо оиди ин масъала дар тадқиқот истифода шудаанд. Ғайр аз ин, дар ин кори илмӣ зинаҳои инкшофу ба вуҷуд омадани нақшпартои, меъмори ва кандакори дар чуб бо назардошти шакл ва гуногунии онҳо қайд шудааст. Инчунин дар ин рисола роҳҳо ва усулҳои истифодабарии таърихи санъат, алалхусус меъмори, нақшпартои ва кандакори дар чуб дар дарсҳои «Технология» муфассал нишон дода шудааст. Албатта, ин рисолаи илмӣ тамоми паҳлуҳои ба вуҷуд омадани таърихи санъат ва ин масъалаи муҳимро дар бар нагирифта, онро ба шакли умуми ҳаллу фасл намудааст. Боз дигар ҷабҳаҳои гуногуни ин масъалаи рузмара вуҷуд доранд, ки бояд омӯхта шуда, мушаххасан арзёби карда шаванд.

Қонунҳои объективии инкишофу ташаккулёбии бадеи ва субъективии зебопарастӣ дар дохили ҷараёни томи рушди қувваҳои бадеиву-эстетикии руҳии инсон ба вуҷуд меоянд, ва муқобилияти ягонагии онҳо бо он асос ёфтааст, ки ҳам шуури эстетикии инсон ва ҳам шуури бадеии ҷомеа инъикоси ҳаёти модии иҷтимоии одамон мебошанд. Ормонҳои инсонӣ, дар ҷараёни фаъолияти бадеӣ-зебопарастӣ бо шаклҳои гуногун ва пурра дарҷ ва таҷассум меёбанд [4].

Ҳамаи ин ва дигар гуфтаҳо дар таъриху ривоҷи меъмории халқҳои Осиёи Марказӣ таҷассум меёбанд. Арзишнокии меъморӣ ва бадеии ёдгориҳои меросии мадании асрҳои V-XVIII бешубҳа дар муддати асрҳои зиёде услуб ва шаклҳои меъмории ташаккулёфтаи санъат, ҷузъиётҳои вайро муайян кардааст. Махсусан, бояд қайд кард, ки бо ҳама таъсири пурра ва назарас дини «Ислом» ба инкишофу рушди меъморӣ, анъанаҳои минтақавии тоҷикон нуқта нагузошт, балки хусусиятҳои хоси меъмории бадеии Мовроунаҳру Хуросонро дар худ таҷассум кард. Ғайр аз ин, ислом барои мубодилоту муносибатҳои маданию маънавии байни халқҳои гуногуни давлатҳои исломӣ монеа нашуд, балки вайро бо мазмуни худ пурраю ғанӣ гардонид.

Махсусан мо қайд мекунем, ки хусусиятҳои хоси усулу шаклҳои меъмории тоҷикон, ки дар эҷодиёти ҳунармандони маҳҳалии меъморон ифода ёфтаанд, принсипи асосӣ ақидаи такмилдиҳӣ буд, ва он меъёри қариб тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти инсониро дар замони Сомониҳо ташкил медод. Маҳз, ақидаҳои инсондустии ҷомеаи тоҷикон маҳаки асосии ташаккули созандагӣ дар меъморӣ, санъат ва шаҳрсозии асрҳои V-XIX гардид.

Ин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа, алалхусус бинокорӣ, санъати монументалӣ ва ороишоту-амалӣ дар асоси озодии эҷодкоронаи меъморон, рассомон, катибанависон ба даст оварда шуда буданд. Маҳз, ҳамин озодии эҷодии ҳунармандон боиси руй овардан ба давраҳои гузаштаҳои таърихии хеш, ки дар он пеш аз ҳама арзиши бузург маданияти Сосониён, дохиланд, гардид.

Чуноне, ки маълум аст, маданияти моддиву маънавии инсон паҳлуҳои гуногуни фаъолияти уро дар бар мегирад, натиҷаҳои вай аз насл ба насл мерос мемонанд. Хонаҳои истиқоматӣ, лавозимотҳои маишӣ, биноҳои, меъморӣ, маданияти сохтмони, шаҳрсози, косиботи, олотҳои меҳнат, либосҳо, зару зеҳвар, достонҳо, ақидаҳои динӣ, мусиқи, асарҳои мусиқи ва дигар арзишҳои маданӣ ҷузъи асосии маданияти маишиву маънавии миллати тоҷикро ташкил медиҳанд. Онҳо чи дар алоҳидагӣ ва чи дар маҷмуъ поя в маҳаки инкишофу рушди ҷомеа мебошанд.

Дар натиҷаи кофтуковҳои бостошиносие, ки аз тарафи олимону бостоншиносони шуравӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла, олимони эронӣ ба амал оварда шудаанд, бисёр маводҳо ва ашёҳое дастрас гардидаанд, ки ин нишонаи маданияти замонҳои гузашта мебошанд. Ғайр аз ин, нақшпартоиҳои деворӣ, кандакориҳо, порчаҳои асбобҳои мусиқӣ, ки дар ёдгориҳои меъмории монументалӣ дарёфт карда шудаанд, имконият додаанд, ки маданияти бою ғании рӯҳии халқҳои Мовароунаҳру Хуросон муайяну ошкор гардад, ки ба онҳо асотирҳо, ривоятҳо, қиссаҳо, асарҳои мусиқӣ ва дигарон мансуб мебошанд [5].

Муаллифи мақолаи илмӣ бори дигар ба он ақидааст, ки ҳатман ба қайд гирифтани маъхазҳои маданӣ, маълумотҳо дар бораи инкишофи маънавию маданӣ, маданияти оммавӣ ва косиботи халқӣ, ҷо ба ҷо гузории маводҳои дар адабиётҳо вуҷуд дошта, мафҳуму номҳои ашёҳо ва истилоҳотҳо ва ғайра ҳатмӣ аст. Бешубҳа, миқдори зиёди чунин маълумотҳоро метавонем аз асарҳои бадеӣ, ҷуғрофи, илмӣ ва ҳатто дар эҷодиёти шоирон дастрас намоем.

Таҳқиқи ёдгориҳои қадимаи меъморӣ, бинокорӣ, санъати монументалӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳокимони давлати Сомониён ба дастовардҳои беҳтарини давраҳои тоисломӣ такя мекарданд, ки он анъанаҳои давраи ибтидоии асримёнагии давлатҳои антиқии Суғд, Бохтар, Марғилон, Тохаристон мебошанд. Меъмории давраи исломии давлати Сомониён бешубҳа, дараҷаи баланди рушди мадании тоҷикон (ирониён)-ро дар Осиёи Марказӣ, Шарқи Миёна ва умуман ҷаҳони исломи инъикос мекунад. Махсусан дар меъморӣ, мақбараи Сомониҳо дар Бухоро, дар Тим,

мақбараи Мирсаид Баҳром дар наздикии Кирмон, Хоҷа Машҳад, Хоҷа Дурбад, Хоҷа Халаҷи дар Қубодиён, Ҳоҷа Нақшрон дар ноҳияи Турсунзода, Амир Ҳамза дар Чорkуҳ, Ҳазрати Шоҳ дар Истаравшан ва дигар бинову сохтумонҳои асрҳои IX-XI осори беназири таърих мебошанд. Сабаби нашъунамо ва рушди шаҳрсозӣ дар асрҳои IX –X пеш аз ҳама ин истиқлолияти маъмурии вилоятӣ буд, ки ба ташаккулёбии марказҳои иҷтимоиву-иқтисодӣ ва маданӣ дар тамоми сарзамини халқҳои эроннажод мусоидат кард.[6, с.87-88]

Ин давра бо маданияти хоси худ дар санъати монументали ва меъмори, бо услуби нави бадеии худ ба инкишофи ояндаи маданияту санъати тоҷикон таъсири бузург расонид. Асрҳои IX-X ва XI-XII дар ҳудуди Мовароунаҳр ва Хуросон бо густариши анъанаҳои бадеиву меъмори бо ташаккулёбии услуби ягона хусусиятнок карда мешавад. Ба рушди бештари шаҳрҳои давлати Сомониён (тақрибан 200 шаҳр) вуҷуд доштани шароитҳои мусоиди иҷтимоиву-иқтисоди, ҷойгиршавии ҷуғрофи, вуҷуд доштани заминҳои обёрии ҳосилхез, чарогоҳо, канданиҳои фоиданок ва ғайра мусоидат кардааст [7].

Дар таҷриба ва назарияи меъмории тоҷикони давраи асрҳои V-XIX ва то даврони мо бисёр масъалаҳои гуногунранги иҷтимоӣ, вазифаҳои муҳим аз гузашта ҳаллу фасл гардидаанд, қонуниятҳои сохтмони мустаҳкам ва ошкор шуданд, бисёрпаҳлугии якдигар таъсиррасонии санъати меъмори ва монументали-амали муайян шудаанд. Таъсиррасонии орнаменти - меъморӣ бо истифодаи ҷузҳои милливу-анъанави яке аз қисмҳои муҳими меъмории хоси асрҳои миёна мебошад.

Масъалаи омӯзиши ороишу орнаменти меъморӣ дар таърихи инкишофи меъморӣ аз қадимулаём то замони муосир воқеъияти муҳимро аз лиҳози илми пайдо мекунад, ки он тарз ва услуби орнаменти меъмориро дар деворҳо, пештоқҳои биноҳо ва сохтумонҳо, роҳҳои ташаккулёбии таркиби вай, бо назардошти ифодаи лавҳаҳои бадеи, ки ба шуури одамон таъсир мерасонад, таҷҷасум мекунад. Орнаменти меъмори вобаста аз ин ва ё он маводу конструксияҳо, ки бо техникаи сохтмони аз худ шудаанд ташаккулу ривоҷ ёфтааст. Ба нақшпартоиву орнаменти меъмори чунин намуди маводу лавозимотҳои сохтумони дохил мешаванд: мозаика, майолика, шиша, фаянс, фарфор, керамика, чуб, оҳан, мис, пластика ва дигар, ки ҳамаи ин ба рассомон ва ҳунармандон имконият медиҳад, ки пештоқу деворҳои биноҳоро ороиш дода, дар композитсияҳо усулҳои орнаментали ва симоиро истифода баранд [8].

Дар асарҳои ҳунармандони маҳали хусусияти хос на танҳо тобиши анъанави, ки аз гузаштагон то замони мо мерос мондааст, балки тахайюли бадеи ҳам дохил мешавад, ки аз маданияти қарнҳо то замони муосири мо симоҳои зинда ва пайкарсозиро пешниҳод мекунанд. Аз насл ба наслгузарии анъанаҳо – ин алоқаи нав бо куҳан дар раванди рушду инкишоф мебошад. Ин пеш аз ҳама, боиси нигоҳ доштани арзишҳои милли буда, маданияти бадеии мардумро ташаккул медиҳад, касбияти ҳунармандии халқиро дастгири мекунад. Масъалаҳои мероси бадеи, анъанаҳо ва навовариҳо, коркарди ояндаи шакли миллии орнаменти меъмори хело ҳам воқеъи буда, яке аз масъалаҳои рузмара ба ҳисоб рафта, тақозои аз ҷиҳати илмӣ омухтаро талаб менамояд.

Меъморон ва нақшофарони муосир мутаасифона ба орнаменти милли рӯякӣ аҳамият медиҳанд, услуби анъанавиро ба назар намегиранд, ранг, тарҳ ва ҷо ба ҷо гузории орнамент ва расмро нодуруст ифода ва баён мекунанд. Мукаммалгардонии муқароротҳои меъморӣ-нақшавӣ ва ҳаҷмӣ бе назардошти таъсирнокии хусусиятҳои хоси миллӣ, рангуборпартоӣ, нақш ва мақоми орнамент, инчунин ошкор намудани роҳу усулҳои ташаккулёбии вай дар меъморӣ номумкин аст. Усулҳои коркарди назариявии ташкили пурраи шароит, инчунин истифодаи орнамент дар фазои меъморӣ тақозои замонанд. Адабиёти гуногуне, ки ба меъмории Осиёи Марказӣ бахшида шудаанд, нишондихандаи муосирии ин тадқиқотҳо мебошанд. Маълумотҳо ва тадқиқотҳо дар ин ҷода, ки оиди ҳаллу фасли ин масоили рузмара, инкишофи орнамент дар меъморӣ, ки зебоӣ ва муназамии нақшофаринҳои бинову сохтумонҳоро баён кунад, хело кам ба назар мерасад [9].

Зарурияти тадқиқотҳои ҳамаҷонибаи орнамент дар меъмории Тоҷикистон бо он ифода меёбад, ки ҳар як давраи фаъолияти меъмории бадеӣ оиди ташкили фазои мусоид бо ҷустуҷуи фаъоли эҷодӣ азнавсози шудааст. Натиҷаҳои ин ҷустуҷӯйҳо дастовардҳои назарраси асарҳо бо истифодаи ҷузвҳои мавзунӣ ва конструксияҳо дар бинову сохтмонҳо мебошад. Дар тадқиқот ошкоркунии таъсири якдигарии анъанаҳо ва навовариҳо дар орнаменти Осиёи Марказӣ дар асоси омӯзиши назарияи умумии мерос дар илми меъморӣ, ҳамчун сарчашами инкишофи меъмории муосир ба назар гирифта шудааст [10].

Муаллиф ташхиси ташаккулёби ва алоқаи орнамент дар шароитҳои дигаргуниҳои иҷтимои дар Осиёи Маркази, хусусиятҳои хоси сохтумони биноҳо, бо ҷустуҷуи истифодаи шаклу анъанаҳои миллӣ ба амал овардаст. Ёдгориҳои меъмории Тоҷикистон ин шаҳодати гуногунуслубии сохтмон, орнаменти меъморӣ, нақшпартоӣ ва дигар шаклҳои эҷодиёти бадеӣ мебошад.

Меъмории Тоҷикистон, рушд ва таъсиси он таърихи дуру дароз дорад. Ин давраҳо гарчанде бо пешравӣ, пастиву ва рукудро аз сар гузаронидааст, аммо дар умум, меъмории халқӣ, мероси бадеӣ ва фарҳангӣ тамоюли афзоянда дошт.

Ҳамин тавр, мумкин аст оид ба нақшпартоӣ гуфт, қисми таркибии намуди меъмории биноҳои истиқоматӣ, маъмурӣ ва ҷамъиятӣ дар давраҳои гуногуни таърихи халқи тоҷик сохта шудаанд. Муайян кардани вижагиҳои нақшпартоӣ дар меъмории Тоҷикистон, пайгирӣ кардани рушди он дар як муддати дароз (аз асри V то асрҳои XX), муайян кардани хусусияти ҳақиқӣ, минтақавӣ ва муосирро дар Осиёи Марказӣ, дар асрҳои миёна, дар давоми ташаккули миллати тоҷик ва давлат, адабиёт ва фарҳанг яке аз масъалаҳои муҳими замони муосир аст.

Дар асоси омӯзиши пажӯҳиш ва тадқиқ муаллиф чунин нуқтаҳои муҳимро ба ҳайси хулоса пешниҳод мекунад:

1. Марҳилаҳои (V-XX в.) инкишофи нақшпартоӣ ва санъати тасвириро метавон ҳамчун марҳилаи рушд дар фарҳанги миллӣ ва азхудкунии суннатҳои тағйирнопазири маданияти миллӣ, анъанаҳо ва симоҳои услубии нав тавсиф намуд [11];

2. Дараҷаи баланди рушди нақшпартоӣ дар аввали асрҳои миёна (V-X в.) ба амал омад, ки бештар ба сохтори банақшагирӣ ва ташкили муҳити фазои биноҳои истиқоматӣ ва иншооти динӣ, қалъаву ва қасрҳои Шаҳристон, Панҷакент, Варахша ва Афросиёб хос аст. Ифодаёбии тасвирӣ баъзе аз ороиши дохилӣ ва берунӣ дар биноҳои санъати ороишӣ ва тасвири (кандакорӣ дар чӯб ва гач, хобонидани хишти ороишӣ, сафолҳо ва рангубори бемайлон) буданд [12];

3. Дар асрҳои XI-XVIII дар меъморӣ ва санъати тасвирӣ ҳам рушду ва ҳам танозулро мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳамаи ин дар сохтмон ва нақшпартоии корҳои сохтмонӣ аз мақсадҳои гуногун инъикос ёфтааст, ки аҳамияти бардавом барои омӯзиши ин шакли санъат барои наслҳои оянда дорад. Дар робита ба пешрафт ва беҳтар намудани илми муосир ва технология бо назардошти идомаи анъанаҳои меросӣ, бисёр аз ёдгориҳои меъмории машҳури санъати ҷаҳон, аз қабили мақбараи Сомониён дар ансамблҳои Бухоро аз Регистон, Шоҳи Зинда дар Самарқанд, мақбараи Муҳаммад Бошаро, Хоҷа Машҳад, Хоҷа Нақшрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва бисёри дигар кишварҳо, ки ба таври васеъ унсурҳои зинати меъморӣ ва санъати бемайлон истифода бурда мешуданд. Ҷои назаррасро дар сохтмони амалӣ объектҳои зинати меъморӣ ва санъати бемайлони миллӣ ишғол мекунанд [13];

4. Дар ҳар як минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшпартоӣ дорои хусусиятҳои услубии худро дорост, ки ба фарқият аз кори намунаи таркибии расм, принсипи ороишӣ, рангуборкунӣ тафовут доштанд, ва бо анъанаҳои чандинасра таҳия шудаанд ва дар меъмории муосир қабул шудаанд.

5. Рушди меъморӣ асосан бо сабаби рушду азхудкунии таърихӣ ва амиқи назариявӣ аз мероси фарҳангӣ, аз ҷумла меъморӣ халқӣ ва санъат, ки тайи солҳо аз таҷрибаи худ таҳия шудаанд вобаста аст; Рассомони мардумии муосир дар корҳои эҷодии худ аз анъанаҳои беҳтарини санъати қадим, баъзе унсурҳои аз шаклҳои қадимаи миллӣ ва орнамент, бо назардошти талаботи ҷории муосир ба усулҳои бадеӣ дар меъморӣ истифода мебаранд;

6. Баланд бардоштани сатҳу сифати меъморӣ ва сохтмон, шаҳрсозӣ ва бунёди ҷойҳои деҳот дар Тоҷикистон, такмили минбаъдаи пластикӣ ва кашшофӣ таркибии иншоотҳои истиқоматӣ ва биноҳои ҷамъиятӣ вазифаи асосии эҷодиёти меъмори аст. Хоҳиши ошкор кардани ҳамаи хусусиятҳои муҳити зист дар ин ягонагӣ бо анъанаҳои маҳаллӣ ва хусусиятҳои услубӣ ба мазмуни идеологӣ ва бадеии меъморӣ мусоидат менамояд.

7. Дар айни замон, ҷустуҷӯи асолати услуби зинату нақшпартоӣ дар меъморӣ бо истифодаи масолеҳи сохтмонии нав ва технологияи пешқадам равона карда шудааст.

Эҷодкорӣ ва кӯшишҳои мутахассисон, ҳунармандони миллӣ дар масъалаи дарёфти симои меъмории шаҳрҳо ва деҳот, ташаккули ансамблҳо, марказҳои ҷамъиятӣ, таъсиси асолати услубӣ дар муҳити меъморӣ ва фазоӣ бо ороиши ва санъат бемайлон дар меъмории биноҳо ва рушди шаҳрҳо равона карда шудааст. Метавон қайд намуд, ки мӯҳтавои меъморӣ ва бадеии биноҳои истиқоматӣ ва ҷамъиятӣ, биноҳои хусусӣ бо анъанаҳои мардумӣ сабабу хусият пайдо мекунанд. Ин усулҳои анъанавии рушдёбанда дар меъмории муосир, муваффақона бо меъморони маҳаллии Тоҷикистон рушду равнақ меёбанд [14].

Мақсад аз истифодаи зинату орнаменти меъморӣ ва санъати бемайлон дар берун ва дохили биноҳои истиқоматӣ, ҷамъиятӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ (корҳо аз чӯб, сафол, шиша, филизӣ) ба ҳалли мушкилоти ташкилоти мураккаби фазои услубӣ, таъсири мутақобила ва дар ҷустуҷӯи муайян намудани хусусиятҳои функсионалии ороишӣ ва санъати бемайлони нав мусоидат мекунад.

Имрӯз аз ҳама муҳим дар якҷоягӣ идомаи анъанаҳои гузашта ва муосир ва ҷамъоварии ҷисмии меъморӣ ва ороишот, ба суръат ва таъсиси нави симои шаҳрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Мо пурра боварӣ ҳосил кардаем, ки «На танҳо бо нон инсон зинда аст», балки «бо як санъат ҳам мумкин аст қонеъ нашавӣ». Дар баробари ин, фаъолияти бадеӣ ва эстетикӣ, ки «модели шаклдори

ҳаёту фаъолияти инсон» аст, бо фарогирии тамоми паҳлӯҳои ҳастии инсон, имкон медиҳад, ки ба таври махсус барои қонеъ кардани ниёзҳои асосии инсон, ҳама қобилиятҳои инсон, ба сифати шакли универсали баён намудани ваколатҳои асосии одам, татбиқ ва такмил ёбад [15].

Ҳамин тавр, мо метавонем дар бораи кандакорӣ дар чӯб ҳукм намоем. **Кандакорӣ** дар чӯб ҳамчун шакли фаъолияти бадеӣ ва эстетикӣ хусуситяи сирф дошт ва тадриҷан ранги маънавӣ ва назариявиро ба даст овард. Он ягонагии органикӣ аз моддӣ ва фаъолияти амалӣ, маънавӣ ва назариявиро дар бар мегирифт.

Кандакорӣ дар чӯб ҳамчун як навъи санъат хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва миллӣ-этникиро дорост, аммо дар айни замон, метавонем як қатор хусусиятҳои умумии онро интихобу ҷудо кунем:

• бо вуҷуд доштани пайванд миёни шаклҳо ва хусусиятҳои санъат ва хосиятҳои техникӣ, усулҳои коркарди чӯб;

• риояи ягонагии шаклҳои бадеӣ ва расо ва мақсади амалии объект;

• ягонагии манфиати бадеӣ ва моддӣ ба ниёзҳои рӯҳонии одамон, ки офарандаанд ва барои онҳо объектҳо ва ашёҳои кандакорӣ меофаранд;

• таносуби шакли ашёҳои кандакориҳо бо объектҳо ва ашёҳои дигар, намуди дохилии биноҳо, мақсадҳо ва талаботҳои ҷиҳати маънавӣ ва афзалиятҳои эстетикӣ;

• ошкор намудани симои бадеии ашёҳои кандакориҳо дар сатҳи болои (тарҳрезӣ ва шакли иншоот, техникаи моддӣ ва коркард, баён ва принсипи пешкашкунии зинату ороишот), ва дар сатҳи дохилӣ, ки изҳори маънавию мазмуни иншоот ва ашёҳоро ифода мекунад;

• муносибати наздикии як банди алоҳидаи кандакорӣ бо ансамбл дар маҷмӯъ ба сохтани тасвири бадеӣ имкон медиҳад, ки тарҳи меъмории бино ё ансамбл муайян карда шавад;

• моддӣ, ашёгӣ будани шакли ороишӣ (дар тафовут бо дигар намудҳои санъат), ки мақсади он якҷояшавии органикӣ ба муҳити зист (ба меъмории атроф, манзараи маҳҳалла, фазои дохили) аст;

• забони махсуси санъати тасвирӣ, ки ба маҳдуд кардани як қатор мавзӯъҳо ва симоҳо (ба истиснои панелҳои кандакорӣ) равона шудааст, роҳнамоӣ намудани сохтмони шакли бадеӣ дар асоси мақсади функсионалӣ, муҳити меъморӣ, муҳити фазоӣ, шароити дарк ва ғайра;

• услубият дар кандакорӣ дар чӯб ҳамчун воситаи асосии ифода дар офариниши тасвири бадеӣ баромад мекунад.

Нақши махсуси чӯбро дар раванди рушд ва ташаккули ҳаёти инсонӣ бояд таъкид кард. Дар робита ба ин, чӯб ҳамчун ҷавоби ифтитоҳӣ баромад мекард, ки дар он одам инсон буданро меомӯхт. Дар чӯб инсон аз худ кардани малакаҳои заруриро барои баъдтар аз худ кардани маводҳои нав пайдо ва рушд медод. Маҳз дар чӯб изҳори фикру ҳиссиёти худро меомӯхт. Ҳамин тавр, фароҳам овардани шартҳо барои пайдоиши санъат ба амал меомад.

Дар омӯзиш тамоюли алоқаи дараҷаи кандакорӣ дар чӯб ва сатҳи рушди иҷтимоии гурӯҳи қавмӣ вуҷуд дорад. Дар айни замон, номувофиқии рушди санъати касбӣ ва мардумии кандакорӣ дар чӯб ба мушоҳида мерасад. Дар рисолаи мазкур таҳлили интиқоди санъат аз баъзе кандакориҳои муосир гузаронида шуд, ки баъзе аз хусусиятҳои фарққунандаи санъати муосири кандакориро муоина намудем. Хулосаи асоси ин аст, ки дар таърихи кандакорӣ дар чӯб, ҳамчун яке аз намудҳои қадимтарини санъат, густариши достони ваколатҳои асосии одам дар ҳаёту фаъолияти вай муаррифӣ карда шуд.

## АДАБИЁТ


1. Абдуллоев С. Сомониён ва ҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. / С. Абдуллоев - Душанбе, 1997.
2. Спиркин А.Г. «Асосҳои фалсафа» дастури таълими барои мактабҳои олӣ» / А.Г. Спиркин М. 1991-544 с.
3. Абдуллоев Т.А., Ҳасанова С.А. Либоси ӯзбекон. / Т.А. Абдуллоев, С.А. Ҳасанова-Тошканд: Нашриёти «Фан», 1978.
4. Абдуллозода Х.Ф. Таърихи риёзиёт дар Осиёи Миёна ва Шарқи наздик (асрҳои VIII-XV).
5. Абросимова А.А. Санъати кандакорӣ дар чӯб, устухон ваш ох. / А.А. Абросимова, Н.И. Каплан, Т.Б. Матлянская М.: «Мактаби олӣ», 1984.
6. Каримов М. “ Мақбараҳо ва иншоотҳои меъмории Осиёи Марказӣ”, / М. Каримов Душанбе, АИ ҶТ 2007.
7. Абӯалӣ ибни Сино ва замони вай. Муҳаррири масъул: Негматов Н.Н. Душанбе: Дониш, 1980. - 280 с.
8. Авдиев В.И. Истеҳсолот ва касбҳои санъатӣ дар Мисри Қадим. / В.И. Авдиев М., 1930.
9. Аведова Н.А. Маълумотҳо дар бораи техникаи санъати тасвирӣ дар нсиклопедияи Вахдати Алӣ. / Н.А. Аведова М.: Наука, 1963. -192с.
10. Азаматова М.К. Нақпартоии халқии / М.К. Азаматова Адыгея. Муакоп, 1960.
11. Азизов А.А. Методикаи таълими хонандагони синфҳои VIII-IX оид ба кандакорӣ дар чӯб (аз рӯи маводҳои ҳунарҳои мардумии шимоли Тоҷикистон). / А.А. Азизов // Диссертатсияи номзадӣ. Брянск, 1995.-333 с.
12. Андреев М.С. Тоҷикони водии Хуф (болои Амударё). / М.С. Андреев - Нашри II. -Сталинобод. Нашриёти АИ ҶШСТ, 1958.-22с.
13. Барабанов А.Г., Техническое творчество школьников. / А.Г. Барабанов, В.Е. Гурин Краснодар, 1981.

14. Азизов А.А., Абдуллозода Х.Ф., Файзиев И.Д. Асосҳои инкишофи техника ва эҷодиёти техникии халқҳои Осиёи Миёна (қадиму асримиёнагӣ). / А.А. Азизов, Х.Ф. Абдуллозода, И.Д. Файзиев Душанбе: «Ирфон», 2011.-С. 21-33.
15. Александрова Л.А. Таърихи чӯби Руссия. / Л.А. Александрова Қасрҳои чӯбин. 2003.-47с.

## РОЛЬ СРЕДНЕАЗИАТСКИХ РЕМЕСЕЛ В ДАЛЬНЕЙШЕМ РАЗВИТИИ АРХИТЕКТУРЫ

*На протяжении всего своего существования человек занимался различными видами искусства, в том числе архитектурной, декоративной, резьбой и так далее и в зависимости от исторических условий, и постоянно стремился улучшить и обогатить свою жизнь. Искусство стало частью философии жизни и положительно повлияло на развитие их культуры. В статье рассматриваются архитектурно-художественные ценности памятников культурного наследия V-XVIII веков, а процесс развития и совершенствования различных ремесел в этот период дает достоверную информацию, основанную на достоверных исторических свидетельствах. Многие изделия народных промыслов Средней Азии, особенно таджикской нации, были уничтожены на протяжении веков, иногда под влиянием политических беспорядков. В результате археологических исследований ученые и исследователи обнаружили культурные артефакты разных веков, отражающие ремесленное искусство. В статье рассматриваются лучшие достижения ремесел до VII века в Согде, Бактрии, Магилоне, Тохаристане, мавзолеи Саманидов в Бухаре, мавзолеи Мирсаида Бахрома, Ходжа Машхада, Ходжа Дурбад, Ходжа Накза, Амир Хам. XI, предоставлены точные доказательства.*

*В статье автор на основе своих исследований представляет некоторые свои научные выводы, связанные с классификацией развития ремесел и различиями между ними.*

*В статье также представлена информация об одном из важнейших ремесел - резьбе по дереву, а также подробно описаны виды резьбы по дереву. Уделено внимание общим особенностям резьбы в определенной форме.*

*Авторские исследования служат учебным материалом для лиц, имеющих отношение к данной отрасли, историков, культурологов и тех, кто интересуется искусством прошлого.*

***Ключевые слова:*** *искусство, архитектурная ценность, наследственные памятники, археологические раскопки, культурные источники, народные промыслы, развитие орнамента и архитектуры, декоративно-архитектурное искусство, резьба, рисунок, дизайн и форма строительства.*

## THE ROLE OF CENTRAL ASIAN CRAFTS IN THE FURTHER DEVELOPMENT OF ARCHITECTURE

*Throughout its existence, man has been engaged in various types of art, including architecture, decoration, carving and so on depending on the historical conditions, and constantly strived to improve and enrich his life. Art became part of the philosophy of life and positively influenced the development of their culture. The article examines the architectural and artistic values of cultural heritage monuments of the 5th-18th centuries, and the process of development and improvement of various crafts during this period provides reliable information based on reliable historical evidence. Many handicrafts of Central Asia, especially of the Tajik nation, have been destroyed over the centuries, sometimes under the influence of political disorders. As a result of archaeological research, scientists and researchers have discovered cultural artifacts from different centuries, reflecting handicraft art. The article examines the best achievements of crafts until the 7th century in Soughd, Bactria, Magilon, Tokharistan, the Samanid mausoleums in Bukhara, the mausoleums of Mirsaid Bakhrom, Khoja Mashhad, Khoja Durbad, Khoja Nakza, Amir Ham. XI and the precise evidence is provided.*

*In the article, the author, on the basis of his research, presents some of his scientific conclusions related to the classification of the development of crafts and the differences between them.*

*The article also provides information about one of the most important crafts - woodcarving, and also describes in detail the types of woodcarving. Attention is paid to the general features of the thread in a particular form.*

*Authors' research serves as educational material for industry insiders, historians, cultural scholars, and those interested in the art of the past.*

***Keywords:*** *art, architectural value, heritage sites, archaeological excavations, cultural sources, folk crafts, the development of ornament and architecture, decorative and architectural art, carving, drawing, design and form of construction.*

***Сведения об авторе:***
***Якубов Алишер Ашуралиевич** – ассистент кафедры методики преподавания физики и технологии материалов Кулябского государственного университета им. А. Рудаки, Тел.: (+992) 918273273;*
***About the authors:***
***Yakubov Alisher Ashuralievich** – assistant of the Chair of Method of Teaching Physics and Technology of Materials of Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, Tel.: (+992) 918273273.*

## ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ТАФАККУРИ ЭКОЛОГӢ АЗ ЗАМОНИ БОСТОН ТО ЗАМОНИ МО

***Кузиева Р.М.***
*Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон*

Инкишоф додани фаъолияти экологӣ ва табиатдӯстдории талабагони синфҳои ибтидоӣ дар низоми чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ, дар дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тарзи шавқмандии хонандагонро бо истифода аз технологияи навин дар раванди таълиму тарбия оиди дарки шууронаи табиат ва муҳити атроф яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи соҳаи таҳсилот дар замони муосир ба шумор меравад.

Муҳим он аст, ки дар хонандагон муносибати эҳтиёткорона намудан ба табиат ташаккул дода шавад, зеро фаъолияти марбут ба муҳофизати экологӣ дар соҳаи таҳқиқоти психологӣ-педагогӣ самти афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Бешак тавассути таълиму тарбияи бефосила муттасилии омӯзиши ҷанбаҳои экологиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ амалӣ кардан мумкин аст, зеро зимни омӯзиши фанҳои биологӣ-экологӣ асосҳои маърифати экологӣ ва фаъолияти ҳифзи табиат дар хонандагон ташаккул дода мешавад.

Навсозии низоми таҳсилот мутобиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013), Консепсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тарбияи экологӣ (1996), «Консепсияи миллии тарбия» (2006) ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ-меъёрӣ ба роҳ монда шуда, муташшакил будани саводнокии экологӣ, фарҳанги таълимгирандагон ва муҳтавои низоми педагогии муассисаҳои таҳсилоти умумиро тақозо менамояд[7, 5, 6].

Зикр кардан бамаврид аст, методҳои анъанавии дар ҷумҳурии мо роиҷ ва мавриди истифодабуда, ки ба сохтор ва мӯҳтавои таълиму тарбияи экологӣ такя мекунанд, натиҷаи қонеъкунанда намедиҳанд. Шаҳодати ин гуфтаҳо дар ҷомеа равнақ ёфтани ангезаҳои масрафкунанда дар робита бо табиат, истифодаи ғайримантиқӣ аз манобеи он, поин будани сатҳи маърифати экологӣ барои қишрҳои мухталифи мардум, аз ҷумла талабагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ мебошад. Дар ҳамин робита, мушкил гардидани хусусиятҳои актуалӣ барои беҳбуд сохтани низоми таълиму тарбияи экологӣ дар муассисаҳои таълимӣ, ки бояд мутобиқ бо шароити экологӣ мавҷуд бошанд, махсусиятҳои тағйироти иҷтимоӣ ва фарҳангии дар ҷумҳурӣ рухдодаро дар назар мегирад ва ҳамчунин мутаносиб бо равандҳои муосир дар рушди сиёсати маорифи кишвар мавзӯият пайдо мекунад.

Дар эҷод намудани шароити мукаммал барои ташаккул ёфтани маърифати экологии талабагони муассисаҳои таълимӣ роҳу усулҳои педагогии мутобиқ бо дастуруламалҳои навсозӣ ва таълимӣ, ки имрӯз дар аксар минтақаҳои кишвар ба таври фаъол мавриди истифода қарор доранд, нақши созандаро иҷро мекунанд. Ҳамзамон вазифаҳои муассисаҳои умумии таълимии ҷумҳуриро бояд дар мизони тавоноии онҳо барои ҳалли мушкилоти диалектикии таълиму тарбияи кӯдак дар тамоми низомҳои робита, аз ҷумла экология дар назар гирифтан шарти зарурӣ мебошад.

Дар ҳамин маврид, масъалаи исботи илмии усул, сохтор, мӯҳтаво, намудҳо ва равишҳои низоми таълиму тарбияи экологӣ ва табиатдӯстдории талабагон дар муассисаҳои муосири таълимии Ҷумҳури Тоҷикистон дар ҳар як сатҳи синнусолӣ ва муҳимтар аз ҳама дар муассисаҳои ибтидоие, ки дар ташаккули як шахсияти дорои маърифати баланди экологӣ марҳалаи таъйинкунанда доранд, махсусан мавриди таваҷҷуҳ аст. Зарурияти расидан ба ҳадафҳои омӯзиши масъалаҳои экологӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ бо хусусиятҳои рушди зеҳнии кӯдакони хурдсол вобаста аст. Дар талабагони хурдсол хусусиятҳои шахсӣ ба таври фаъол шакл гирифта, донишҳои муайян дар мавриди табиат ва муҳити атроф босуръат сурат мегирад ва робитаҳои чандҷониба бо муҳити табиию иҷтимоӣ рушд меёбад. Кӯдакони синни хурди мактабӣ тавассути фаро гирифтани донишу таҷриба ба як фарди мушаххас табдил мешаванд ва ҳамин ҷанбаи масъала ба мо имкон медиҳад, то дар мавриди имкониятҳои ташаккулёбии онҳо ва асосҳои эътимодбахши рафтори масъулонаашон дар муносибат бо табиат суҳбат кунем.

Аммо ҳалли мушкилоти таълиму тарбияи экологии талабагон ва хусусан талабагони синфҳои ибтидоӣ бидуни омӯзиши таърихи пайдоиш ва инкишофи тафаккури экологӣ ғайримумкин аст. Таълиму тарбияи экологӣ ба монанди дигар ҷанбаҳои дидгоҳҳои омӯзишӣ таърихи нисбатан қадимтар дорад ва бахши ҷудоинопазири таърихи рушди инсонӣ ба ҳисоб меравад.

Таърихи таълиму тарбияи экологии мардумони ҷаҳон ба қарнҳо бармегардад ва умуман тақвими ташаккули экология ҳамчун илм ба таври зер аст:

Дар қарнҳои VI – Vто милод дар китобҳои назми эпикии ҳиндуёни қадим "Маҳабҳарата" ва "Рамаяна" оиди тарзи зиндагӣ, макони зист, дар боби намудҳои ҳайвоноту набототи он замон маълумот оварда шудааст.

Сипас Эмпидокл, файласуфи Юнони қадим (солҳои 490 – 430 то милод) дар навиштаҳои худ вобастагии олами набототро бо муҳити зист ошкор карда, пас аз ӯ Буқрот ҳам ба муфид будани олами наботот ва ҳайвонот таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Дар солҳои 490 – 430 то милод Арасту низ вобаста ба табиат ва масъалаҳои ҳифзи он чанд осори хешро бахшидааст. Аз ҷумла вай дар навиштаҳои хеш афзоиши бештар аз 500 намуди ҳайвоноти ба худ маълумро зикр кардааст[10].

Дар осори Феофраст, файласуфи Юнони қадим, ки дар солҳои 370 – 285 то милод ҳаёт ба сар бурдааст, оиди гуногунии растаниҳо, нақши иқлим ва хок маълумот нишон дода шудааст[10].

Аз аҷдодони мо давраи салтанати Ҳахоманишиён давраи ибтидои нигариши масъулона ба табиат ва ҳодисаҳои он буда, сипас ин масъала ҷанбаҳои ҷадидеро дар замони салтанати Ашкониён ва Сосониён ба даст овардааст. Лозим ба зикр аст, ки нигариши фалсафӣ ба ҷаҳони воқеӣ ба таври куллӣ ва нигариши экологӣ ба табиат ва ҷомеа ба таври хос дар ин давраҳо на ба сурати иттифоқе зоҳир мешуд.

Бо нигоҳ ба устураҳои ориёӣ онҳо дар бораи Каюмарс, Ҷамшед, азамати ин подшоҳони ориёӣ, нигариши онҳо ба худои Яздон, дар мавриди ҷовидонагии инсон, дар бораи маънои зиндагӣ, дар мавриди ҳастии ҷаҳон ба таври куллӣ суҳбат мекунанд. Дар ниҳоят бо бархе ислоҳот ин идеяҳо ба шарофати таълимоти Зардушт моҳияти умумӣ пайдо карда, то ба дараҷаи тафаккуроти фалсафӣ бар мӯҳтавои экологии идеяҳои аҷдодони мо таъсир гузоштааст.

Дар Авасто навишта шудааст: "Аз ватани худ муҳофизат кунед, аз хонаи худ муҳофизат кунед, мардуми худро тарк накунед"[1, с.72]. Ҳамаи инҳо таъсири чашмгире дар рушди идеяҳои экологӣ дошт.

Дар Авасто бо идеяҳои дорои ҷанбаи психологӣ – педагогӣ дар мавриди таълиму тарбияи экологӣ ошно мешавем, ки ҳифзи тозагии замин, об ва муҳит зист дар онҳо нақши муҳиммеро иҷро мекунанд. Ин чунон маънoро дорост, ки рӯшноӣ, оташ, офтоб, об, замин ва ҳаво дар зиндагии инсон аҳамияти зиёд доранд ва гум кардани эҳтимоли истифодаи саҳеҳ аз онҳо метавонад сабаб ба ноҳамоҳангӣ, аз байн рафтани зот ва фард шавад[1].

Тадқиқоти олимону донишмандон собит мекунад, ки ҳатто дар замони сохти ибтидоӣ мардум боэҳтиёт ва таваҷҷуҳи хос ба табиат, олами ҳайвонот ва наботот рафтормекарданд, зеро зиндагии онҳо комилан ба нигариши дақиқ ба табиат ва ғановати он вобастагӣ дошт. Онҳо ба думболи афзоиши сарвати табиат буданд ва касонеро, ки онро нодида мегирифтанд, муҷозот мекарданд.

Дар Готҳо ва дигар қисматҳои Авасто мафҳумҳое монанди покизагӣ, зебоӣ ва манфиатҳои кишоварзию парвариши ҳайвонот, яънемуносибати этикӣ - эстетикии инсон ба табиат ишғол шудааст, ки бисёр қобили таваҷҷуҳ аст. Дар шиори "гуфтори нек, рафтори нек, пиндори нек" ҷойгоҳи бартарро меҳнат ва меҳнатдӯстӣ ишғол мекунад ва ҳифзи тозагии об, замин, ҷангалҳо, муҳити зист, таълим ва тарбияи экологӣ дар Авасто як амали хуб маҳсуб мешавад[1].

Бинобар ин, дини зардуштӣ дар даврони бостон ва ибтидои қарнҳои миёна дар Осиёи Марказӣ ва Эрон як таълимоти асосии педагогӣ ва динӣ маҳсуб меёфт, ки мунъакискунандаи масъалаҳои марбут ба ҳифзи покизагии об, замин, ҳаво, бадан, хона, масъалаҳои ҳимоят аз манбаъҳои маъданӣ, истифодаи оқилонаи об мебошад. Имрӯз низ, пас аз гузашти қарнҳо ин таълимот барои омӯзиши маърифати экологии насли ҷавон, махсусан талабагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълими умумӣ бисёр омӯзанда ва муфид аст.

Таълимоти исломӣ тамоми навъҳои амалҳои харобиоварро, ки комилан ҳаракатҳои нобудгарона ба табиатро нишон медиҳад,маҳкум мекунад ва дар ҳама маврид бар интихоби роҳи ҳалли саҳеҳ ва оқилона бар мушкилотро исрор дорад. Дар яке аз ҳадисҳои паёмбари акрам (с) навишта шудааст: "Бидонед, чашм бинотарин чизе аст, ки ба аъмоли солеҳ ҳидоят мекунад"[8].

Тамоми аъмоли солеҳе, ки шахс дар робита бо табиат аз худ нишон медиҳад, аз ҳар назар шоистаи ҳимоят ва ташвиқ ҳастанд. Дар ҳар мазҳаби дини мубини ислом, муқарраротн комилан мустақиман вуҷуд доранд, ки ба таври мустақим ба мавзӯоти ҳифзи муҳити зист, ҳавзаи ҳаёту табиат, эҳтиром ба замин, об, наботот, ҷонварон ва ҳайвонот мепардозад [8].

Дар ояи 19-уми сураи Ҳиҷр, аз Қуръони карим чунин омадааст: "Ва Заминро густуронидем ва дар он кӯҳҳоро афгандем ва дар он аз ҳар чизи санҷидашуда рӯёнидем". Аз қисмати охири ояи мазкур маълум аст, ки дар Замин ҳар чиз бо меъёру андоза ва бо таносуби муайяну санҷидашуда

офарида шудааст. Ҳар махлуқе, хоҳ зинда бошаду хоҳ беҷон, дар Замин вазифаи махсуси муайяншударо иҷро мекунад. Онҳо дар якҷоягӣ ва бо меъёри муайян муҳити зист, яъне шароити мавҷудият, зиндагӣ, афзоиш ва таъминоти инсон ва дигар мавҷудоти зиндаро барпо мекунанд. Хулласи калом, тағйир додани таносуби муайяншуда ба сабаби вайроншавии муҳити зист, ҳалокати бани башар ва олами мавҷудоти зинда оварда мерасонад [8, с.394-395].

Аз шарҳи ин оя бароямон маълум аст, касоне, ки ба ин офаридаҳо ва нишонаҳо бо дидаи эътибор наменигаранд, мисли махлуққое ҳастанд,ки барои онҳо ақл лозим нест, танҳо гаштугузор мекунанду мехӯранду мехобанд.

Имрӯз набояд тарафи муқобили ин мушкилотро фаромӯш кунем. Ба унвони мисол, афроде, ки ба ҷониби минтақаҳои куҳистон ҳаракат мекунанд, рафтори ваҳшиёнае нисбат ба наботот ва ҳайвоноти чунин минтақаҳо нишон медиҳанд. Ба далели мушкилоти иқтисодӣ, мавҷуд набудани маводи сӯхт ва масолеҳи сохтмонӣ мардум маҷбур ҳастанд аз ҷангалҳои атроф ба унвони маводи сӯхт ва ҳамчунин масолеҳи сохтмонӣ истифода кунанд ва мутаассифона имрӯз ҳеҷ кас монеи ин амр намешавад. Мутобиқи дини мубини ислом ин амали гуноҳ аст: “Аз маводи мамнуъа (касиф) дар сохт ва созҳо истифода накунед, зеро ин калиди тахриб аст”[8].

Табиат ва муҳофизати он аз ибтидо то имрӯз ҳамвора яке аз хостгоҳҳо ва сарчашмаҳои ҳунар будааст. Маншаъ ва ташаккулёбии огоҳии миллӣ ва идеяҳои экологии тоҷиконро метавон ба равшанӣ дар рӯҳи ренесанси фарҳанг, одоб ва расму таомули миллии Сомониён мушоҳида кард. Ташаккули ҳуввияти миллӣ, нигариши боэҳтиромона ба табиат, ҷомеа ва забону адабиёти тоҷик ҷавҳар ва мӯҳтавои кори андешамандони бузурги давраи Сомониён буд, ки саҳми босазое дар эҳёи фарҳанги тоҷику форс доштанд. Намояндагони бузурги ин давра, классикҳои адабиёт ва илми тоҷик буданд. Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Берунӣ, Хайём, Хоразмӣ ва дигарон дар осори ҷовидонаи худ тамоюли мардуми тоҷикро барои эҳёи фарҳанг, забони модарӣ, одоб ва русуми худ, аз ҷумла зебоиҳои табиат ва муҳофизати он нишон доданд.

Дар адабиёти илмӣ ва бадеии андешамандони гузашта тавсифоте аз табиат, зебоиҳои фаромӯш нашудани он ҷойгоҳи аслиро ба худ ихтисос додааст. Ба унвони мисол, Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ тавсифи ҷаззобиятҳои табиат, таъкид бар эҳтироми сарватҳои он, эҳтиром ба як муҳити тозаро ба қалам кашидааст. Тавсифи табиат дар осори шоир бо ҷаҳонбинии ӯ, ишқ ба зиндагӣ ва чашмандози алоқаманд шудааст. Шарҳи табиат дар ашъори Рӯдакӣ табиӣ ва бисёр ҷаззоб аст. Шеъри ӯ дар боби манзараҳои табиат нағмаест,ки ҳар фарди ҳазинро ба нишот меоварад:

*Омад баҳори хуррам бо рангу бӯи тииб,*
*Бо сад ҳазор нузҳату ороиши аҷиб.*
*Дар ҷои дигар боз фармудааст:*
*Он саҳни чаман, ки аз дами дай,*
*Гуфтӣ дами гург ё паланг аст.*
*Акнун зи баҳори монавитабъ*
*Пурнақшу нигор ҳамчу Жанг аст [13].*

Намунаҳои таълимоти муҳити зист дар осори Аттори Нишопурӣ низ мунъакис шуда, дар бархе аз ҳикоятҳои ӯ шафқат ва меҳрубонӣ ба мавҷудот ва ҳастӣ, дар нигаҳдорӣ аз дарахту ҳайвонот дида мешавад. Тамсилҳо дар осори Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ пур аст аз кӯҳу дашт, биёбон, осмон ва замин, дарё ва кӯл, дарахт ва ғайра.

Ҳамон тавр, ки ҳамчуншоири замони худ Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” нақл кардааст, шаҳрвандон, кӯдакон ва ҳокимон,ки бо ин кор рӯбарӯ ҳастанд, бояд назофат ва назму тартиби сарзамин ва оби ватани худро риоят кунанд. Вай бо тадвини мавзӯи аслӣ, масъалаи мубориза бо вайронкунандагон ва хmajобкорони табиат ва манобеи он, мушкилоти омӯзиш, ҳифзи муҳит зист, минтақаҳои ҳаёти инсон, саломатии мардумро башиддат матраҳ кард, ки бидуни шак эҳсоси ишқ ба табиат, ватан ва табиатро дар инсон эҷод мекунад [14].

Фарҳанги экологӣ яке аз маконҳои аслиро дар осори илмии Ибни Сино ишғол мекунад. Ба гуфтаи ин донишманди бузург, шахс аз рӯзи таваллуд бо табиат ва сарватҳои ғайриқобили муқоисаи худ рӯбарӯ мешавад. Ба ибораи дигар, худи шахс ба унвони маҳсули табиат ва муҳити зист дар раванди зиндагӣ батадриҷ ниёз ба муҳофизат ва ҳифзу ҳимоя аз назофати табиат, падидаҳои табиӣ ва муҳити ҳаётан муҳими атроф пайдо мекунад[2].

Фахруддини Розӣ дар боби фазилати инсон сухан ронда ва танҳо ӯро мавҷуди ҳимояткунандаи табиат медонад: «Агар ба ногоҳ ҳайвоне бо ягон инсон рӯ ба рӯ ояд, он ҳайвон ба ваҳшат афтода, ҳолаташ дигаргун мешавад, дар ҳоле ки ҷуссаи он ҳайвон аз инсон дида бузургтару бақувваттар аст. Ва ҳеҷ шубҳае нест, ки инсон афзалтару авлотар аз соири ҳайвонот аст. Ва ин афзалияту авлавият танҳо ба хотири қуввату савлати ӯ нест, балки афзалияти инсон ба хотири илм ва ақли худододӣ аст, ки ба ин неъматҳо мудрики ҳақоиқи ашё ва иттилое бар онҳо мегардад. Ҳар кӣ аз ин неъматҳо дуруст истифода кард, ӯ аз торикиҳои ҷаҳолату разолат берун шуд ва ҳақиқату ростиро дарёфт».

Ҷустуҷӯи равишҳои нави эҳёи худшиносии тоҷикон бештар мутафаккиронро водор кард, ки ватани худро тарк кунанд ва саргардон шаванд. Бинобар ин, Носири Хусрав, Камоли Хуҷандӣ, Саъдии Шерозӣ ва садҳо шоиру файласуфони дигар дар хориҷ аз сарзамини аҷдодии мо зиндагӣ ва кор карданд. Бо вуҷуди ин, бар асоси идеяҳои миллии худ онҳо осори фалсафии худро навиштанд, ки таҷрибаи зиндагӣ ва хиради ҳама наслҳои гузаштаро ба таври куллӣ ва инчунин ҷаҳонбинии экологиро дарбар мегирад.

Дар осори Носири Хусрав масъалаи маърифати экологӣ низ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад, ки ҳалли он барои ӯ бисёр муҳим аст.

Мутафаккир қотеъона ба зеҳни инсон эътиқод дорад ва онро хеле тавсиф мекунад. Инсон ба шарофати донишу маърифати худ ҳама падидаҳои табиатро мефаҳмад, мутаваҷҷеҳ мешавад ва бо кӯмаки ин дониш бо онҳо созгор мешавад. Бо таваҷҷуҳ ба таълимоти Носири Хусрав раванди омӯзиш, тарбияи экологии фард, аз ҷумла насли наврас кафолатиояндаи зебо, нур барои рӯҳ ва равон, калиди ҳалли бисёре аз мушкилоти зиндагӣ, калиди фаҳми саҳеҳи ҳама масъалаҳо мебошад.

Умари Хайём, яке аз донишмандон ва шоирони машҳури тоҷик бо дастовардҳои илмии худ ба шӯҳрати ҷаҳонӣ расидааст. Дар эҷодиёти ин мутафаккири бузурги Шарқ мушкилоти маърифат ва таълиму тарбияи экологӣ дар мадди назар қарор гирифтааст.

Дар рубоиҳои худ Хайём бо ба тасвир кашидани зебоӣ ва назофати табиат ҷаззобиятҳои онро бо мероси як биҳишти олӣ ва оби табииро бо ҷараёни ҳавзи биҳиштии Кавсар муқоиса мекунад , ки дар имтидоди он шароби муаттар рехта мешавад.

Бад-ин тартиб шоир ба мардум дастур медиҳад, ки аз дунёи атрофи худ муроқибат кунанд, ба андозаи зиёратгоҳҳои як биҳишт муқаддас ва холис сарватҳои табиати атрофро дӯст дошта ва ба онҳо эҳтиром бигузоранд.

Ба ақидаи Саъдии Шерозӣ табиат хонаи башарият аст ва аз он бояд бо тамиз ва мураттаб тасмим гирифт, яъне ба ҳамин тариқ, ки онро аз ҳолату ҳодисоти пешбининашуда бояд ҳифозат намуд. Ӯ ба башар ҳушдор медиҳад, ки ин ҷаҳон оламе нест, онро низ метавон дар даст доштан ва онро метавон бо ақл идора намуд[16].

Масоили марбут ба маърифат ва таълиму тарбияи экологӣ дар осори бешуморе аз Абдурраҳмони Ҷомӣ, Камоли Хуҷандӣ, Низомии Ганҷавӣ ва дигарон низ ҷойгоҳи махсусро ба худ ихтисос медиҳад.

Бинобар ин, тақрибан ҳама классикҳои адабиёти форсу тоҷик аз мушкилоти таълиму тарбияи экологии насли ҷавон ҷудо нестанд ва ин амр боис мешавад иддао шавад, ки мушкили робитаи инсон ва табиат, ҳимоят аз сарватҳои он ва ҳифзи табиат барои наслҳои оянда масъалаи асосӣ дар корионҳост.

Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ҳам инсонро дар манзараҳои зебову дилкаши табиат дидан мехоҳад. Ба таври пурра эҳсоси он мекунад, ки табиати зебо ва бо гулҳои рангоранг ороста ба инсон натанҳо ҳаловат, балки боз нерӯ ҳам мебахшад. Ҳамин тавр, доим дар оғӯши табиат будан ва ба қадри он расиданро таъкид менамояд ва бо ин васила инсонро аз андешаи ноумед шудан ва ба худ боварӣ надоштану заифу нотавон будан ба канор бурданӣ мешавад:

*Миёни лолаву гул ошён гир,*
*Зи мурғи нағмахон дарси фиғон гир.*
*Агар аз нотавонӣ гаштаӣ пир,*
*Насибе аз шабоби ин ҷаҳон гир.*

Лозим ба зикр аст, ки дар ин баробар ҷанбаҳои мухталифи экологӣ дар навиштаҳои донишмандони Рим ва Юнону Чини бостон, аз ҷумла Эмпидокл, Буқрот, Арасту, Феофраст, Плинеии бузург ва дидгоҳҳои мазҳабии Конфутсий мунъакис шудааст[9].

Мутафаккирон ва бузургони давраҳои мухталиф (то қарни XVII ва XIX) дар мавриди бархе аз ҷанбаҳои экология суҳбат мекарданд, аммо ҳеҷ кас ҳозир нашудааст, ки зоти илмии онро комилан ошкор кунад ва як тасвири ҷомеи илмиро пешниҳод кунад.

Истилоҳи "экология" аз калимаҳои юнонии "oikos" ба маънии маскан, зистгоҳ, манзил ва "logos" илм,фан ё таълимот аст. Экология соҳаи илмест, ки муносибати организмҳои зиндаро байни худ ба бо муҳити сукунат, инчунин муносибати инсонро бо биосфера меомӯзад. Ин истилоҳ дар соли 1866 тавассути олим ва табиатшиноси олмонӣ Эрнест Геккел(1834-1919) дар корбурдҳои илмӣ муаррифӣ шуд. Ин вожа ба унвонификри комилан ҷадиде дар Аврупои он замон матраҳ шуд. Вай мавзӯи таҳқиқоти экологиро иртиботи мавҷудоти зинда бо муҳит донист. Популятсияи организмҳо, намудҳо, ҷамоатҳо, экосистемаҳо ва умуман биосфера мавзӯи тадқиқоти экология мебошад.

Аммо дар илми муосир мафҳуми "экология" фақат ба аҳамияти биологӣ маҳдуд намешавад. Дар робита бо ҷомеа ва инсонҳо ҷанбаи биологии ин мафҳум бо омилҳои иҷтимоӣ, муҳитӣ, техникӣ ва беҳдоштии зиндагии инсонҳо мушаххас мешавад. Бинобар ин, ҳамон тавр, ки қаблан гуфта шуд, экология ба намудҳои иҷтимоӣ, техникӣ ва тиббӣ ҷудо мешавад, ки ҳамроҳ бо экологияи

системаҳои табиӣ як экологияи ҷомеъро ташкил медиҳанд. Он ҳамчун барнома барои эҷоди як стратегияи муштарак барои рафториинсон дар табиат тарроҳӣ шудааст.

Дар марҳилаҳои аввал инкишофиэкологияи муҳити табиӣ бо дар назар гирифтани таъсири шахс бар он ва фаъолияти иқтисодии он мавриди таҳқиқ қарор гирифт.

Қаблан дар қарни XIX робитаи мустаҳками табиат ва инсонро дар тамоми марҳилаҳои ташаккул ва пешрафти инсоният қайд кардаанд:

“Ба моҳияти табиати атроф таъсир расонда, ӯ (инсон) дар айни ҳол моҳияти табиати худро тағйир медиҳад.”.

Таваҷҷуҳи бештар ба табиат мутафаккирони барҷаста, аз қабили Дюрер, Бюффон, Гёте, Дидро, Монтескё, ҳамчунин педагогҳои барҷаста Спенсер, В.Ф. Оденевский, К.Д. Ушинский, Е.И. Тихеев, Л.К. Шлягер, С.Т. Шатский ва Н.И. Крупскаяро бетараф нагузоштааст. Масалан, Ж. Бюффон дар китоби машҳури худ “Таърихи табиат” фикрҳои ҷолиби қабулро доир ба тағйирёбии намудҳо таҳти таъсири муҳит пешниҳод кардааст. Мутафаккир Шарл Монтескё бошад усулҳои таълиму тарбияи экологиро муайян карда, ду ақидаро пешниҳод мекунад: “лозим аст дар мавриди табиат ва ҷомеа маълумоти ҷолиб баён шавад, ки тавассути он инсон ахлоқи саҳеҳро аз худ карда, барои худ иқдомоти саҳеҳро интихоб кунад; табиатро эҳсос карда, чизҳои муфидро аз он бароящ ҷамъ оварад, то минбаъд битавонад ба он пайравӣ дошта бошад”.

Бо вуҷуди ин дастовардҳо дарзамири талабагон қабл аз инқилоби Октябр нигариши андешанок ба табиат шакл гирифт ва аввалин бор дар солҳои қудрати Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ педагогҳо маҷбур буданд бар ин камбудии таълиму тарбия ғалаба кунанд. Дар мактабҳои Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ муаллимони пешрафта саъй мекарданд аз беҳтарин дастовардҳои олимони соҳаи педагогика истифода баранд.

Крупская Н.К. таъкид кардааст, ки ташаккул ёфтани робита бо воқеият, аз ҷумла муҳити табиӣ, дар раванди ҳимоят аз табиат пеш меравад. Ин ишора ба ҳаракати ҳифзи муҳит зист, ки дар кишвари шӯравӣ тоза ривоҷ ёфта буд, марбут буд.

Дар мактабҳои Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ омӯзиши фанни экология аз ду ҷиҳат инкишоф ёфтааст: яке аз онҳо марбут ба омӯзиши мавзӯъҳои экологӣ дар дарсҳо ва экскурсияҳо, дигаре дар чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ аст. Дар соли 1924 комиссариати маорифи мардумӣ вазифа гузошт, киминтақаҳои табиии кишвар омӯхта шуда, барои муҳофизати табиат барномаҳо муайян карда шаванд ва барои ин равиш аз усулитаҳқиқ истифода шуд. Пешниҳод шуд, то аз тариқи экскурсияҳо дар гӯшаҳои зиндаи табиии мактабҳо таъсири истеҳсолот бар муҳити зист кашф шавад.

Аммо, ҳамон тавр, ки медонем, дар даҳаи сеюми қарни XX саноатикунонии кишвари шӯравӣ оғоз шуд. Ҳама мардум аз дидани дудкашҳои қудратманди корхонаҳои истеҳсолӣ эҳсоси ғурур мекарданд. Дар тайи ин солҳо ба талабагон омӯзиши нигариши масрафкунанда нисбат ба табиатро инкишоф доданд. Омӯхта шуд, ки аз аз як дарахт чанд донагӯгирд истеҳсол кардан мумкин аст ва барои чӣ мардум ба ҷангал, замин, дарёҳо ва дигарвоситаҳои ба ин шабеҳ эҳтиёҷ доранд.

Аз соли 1945 то соли 1962 фанн табиатшиносӣ бо равиш омӯзиши тавзеҳӣ анҷом дода мешуд: кӯдакон ба таври содда навиштаҳоро дар мавриди табиат ва муҳофизати он мехонданд. Ин тарзи амал сабаб ба ин воқеият шуд, ки чандин насл дар рӯҳияи масрафгароӣ ва бетафовутӣ ба табиат парвариш ёфтанд. Ҳарчанд дар он замон педагогҳое вуҷуд доштанд, ки таълим ва тарбияро бар асоси асли иртибот дар байни ёдгирӣ ва табиат бино мекарданд.

Сухомлинский В.А. дар китоби “Ман қалби худро ба кӯдакон мебахшам!” ба педагогҳо тавсия мекунад: “Ба саҳро, ба боғҳои истироҳатӣ равед, то аз манбаъ андеша бинӯшед ва ин “оби зинда” боис мешавад фарзандони шуморо ба унвони муҳаққиқони мутафаккир, афроди кунҷков ва ҷустуҷӯгар, шоиру адиб табдил кунад.” Вай хотирнишон мекунад, ки “овардани бачаҳо ба чаманзор, боздид аз ҷангал ва боғҳо барои онҳо бисёр шавқовартар аз баргузории дарс аст”.

Мавзӯъҳои тарбияи экологӣ тавассути бисёре аз педагогҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Академик Зверев И.Д. менависад: “Тезутунд шудани мушкилоти муосири муносибати байни ҷомеа ва табиат бисёр корҳои навро барои мактаб ва маориф матраҳ кардааст, ки бо мақсади тарбияи насли наврас тарроҳӣ шудаанд ва ин метавонад таъсироти манфии байни инсон ва табиатро пешгирӣ кунад, ки дар оянда нисбат ба он боэҳтиёт рафтор мекунад. Комилан возеҳ аст, ки наметавон корро бо равшанфикрии талабагони мактаб дар заминаи ҳифзи табиат маҳдуд намуд. Кулли маҷмӯаи мушкилотимасоили экологии мо андешаҳои файласуфонаи ҷадид, таҷдиди назари як силсила мавзӯоти иҷтимоӣ-экологӣ, ҷустуҷӯҳои илмии тоза ва бозтоби комилтар ва пайдарҳамро аз моҳияти чандҷабҳагии фанни экология дар таълимоти мактабӣ талаб мекунад”.

Таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ки маърифати экологӣ ба унвони мушкилоти ҳар давраи хос ба таври давомнок ва густурда дар ҳоли густариш аст. Лозим ба зикр аст, ки экология ва ҳифзи муҳити зист як илми бисёрҷабҳа буда, бо география, биология, иқтисодиёт, тибб, ҳуқуқ, таърих, равоншиносӣ, педагогика ва фанҳои техникӣ пайванд аст. Аз як ҷиҳат ин илм талаботи ҷадидро барои ташаккулёбии талабагон фароҳам оварда, аз тарафи дигар маърифати экологӣ, тафаккури экологӣ ва огоҳӣ аз муҳити зистро дар онҳо ривоҷ медиҳад.

Дар солҳои охир, то ҳудуде тибқи як таҳлили сиёсӣ - иҷтимоӣ экология ва мушкилоти экологӣ дар кори бисёре аз нависандагон, аз ҷумла донишмандони кишварҳои дигар мунъакис шуда, теъдоди зиёде аз брошюраҳо, мақолаҳо ва осори зиёде перомуни назария ва амалияи омӯзиши муҳит зист интишор шудааст.

Пас аз истиқлолият ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар соли 1997 нахустин китоби дарсӣ бо забони тоҷикӣ бо унвони "Асосҳои экология ва ҳифзи табиат" бо қалами устодон Сафаров Ҳ., Дарвозиев М., Саидов М., Давлатов А., Ҳурматов Х. Ба табъ расид. Дар ҳудуди кишвар олимони мо аввалин маротиба чунин маводи таълимиро, аз қабили "Барномаҳои таълимии фанҳои ихтисоси экология" (2010), "Падидаҳои экологӣ ва гуногунии биологии Тоҷикистон" (2011), "Мушкилоти экологӣ ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ" (2012) ба нашр расонданд, ки дар роҳи таълиму тарбияимаърифати экологии талабагони муассисаҳои таълими ибтидоӣ низ саҳми бориз доранд.

Аз рӯи масоили ташаккул додани таълиму тарбияи экологӣ дар муассисаҳои таълими умумии Тоҷикистон таҳқиқоти зиёд амалӣ шудааст ва дар миёни онҳо заҳматҳои Ахмедова Т., Ғаниева Т.Б., Кабулова Б., Қодирова С.Н., Қурбонова З.Ш., Маликова В.С., Халимова А., Холбекова Н.О., Узакова Х. ва дигаронро метавон ном бурд, ки масъалаҳои умумии маърифат ва таълиму тарбияи экологӣ ба таври амиқ коркард шудааст.

Муаллифони дар боло зикршуда дар осори худ ба таври илмӣ масоили маърифати экологии талабагони муассисаҳои таълимиро мавриди таҳқиққарор додаанд. Бо ин вуҷуд теъдоде аз мавзӯъҳои бисёр муҳим, ки бояд ба онҳо таваҷҷуҳ шавад, боқӣ мондааст, ки яке аз онҳо мушкилоти муайян кардани мӯҳтаво,мақсад, ҳадаф ва ҷавҳари ахлоқии фаъолиятҳоиэкологӣ ва табиатдӯстдории талабагони синни хурди мактабӣ дар фаъолиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ аст.

Дар ҳоли ҳозир мушкилоти экологии таъсироти байниҳамдигарии инсон ва табиат, ҳамчунин таъсири ҷомеаи башарӣ бар муҳити зист бисёр тезутунд шудааст ва миқёси азимеро ҳам фаро гирифтааст. Дар шароити қарибулвуқӯи таркиши экологӣ таълиму тарбияи экологӣ ба унвони бахши ҷудоинопазири таълиму тарбияи ахлоқии шахс аз аҳамияти воло бархурдор аст. Акнун натанҳо дар Тоҷикистон, балки дар саросари ҷаҳон мушкилоти экологии зиёде вуҷуд дорад. Ин амр то ҳадди зиёде иттифоқ меафтад, зеро дар муассисаҳои таълимӣ таваҷҷуҳи чандон ба таълиму тарбияи ахлоқӣ ва экологии талабагони синфҳои ибтидоӣ зоҳир намегардад.

Бояд таъкид кард, ки ташаккулёбии тафаккури экологӣ ва шаклгирии маърифати ахлоқӣ ногузир бо таълиму тарбияи экологии фард дар тамос аст. Ҳангоми ташкил кардани таҳқиқот мо аз ин воқеият натиҷа мегирем, ки дарк, арзёбӣ, таҷрибаи эстетикӣ аз зиндагӣ ва табиат натанҳо як равиши муҳим барои барқарор шудани муносибати як фарди муосир бо табиат аст, балки як омили фаъоли муассир дар таълиму тарбияи ахлоқӣ, ташаккулёбии мавқеияти инсонӣ ва фарҳанги рафтори ӯ аст. Аз онҷо, ки таълиму тарбияи ахлоқӣ ва экологӣ ташаккулёбии ҷиҳатгирии талабагони муассисаҳои таълимиро ба фаъолияти экологӣ таҳрик мекунад, фарҳанги экологии онҳоро низ шакл медиҳад.

Аммо, мутаассифона, наметавон гуфт, ки дар ҷумҳурӣ, дар ҳама соҳаҳои ҳаёт як усули муосир ҷиҳати омӯзиши пайдарҳами экология эҷоду коркард шудааст. Бахусус, дар заминаи таълиму тарбияи ибтидоии экологӣ бобати норасоии дастурҳои методӣ барои гурӯҳи талабагони синфҳои ибтидоӣ камбудии адабиёти илмӣ – тарғиботӣ ҷой дорад.

Дар айни ҳол, ба масъалаи таълиму тарбияи насли наврас дар робита ба муносибати инсондӯстона ба табиат бояд талош кунем, то захираҳои мавриди истифода қароргирифтаро ошкор карда, онҳоро дарк кунем ва дар ҳалли мушкилоти масъалаҳои маърифати экологӣ ба таври амалӣ истифода кунем.

**АДАБИЁТ**


1. Авеста. Гимн Митры. XIX. 75. Душанбе, 1970. - С. 72.

2. Авиценна. Канон врачебной науки. Кн.-1 Душанбе. 1998. 380 с.
3. Амонашвили Ш А. Основы гуманной педагогики. Кн. 7. Легко быть садовником, трудно быть уроком семени / Шалва Амонашвили . – 2-е изд. – М.: Свет 2017. – 400 с.
4. Каримзода М.Б. Гузариш ба таҳсилоти босифат ва омӯзиши салоҳиятҳои калидии асри XX1 – омили асосии рушди устувори кишвар. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи ваҳдати миллӣ, таҳти унвони «Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ», Душанбе, 29 июни соли 2018 - с.113 - 125.
5. Консепсияи милли тарбия дар ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03.2006, адабиёти электронӣ аз интернет: №94 https://www.google.com/search&sourceid=chrome&ie=UTF-8.
6. Консепсияи милли таҳсилот, адабиёти электронӣ аз интернет:http: // dushanbemaorif .tj /?p=191.
7. Қонуни Чумҳурии Тоҷикистон дар барои Маориф-Нашриёти Шарқи Озод.Душанбе-2006.92с.
8. Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика Душанбе , «Маориф», 1988, - 304с.
9. Лункевич В.В. От Гераклита до Дарвина. / В.В. Лункевич Том 1. М.: Биомедгиз. 1936. – 413с.
10. Нуров А. Методикаи корҳои тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоӣ / А. Нуров – Душанбе: 2021. - 222с.
11. Умари Хаём. Рубоиёт. Душанбе. 1970.-91 с.
12. Рӯдакӣ А. Осори Рӯдакӣ. Сталинобод: Таджикгосиздат, 1958.-180с.
13. Кайгородов Д.Н. Беседы о Русском лесе. / Д.Н. Кайгородов М.: Белый город, 2009.-303 с.
14. Фирдавси А. Шоҳнома. / А. Фирдавси -Тегеран: нашр. Бехзод, 1375.-824 с.

## ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ С ДРЕВНИХ ВРЕМЕН ДО НАСТОЯЩЕГО ВРЕМЕНИ

*Следует отметить, что проблема конфликтных отношений с окружающей средой не нова и имеет тысячелетнюю историю.*

*История экологического образования народов мира уходит в глубь веков, и в целом календарь становления экологии как науки берет свое начало в Древней Греции.*

*Подчеркивается, что даже в религиозных книгах наших предков, таких как Зороастризм и Ислам, этому вопросу уделяется серьезное внимание.*

*Было отмечено, что проблема бережного отношения к элементам природы является одной из центральных тем классической персидской и таджикской литературы.*

*Опора на отечественную педагогику, богатую классическую и современную литературу в процессе экологического просвещения повышает его эффективность.*

***Ключевые слова:*** *экология, охрана природы, экологическое просвещение, классическая литература.*

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF ECOLOGICAL THINKING FROM ANCIENT TIMES TO THE PRESENT

*It should be noted that the problem of conflict relations on environment is not a new issue and has a thousand-year history.*

*The history of environmental education of the peoples of the world goes back centuries, and in general, calendar of the formation of ecology as a science originates in Ancient Greece.*

*It is emphasized that even in the religious books of our ancestors, such as Zoroastrianism and Islam and serious attention is paid to this issue.*

*It was noted that the problem of respect for the elements of nature is one of the central themes of classical Persian and Tajik literature.*

*Reliance on domestic pedagogy, rich classical and modern literature in the process of environmental education increases its effectiveness.*

***Keywords:*** *ecology, nature protection, environmental education, classical literature.*

***Сведения об авторе:***

***Кузиева Раногуль Мирмухамадовна*** *- ассистент кафедры естествознания Таджикского государственного финансово-экономического университета, Тел: (+992) 919509586*

***About the author:***

***Kuzieva Ranogul Mirmuhamadovna*** *– assistant of the natural science chair of Tajik State Finance and Economics University, Tel.: (+992) 919509586*

# ЭКСПОЗИТСИЯ ШАКЛИ АСОСИИ ИЛМӢ-НАМОИШӢ ВА ТАРҒИБОТИИ ОСОРХОНА

***Ҷалолов Б.Ф.***

*Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода*

Осорхонаро китоби бошукӯҳи хотиравии инсоният мегӯянд. Аз ин рӯ мақоми ин даргоҳи фарҳангӣ ҳамчун муассисаи илмӣ-таҳқиқотӣ ва илмӣ-маърифатӣ дар ҷомеъаи имрӯза ҷойгоҳи хоссаро касб намудааст. Ҳамарӯза аз осорхонаҳо тамошобинони зиёди дохилию хориҷӣ дидан намуда бо таърих, фарҳанг, урфу одат, ҳунармандии як халқ ё миллат шинос мешаванд. Осорхона бо толорҳои намоишӣ, яъне экспозитсияи доимоамалкунандаи таърихи гузаштаву имрӯзаро бо нигораҳои пурарзиш инъикос мекунад ва ташкили .

Зери мафҳуми экспозитсия ин ҷойе дар назар дошта мешавад, ки дар он нигораҳо оид ба як мавзӯъ, аз рӯйи низоми муайян ҷо ба ҷо ва ба маърази тамошо гузошта шудаанд. Бе экспозитсия осорхона хазина ё бойгоние аст, ки дар он нигораҳо ҷамъ оварда шуда, танҳо омӯхта мешаванд, вале аз дидани онҳо бисёриҳо бенасибанд. Маҳз аз ҳамин сабаб экспозитсия яке аз ҷузъҳои асосии фаъолияти осорхона аст. Аз он муассисаҳое, ки дар онҳо экспозитсия вуҷуд дорад, ба монанди китобхона, фарқи экспозитсияи осорхона дар он аст, ки дар он танҳо нигораҳои аслӣ, ки таърихи онҳо илман исбот шудааст, гузошта мешавад. Ба таври дигар, экснозитсия ҷой ё маконест, ки на танҳо тамошобинон, балки роҳбаладон низ сабақи аввалини худро аз он меомӯзанд.

Аз нигоҳи инҷониб дар таҷрибаи муосир миёни экспозитсия ва хазинаи осорхона то андозае як ҳадди амиқ мавҷуд аст, ки маводи осорхонавиро ба ду гурӯҳ тақсим менамояд:

а) маҷмӯи ашёе, ки он дар хазинаи осорхона мавҷуд аст ва он танҳо ба мутахасисон дастрас аст;

б) маҷмӯи ашёе, ки дар толорҳо ба маърази тамошо гузошта шудаанду ҳамагон метавонанд аз он дидан намоянд;

Экспозитсияи осорхонавӣ мувофиқи фаҳмиши имрӯза на танҳо ба маънои маҷмӯи предметҳои барои тамошо гузошташуда фаҳмида мешавад. Дар фарқият аз экспозитсияҳои ғайриосорхонавӣ, аз қабили витринаҳои мағозаҳо ё намоишгоҳҳои истеҳсолӣ-тиҷоратӣ, экспозитсияи осорхона хусусиятҳои вижаи худро доранд:

1) экспозитсияи осорхонавӣ дар асоси нигораҳои аслӣ сохта мешавад, ки маводи мазкур бешубҳа хусусияти таърихӣ - фарҳангӣ доранд;

2) экспозитсияи осорхонавӣ мувофиқи мақсаду ғояи ягонаи пешакӣ таҳияшуда бунёд мегардад, ки мувофиқи он ашёи ба тамошо гузошташаванда муайян, ҷудо ва гирдоварӣ мешаванд;

3) экспозитсияи осорхонавӣ асари бадеӣ ба шумор меравад, ки барои кушодани моҳияту мавзӯи он дараҷаи олии санъати меъморӣ истифода мегардад.

Дар экспозитсияи осорхона маводи тасодуфӣ ё нолозим ба чашм намерасад. Ҳар як ёдгории ба намоиш гузошта шуда ба ашёи паҳлӯии худ дар пайвастагӣ қарор дошта, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба ҳам тавъаманд.

Экспозитсияи осорхона метавонад дар ниҳоди тамошобин шавқи донистани таърих, ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмию сиёсиро ривоҷ дода, дар тарбияи ахлоқии шахс саҳмгузорӣ намояд. Вижагиҳои экспозитсияи осорхонавӣ чунинанд:

- дар экспозитсия на ҳама гуна ашё, балки маводе гузошта мешаванд, ки қиммати осорхонавӣ ва таърихӣ-фарҳангӣ дошта, ба тамошобин маълумоти гуногун дода тавонанд ва робитаи фикрии тамошобинро бо воқеаву равандҳои таърихӣ ба вуҷуд оварда, ба ӯ таъсири ҳиссиву зеҳнӣ расонанд;

- асоси экспозитсияи осорхонавиро консепсияи илмӣ ташкил медиҳад, ки он аз ҷониби кормандони осорхона таҳия шудааст. Консепсияи таҳияшуда мазмуни ғоявии экспозитсия, меъёри интихоби ашёи осорхонавӣ аз миёни маводи ҷамъоваришуда, гурӯҳбандии нигораҳо, ороиши меъморӣ ва бадеии толорҳои намоиширо дақиқ менамояд.

Аз ин рӯ, меъёри интихоби ашёи осорхонавӣ барои хазинаи осорхона аз ходимони ин даргоҳ масъулияти махсуси касбиро тақозо менамояд. Дар ин ҷода бамаврид аст, таъкид намоем, ки ашёи осорхонавии экспозитсия фарогири ду ҷанба мебошад:

- нигораи ба намоиш гузошташуда исботи факти таърихӣ буда, барои фаҳмидани ҳолати таърихӣ кӯмак менамояд. Аз дидани ашёи осорхонавӣ тамошобин барои худ маълумоти муайян пайдо намуда, дониши худро такмил медиҳад.

- бо дидани ашёи осорхонавии аслӣ тамошобин бо тамоми ҳиссиёт ба сайри олами таърихӣ меафтад. Ашёи осорхонавии аслӣ қудрати ба зеҳни тамошобин таъсир расониданро дорад.

Ҳамагуна экспозитсия чун рисолаи илмӣ аз қисмҳои ба ҳамдигар пайванд иборат аст, ки хусусан мавҷудияти сохтори мавзӯгии он имкон медиҳад, ки пайдарҳамии ба намоиш гузоштани нигораҳо риоя шавад. Таҳияи сохтори мавзӯӣ амали муҳим дар ташкили экспозитсия мебошад. Гуфтан мумкин аст, ки сохтори мавзӯӣ танҳо «қолаб»-и экспозитсия мебошад. Он бояд ба воситаи маводи экспозитсионӣ амалӣ шавад. Чун анъана, осорхонаҳо дар шароити муосири ҷаҳони имрӯза низ аз чунин навъҳои маводҳои экспозитсионӣ истифода мебаранд:

- ашёи осорхонавӣ (ёдгориҳои таърихӣ - фарҳангӣ, ҳамагуна манбаъҳои таърихӣ, ки ҳамчун нигора истифода бурда мешаванд, суратҳои ҳуҷҷатӣ низ ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд);
- маводи экспозитсионӣ - илмии ёридиҳанда (муляжҳо, харитаҳо, диораммаҳо, диаграммаҳо, нақшаҳо);
- матнҳо (матнҳои тавзеҳотӣ, зернавиштҳо), сабти овоз;
- аломатҳо (нақшаҳои ҷойгиршавии толорҳои намоишӣ, хатти сайри экспозитсия) [12, с.209-222].

Ашёи осорхонавӣ ва дигар маводи экспозитсионӣ мувофиқи сохтори экспозитсионӣ якҷо дар толорҳои намоишӣ ба маърази тамошо гузошта мешаванд, ки онҳо дар якҷоягӣ ифодагари як раванди таърихӣ ё инъикоси як соҳаи ҳунармандӣ мебошанд.

Ташкили экспозитсияи осорхонавӣ раванди мураккаб буда, дурустии он ба фаъолияти минбаъда таъсир мерасонад. Омодагии илмии экспозигсия диққати махсуси мутахассисони осорхона, маъмурият, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, Шӯрои илмии осорхона, донишмандони соҳаҳои мухталиф (таърихнигорон, иқтисодчиён, сиёсатшиносон ва ғ.)-ро талаб менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки омодагии экспозитсияи осорхона фарогири ду ҷанба аст: тарҳрезӣ ва ташкили экспозитсия.

Тарҳрезии экспозитсия ба се давра тақсим мешавад:

- дар давраи аввал вазифаи корманди илмии Осорхона таҳияи консепсияи илмии экспозитсия, вазифаи рассом - ороишгари осорхона таҳияи консепсияи бадеии экспозитсия мебошад. Аз нуқтаи назари тарҳрезӣ ин давраи аз ҳама муҳим дар ташкили экспозитсия буда, он пешзаминаи ташаккули фикрии экспозитсияи оянда аст. Ҳам корманди илмӣ (экспозитсионер) ва ҳам рассомро дар ин давра мебояд таҳқиқи зиёди илмиро барои пешниҳоди мавзӯи экспозитсияи оянда ба сомон расонанд.

Корманди илмӣ адабиёти марбут ба мавзӯи экспозитсия, ганҷинаи осорхона ва маводи осорхонаҳои дигарро, ки ба мавзӯъ наздикӣ доранд, омӯхта, вазъи фарҳангӣ-иҷтимоии шаҳру минтақа, категорияҳои асосии тамошобинони осорхонаро ба назар мегирад. Дар натиҷа экспозитсионер бояд ҷанбаи аслии мавзӯъро, ки ба соҳаи осорхона мувофиқ аст, пайдо намуда, ҷойгоҳи онро дар иртибот бо шабакаи осорхонаҳои дигар муайян намояд. Экспозитсияи дигар осорхонаҳоро дар ин раванд айнан нусхабардорӣ намудан лозим нест ва фақат аудиторияи осорхонаи худро бояд ба назар гирифт. Натиҷаи таҳқиқотҳо ва пешниҳоди мавзӯъҳои назариявӣ-ғоявӣ барои бунёди экспозитсияи осорхона ба он оварда мерасонад, ки консепсияи илмии экспозитсияи оянда дар шакли ҳуҷҷат матраҳ гашта, тибқи он асоснокнамоии ҳамаҷонибаи мавзӯъ, ғояҳои афзалиятнок, проблемаҳои экспозитсияи оянда, сохтори мавзӯӣ, сифати асосии маводи экспозитсионӣ, талаботҳои меъморӣ-бадеӣ ба назар гирифта шаванд.

Дар айни замон рассомро мебояд хазинаи осорхонаро омӯхта, маводҳоеро, ки имкон доранд диққати тамошобинро ба худ ҷалб намоянд, муайян намуда, ангора (эскиз)-и онҳоро тасвир намояд.

Баъд аз омӯзиши консепсияи илмӣ, рассом метавонад консепсияи бадеии экспозитсияро таҳия намояд. Агар консепсияи бадеии таҳиянамудаи рассом писанди кормандони илмии осорхона гардад, метавон ба давраи дуюми тарҳрезии экспозитсия шурӯъ намуд.

- дар давраи дуюми тарҳрезии экспозитсия усули тафсил (детализация)-и илмӣ ва бадеии экспозитсия амалӣ мегардад. Дар ин давра аз ҷониби кормандони илмӣ таҳия ва комил намудани сохтори мавзӯии экспозитсия ба анҷом расонида мешавад, ки дар он номгӯи бахшҳо, мавзӯъҳо,

зермавзӯъҳо дақиқ муайян мегарданд. Дар асоси он рассом ангораи экспозитсияи ояндаро тасвир менамояд.

- дар давраи сеюм масъалаҳои марбути техникӣ вобаста ба экспозитсия ҳал карда мешавад. Кормандони илмӣ нақшаи экспозитсионӣ-мавзӯиро бо нишон додани номгӯи аниқи нигораҳо, рақами осорхонавӣ, ҷойи нигоҳдорӣ, андоза, матнҳои тавзеҳотӣ мукамал менамоянд.

Рассом - ороишгар дар ин давра варақаи ҷобаҷонамоӣ (монтажный лист)-ро таҳия намуда, дар он ҷойгиршавии ҳар як нигораро дар экспозитсия нишон медиҳад.

Ҳангоми ташкили экспозитсия кормандони илмӣ ва рассомон чеҳраҳои асосӣ, дар омода намудани тарҳрезии экспозитсияи осорхона ба шумор мераванд. Аммо дар ин кор мутахассисони дигар соҳаҳо низ ширкат карда метавонанд. Агар ташкили экспозитсия вобаста ба сохтмони бинои нав, ё таҷдиди осорхона бошад, меъморони касбӣ низ метавонанд дар ин раванд ширкат намоянд. Дар он ҳолатхое, ки дар экспозитсия таҷҳизоти аудиовизуалӣ истифода мешавад, муҳандисон ширкат намуда метавонанд. Барои ташкили экспозитсияҳои мавзӯӣ, хусусан экспозитсияҳои осорхонаҳои наврасон метавон ҷомеашиносон ва равоншиносонро ҷалб намуд [13, с. 121].

Ҳамин тавр, лозим ба ёддошт мебошад, ки тарҳрезии экспозитсия аз се унсури бо ҳам пайванд: илмӣ, бадеӣ, техникӣ иборат мебошад. Омодагии илмии экспозитсияи осорхонавиро метавон ба бахшҳои зерин ҷудо намуд:

I. Тарҳрезии экспозитсия:
- таҳияи консепсияи илмӣ ва ғояи экспозитсионӣ;
- омӯзиши адабиёти илмӣ - оммавӣ;
- коркарди сохтори мавзӯӣ;
- таҳияи сохтори мавзӯии кушода ё нақшаи мавзӯӣ;
- ҷудонамоии маводи намоишӣ, таҳияи баргаҳо;
- таҳияи нақшаи меъморӣ - бадеии экспозитсия;
- навиштани нақшаи экспозитсионӣ - мавзӯӣ;
- омода намудани матнҳо ва маводи ёрирасон.

II. Ташкили экспозитсия:
- ҷамъоварии маводи намоишӣ, корҳои фондӣ, таҳкиму тармими ашёи намоишӣ;
- таҳияи варақаи ҷобаҷонамоии мавод;
- омода намудани роҳбаладон;
- таҳияи роҳнамо;
- таҳияи зернавиштҳо, матнҳои тавзеҳотӣ.

Албатта чунин амалҳо дар фаъолияти дастаҷамъии кормандони илмии осорхона, рассомон, дизайнерон, меъморон амалӣ мешаванд.

Аз ин хотир созмон додани экспозитсияи баландмазмун, экспозитсияе, ки ғайр аз мутахассисони соҳаи осорхонашиносӣ онро бояд тамошобини оддӣ низ фаҳмад, вазифаи асосии кормандони илмии осорхонаҳо мебошад. Дар ин раванд иҷрои амалҳои зерин зарур мебошанд:

- аз миёни он маводе, ки дар хазинаи осорхона ҷой доранд, нигораҳои беҳтарин ҷудо карда шуда, аз коркарди илмӣ гузаранд ва сари вақт тавсифи илмии онҳоро ба охир расонида, барои онҳо барга тартиб дода шавад;

- ҳангоми таҳияи нақшаи экспозитсионӣ-мавзӯӣ кӯшиш намудан лозим аст, ки аз миёни маводи ҷамъоваришуда дар намоишгоҳ ҳар чӣ зиёдтар нигораҳои аслӣ ҷой дода шаванд.

Зеро маҳз таъсири нигораҳои аслӣ ба тамошобин бештар буда, кас худро дар олами таърихӣ ҳис мекунад.

- экспозитсияҳои осорхонавӣ мувофиқи мазмун ба манбаъҳои хуби равшанию техникӣ ва мувофиқи замони ҳозира сохта шаванд. Инчунин ҳар нигорае, ки дар намоиш гузошта мешавад, ба нигораҳои дигар аз ҷиҳати пайдарҳамии таърихӣ ва дар робита ба мазмун наздикӣ дошта бошад. Барои исботи ин гуфтаҳо, метавон дар шуъбаи таърихи бостон ва асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистонро мисол овард, ки он ҷо диорамаи одамони ибтидоӣ мавҷуд аст. Дар ин диорамаи экспозитсияи осорхона аз одамони аввалин ва давраи зиндагии онҳо ҳикоят карда, сипас дар робита ба ин мавзӯъ бошишгоҳҳои онҳоро, яъне ғоре, ки дар он зиндагӣ мекарданд, тасвир карда шудааст. Ҳанчанд дар ин диорама нигораҳои аслӣ кам аст, лекин аз сабаби он ки экспозитсия дар сатҳи баланди бадеӣ сохта шудааст, тамошобинро бетараф гузошта наметавонад.

- ба таври зебо ва таъсирбахш ба намоиш гузоштани нигораҳо, яъне ороиши бадеии толорҳои намоишӣ ва гӯшаҳои экспозитсионӣ. Барои ин пеш аз ҳама ба осорхона мутахассисони рассом - ороишгар лозиманд.

- дар экспозитсияи доимоамалкунанда фақат як намуди нигораҳоро ҷамъ овардан дуруст нест. Кӯшиш намудан лозим аст, ки дар экспозитсия ҳам ҳуҷҷат, ҳам сурат, ҳам предмет, сару либос, диорамма оид ба як мавзӯъ нишон дода шавад. Ба маврид аст қайд намоем, ки агар 50 фисади

экспозитсияи баландмазмунро нигораҳои аслӣ ташкил диҳанд, 50 фисади дигари онро ороиши бадеӣ ташкил медиҳад.

- хатти сайр (машрути экспозитсия) яке аз омилҳои асосҳои экспозитсия аст ва ҳангоми тарҳрезӣ ба он бояд диққати махсус дод;

- дар сохтани экспозитсия пайдарҳамии таърихӣ, хронология бояд риоя шавад;

- экспозитсияи осорхонаро бе матнҳо ва зернавиштҳо тасаввур кардан мумкин нест. Тайёр кардани матнҳои кӯтоҳу пурмазмун низ ҳусни толорро меафзояд [11, с. 42-44].

- ғайр аз ин ҳар як экспозитсияи доимоамалкунанда ё намоиш роҳнамои худро дошта бошад. Вазифаи асосии ин китоби роҳнамо шинос намудани толорҳо, қисмҳои экспозитсия, нигораҳои беҳтарин ва хатти сайри экспозитсия бо тамошобин мебошад.

Ҳамин тариқ, созмон додани экспозитсия кори эҷодӣ аст, на ҷудо кардан ва ҷо ба ҷо гузоштани нигораҳо. Ин кор ба фаъолияти як нафар вобаста набуда, барои сохтани экспозитсияи пурмазмун якчанд нафар (сармуҳофиз, сардори шуъба, корманди илмӣ, рассом-ороишгар, дизайнер, роҳбалад) зарур ҳастанд. Ин мақсад танҳо дар он сурат амалӣ мегардад, ки кормандони осорхона, масъулияти касбиро дар мадди аввал гузоранд.


**АДАБИЁТ**

1. Ахбори Осорхонаи миллии ба номи Камолиддин Беҳзод. №6 – Душанбе, “Эҷод”. 2005. – 120 с.
2. Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. №1. – Душанбе, “ЭР-граф”. 2014. – 176 с.
3. Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. №2. – Душанбе, “ЭР-граф”. 2017. – 176 с.
4. Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. №7 – Душанбе, “Нодир”. 2008. – 128 с.
5. Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Точикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. №8. – Душанбе, “Адиб”. 2008. – 160 с.
6. Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. №9. – Душанбе, “Адиб”. 2011. – 232 с.
7. Бибикова И. Принципы музеной экспозиции. Декоративное исскуство / И. Бибикова – Москва. №3. 1961.–247 с.
8. Волькович А.Ю. Модель музейной коммуникации в концепциях зарубежных музееведов / А.Ю. Волькович // Музей в современной культуре : - М., 1997. - 140 с.
9. Грачев Я. Музейная экспозитсия. Основные принсипы художестаенное проектирования музейных экспозитсий. / Я Грачев, А. Михайловская Музееведение - Москава: Высшая школа. 1988 -31с.
10. Грегорова А.К. основным проблемам музееведения / А.К. Грегорова // Музееведение. Музеи мира. - М., 1991. – 228 с.
11. Закс А. Как составить этикетах / А. Закс // Советский музей. – Москва, 1987. № 1(92). - С. 42- 44. (1)
12. Левыкина К.Г. Музееведение. / К.Г. Левыкина В. Хербста Москва, «Высшая школа». 1988. - С. 209-222. (2)
13. Поляков Т.П. Как делать музей? (О мегодах проектирования музейной экспозиции). - Москва, 1997. - С. 121. (3)
14. Шарипов А. Экспозитяи ва экскурсияи осорхона. (Дастур оид ба тасвири илмии нигораҳои осорхонавӣ). / А. Шарипов Душанбе. «Адиб», 2012. - 136 с.


## ЭКСПОЗИЦИЯ – ОСНОВНАЯ НАУЧНО-ВЫСТАВОЧНАЯ И ПРОПАГАНДИСТСКАЯ ФОРМА МУЗЕЯ


*В статье рассматривается один из основных направлений пропагандистской деятельности музея, связанный с научно-выставочной экспозицией. Автор исследует основные пути и методы привлечения посетителей в музей и пропаганды музея с помошью представления научно-обоснованной экспозиции на основе теории музееведения.*



***Ключевые слова:*** *Экспозиция, артефакт, предмет, научная концепция, последовательность, муляжи, карты, диорамы, диаграммы, планы.*


## EXPOSITION - THE BASIC SCIENTIFIC EXHIBITION AND PROPAGANDA FORM OF THE MUSEUM


*The article discusses one of the main directions of the museum’s propaganda activities related to the scientific and exhibition exposition. The author explores the main ways and methods of attracting visitors to the museum and promoting the museum by presenting a science-based exhibition based on the theory of museology.*



***Keywords:*** *exposition, artifact, subject, scientific concept, sequence, models, maps, dioramas, diagrams, plans.*



***Сведение об авторе:***

***Джалолов Бекруз Фарходович*** *- соискатель кафедры культурологии и музейоведении Таджикского государственного института культуры и искусств имени Мирзо Турсунзода.* ***Адрес:*** *734032, Душанбе. Душанбе, проспект Борбад, 73.* ***E-mail:*** *Behruz_4747@List.ru, тел: (+992) 927854747*

***About the author:***

***Jalolov Behruz Farhodovich*** *- aspirant of the Department of Cultural Studies and Museum Studies of the Tajik State Institute of Culture and Arts named after Mirzo Tursunzoda. Address: 734032, Dushanbe. Dushanbe, Borbad Avenue, 73. E-mail: Behruz_4747@List.ru, tel: (+992) 927854747*

УДК 37.015.31

# МУАММОҲОИ ПСИХОЛОГИЮ ПЕДАГОГӢ ДАР БАЛАНДБАРДОРИИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН

***Воҳидова З.Р.***
*Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*

Яке аз вазифаҳои афзалиятноки таълим дар марҳалаи муосири рушди ҷомеа рушди шахсият мебошад, ки барои татбиқи ғояҳои эҳёи миллии кишвар пешбинӣ шудааст, ки қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити зуд-зуд тағйирёбандаи ҷомеаро дорад.

Дар ҳар давру замон ба гурӯҳи мазкури табақаҳои гуногуни ҷамъият шахсони синну солашон гуногунро дохил мекарданд. Дар илмҳои иҷтимоӣ, психологӣ-педагогӣ нуқтаи назари ягона доир ба сарҳадҳои табиии синну соли ҷавонӣ, баробарии психологӣ, физиологӣ ва синну соли иҷтимоии шахсон ба назар намерасанд. Намояндагони мактабҳои илмӣ ақидаи ягона доранд, ки муайян намудани сарҳадҳои мазкур бо ибтидо ва интиҳои танзими пурраи худогоҳии шахсии ҷавонон алоқаи зич доранд [7, с.52].

Проблемаи баланд бардоштани фаъолияти маърифатии донишҷӯён на танҳо дар педагогика, балки вазифаи ҷиддии иҷтимоӣ низ мебошад. Масъала дар он аст, ки донишҷӯён дар ҷараёни таълими касбӣ, танҳо он донише меомӯзад, ки шавқи ӯро ба вуҷуд овардааст ва дар ҷараёни азхудкунии он шиддати зеҳнӣ ба амал омадааст. Донишҷӯ ҷомеаи оянда, намояндаи насли нави мутахассисон аст. Аз ин рӯ, ба фаъолияти маърифатии ӯ дар раванди таълим аҳамияти калон дода мешавад.

Натиҷаҳои таълимии донишҷӯён дар мактабҳои олӣ бо фаъолияти ӯ муайян карда мешаванд, ки вай на ҳамчун объекти ғайрифаъоли идоракунии педагогӣ амал мекунад, балки субъекти фаъолияти маърифатӣ мегардад, салоҳияти ӯро ташаккул медиҳад. Фаъолияти воқеии маърифатии донишҷӯён метавонад, нишондиҳандаи сифати раванди таълим дар донишгоҳ гардад. Самаранокии ташкили таълими бакалаврҳои оянда аз фароҳам овардани чунин шароит вобаста аст, ки дар онҳо фаъолияти маърифатии донишҷӯён зоҳир мешавад.

Проблемаи омӯзиши фаъолияти маърифатӣ барои муддати тӯлонӣ барои илми педагогика ҷолиб аст. Маълумоти мавҷудаи илмӣ исбот мекунанд, ки фаъолияти маърифатӣ сифати шахсиятест, ки аз ҷиҳати сохт ва вазифаҳояш мураккаб аст ва дар системаи ба таври возеҳ тавсиф ва таҳияшуда ташаккул наёфтааст [6, саҳ. 25].

Дар як қатор таҳқиқот олимон қайд мекунанд, ки фаъолияти маърифатӣ робитаи зичро дар бораи омодагии дохилии инсон ба кори зеҳнӣ ва нишондиҳандаи шадиди чунин омодагӣ нишон медиҳад (Л.П. Аристова, Л.И. Божович, Н.Ф. Добрынин, А.Н. Леонтьев, А.А. Смирнов ва дигарон).

Аз тарафи дигар, муҳаққиқон қайд мекунанд, ки фаъолияти маърифатӣ бояд ҳамчун нишондиҳандаи динамикаи ҳамкории шахс бо объектҳои дониш баррасӣ карда шавад, ки ба азхудкунии таҷрибаи фарҳанги иҷтимоӣ ва васеъ намудани системаи арзишҳои шахсӣ равона карда шудааст (И.Я.Лернер, Р.А. Низамов, Н.А. Половникова, М.И. Махмутов, Алимухаммедов М.Р., Т.И. Шамова ва дигарон). Дар ин фаҳмиши падидаи таҳқиқшаванда, таваҷҷуҳ ба ҳолати фаъоли шахс дар раванди таълим гузаронида мешавад ва ба он шароити педагогие, ки ин ҳолатро муайян мекунанд, таваҷҷӯҳ зоҳир карда мешавад.

Нуқтаи назари Л.П. Аристова фаъолияти маърифатии фардро ҳамчун зуҳуроти муносибати трансформатсионии ӯ ба падидаҳо ва ашёҳои атроф баррасӣ мекунад [8]. Набудани муносибати трансформатсионӣ дар таълимгирандагон боиси пайдоиши амалҳои маърифатии фаъол намегардад: «дар беҳтарин ҳолат онҳо танҳо дар бораи қобилияти ҳаракаткунанда ҳарф зада метавонанд, ки ин ба ҳеҷ ваҷҳ бо дарки фаъолияти маърифат шабеҳ нест» [8, с.98].

Тавре ки Т.И. Шамов, ҳангоми ташаккул додани дониш ва усулҳои фаъолият аз ҷониби донишҷӯён, фаъолияти мақсадноки дубора ба амал меояд, ки дар шакли донишҷӯ фаъол аст, аммо сатҳи фаъолияти он паст хоҳад буд [12, с.112].

Фаъолияти маърифатиро чунин ангезаҳо бармеангезанд, ки: кунҷковӣ; лаззате, ки аз раванди маърифат ё натиҷаҳои он ба даст омадааст; фаъолияти амалии одамон, мушкилот ва ниёзҳои онҳо, онҳоро маҷбур мекунад, ки роҳҳои ҳалли масъалаҳои таъхирнопазирро, ки дар ҷараёни рушд ва такмил ба миён меоянд, ҷустуҷӯ кунанд. Фаъолияти маърифатӣ ба вуҷуд оварда мешавад, ифода меёбад ва ба сифати фаъолияти маърифатӣ таъсир мерасонад. Ба донишҷӯёни гуногун шиддати мухталифи фаъолият дар маърифат хос аст. Гирифтани дониши назариявӣ натиҷаи фаъолияти маърифатӣ мегардад, ки танҳо дар ҷараёни фаъолият маъно пайдо мекунад [12, с.176].

Ду маъхази ба ҳам алоқаманд мавҷуданд, ки ба фаъолияти маърифатӣ таъсир мерасонанд. Ба

инҳо дохил мешаванд: 1) худи таъсири таълим, ки дар раванди татбиқи барномаи асосии таълимии касбӣ, таъсири китоби дарсӣ ва муаллим ба вуҷуд меояд; 2) таҷрибаи шахсии донишҷӯ, аз ҷумла таҷрибаи ҳамкории ӯ бо ҷаҳон ва натиҷаҳои таълим.

Роҳҳо ва воситаҳои рушди фаъолият дар маърифат ва мустақилияти донишҷӯён дар асарҳои дидактикаи бузурги ватанӣ М.И. Махмутова. Вай самтҳои зерини рушдро муайян кард [8]:

а) ташкили ҷустуҷӯ, вазъияти проблемавӣ дар синф;

б) истифодаи пайвастаи принсипи фардӣ дар раванди таълим;

в) истифодаи системаи кори мустақили донишҷӯён, истифодаи васоили мухталифи дидактикӣ ва аёнию-техникӣ, ташкили оқилонаи дарсҳо ва баланд бардоштани фаъолияти донишҷӯён;

г) таъмини робитаи омӯзиш бо ҳаёти воқеӣ;

ғ) инкишофи мустақилият ва фаъолияти амалӣ дар раванди таълим.

Д.В. Вилкеев усулҳои асосии фаъолияти маърифатиро муайян кард:

- озмоиши воқеӣ ва фикрӣ;
- моделсозии шабеҳ;
- фарзия [11].

Дар асарҳои ӯ муносибати наздики ин усулҳо нишон дода шудааст ва дар бораи таъмин намудани ягонагии сатҳҳои эмпирикӣ ва назариявӣ дар маърифат бо афзоиши нақши шинохти назариявӣ дар таҳқиқоти илмӣ хулоса бароварда мешавад.

Дыдыкин А.И. [13, саҳ.35-36]. Муаллиф тезисҳои асосии инъикоси мантиқи таҳқиқотро дар самти нишондодашуда таҳия кардааст: барои фаъолияти маърифатӣ, бозӣ ҳамчун фаъолкунандаи тавоно пайдо мешавад; мониторинги фаъолияти маърифатӣ бо истифодаи усулҳои таълимӣ, бозӣ бояд тавассути таҳияи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои фаъолияти маърифатӣ амалӣ карда шавад.

Фаъолияти маърифатӣ, ҳамчун як фаъолияти самти таҳқиқотӣ, ҳамчун ниёз ба таассурот, зеро фаъолияти эҷодиро С.А. Мышкин [16]. Муаллиф ду гурӯҳи донишҷӯёни миллатҳои русӣ ва удмуртиро таҳқиқ кардааст. Дар асоси маълумоти таҷрибавии С.А. Мышкина чунин хулоса баровард: намояндагони гурӯҳҳои мухталифи этникӣ хусусиятҳои услубии фаъолияти маърифатӣ доранд ва ин намунаҳо дар намунаҳои фарҳангии ҷомеаи этникӣ муаррифӣ мешаванд. Ба намояндагони этноси рус эътимод ба худ, мустақилият, мустақилият хос аст ва дар зуҳури фаъолияти маърифатӣ ба андешаи худ такя мекунанд. Намояндагони миллатҳои мухталиф бо сифатҳои гуногун, аз қабили садоқат, масъулият, эътидол, таваҷҷӯҳ ба ақидаи коллектив, нигоҳ доштани обрӯи оммавӣ зоҳир мешаванд [16].

Дар кори Э.И. Бергер [9] яке аз хосиятҳои фаъолияти маърифатии донишҷӯён - кунҷковиро баррасӣ мекард. Муаллиф тезиси кунҷковиро ҳамчун асоси бунёдии фаъолияти маърифатии фаъол, ки онро асосан фаъолияти шахсияти афзоянда, норозигии он аз он чӣ ба даст оварда шудааст, муайян мекунад. Дар натиҷаи таҳқиқот ба хулосае омаданд, ки дар раванди татбиқи дароз, мураттаб ва мақсадноки ҳавасмандгардонии дурнамои маърифатӣ ва дигар ангезаҳои ҳамроҳикунандаи педагогӣ, кунҷковии донишҷӯён афзудааст, ки ба афзоиши назарраси фаъолияти маърифатии онҳо таъсир расонидааст .

Фаъолияти маърифатӣ бо ҳадафҳо ва ниятҳои шахсӣ, ниёзҳои шахсӣ алоқаманд аст. Аз бисёр ҷиҳат маҳз худи онҳо муносибати эҳсосии интихобиро ба воқеият муайян мекунанд. Талабот ба дониши дахлдор шарти зарурии фаъолияти маърифатии донишҷӯён мегардад. Хоҳиши ҳалли мушкилот, баромадан аз вазъи душворӣ, ҳалли зиддияти байни донишҳои маълум ва маълумоти нав ниёзи маърифатиро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, фаъолияти маърифатӣ, ҳамчун посухи зеҳнӣ ва эҳсосӣ ба раванди шинохт, майли омӯхтан, иҷрои вазифаҳои шахсӣ ва муштарак, таваҷҷуҳ ба ҳамкорӣ бо муаллим ва дигар донишҷӯён, хоҳиш ба фаъолияти амалӣ ва зеҳнӣ мебошад, ки динамикаи пешрафтро дар дониш муайян кунад. Фаъолияти маърифатиро ҳамчун як ҳавасмандии амиқи ботинӣ, ки дар асоси табиӣ ба шинохти чизи нав сохта шудааст, баррасӣ кардан лозим аст. Раванди он дар байни донишҷӯён шарти асосии таъмини сифат ва далели ташкили дурусти ҷараёни таълим буда, набудани он нишондиҳандаи бесамарии ташкили таълим мегардад.

Чунин падидаи педагогӣ, ба монанди фаъолияти маърифатӣ, раванди дуҷониба мебошад: он шакли худшиносӣ ва худтанзимкунии донишҷӯён мебошад; натиҷаи саъйи омӯзгор дар ташкили фаъолияти таълимии хонанда.

Т.А. Гусева чунин сохтори фаъолияти маърифатиро пешниҳод мекунад, ки моҳияти фаъолиятро ҳамчун ҳаракат дар худ инъикос мекунад:

- сатҳи танзим;
- сатҳи фаъолияти эҳтимолӣ;
- сатҳи динамикӣ;
- сатҳи инъикосӣ ва арзёбӣ;
- сатҳи фаъолияти муассир [12, с.13].

Муаллиф хусусиятҳои асосии характерноки фаъолияти маърифатиро, ки ба хислатҳои асосии шахс дохил карда шудаанд, ки ба таъмини саъю кӯшиши иттилоотию маърифатӣ ва танзимию рефлексивии ӯ (масъулият, хушмуомилагӣ, ташаббускорӣ, матонат, ташкилотчигӣ) равона карда шудааст.

Дар чунин сохт [6, с. 14], фаъолияти маърифатӣ, ҳамчун ҳаракати худидоракунӣ, муаррифӣ мешавад: аз иқтидори ҳавасмандгардонӣ, тавассути танзими он ба нишондиҳандаҳои динамикӣ, сипас ба натиҷаи рефлексии арзёбишаванда, ҳар дафъае, ки потенсиали нав ба вуҷуд меорад ва аз ин рӯ, ҳар дафъа дар баробари спирали рушди худ.

Бо вуҷуди таваҷҷуҳи зиёди муҳаққиқон ба мушкилоти афзоиши фаъолияти маърифатӣ, он ҳанӯз ҳам ҳалношуда боқӣ мондааст [5]. Пассивии донишҷӯён дар таълими донишгоҳӣ яке аз мушкилоти ҷиддии раванди таълим боқӣ мондааст, масъалаи баланд бардоштани самаранокии рушди маърифатии бакалаврҳои оянда аксар вақт ба мушкилоти воқеӣ дар ҳаёт оварда мерасонад [4].

Ғайр аз ин, омӯзиши манбаъҳои назариявии мо дар адабиёти психологӣ ва педагогӣ мавҷуд набудани тавсифи муназзами моделҳои рушд ва фаъолсозии фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро нишон дод [1].

Таҳияи системаи усулҳои баланд бардоштани фаъолияти таълимӣ дар донишгоҳ имкон медиҳад, ки мушкилоти фаъолияти маърифатии донишҷӯён ҳал карда шавад, ки он ҷустуҷӯи шароит ва воситаҳои самарабахши таълим, фаъолияти фаъоли худи омӯзгорро талаб мекунад [10] .

Барои фаҳмидани хусусиятҳои инкишофи ин раванд, мушкилоти дар ташкили раванди педагогӣ мавҷудбударо муайян кардан лозим аст.

Ташаккули салоҳиятҳои касбӣ бо сатҳи худтанзимкунии касбӣ ва фаъолияти фаъоли маърифатӣ, ки ба аз худ намудани дониш ва малакаҳои касбӣ равона карда шудааст, муайян карда мешавад ва ин ҳама сифати тайёрии бакалаврҳоро таъмин менамояд [2].

Агар таваҷҷуҳи маърифатӣ ва манфиати касбӣ пайваста ба мотивҳои бартаридошта табдил ёфта, азхудкунии фаъоли дониш, малака ва малакаҳое, ки барои фаъолияти муваффақонаи касбӣ заруранд, водор месозад, пас натиҷаи ҳамкории онҳо ташаккули самти касбии шахсият, сифатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳим мебошад.

Таҳлили адабиёти илмӣ имкон дод, ки се ҷузъи фаъолияти маърифатӣ таҳия карда шаванд: ҳавасмандгардонӣ, иродаи қавӣ ва мундариҷаи амалиётӣ; се сатҳи рушди фаъолияти маърифатиро ҳамчун як хислати шахсӣ баррасӣ кунед: репродуктивӣ, ҷустуҷӯи қисман ва таҳқиқот [18, с.15.].

Салоҳиятҳои касбӣ дар ду марҳала - дар давраи таҳсил дар донишгоҳ ва дар марҳалаи баъдидипломӣ ташаккул меёбанд. Дар ҷараёни таҳсил дар донишгоҳ ташаккули бакалаврҳо ҳамчун мутахассис тавассути фаъолияти маърифатии донишҷӯён таъмин карда мешавад. Марҳалаи баъдидипломӣ бо фаъолияти мустақили касбӣ алоқаманд аст, ки дар ҷараёни он салоҳиятҳои бакалавр бояд ба дараҷаи олии касбӣ рушд кунанд. Аммо, асоси чунин рушд фаъолияти маърифатии он мебошад, ки дар давраи тайёрии касбӣ дар донишгоҳ ташаккул ёфтааст. Таъсир ба ташаккули шахсияти бакалаври оянда, фаъолияти маърифатӣ, муносибати ӯро нисбат ба худ, ба одамони дигар, ба истеҳсолот ташаккул медиҳад. Дар баробари ин, фаъолияти маърифатӣ заминаи ташаккул додани омодагии донишҷӯён ба худмуайянкунӣ дар фаъолияти касбии оянда мегардад. Аз ин рӯ, фаъолияти маърифатӣ шарти муҳими таъмини сифати тайёрии донишҷӯён дар донишгоҳ, самаранокии ташаккули салоҳиятҳо, ноил шудан ба ҳадафҳои таълимию маърифатӣ мебошад.

Пас, дар шароити рушди фаъолияти маърифатии донишҷӯён мо инҳоро дар назар дорем:

- таваҷҷуҳи донишҷӯ ба гирифтани дониш;
- ташаккули дониш, малака ва малакаи донишҷӯ;
- равона кардани муносибатҳо дар гурӯҳ барои ба даст овардани дониш ва салоҳияти касбӣ;
- усули фаъол, эҷодӣ ва демократии устод дар раванди таълимии донишгоҳ;
- ташаккули афкори ҷамъиятӣ оид ба зарурати таълими босифат.

Ҳамин тариқ, омӯзиши ташаккули фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар донишгоҳ ба мо имкон дод, ки як қатор муқарраროти муҳимро пешкаш намоем.

- Фаъолияти маърифатии донишҷӯ ду омилро дар бар мегирад: табиӣ, ки моро бо шахсе ҳамчун «созанда дар гӯш» муаррифӣ мекунад; фарҳангӣ, исбот кардани имконияти рушди мақсадноки ин сифат дар ҷараёни тарбияи шахсият.

- Фаъолияти маърифатӣ дар инсон дар тӯли тамоми ҳаёташ ташаккул меёбад, он бо тағйир ёфтани нақшаҳои ҳаёт ва муносибати шахсӣ тағйир меёбад, дар фаъолияти инноватсионӣ кӯмак мерасонад. Аз ин рӯ, фаъолияти маърифатӣ ҳам як шарти зарурӣ ва ҳам натиҷаи маҳорати касбии бакалавр мебошад.

Танзимгари рафтори иҷтимоии донишҷӯ, соҳаи арзишии ӯ мебошад, аз ин рӯ, фаъолияти маърифатии ӯ бояд дар раванди ташаккули фаъолияти маърифатӣ ҷои марказиро ишғол кунад.

Омӯзиши проблемаи ташаккули фаъолияти маърифатии донишҷӯи донишгоҳ бояд дар асоси

ҳадафҳо ва мундариҷаи таҳсилоти олӣ сохта шавад [19, с.99]. Салоҳияти касбии бакалавр дар ҳама самт се ҷузъро дар бар мегирад: назариявӣ, амалию равонӣ.

Ҷузъи назариявӣ ба ташаккули нуқтаи назари ҳамаҷонибаи кори оянда ҳамчун раванди фаъол равона карда шудааст.

Ҷузъи амалӣ, омодагии бакалаври ояндаро барои ҳалли масъалаҳои касбӣ таъмин менамояд.

Ҷузъи психологӣ бо он сифатҳои шахсӣ алоқаманд аст, ки дар фаъолияти касбӣ заруранд. Хатмкардаи донишгоҳ ба чунин хислатҳои шахсӣ, аз қабили мутобиқшавӣ ба шароити истеҳсолоти муосир, ҳавасмандии мусбӣ, талош барои рушди шахсӣ ва касбӣ ва малакаҳои муошират ниёз дорад.

Таъсиси муттасилии байни фанҳо имкон медиҳад, ки ташаккул ва рушди фаъолияти пайвастаи маърифатии донишҷӯён дар тӯли таҳсил дар донишгоҳ сурат гирад. Самаранокии ташаккули фаъолияти маърифатии донишандӯзон дар сурате ба даст оварда мешавад, ки агар шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои таълим ба ҳадафҳои таъмини ташаккули салоҳияти касбӣ мувофиқ бошанд. Вобаста ба ин, ба усулҳои ташаккули ҷузъҳои фаъолияти маърифатӣ диққат додан лозим аст. Барои аз худ кардани дониш аз ҷониби донишҷӯён тавсия дода мешавад, ки усулҳои иттилоотии қабулкунанда дар асоси истифодаи дониши махсуси интихобшуда, ташкили дарки иттилоот, намоиши намунаҳои фаъолияти касбӣ, ки ин маълумот дар фаъолияти касбӣ амалан истифода мешавад.

Барои аз худ кардани усулҳои фаъолияти фикрӣ ва амалӣ донишҷӯ бояд дониш ва малакаро дар чунин вазъ такроран татбиқ кунад, то онҳо комил шаванд.

Азхудкунии таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ дар байни донишҷӯён тавассути истифодаи усулҳои таълими проблемавӣ ба амал меояд. Дар раванди таълим ҷорӣ намудани шаклҳои омӯзиши проблемавӣ низ ба ташаккули фаъолияти маърифатӣ мусоидат мекунад. Ин метавонад дар шакли баён кардани мушкилот, фаъолияти қисман ҷустуҷӯӣ, фаъолияти тадқиқотӣ бошад. Ба рушди фаъолияти маърифатӣ муносибати мусбӣ ба раванди таълим, фаъолияти таълимӣ ва касбӣ, аз худ кардани малакаҳои амалӣ, ташаккули сифатҳои касбӣ ва шахсии донишҷӯён, ҳавасмандии онҳо, омодагии маърифатӣ ва ташкилотчигӣ ба худомӯзӣ мусоидат мекунад. Ҳамаи ин ба мо имкон медиҳад, ки услуби инфиродии фаъолияти касбии худро эҷод кунед, ҳаракатнокии касбии бакалаври оянда, омодагии ӯро ба фаъолияти инноватсионӣ таъмин намоед.

Ҳамин тариқ, фаъолияти маърифатиро ҳамчун як проблемаи руҳию - педагогӣ баррасӣ намуда, мо метавонем ба хулоса оем, ки мушкилоти фаъолияти маърифатии донишҷӯёни донишгоҳ дар марҳалаи муосири рушд муносибати мунтазамро дар ҳалли он талаб мекунад. Системаи воситаҳои ташаккули фаъолияти маърифатӣ инҳоро дар бар мегирад: а) мундариҷаи мавзӯъ; б) усулҳои таълим; в) шаклҳои ташкили таълими донишҷӯён. Истифодаи принсипи фаъолият дар таълими донишҷӯёни донишгоҳ, самаранокӣ, фаъолияти мақсадноки мустақилонаи инъикоскунандаи тағйирёбандаи донишҷӯёнро таъмин менамояд.

АДАБИЁТ


1. Anderson J.R. Congnitive Styles and Multicultural Populations // Journal of Teacher Education. 1988. Vol. 39 № 1.
2. Gadamer H.-G. Education is Self-Education // Journal of Philosophy of Education. Vol. 35, No. 4, 2001, pp. 531-542.
3. Merzon, E.E., Nurgatina, I.E., Bakhayeva, G.M. The Technology of Teacher Reflexive Competence Development in Modern Conditions // Review of European Studies; Volume 7, Issue 4, 2015, pp. 112-117.
4. Raven J. Quality of Life, the development of Competence, and Higher Education. Higher Education, 1984.
5. While R.W. Motivation reconsidered: The concept of competence// Psychological review, 1959. №66.
6. Абульханова-Славская К.А. Активность и сознание личности как субъекта деятельности. Психология личности в социалистическом обществе: Активность и развитие личности. М.: Наука, 1989. 183 с.
7. Алимухамедов, М.Р. Принсипҳои асосии ташаккули қобилияти эҷодӣиҷтимоии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар фаъолияти беруназсинфӣ [Матн] / О.А. Исломов, М.Р. Алимухамедов, З.З. Алимухамедова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. № 4. –2019, С. 282-286. ISSN 2074-1847.
8. Аристова Л.П. Активность учения школьника. М., 2001. 356 с.
9. Бергер Э.И. Стимул познавательной перспективы как средство развития любознательности учащихся в процессе обучения: Автореф. дис. ... канд. пед.наук. Казань: Каз. гос. ун-т, 1980. 19 с.
10. Бочкарева Т.Н. Влияние познавательной активности на формирование профессиональной компетентности студентов вузов: Монография. Набережные Челны: НГПУ, 2016. 180 с.
11. Вилькеев Д.В. Методы научного познания в школьном обучении. Казань: Татарское книжное издательство, 1975. 160 с.
12. Гусева Т.А. Стили познавательной активности личности студента: Автореф. дис. ... канд. псих. наук. Новосибирск: Новосибирский гос. пед. ун-т, 2009. 31 с.
13. Дыдыкина А.И. Игра как средство активизации познавательной деятельности учащихся музыкальной школы // Современные наукоемкие технологии, 2007. №7. С. 35-36.
14. Кочнев, А.О. Влияние личностно ориентированного подхода на познавательную активность обучающихся Текст.: Автореф. . дис. канд. пед. наук / А.О. Кочнев. Череповец: Череповецкий гос. ун-т, 2006. - 15 с.

15. Махмутов М.И. Развитие познавательной активности и самостоятельности учащихся. Казань: Татарское книжное издательство, 1963. 80 с.
16. Мышкина С.А. Ценности как культурные факторы этнотипических стилевых характеристик познавательной активности // Вестн. Удмуртского ун-та. Психология и педагогика, 2007. № 9. С. 125-134.
17. Платонова Т.А. Экспериментальное исследование процесса порождения познавательной мотивации: Автореф. ...канд. пед. наук. М., 1980. 23 с.
18. Рослякова С.В. Развитие познавательной активности учащихся подросткового возраста в учебном процессе: Автореф. ... дис. канд. пед. наук. Екатеринбург: Челябинский гос. пед. ун-т, 2007. 23 с.
19. Шамова Т.И. Активизация учения школьников. М.: Педагогика, 1982. 208 с.

## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ И ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ПОВЫШЕНИЯ УЧЕБНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ

*В данной статье представлена информация по изучению проблемы повышения познавательной активности студентов, что является одной из важнейших задач педагогической и психологической науки. Автор статьи выражает мнение, что в процессе профессионального обучения студенты приобретают только те знания, которые вызвали у них интерес. В статье также делается акцент на задачах современной системы образования, которые заключаются в повышении качества общего и профессионального образования, выводе высшего образования на международный уровень, повышении конкурентоспособности и привлекательности инвестиций в высшее образование на мировом рынке труда. Отечественная система высшего образования наряду с подготовкой высококвалифицированных специалистов обеспечивает формирование широкой творческой личности студента.*

*В статье также представлена информация о результатах работы студентов и о том, как определяется их деятельность, а также сведения о формировании неактивных объектов педагогического управления, субъекте познавательной деятельности и их компетенции. Фактическая познавательная активность студентов может быть показателем качества образовательного процесса в вузе. Эффективность организации обучения будущих бакалавров зависит от создания таких условий, в которых осуществляется учебная деятельность студентов.*

***Ключевые слова:*** *познавательная активность; профессиональная компетентность; студенты вуза; системный подход; компоненты и уровни познавательной активности, формы организации учения, развития.*

## PSYCHOLOGICAL AND PEDAGOGICAL PROBLEMS OF INCREASING THE EDUCATIONAL ACTIVITY OF STUDENTS

*This article provides information on the study of the problem of increasing the cognitive activity of students, which is one of the most important tasks of pedagogical and psychological science. The author of the article expresses the opinion that in the process of professional training, students acquire only the knowledge that aroused their interest. The article also focuses on the tasks of the modern education system, which are to improve the quality of general and vocational education, bring higher education to the international level, increase the competitiveness and attractiveness of investments in higher education in the world labor market. The domestic system of higher education, along with the training of highly qualified specialists, ensures the formation of a broad creative personality of the student.*

*The article also provides information about the results of students' work and how their activities are determined, as well as information about the formation of inactive objects of pedagogical management, the subject of cognitive activity and their competence. The actual cognitive activity of students can be an indicator of the quality of the educational process at a university. The effectiveness of the organization of training for future bachelors depends on the creation of such conditions in which the educational activities of students are carried out.*

***Key words:*** *cognitive activity; professional competence; university students; systems approach; components and levels of cognitive activity, forms of organization of learning, development.*

***Сведение об авторе:***

***Вохидова Зебо Рустамбоевна*** *- ассистент кафедры информационно - коммуникационных технологий и программирования Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, Республика Таджикистан, Согдийская область, г. Худжанд, мкр-н. 17, дом 1, E-mail: zohidova_zebo@mail.ru, тел: (+992) 927157977*

***About the autor:***

***Vokhidova Zebo Rustamboevna*** *- assistant of the information and communication technologies and programming department under the Tajik State University of Law, Business and Politics,*

*Republic of Tajikistan, Sughd Region, Khujand, microdistrict. 17, building 1, E-mail: zohidova_zebo@mail.ru, tel: (+992) 927157977*

## МАФҲУМИ ШАХС, МАҚОМ, СОХТ, ВА ТАШАККУЛИ ОН ДАР МАРҲИЛАҲОИ ГУНОГУНИ ҶАМЪИЯТ

***Назарова Х.***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

«Дар соҳаи психология ва фалсафаи муосир нишон дода шудааст, ки мавқеи шахс дар рушди олами моддӣ ва тағир додани ҳаёти ҷомеа бағоят калон аст, зеро шахс дар тарзҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, истеҳсоли неъматҳои моддию маънавӣ фаъолона иштирок мекунад», [2, с.109].

Шахс аз як тараф, мавҷудоти биологӣ, мавҷуде мебошад, ки дорои шуур қобилиятҳои беназир буда, имконияти тағири дунёи ҳастиро дорад, ки ин амал фақат ба мавҷуди беназири олам инсон хос аст. Зеро ки ягон мавҷудоти рӯи дунё ин қобилиятро надорад. Инсон аст, ки майнаи тараққикарда, забони ширину гуворо, ақли олӣ ва пои равонро дорост. Дар баробари мавҷуди биологӣ буданаш, ӯ намояндаи асосии хаёти иҷтимоӣ ба шумор меравад, чунки асос, пойдорӣ ва сарвати асосии ҳар як ҷамъият инсон мебошад, ба хотире, ки қобилияти дониста гирифтани дунёи ихотакарда ва фаъолона тағир додани онро дорад.

Гарчанде, ки инсон масъалаи марказии аксарияти илмҳо мебошад, зеро илми педагогика таълиму тарбияи инсонро меомӯзад, илми психология бошад, ҳолатои рӯҳию равонии шахсро ҳамчун инсони рӯҳи солим дошта дар ҷомеа ташаккул медиҳад. Дар илми психология 3 тавсифи психологии шахсро васф менамоянд, ки «1- устуворни хусусиятҳои шахс аст, 2 - юм ин ягонагии шахс мебошад, ки дар алоқаи зич ва вобастагии байниҳамдигарии протсессҳои психикӣ, ҳолатҳои психикӣ ва хусусиятҳои психикии ӯ ифода меёбад, 3 - юм ин фаъолии шахс мебошад. Фаъолӣ дар фаъолияти гуногуншакл ва ҳартарафаи шахс, ки ба тағир додан ва аз нав сохтани олами иҳотакарда, ба дигаргун намудани табиат ва сохти психикии худ равона карда шудааст, ифода меёбад», [1, с.40].

Пас нақши омили биологӣ ва ҷамъиятиро дар ташаккули шахс дида мебароем. Албатта, дар раванди ҳаёт ва ташаккули шахсият, нақши омилҳои биологӣ ва омилҳои иҷтимоӣ бо якдигар дар пайвастагии зич мебошанд. Ба омилҳои биологӣ аломатҳои модарзодӣ ва ба иҷтимоӣ бошад, он чӣ кӣ инсон дар раванди ҳаёт дастрас намудааст, нисбат медиҳанд. Ё ин ки ба омилҳои биологӣ ирсият ва ба омилҳои иҷтимоӣ муҳит вобаста мебошад. Вақте ки дар бораи табиати шахс сухан мегуем, хусусиятҳои фардии шахс ба монанди мизоҷ, характер, қобилиятро ба хотир меоварем, агар ба омилҳои биологӣ иртибот дошта бошанд, пас таввасути иҷтимоиёт, ё ин ки сотсиализатсия (иҷтимоишавӣ) рушд ва ташаккул меёбанд.

Масъалаи тарбияи шахс, табиати нотакрори ӯ, дар замони муосир мавзӯи мубрами ҷомеа ва аксарияти илмҳои ҷомеашиносӣ ба шумор меравад. Инсон дар баробари мавҷуди биологӣ буданаш, боз ба дигар аъзоҳои ҷомеа дар иртиботи қавӣ ва асосӣ аст. Новобаста аз андешаҳои мухталиф аз нигоҳи илми психология шахсияти замони муосир чунин таърифро дорост. «Одами қобили шуур ва дорои нутқи гӯё, ки ӯ аз ҷиҳати маънавию психологӣ солим буда, дар тарзҳои муошрати ҷамъиятӣ иштирок карда, неъматҳои моддию маънавӣ офарида, дар ҷомеа ягон нақшеро мебозад ва ба ғояҳои он содиқу вафодор аст, шахсият номида мешавад», [2, с.117]. Маҳз ҳамин гунна одами ҷамъиятӣ хусусиятҳои шахсро ташаккул медиҳанд. Одам қоидаҳои рафтор, одат ва меъёрҳои ахлоқии ба ҳамин ҷамъият хосро аз худ мекунад. Маълум аст, ки хусусиятҳои муайяни табиӣ, биологӣ барои тараққиёти психикии одам зарур аст. Барои ташаккули хусусиятҳои психикии одам маҳз майнаи сар ва системаи асаби ӯ кӯмак мерасонад. Хусусиятҳои табии одам заминаи муҳим , шарти зарурии тараққиёти психикӣ мебошад, вале онҳо худ аз худ характер, қобилият, шавқу ҳавас, идеалу эътиқодҳои ӯро муайян намекунад. «Майна ҳамчун ташкили биологӣ, заминаи ба вуҷуд омадани шуур, шавқу ҳавас, қобилият, эътиқод, маҳсули ҳастии ҷамъиятии одам ҳисоб меёбад. Системаи асаб, заминаҳои модарзодии органикиеро, ки онҳо барои дониста гирифтани олами иҳотакарда хизмат мекунанд, доро мебошад. Аммо фақат дар фаъолияти муайяни шароити ҳаёти иҷтимоӣ гузаронанда, дар протсесси таълиму тарбия, қобилияти мувофиқ ташаккул меёбад ва хусусиятҳои табиӣ ба тараққиёти психикӣ таъсири муайн мерасонад», [1, с.43].

Дар шароити ҷамъияти демократӣ, хуқуқбунёд ва ягона инсон ҳамчун шахс қадр ва манзалати хешро пайдо намудааст. Аз истисмор, зулми иқтисодӣ ва сиёсӣ озод шуда, ба меҳнат, истироҳат ва маълумот хуқуқ пайдо мекунад. Дар баробари низомнокӣ демократия гузаштан, афзӯдани фаровонии неъматҳои моддӣ ва маънавӣ имкониятҳои инкишофи ҷисмонӣ ва рӯҳии ҳар як одам, ҳамаи аъзоёни ҷамъият боз ҳам васеъ ва афзун мешавад. Ташаккули одами дар протсесси иштироки

фаъолонаи вай дар созиши демократӣ, зери таъсири тамоми системаи кори тарбиявии давлат ва ташкилотои ҷамъиятӣ мегузарад. Меҳнати якҷояи аъзоёни ҷамъият, тараққиёти муносибатҳои озодона, ҳамкории рафиқона ва ёрии байниякдигарӣ дар рӯҳияи сотсиализатсия ташаккул ёфтани шуури одамонро пеш мебарад. «Дар зери мафҳуми шахс маҷмӯи сифатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятноки одам, мақоми аввалро ишғол менамояд. Моҳияти иҷтимоии одам дар робитаи ӯ бо ҷомеа шакл гирифта, зоҳир мегардад. Ҳар як ҷомеа намунаи ба худ хоси шахсро муқаррар карда, намудҳои асосии психологии одамро муайян менамояд», [4, с.115].

Ҷиҳати асоситарини васфи шахс равияи ӯро дар бар мегирад, ки ба он дохил мешавад, мақсади шахс, саъю кӯшиши ӯ ва дигар сифатҳои иҷтимоиаш мебошад. Талаботҳои шахс дар раванди ҳаёт гуногун мебошад, пеш аз ҳама талаботҳои табииро дар бар мегирад. Ин талаботҳо ба хӯрок, либос, ҷои истиқомат ҳамчун воситаи аз хунукӣ ва гармӣ ҳимоя кардан мисоли талаботҳои табиӣ мебошанд. Талаботҳои инсон дар шакли умумӣ зоҳир мешаванд. Вақте ки рафтори конкретӣ, амали конкретӣ, фаъолияти конкретии одам, ки ниҳоят гуногуншакланд, дар назар дошта мешаванд. Сухан дар бораи маромҳо ё сабабҳои водоркунандаи ин рафтор амал ё фаъолияти конкретӣ меравад. Маромҳо зуҳуроти конкретии талаботҳо мебошанд.

Шакли асосии зоҳиршавии талаботи маърифатии инсон шавқу ҳавас мебошад. Шавқу ҳавас, чунин равияи фаъоли маърифатии одам аст, ки ба ин ё он чиз, ҳодиса ё фаъолият нигаронида шуда, бо муносибати мусбати эмотсионалӣ доштаи шахс алоқаманд аст. Шавқу ҳавас аҳамияти калон доранд. Онҳо одамро ба аз худ кардани дониш, васеъ намудани ҷаҳонбинӣ водор менамоянд. Шавқу ҳавас хонандаро водор менамояд, ки ӯ душворӣ ва монеаҳоро бартараф намуда, роҳҳо ва тарзҳои чуқур омӯхтани донишро фаъолона ҷустуҷӯ намояд. Шавқу ҳавасро ба намудҳои зерин васеъгӣ, амиқӣ, устуворӣ ва таъсирнокиаш тавсиф медиҳанд.

«Шавқу ҳавасро аз рӯи устуворӣ ва ноустувориашан фарқ мекунанд. Шавқу ҳавас дар раванди ҳаёт нақши асосӣ ва аввалиндараҷаро барои ба мақсад расидан меомӯзад ва хусусияти нисбатан мустаҳкамгардидаи шахс тавсиф меёбад. Шавқу ҳаваси ноустувор раванди нисбатан кӯтоҳмуддат буда, тез ба вуҷуд меояд ва зуд хомӯш мешавад. Одаме, ки шавқу ҳавасаш ноустувор аст, ба зудӣ завқ пайдо мекунаду, зуд дилсард мешавад», [1, с.46].

Хусусиятҳои психологии шахс дар зери таъсири таҷрибаи иҷтимоии одам, шароити ҳаёт ва фаъолият, таълим ва тарбияи ӯ шакл мегиранд. Тарбия ҳамчун протсесси таъсиррасонии бошуурона ва мақсадноки насли калонсол ба насли хӯрдсол нақши ҳалкунандаро иҷро менамояд. Мақсади тарбия аз он иборат аст, ки дар шахс сифатҳои муайяни ба талаботҳои ҷамъият мувофиқбуда ташаккул дода шаванд.

Шахс ҳеҷ вақт наметавонад танҳоӣ дар ҷамъият муваффақ шавад, балки дар коллектив амал ва зиндагӣ мекунад ва дар зери таъсири коллектив ҳамчун шахс ташаккул меёбад. Хусусиятҳои равия ва иродаи одам дар коллектив ва дар зери таъсири коллектив шакл мегиранд, фаъолият ва рафтори ӯ ташкил карда мешавад, барои тараққиёти қобилиятхои ӯ шароит фароҳам оварда мешавад. «Дар мавриди дурнамои зиндагӣ, тарҳрезии дастовардҳои фард танҳо ба маънию масоили ҷорӣ итоат карда, зиндагонии ӯ ба тарзи мукамал сурат намегирад, мазмуну мароми зиндагиаш паст рафта, талаботҳои рӯҳонӣ - маънавии ӯ маҳдуд мегардад, дараҷаи иддаою талаботаш паст мешавад», [4, с.117]. Коллектив воситаи амалитарини мубориза ба амалҳои номатлуб мебошад. Дар ташаккули шахсияти ҷавонони муосир нақши Истиқлолият ва Ваҳдати Милли бениҳоят бузург аст. Дар даврони Истиқлолият ва Ваҳдати миллӣ ҷавонони муосир барои ташаккули шахсият кӯшишҳои зиёде менамоянд, то ки мақоми хешро дар ҷомеа пайдо карда тавонанд.

**АДАБИЁТ**


1. Крутецкий В.А. Психология/ В.А. Крутецкий.-Москва:1974.- 317 с.
2. Мустафоқулов Т. Асосҳои психологияи синусоли ва педагогӣ/ Т. Мустафоқулов., М. Нарзуллоева. – Кулоб: 1993. – 200 с.
3. Алиев С.Н Хусусиятҳои психологӣ қафомонии талабагон дар таълим, Маҷалаи «Мактаби Советӣ», - №1 соли 1990 - С.7-11.
4. Давлатов М. Психология. –Душанбе «Собириён» 2010
5. Мустафоқулов Т., Давлатов М.,Мирзоев Р., Амиршоев Р., Иззатова М., Ҳалимов А., Абдулвоҳидов С., Ҳалимов Р. Асосҳои психологияи умумӣ. Душанбе «Империал-групп» 2012.
6. Маҳмудов Ш.К.,Абдурашитов Н. Психологияи омӯзгорӣ. Душанбе «Ирфон» 2011.
7. Расулов Д., Сайдахмадов Л., Ғаффоров А. Педагогика. Душанбе «Студент» 2010 .

8. Мустафоқулов Т., Қурбонов М.С., Шарипов А.А. Тарзу усулҳои омӯхтани психологияи мактаббачагон. Душанбе «Империал -Групп» с.2014.
9. Мирзоев А. ,Мустафоқулов Т. Сухандонон сухан санҷида гӯед. Рӯзномаи «Омӯзгор» с. 1992.
10. Мустафоқулов Т., Мирзоев А. Маҳбуби дилҳо. Рӯзномаи «Хатлон» 1992..

## ПРЕДСТАВЛЕНИЕ О ЛИЧНОСТИ, ЕЕ СТРУКТУРЕ И СТАНОВЛЕНИИ НА РАЗНЫХ ЭТАПАХ ЖИЗНИ ОБЩЕСТВА

*Концепция личности и различные стадии её формирования в разных, обществах были в центре внимания мыслителей и ученых всех времен, и сегодня в большинстве наук ученые сосредоточили внимание на личности. Потому что невозможно представить прогресс и развитие любого общества без высшего и уникального существования.*

*В процессе жизни и становления личности значимо различие биологических факторов и социальных факторов друг с другом в тесной связи. К биологическим факторам относят врожденные и врожденные признаки, то, что человек достиг в процессе жизни. Или это зависит от биологических факторов наследственности и от социальных факторов. Когда речь идет о природе человека, приводим к запоминанию индивидуальных особенностей человека, таких как клиент, характер, способность, потому что клиент, характер и способность формировать совершенную личность, играет эффективную роль. Понятно, что человек – это целеустремленный и сложный мир, и к его составу относятся морально-психологические качества. Конечно, личность человека находится под влиянием социально - психологических целевых мероприятий. Воспитание также играет ключевую и важную роль в формировании личности человека. С этого момента воспитание как специальная деятельность от ранда много воздействия при наличии определенной программы, сознательные цели.*

***Ключевые слова:*** *психология, личность, общество, устойчивость, характер, внимание, единство личности, проявление, характер, психика, настойчивость, поведение, чувства, потребности и интересы.*

## AN IDEA OF THE PERSONALITY, ITS STRUCTURE AND FORMATION AT DIFFERENT STAGES OF THE LIFE OF SOCIETY

*The concept of the individual and the various stages of its formation in different societies have been the focus of attention of thinkers and scholars of all times, and today in most sciences, scientists have focused on the individual. Because it is impossible to imagine the progress and development of any society without a supreme and unique existence.*

*In the process of life and personal development, the difference between biological factors and social factors is significant in close connection with each other. Biological factors include innate and innate traits, what a person has achieved in the course of life. Or it depends on the biological factors of heredity and on social factors. When it comes to the nature of a person, we lead to the memorization of individual characteristics of a person, such as the client, character, ability, because the client, character and ability to form a perfect personality, plays an effective role.*

*It is clear that a person is a purposeful and complex world, and its composition includes moral and psychological qualities. Of course, a person's personality is influenced by socio-psychological targeted measures. Education also plays a key and important role in the formation of a person's personality. From this point on, education as a special activity from random exposure in the presence of a certain program, conscious goals.*

***Keywords:*** *psychology, person, individual, personality, person, society, stability, character, attention, unity of the person, manifestation, character, psyche, perseverance, behavior, feelings, needs and interests.*

***Сведения об авторе:***

***Назарова Хосият*** *– докторант PhD кафедры психология Таджикский национальный университет Адрес: 734025, РТ, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17 Тел(+992) 981083142*

***About the autor:***

***Nazarova Hosiyat*** *– Tajik National University doctorant PhD of psychological science. Adress: 734025. RT, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: (+992) 981083142*

**УДК 371.015**
**ББК – 74.00**
**Б – 74**

# НАЗАРЕ БА ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ КОНСЕПСИЯҲОИ ЗЕҲНИ ЭМОТСИОНАЛӢ

***Бобоева С.Б.***
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров*

Даҳсолаҳои охир дар илми психология консепсияҳои интеллекти эмотсионалӣ (ЭИ) ҳамчун назарияҳои имконпазири зеҳни анъанавӣ хеле маъмул гаштаанд. Тарафдорони ин консепсияҳо таъкид мекунанд, ки зеҳни эмотсионалӣ ба муваффақгардии фард дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти касбӣ таъсири калон мерасонад.

Маълум аст, ки зеҳн на танҳо ба ҷустуҷӯ ва дарёфти ахбор ҷавобгар аст, балки яке аз вазифаҳои асосии он мутобиқ намудани одам ба муҳити гирду атроф, яъне истифодаи ахбор дар амалия мебошад. Барои ин, соҳиби хотири хуб ва тафаккури фавқулодда будан нокифоя аст.

Аз лаҳзаи омӯзиш ва тадқиқи муаммои зеҳн, диққати асосӣ бештар ба ҷанбаи маърифатии интеллект, ба монанди, ба хотир гирифтан ва ҳалли масъалаҳо дода мешуд, ҳол он ки, бузургии зеҳни ғайримаърифатӣ, бахусус имконияти зеҳни эмотсионалӣ ва моҳияти махсуси он аз эътибор дур мемонд.

Ин нуктаро дар яке аз баромадҳои худ Д. Векслер чунин шарҳ додааст: “Ман кӯшиш намудам, нишон диҳам, ки иловатан ба омилҳои интеллектуалӣ ҳамчунин омилҳои махсуси ғайризеҳнӣ мавҷуданд, ки метавонанд рафтори оқилонаро зоҳир кунанд. Мо хиради умумиро чен карда наметавонем, агар тестҳои IQ меъёри баҳогузории омилҳои ғайрикогнитивиро надошта бошанд” [9, с.456].

Дар ҳамин радиф пажӯҳишҳое ба миён омаданд, ки алоқамандии тафаккурро бо ҳиссиёт собит сохтанд. Чунончи, тадқиқотҳои Л.С. Виготский, С.Л. Рубинштейн, А.Н. Леонтев, О.К. Тихомиров, И.А. Василев ва диг. Аз ҷумла Л.С. Виготский анъанаи дар психологияи ҳамондавра ба вуҷуд омадаи дар алоҳидагӣ дида баромадани унсурҳои когнитивӣ ва аффективии шуурро танқид намуда, арз намуд, ки дар чунин маҷрои омӯзиш“тафаккур аз тамоми мукаммалии ҳаёт ҷудо карда мешавад” [4, 19]. Ӯ чунин меҳисобид, ки ҳиссиёт сарчашма ва танзимкунандаи тафаккур мебошад, ҳар як фикри одам дорои муносибати эмотсионалии вай ба ҳақиқат аст, ба ҳар як давраи инкишофи тафаккур марҳилаи муайяни ташаккули аффект мувофиқ меояд. Илова бар ин, равандҳои зеҳнӣ ва аффективӣ ба воситаи шуур, ки низоми муҳаррики мазмуннок аст, муттаҳид мешаванд, тафаккур танҳо дар заминаи инстинктивӣ ва эмотсионалӣ пайдо мешавад ва бо қувваи онҳо равона карда мешавад. Виготский муддатҳо пеш ишора намуда буд, ки бо муваффақият амал намудан ва мутобиқ шудани фард ба муҳити гирду атроф ба василаи ҳамкории соҳаҳои зеҳнӣ ва эмотсионалию иродавии одам таъмин карда мешавад [4,283].

Мо андешаҳои Л.С. Виготскийро ҷонибдорӣ намуда, илова менамоем, ки ҷараёни донистагирии олами воқеӣ аз муносибат, муошират, дарки эмотсионалӣ оғоз мегардад. Мо ин падидаро дар инкишофи кӯдак аз рӯзҳои аввалини ба дунё омадани ӯ мушоҳида карда метавонем. Маҳз ҳиссиёт, муносибати мусбати эмотсионалӣ, заминаи тараққиёти дурусти вайро таъмин менамояд. Ҳамчунин раванди азхудкунии донишҳо а ҷониби инсон бо эмотсияҳои гуногун алоқамандии зич доранд.

Ақидаҳои Л.С. Виготскийро равоншиноси маъмули шӯравӣ С.Л. Рубинштейн пайгирӣ карда, менависад: “Протсесҳои эмотсионалӣ, иродавӣ ва маърифатӣ ягонаанд, лекин барои ҷараёнҳои мухталифи психикӣ, ки аз якдигар бо бартарияти яке аз ин се унсур фарқ мекунанд, заминаанд. Чунончи, дар ҳолати муқаррарии шуур, фаъолияти маърифатӣ аксуламалҳои эмотсионалиро маҳдуд ва равона мекунад, дар ҳолати аффект бошад, ҳиссиёт бар ақл “боло меояд”, ва рафтор пешгӯинашаванда мегардад”. Ҳамчунин, сӣ сол пеш аз муайян гаштани мафҳуми “зеҳни эмотсионалӣ”, соли 1960 Рубинштейн қайд кардааст, ки самаранокии фаъолияти одам аз дараҷаи ташаккули қобилиятҳои мухсуси соҳаи эмотсионалии вай, ки имконияти баҳогузории ҳақиқии фаъолият ва ҳолати дохилии худ ва атрофиёнро фароҳам меорад, вобаста аст [10, с.578].

Ин гуфтаҳоро А.Н. Леонтев низ тасдиқ намуда, мегӯяд: “Омӯзиши инсон бояд бо низом ташкил карда шавад, тафаккурро аз фаъолияти ҳиссӣ алоҳида дида баромадан хато мебуд. Хусусияти асосии эмотсияҳо, қобилияти ҷамъбасткунӣ ва муошират мебошад” [7, с.140].

Илова мекунем, зоҳиршавии эмотсияҳоро дар раванди фаъолияти одам ба таври хеле васеъ қайд намудан мумкин аст. Инсон ягона мавҷудотест, ки дорои ҳиссиёти праксикӣ мебошад, яъне эмотсияҳо бо фаъолияти ӯ робитаи ногусастанӣ доранд ва дар ҳамаи унсурҳои раванди фаъолият – мақсадгузорӣ, интихоби роҳи ҳал, баҳогузорӣ, натиҷагирӣ,ислоҳи камбудиҳо, самаранок гардонидани он ва монанди инҳо, равшан зоҳир мегарданд.

Дар ин радиф натиҷаи таҳқиқотҳои назариявӣ оиди таъсири ҳиссиёт ба фаъолияти фикрӣ, бо дастовардҳои таҷрибавӣ пурра карда шуданд. Муайян гардид, ки тамоми зуҳуроти эмотсионалӣ (эмотсияҳо, аффектҳо, ҳиссиёт) дар раванди тафаккур иштирок намуда, вазифаҳои эвристикӣ ва танзимиро ба амал меоранд, баҳогузории эмотсионалӣ қисми дохилии талаботи фикрронӣ аст, фаъолгардонӣ бо ёрии эмотсияҳо бошад, барои фаъолияти пурсамари фикрӣ хеле муҳим аст.

Яъне, раванди донистагирии инсон, бо ҳиссиёти ӯ алоқаманд аст ва дар ҷараёни донистагирӣ вай муносибатеро ба чизи донистагирифтааш ифода мекунад. Ин муносибат дар навбати худ маҷро, шиддат, дараҷаи равандҳои маърифатиро муайян менамояд. Дар ҷараёни бахотиргирӣ, дар хотир нигоҳдорӣ, бахотироварӣ, тасаввур намудани маводи дониста гирифташуда низ, протсесҳои эмотсионалӣ мавқеи махсус доранд. Алоқаи ҳолатҳои эмотсионалӣ ва равандҳои маърифатӣ, аз ҷумла зеҳн ҳартарафа мебошад.

Яке аз сарчашмаҳои инкишофи ақидаҳо доир ба зеҳни эмотсионалӣ – назарияи “зеҳни иҷтимоӣ” - и психологи амрикоӣ, Э. Торндайк маҳсуб меёбад. Ӯ интеллекти иҷтимоиро маҷмӯи қобилиятҳои менталие мешуморид, ки бо коркарди ахбороти иҷтимоӣ вобастаанд ва ба ҳамкории бомуваффақияти байнишахсӣ мусоидат мекунанд [11].

Г. Оллпорт, Ҷ. Гилфорд ва Г. Айзенк ин назарияро идома додаанд, чунончи, Г. Оллпорт зеҳни иҷтимоиро “истеъдоди фикрҳои муҳим баровардан дар бораи одамон”; Ҷ. Гилфорд – “низоми қобилиятҳои интеллектуалие, ки аз омили интеллекти умумӣ вобаста нестанд ва пеш аз ҳама бо дарки ахбори рафторӣ алоқамананд”; Г. Айзенк – “моҳияти иҷтимоӣ доштани ақл” - ро таъкид кардааст. Ҳамчунин, аз ҷониби Ҷ. Гилфорд, аввалин маротиба тестҳои ченкунии зеҳни иҷтимоӣ коркард шудаанд, ки дар замони муосир хеле маъмуланд [1; 6; 8].

Дар маҷмӯъ равоншиносон зери мафҳуми “зеҳни иҷтимоӣ” чунин қобилияти инсонро дар назар доранд – фаҳмидани рафтори атрофиён (маромҳо, мақсадҳо, муаммоҳо) ва маҳорати ҳамкорӣ бо одамони дигар, ки на дар ҳар як шахси алоҳида баробар ифода мегардад. Зеҳни иҷтимоии фард дар ҷараёни иҷтимоишавии вай дар зери таъсири маданият, маълумот, тарбия ва сабабҳои дигар ташаккул меёбад. Ҳамчунин дараҷаи зеҳни иҷтимоии шахсони алоҳида дар дохили ҷомеаҳои мухталиф фарқ мекунад ва ин фарқият бо омилҳои гуногун алоқаманд аст – касбу кор, нишондиҳандаи ҷаҳонбинӣ ва ғ.

Ба андешаи мо зеҳни иҷтимоӣ ҳамзамон яке аз унсурҳои сохтори шахсро ташкил медиҳад ва дар хусусиятҳои рафтори вай хеле равшан зоҳир мегардад. Дараҷаи баланди зеҳни иҷтимоӣ бо нишондиҳандаҳои креативнокӣ, зеҳни эмотсионалӣ ва таҳаммулпазирӣ робитаи зич дорад, зеро дар алоқамандӣ ин омилҳо нерӯи шахсии одамро ташкил медиҳанд ва тамоюли онро муайян мекунанд.

Олимон чунин ақида доранд, ки ақли инсон ду маҷро дорад (Г. Айзенк, Л.С. Виготский, Д. Векслер, Ҷ. Гилфорд, А.Н. Леонтев, Г. Оллпорт, С.Л. Рубинштейн, Э. Торндайк ва диг.) – ақле, ки бар зеҳн ва фикрҳо замина мегирад ва ақле, ки таҳкурсии он пурра ҳиссиёт/эмотсия/ мебошад. Бо вуҷуди ин, на типи ақли мантиқӣ ва на зеҳни эмотсионалӣ моҳияти фард буда наметавонанд, дар моҳияти ӯ, он ҳарду тавъаманд. Хиради солиму дурусти зеҳни мантиқӣ, усули дарки муаммоҳо дар асоси бомаърифатӣ, ҳуввият, қобилият, мушоҳида ва муоширот ташаккул меёбад.

Дар инкишофи консепсияҳои бо зеҳни эмотсионалӣ алоқаманд, назарияи интеллекти мултипликативӣ (сершумор) марҳилаи назаррас буд. Муаллифи он Г. Гарднер сараввал ҳафт шакли асосии зеҳнро ҷудо намуда баъдан боз як шакли онро илова намуд, ки чунинанд:

- вербалӣ/лингвистикӣ/ – қобилияти маҳсули нутқ, ки механизмҳои ҷавобгар ба таркиби фонетикӣ, синтаксисӣ, семантикӣ, прагматикии нутқро дар бар мегирад;
- мантиқӣ-математикӣ – қобилияти истифода бурдан ва баҳо додан ба мувофиқати байни объектҳо ва амалҳо;
- фазоӣ – қобилияти дарки амиқи олами воқеӣ, барқарор намудани таҷрибаи визуалӣ;
- мусиқӣ – қобилияти маҳсул, таҳвил ва фаҳмиши мазмунҳои бо овозҳо алоқаманд;
- ҷисми - кинестетикӣ – қобилияти ниҳоят хуби идоракунии тан (узвҳои бадан);
- дохилишахсӣ – қобилияти фарққунӣ ва баёни аломатҳои ҳиссиёти мураккабу печ дар печ, маром ва ваҷҳҳои худ;
- байнишахсӣ – ба одамони дигар равона карда шудааст, яъне муайян карда тавонистани фарқияти байни одамон;
- натуралистӣ (ё табиӣ) – ба муносибат бо табиат, фаҳмиши инстинктҳои табиии растаниҳо, ҳайвонот ва одам ҷавобгар аст.

Ба далелҳои мавҷуда такя намуда, Гарднер тахмин кард, ки зеҳни байнишахсӣ ва дохилишахсӣ, барои дар ҷомеа амал намудани шахс мисли интеллекти умумӣ хеле муҳиманд. Ӯ қайд кардааст – ашхосе, ки қобилияти идора намудани зеҳни ҳиссӣ доранд, одатан сиёсатмадорони бузург, ё ходимони намоёни давлатианд. Барои инкишоф додани чунин ҳиссиёт ва муайян намудани он, истифодаи равандҳои зеҳнӣ зарур аст. Мувофиқи ақидаи ӯ зеҳн, ин қобилияти ҳал намудани муаммоҳо, ба вуҷуд овардани маҳсуле, ки дар маданияти муайян ё якчанд савияҳо арзишмандаст.

Тибқи назарияи анъанавии “антропосентрикӣ” зеҳни одам дар сари вай мутамарказонида шудааст [5].

Одам чӣ қадаре, ки ҳиссиёти худашро нафаҳмад, ҳамон қадар эҳтимолияти побанди /қурбони/ дигарон шуданаш зиёд аст. Чӣ қадаре, ки одам ҳиссиёт, рафтори атрофиёнро нафаҳмад, хатогиҳои вай дар муносибату ҳамкорӣ бо онҳо бисёртаранд ва аз ин сабаб ӯ дар ҷамъият мақоми арзандаро ишғол карда наметавонад. Аз ин лиҳоз дар инсон бояд зеҳни ҳиссӣ ташаккулёфта бошад. Мо метавонем бо одамони дигар ҳамкорӣ намоем ва акси худамонро дар рафтору кирдори онҳо бубинем.

Гарднер чунин мешуморад, ки ҳашт шакли интеллектро дида баромада донишҳои гирифтаро ба таври зайл ҷамъбаст намудан мумкин аст. Шаклҳои “Объективи”- и зеҳн – фазоӣ, мантиқи - математикӣ, ҷисми -кинестетикӣ ба як навъи назорат тобеъ мегарданд: ин хусусияти сохтор ва функсияҳои предметҳои муайяне, ки одам бо онҳо муносибат мекунад. Намудҳои “Беобъект” - и интеллект – лингвистикӣ ва мусиқӣ – сабабияти моддӣ надоранд, балки аз сохтори забон ё мусиқии муайян вобастаанд. Ғайр аз ин, онҳо метавонанд хусусияти низоми шунавоӣ ва овозиро инъикос намоянд, гарчанде ки, ҳам нутқ ва ҳам мусиқӣ то ҳадди имкон, новобаста аз якдигар инкишоф мeёбанд. Билохира, зеҳнҳои шахсӣ аз як қатор шартҳои пурзӯр ва ба ҳам зид вобастагӣ доранд: мавҷуд будани шахсияти одам; мавҷуд будани одамони дигар; тасаввурот ва тафсири “МАН” - и дар ин маданият қабулшуда ва ғ.[5].

Бо вуҷуди ин, одамони гуногун, маданиятҳои мухталиф – ба инкишофи қобилиятҳои зеҳниашон ба таври гуногун муносибат мекунанд. Муаммои шавқовареро ба кӯдак пешниҳод намуда, имконияти барои дарёфти ҷавоб “майна об кардан” – усули беҳтарини баҳо додан ба қобилияти зеҳнии инсон мебуд, назар ба тестҳои дар тамоми олам паҳншудаи интеллект (IQ), яъне масъалаҳои стандартикунонидашудае, ки бояд дар ним соат бо ёрии қаламу қоғаз ҳал карда шаванд [5].

Нуқтаи назари Гарднер дар раванди таҳлили адабиёти психологӣ тасдиқи худро меёбад. Ба мисол Л.С. Виготский қайд намудааст, ки:“IQ - ҷории кӯдак дар бораи, инкишофи фикрӣ ва таълими минбаъдаи вай маълумоти кофӣ намедиҳад” [4, с.267].

Аз солҳои 90 асри XX дар илми психология истилоҳи “интеллекти эмотсионалӣ” /“зеҳни эмотсионалӣ”/ ба таври расмӣ ҷорӣ гардид, Онро олимони амрикоӣ Питер Саловей ва Ҷон Майер (1993) ворид намуданд. Ба ақидаи онҳо “зеҳни эмотсионалӣ” – ин як навъи зеҳни иҷтимоӣ мебошад, ки қобилияти мониторинги ҳиссиёти худ ва одамони дигарро барои муайян намудани фарқияти онҳо истифода мебарад ва ин маълумотро дар идора кардани тафаккур ва амалҳои худ татбиқ менамояд [2,89]. Мувофиқ ба таҳқиқотҳои Майер ва Саловей, одамони дорои дараҷаи баланди зеҳни эмотсионалӣ қобилияти рушди босуръат дар соҳаҳои муайян, истифодаи самараноктари қобилиятҳои худро соҳибанд. Зеҳни эмотсионалӣ имконияти фикрронии эҷодӣ, истифодаи эмотсияҳо ва эҳсосоти худро фароҳам меорад. Онҳо мутмаинанд, ки зеҳни эмотсионалӣ ҳамчун шакли зеҳни иҷтимоӣ қобилияти назорат намудани ҳиссиёти худ ва одамони дигарро дар бар мегирад. Бо вуҷуди он, ки зеҳн ва эмотсияҳо одатан дар ҳолати ба якдигар зид воқеъ ҳастанд, лекин дар асл алоқаманданд, робитаи ногусастанӣ доранд ва аксаран якҷоя амал мекунанд. П. Сэловей ва Ҷ.Майер унсурҳои зеҳни эмотсионалиро ба таври зайл муайян кардаанд:

- идрок, монандкунии эмотсияҳо;
- самараноккунии тафаккур;
- фаҳмиши эмотсияҳо;
- идоракунии эмотсияҳои худ ва ҳиссиёти дигарон.

Зеҳни эмотсионалӣ (ЗЭ) дар худ чунин қобилиятҳоро муттаҳид мекунад:

- аз ҳиссиёту эмотсияҳои худ ва дигарон воқиф будан;
- фаҳмидани эмотсияҳои худ ва дигарон;
- истифода бурдани ин фаҳмиш барои муайян намудани маҷрои фиккронӣ ва қабул кардани қарорҳо.

Ба ақидаи П. Сэловей ва Ҷ.Майер, муваффақияти шахс дар ҷанбаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолият маҳз аз ана ҳамин робита вобастагӣ дорад [2,98].

Яке аз консепсияҳои ҷолиб оиди муаммои зеҳни эмотсионалӣ ба равоншинос Р. Бар-Он таалуқ дорад. Ӯ мафҳуми “коэффитсиенти эмотсионалӣ”-ро пешниҳод кардааст. Тибқи ақидаи вай: “Зеҳни эмотсионалӣ аз маҷмӯи имкониятҳо, қобилиятҳо, маҳоратҳое, ки одамро барои мутобиқшавӣ ба муҳити гирду атроф, ноил гаштан ба муваффақият дар ҳаёт мусаллаҳ мегардонанд, иборат аст”. Ҳамчунин Бар-он қайд мекунад, ки “Зеҳни эмотсионалӣ – комплекси имкониятҳо, қобилиятҳо ва маҳоратҳои ирратсионалие мебошад ва ба имкониятҳои одам тавре таъсир мерасонанд, ки ӯ ба фишори муҳит зид баромада метавонад” [3].

Дар назарияи Р. Бар-Он Бар панҷ унсури зеҳни эмотсионалӣ ҷудо карда шудааст:

- интраперсоналӣ;

- ➢ интерперсоналӣ;
- ➢ идоракунии стресс;
- ➢ қобилияти мутобиқшавӣ;
- ➢ баҳодиҳии ҳолати рӯҳии умумӣ.

Р. Бар-Он ҳамзамон пурсишномаи ченкунии интеллекти эмотсионалӣ ЕС>-1 коркард намудааст. Ӯ ба ақидае омадааст, ки – калиди ягона ба муваффақият, омили асосии муайянкунандаи муваффақияти фард, танҳо зеҳни умумӣ буда наметавонад, зеҳни эмотсионалӣ низ дар ин раванд иштирок мекунад. Дар байни зеҳни эмотсионалӣ ва ҷанбаҳои мухталифи зеҳни умумӣ, вобаста ба он, ки кадом ҷиҳати он дар назар дошта мешавад, дараҷаи гуногуни коррелятсия мавҷуд аст [3].

Ҳамин тариқ, дар заминаи шароитҳои иқтисоди - иҷтимоии таркибёфтаи замони муосир, муҳимияти назариявӣ ва амалии мазмуни чуқури ин сохтор, бешубҳа тасдиқи худро меёбад. Зеҳни эмотсионалӣ ҳамчун шакли мураккаби рафтор ба вуҷуд омада, бо ин васила вазифаи танзимкунандаро дар ҳамкории байни одамон иҷро мекунад, зеро тайёр буданро ба таври муайян амал намудан нисбати одамони дигар, дар назар дорад. Ба фаъолии амалҳои эмотсионалӣ таъсири асосиро дараҷаи шиддатнокии ҳиссиёт ва эмотсияҳо, ҳамчунин қобилияти фаҳмидани онҳо дар худ ва дар одамони дигар, мерасонад. Дар фаъолияти касбии одам ба мавқеи зеҳни эмотсионалӣ ҷойгаҳи махсус бояд ҷудо карда шавад, зеро он маҷмӯи қобилиятҳои гуногуни фард аст, ки дараҷаи баланди амалияи ӯро дар ҷамъият таъмин менамояд.

### АДАБИЁТ


1. Айзенк Г.Ю. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://psyfactor.org/hist/eysenck-theory-2.htm
2. Андреева И.Н. Азбука эмоционального интеллекта / И.Н. Андреева. – СПб.: БХВ-Петербург, 2012. – 288 с.
3. Бар-Он Р. [Электронный ресурс]. Режим доступа https://hr-portal.ru/varticle/model-socialnogo-i-emocionalnogo-intellekta-ruvena-bar-ona-esi
4. Выготский Л.С. Мышление и речь / Л.С. Выготский. – Изд. 5, испр. М.:Издательство «Лабиринт», 1999. – 352 с.
5. Д. Гарднер [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.psychologos.ru/articles/view/teoriya-mnozhestvennogo-intellekta-gardnera-vvp
6. Гилфорд, Дж. Три стороны интеллекта / Дж.Гилфорд// Психология мышления. /Под.ред.А.М.Матюшкина. Москва. Прогресс. 1965. 75с.
7. Леонтьев А.Н. Потребности, мотивы и эмоции / А.Н. Леонтьев. – М.: Изд-во Моск. Ун-та, 1971. – 40 с.
8. Г. Оллпорт [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://psyera.ru/teoriya-lichnosti-gordona-olporta-1723.htm
9. Психология индивидуальных различий. Хрестоматия / под ред. Ю.Б. Гиппенрейтер и В.Я. Романова. М.: ЧеРо, 2000. – 776с.
10. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии / С.Л. Рубинштейн. – СПб.: Питер, 2006. – 712 с.
11. Торндайк Э. Электронный ресурс]. Режим доступа https://psyjournals.ru/authors/30938.shtmlhttps://www.livelib.ru/author/692117/top-e-torndajk


## РАЗВИТИЕ КОНЦЕПЦИЙ ЭМОЦИОНАЛЬНОГО ИНТЕЛЛЕКТА


*Понятие эмоционального интеллекта в современной психологии является относительно новым. Изучая познавательные процессы учёные обнаружили их взимосвязь с эмоциональной сферой человека. Наличие определённых эмоций предполагает специфику протекания когнитивных процессов, то есть эмоции непосредственно влияют на качество интеллектуальных решений. Взаимосвязь и взаимозависимость интеллекта и эмоций была отражена в понятии "эмоциональный интеллект", которое вошло в научный обиход в конце XX века. Под этим феноменом понимается способность к анализу своих эмоций и эмоций других людей, управление эмоциональными состояниями как в индивидуальном, так и в групповом поведении. Вместе с тем это поведение предполагает взаимопонимание и эффективную взаимодеятельность между членами общества. Высокий уровень эмоционального интеллекта подразумевает наличие конкретных знаний и навыков, которые помогают успешно вести себя в определенных ситуациях. Навыки такого рода аналогичны когнитивным и опираются на познание эмоциональной сферы, специфики выражения эмоциональных состояний разными людьми. Эмоциональный интеллект положительно влияет на процесс межличностного общения и взаимодействия в социуме. Он является залогом успешности личности в самых разных профессиях. Эмоциональный интеллект индивида формируется в процессе социализации под влиянием различных факторов – культуры, образования, воспитания итд. Также уровень эмоционального интеллекта отдельной личности зависит от социально-экономических условий, мировоззрения, менталитета, профессии. По данной проблеме существует множество концепций, взглядов. Разработаны опросники и тесты по определению уровня эмоционального интеллекта. Однако, несмотря на это, изучение эмоционального интеллекта в психологии остается актуальным.*



***Ключевые слова:*** *интеллект, психические процессы, универсальный разум, мышление, познавательная деятельность, эмоциональные реакции, эмоциональная деятельность, праксические чувства, целеполагание, эмоции, мультипликативный интеллект, социальный*

*интеллект, структура личности, логическое мышление, эмоциональный интеллект, эффективное мышление.*

## THE DEVELOPMENT OF THE CONCEPTS OF EMOTIONAL INTELLECT

*In modern psychology, the concept of emotional intellect is relatively new. Studying cognitive processes, scientists have discovered their relationship with the emotional sphere of a person. The presence of certain emotions implies the specifics of the course of cognitive processes, that is, emotions directly affect the quality of intellectual decisions. The relationship and interdependence of intellect and emotions was reflected in the concept of "emotional intellect", which came into scientific existence at the end of the twentieth century. This phenomenon refers to the ability of analyzing one's own emotions and those of others, controlling emotional states in both individual and group behavior. At the same time, this behavior implies mutual understanding and effective mutual activity between the members of society. A high level of emotional intellect implies to the presence of specific knowledge and skills that helps a person successfully behave in certain situations. Skills of this kind are similar to cognitive skills and based on the knowledge of the emotional sphere, the specifics of the expression of emotional states of different people. Emotional intellect has a positive effect on the process of interpersonal communication and interaction in society. It is the key to the success in different professions. The emotional intellect of a person is formed in the process of socialization under the influence of various factors - culture, education, upbringing, etc. In addition, the level of emotional intellect of an individual depends on socio-economic conditions, worldview, mentality, and profession. There are many concepts and views on this issue. Different questionnaires and tests have been dedicated to determine the level of emotional intellect. However, despite this, the study of emotional intellect in psychology wants a deep investigation.*

***Keywords:*** *creative thinking, creativity, intelligence, mental processes, emotional intelligence, individual characteristics, thinking, novelty, semantic flexibility, innovative thinking, effective thinking, creative activity, purposefulness, tolerance, behavior, tolerance, behavior, tolerance, behavior, behavioral factor, empathy, emotional sphere, individual reality.*

***Сведение об авторе:***

***Бобоева Сайёра Боборадж**абовна - доцент кафедры социальной и профессиональной психологии Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова, Тел: (+992) 927760797 E-mail:kpntolerans@mail.ru*

***About the author:***

***Boboeva Sayora Boborajabovna** – dotsent of the Department of Social and Professional Psichologi of the Khujand State University named after academician B Gafurov» Phone (+992) 927760797 E-mail: kpntolerans@mail.ru*

## ТЕСТИ РАВЕН ВА ИМКОНИЯТҲОИ ОН ДАР ТАШХИСИ ҚОБИЛИЯТИ АҚЛИИ НАВРАСОН

***Фаризаи Ф.***

*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Давраи наврасӣ маъмулан синнусоли 11-15- солагиро дар бар гирифта, дар ҳаёти шахс нақши ҳалкунанда дорад. Дар ин давраи синусолӣ дар наврас дигаргуниҳои куллии физиологию психологӣ ба вуҷуд омада, давраи мазкурро давраи ҳассос ва осебпазир мегардонад. Навовариҳои муҳимми давраи мазкур пайдо шудани «ҳисси калонсолӣ» дар наврасон мебошад, ки таъсири худро ба тамоми соҳаҳои ҳаёти психикии кӯдак мегузорад.

Рушди равандҳои маърифатӣ дар давраи мазкур ба зинае мерасад, ки наврасон ба иҷрои дилхоҳ фаъолияти фикрии барои калонсолон пешбинишуда омода мегарданд. Дар синни калони мактабӣ мафҳумҳои зиёди илмӣ аз худ мегарданд, маҳорати истифода намудани онҳо, мантиқан муҳокимаронӣ намудан рушд мекунад. Ин аз ташаккулёбии тафаккури назариявӣ ё худ нутқӣ-мантиқӣ дарак медиҳад. Дар баробари ин интелектуализатсия (зеҳнигардӣ)-и тамоми дигар равандҳои маърифатӣ ба мушоҳида мерасад.

Хонандагони синни калони мактабӣ метавонанд мантиқан фикр кунанд, муҳокимарониҳои назариявӣ ва худтаҳлилнамоиро анҷом диҳанд. Дар онҳо маҳорати муҳокимаронӣ намудан аз ҷузъ бу кулл ва баръакс (индуксия ва дедуксия) ба мушоҳида мерасанд.

Зимни намудҳои пешбари фаъолият: таълим, муоширaт ва меҳнат қобилиятҳои умумӣ ва хусусии наврасон рушди худро идома медиҳанд. Афзудани донишҳои фаннӣ ба рушди маҳорату малакаҳои наврасон мусоидат мекунанд. Давраи мазкур барои рушди анвои гуногуни қобилиятҳои мусоид аст.

Дар ин синнусол маромҳои нави таълим пайдо мегарданд, ки бо дарки дурнамои ҳаётӣ, мавқеи худ дар оянда, ниятҳои касбӣ, идеалҳо марбутанд.

Донишҳо барои рушди шахсияти наврас мазмуни махсус касб мекунанд. Онҳо ба сифати арзише баромад мекунанд, ки шуури наврасро тавсеа бахшида, барои ишғоли мавқеи муҳим миёни ҳамсолон мусоидат мекунанд.

Маромҳои устувори таълимӣ зимни талаботи маърифати ва рағбатҳои маърифатии наврас ташаккул меёбанд. Рағбатҳои маърифатии наврасон аз ҳамдигар тафовут доранд. Дар баъзеҳо он хусусияти номуайянӣ, тағйирёбандагӣ ва вазъиятиро дорад, дар дигарон бошад, он дар нисбати доираи маҳдуди фанҳои таълимӣ ташаккул меёбад.

Аз худ намудани маводи таълимӣ аз наврасон нисбат ба хонандагони синни хурди мактабӣ фаъолияти нисбатан баландтари маърифатиро талаб мекунад. Онҳоро зарур меояд мафҳумҳои илмиро аз худ кунанд, системаи аломатҳоро баллад гарданд. Ҳамаи ин биси рушди тафаккури назариявӣ ва зеҳнигардии равандҳои маърифатӣ мегарданд.

Гуфтаҳои боло ба он далолат мекунанд, ки давраи мазкур дар рушди қобилиятҳои зеҳнии шахс мавқеи хоссаро ишғол мекунад. Дар илми психология қобилият гуфта, хусусиятҳои фардӣ-психологии шахсро дар назар доранд, ки ба талаботи фаъолияти додашуда ҷавобгӯ буда, иҷрои бомуваффақияти онро таъмин мекунанд. Масъалаи қобилиятҳо дар таҳқиқоти олимони русӣ-шуравӣ ба таври муфассал ҳаслу фасл гаштааст. Б.М. Теплов се аломати қобилиятҳоро ҷудо мекунад:

Аввалан зери мафҳуми қобилият хусусиятҳои фардӣ-психологиеро мефаҳманд, ки якеро аз дигарӣ фарқ мекунонад.

Дуввум, қобилият гуфта, на ҳамаи хусусиятҳои фардӣ-психологиро дар назар доранд, балки танҳо онҳоеро, ки ба иҷрои бомуваффақияти ягон фаъолият ва ё фаъолиятҳои зиёд марбутанд.

Саввум, мафҳуми «қобилият» ба он донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳое, ки аллакай дар шахс вуҷуд доранд, дар айният нестанд, ҳарчанд боиси ба осонӣ аз худ гаштани онҳо мегарданд [7, с. 16].

Раҳёфти тестологӣ ва миқдориро ба масъалаи қобилиятҳо ва лаёқати ақлӣ зери тозиёнаи танқид гирифта, Б.М. Теплов қайд мекунад, ки «... масъалаи лаёқати пеш аз ҳама сифатӣ аст, на миқдорӣ» [7, с. 28], ва илми писхология бояд на зинаи инкишофи қобилиятҳо ва лаёқат, балки онро омӯзад, ки лаёқат ва қобилиятҳои шахс чӣ гунаанд ва ба кадом фаъолият равона гардидаанд.

Ба андашаи К.К. Платонов қобилият – ин қисмати сохтории шахс аст, ки дар фаъолияти мушаххас амалӣ гардида, сифати онро муайян менамояд. Дар инкишофи қобилиятҳо ӯ се хосиятро муайян мекунад: ***вақти ибтидои зоҳиршавии он; равшании зоҳиргардӣ; дараҷаи инкишофи минбаъда*** ва қайд менамояд, ки агар ду хусусияти аввала аз қобилиятҳои модарзодӣ вобаста бошанд, ки одатан онро лаёқат меноманд, пас хусусияти саввум бештар аз таъсири муҳит ва пеш аз ҳама педагоге вобастааст, ки кӯдаки болаёқатро ташаккул медиҳад [5, с.146].

Дар илми психология маъмулан ду намуди қобилиятҳоро фарқ мекунанд – қобилиятҳои умумӣ ва хусусӣ. Агар қобилиятҳои хусусӣ дар иҷрои самараноки фаъолиятҳои мушаххас зоҳир гарданд, қобилиятҳои умуӣ барои иҷрои босамари доираи васеъи фаъолиятҳо мусоидат мекунанд. Қобилияти умумиро маъмулан ***қобилияти ақлӣ*** низ ном мебаранд.

Ба андешаи З.И. Калмикова қобилиятҳои ақлӣ дар мустақилона ба даст овардан, «кашф»-и донишҳои нав, фаррохии интиқоли онҳо ба вазъиятҳои нав ифода меёбад. Ӯ қобилиятҳои ақлиро дар доираи таълимот оид ба тафаккури маҳсулнок баррасӣ менамояд. Ба андешаи З.И. Калмикова «...тафккури маҳсулноки хонандагон ба сифати ташаккулдиҳандаи сифатҳои ақли онҳо баромад мекунад ва дар сурати мавҷуд будани дараҷаи ибтидодии донишҳои зарурӣ, маромнокии мусбӣ ва дигар шароитҳои зарурӣ дараҷаи рушди қобилиятҳои ақлиро муайян месозад» [4, с.74].

Дар мавриди рушди қобилдиятҳои ақлӣ З.И. Калмикова мефармоянд: «рушди ақл – системаи мураккаби тағйироти сифатию миқдорӣ мебошад, ки бо гузашти синну сол дар фаъолияти ақлии шахс ва ғанигардии таҷрибаи ҳаётӣ ба вуҷуд меояд» [4, с. 74].

Ҳамин тариқ, З.И. Калмикова ба сифати нишондиҳандаҳои асосии рушди қобилиятҳои ақлӣ таҷрибаи ҳаётӣ, донишҳои бадастовардашуда ва хусусиятҳои тафккурро дар назар дорад.

Масъалаи ташхиси қобилятҳои ақлӣ яке аз масъалаҳои муҳимми илмҳои психология ва педагогика маҳсуб меёбад, зеро он бевосита ба масъалаи истифодаи оқилонаи зарфиёти зеҳнии ҷомеа алоқаманда аст. Дар раванди ташхиси қобилиятҳои ақлӣ ташхисгарро мебояд ба хубӣ аз асосҳои ташхиси психологӣ ба хубӣ огаҳӣ дошта бошад. Маъмулан дар раванди ташхиси қобилиятҳои ақлӣ аз тестҳое истифода мебаранд, ки хусусият ғайришифоҳӣ дошта, зарурати мутобиқгардониро ба шароити маҳал истисно мекунанд.

Яке аз тестҳои маъмули ташхиси қобилиятҳои ақлӣ, ки ба талаботи боло ҷавобгӯ мебошад, тести Равен ё худ Матритсаҳои погрессивии (афзоишёбандаи) Равен (*Raven Progressiv Matrices*) маҳсуб меёбад. Тести мазкур барои ташхиси қобилиятҳои ақлӣ пешбинӣ шудааст. Он аз ҷониби психологҳои амрикоӣ Л. Пенроуз ва Дж. Равен соли 1936 таҳия гаштааст. Матритсаҳои прогрессивии Равен вобаста ба анъанаи мактаби инглисии омӯзиши ақл коркард гаштаанд, ки мувофиқи он воситаи беҳтарини ташхиси ақли умумӣ (омили G) ошкор намудани муносибатҳо миёни фигураҳои абстрактиянд [1][2][6][7] [8].

Ба андешаи Равен [8] тести мазкур қобилияти идроки шаклҳои муайян, дарки хусусиятҳо, муносибатҳои байниҳамии онҳоро месанҷад.

Ҳар як қатори супоришҳо аз рӯи принсипи муайян тартиб дода шудаанд:

А – принсипи алоқамандиҳои байниҳамӣ дар сохтори матритсаҳо;

В – принсипи монандӣ (аналогия) миёни ҷуфти фигураҳо;

С – принсипи тағйироти прогрессивӣ дар фигураҳои матритсаҳо;

D – принсипи азнав гурӯҳбандӣ намудани фигураҳо; Е – принсипи тақсим гаштани фигура ба унсурҳо.

***Қатори А.*** Аз озмудашаванда пурра гардонидани қисмати нопурраи тасвир талаб карда мешавад. Ҳангоми кор бо матритсаҳои қатори мазкур равандҳои фикрии зерин амалӣ мегарданд:

1) тафриқанамоии унсурҳои асосии сохтори матритса ва ошкор намудани алоқамандии миёни онҳо;

2) идентификатсияи (ёфтани) қисмати намерасидагии сохтори матритса ва муқоисаи онҳо бо намунаҳо.

*Мазмуни психологӣ*: ҳалли супориши мазкур аз дараҷаи диққатнокӣ, тасаввурот, тахайюл ва дараҷаи тафриқаи биноӣ (визуалӣ) вобастааст. ***Қатори В.*** Дар ёфтани монандӣ миёни ҷуфти фигураҳо ифода меёбад. Озмудашаванда принсипи мазкурро тавассути тафриқаи тадриҷии унсурҳо ошкор месозад. Ҳангоми ҳалли супориш қобилияти дарки мутаносибии миёни фигураҳо истифода мегардад.

*Мазмуни психологӣ*: қобилият ба тафриқанамоии мунтазам ва муҳокимаронӣ зимни алоқамандиҳои байниҳамӣ.

***Қатори С.*** Супоришҳои қатори мазкур дар тағйироти мураккаби фигураҳо мувофиқи принсипи табаддулоти мунтазам ва инкишофи онҳо ба таври тулӣ ва арзӣ ва ҷамъбандӣ намудани ин унсурҳои нав дар фигураи ниҳоии намерасидагӣ ифода меёбад.

*Мазмуни психологӣ*: қобилият ба мушоҳидакории динамикӣ, ва пайгирӣ намудани тағйироти мунтазам, бодиққатӣ ва хаёлоти динамикӣ, қобилият ба тасаввурнамоӣ.

***Қатори D.*** Аз рӯи принсипи ҷойивазнамоии фигураҳои матритса ба самтҳои арзӣ ва тӯлӣ мураттаб гаштааст. Ҳалли масъала пайдарҳамии қонуниятии фигураро дар сохтори том талаб мекунад.

*Мазмуни психологӣ*: ҳалли супориш аз қобилияти дарки тағйироти сифатӣ ва миқдорӣ дар тартиби фигураҳо, мувофиқ ба қонунияти тағироти истифодашуда вобастааст.

***Қатори Е.*** Раванди ҳалли супоришҳо дар таҳлили фигураҳои тасвири асосӣ ва минбаъд ҷамъбандӣ намудани фигураи намерасидагӣ аз рӯи қисматҳо (фаъолияти таҳлилӣ-таркибии майна) ифода меёбад. Дар ин ҷо зарур аст, унсурҳои фигураҳо аз рӯи принсипи алгебравӣ кам ва зам карда шаванд, қисматҳои он омезиш дода шаванд. Унсури намерасидагии сохтор тавассути гузаронидани амалиёти алгебравӣ бо унсурҳои дигари сохтор ёфта мешаванд.

*Мазмуни психологӣ:* қобилияти мушоҳида намудани рушди мураккаби сифатӣ ва миқдории қаторҳо. Шакли олии абстраксия ва таркиби (синтези) динамикӣ.

Тести «Матрицаҳои погрессивии (афзоишёбандаи) Равен» ба қатори тестҳои ғайришифоҳии ақл дохил шуда, ба ду назарияи гешталтпсихологӣ асос ёфтааст: назарияи персепсияи шаклҳо ва назарияи ба ном «неогенез»-и Ч. Спирмен.

Мувофиқи назарияи персепсияи шаклҳо, ҳар як супориш метавонад ҳамчун ташкилаи томе дида баромада шавад, ки аз унсурҳои ба ҳам алоқаманд таркиб ёфтаанд. Тахмин меравад, ки дар ибтидо баҳогузории умумии супориш – матритса амалӣ мегардад, сипас персепсияи (идроки) таҳлилӣ амалӣ гардида, озмудашаванда тавассути он принсиперо ҷудо мекунад, ки ҳангоми коркарди қатори мазкур истифода гардидааст. Дар давраи ниҳоӣ унсурҳои ҷудокардашуда ба шакли образи мукаммал дароварда мешаванд, ки боиси ошкор гардидани унсури намерасидагии тасвир мегардад. Назаияи Ч. Спирмен мавқеъҳои дидабаромадашудаи назарияи персепсия шаклҳоро амиқтар мегардонад. Таҷрибаи таҳқиқоти бисёрсола нишон медиҳад, ки маълумоти тавассути тести Равен ба дастомада бо маълумоти тестҳои дигари маъмули ташхиси ақл, аз қабили тестҳои Векслер, Стенфорд-Бине, ШТУР ва амсоли ин мувофиқат мекунанд.

Тести Равен ғайришифоҳӣ буда, гузаронидани он бо намояндагони дилхоҳ забон ва маданият қобили қабул аст.

Аз таҳлили боло хулосаҳои зерин бармеоянд:

- қобилиятҳои ақлӣ чун дигар намуди қобилиятҳо дар фаъолияти мушаххас зоҳир мегарданд ва инкишоф меёбанд;
- такмил додани усулҳои таълим ва дуруст ба роҳ мондани раванди фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонанда ба инкишофи қобилиятҳои ӯ мусоидат мекунад;
- таҷрибаи ҳаётӣ, донишҳои бадастовардашуда, хусусият ва сифатҳои тафаккур нишондиҳандаҳои асосии инкишофи қобилиятҳои ақлиянд;
- хангоми ташхиси қобилиятҳо дар баробари сифатҳои миқдорӣ ба хусусиятҳои сифатии он низ диққат додан зарур аст.

- тести Равен барои ташхиси миқдории дараҷаи инкишофи қобилиятҳои ақлӣ мувофиқ аст, зеро:

a) хусусияти ғайришифоҳӣ дошта, тарҷума ва чун натиҷа мутобиқнамоиро ба шароити маҳал талаб намукунад.

b) барои гузаронидан қулай буда, вақти зиёд ва маводи мураккабу душворро талаб намекунад.

c) ҳам ба тариқи фардӣ ва ҳам гурӯҳӣ гузарониданаш имконпазир аст.

d) дараҷаи баланди эътимоднокӣ ва валиднокиро соҳиб аст.


**АДАБИЁТ**

1. Анастази А. Психологическое тестирование. / А. Анастази Том 1. – М., 1982. – 688 с.
2. Бодров В.А. Психология профессиональной пригодности. / В.А. Бодров – М., 2001. – 215 с.
3. Бурлачук Л.Ф., Морозов С.М. Словарь-справочник по психодиагностике. / Л.Ф. Бурлачук, С.М. Морозов - К., 1989.
4. Калмыкова З.И. К проблеме диагностики умственного развития школьников / З.И. Калмыкова // Вопросы психологии. 1982. №2.-С.74-79.
5. Платонов К.К. Проблемы способностей. [Текст] / К.К. Платонов. М., Наука, 1972. -187 с.
6. Равен Дж.К. Руководство к прогрессивным матрицам / Дж.К. Равена, Дж.Х. Курт, Дж. Равена и словарным шкалам. / Равен Раздел 3: Стандартные прогрессивные матрицы. – М., 1996.-75 с.
7. Теплов Б.М. Избранные труды. / Б.М. Теплов В 2-х т. Т. 1. М.: Педагогика, 1985. – 360 с.
8. Raven J., Shummers W.A. Raven's Progressive Matrices: The current U.S. norming exercise /Meeting of NASP. – NV., 1985.


## ТЕСТ РАВЕНА И ЕГО ВОСМОЖНОСТИ В ДИАГНОСТИКЕ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ ПОДРОСТКОВ


*Статья посвящена важной проблеме психологии и педагогики – проблеме диагностики интеллектуальных способностей в подростковый период. Подростковый период рассматривается как как чувствительный и благоприятный для развития интеллектуальных способностей, так как в этот период осваиваются много научных понятий, развивается умение использовать их, думать логически, что является следствием развития теоретического или словесно-логического мышления. В то же время происходить интеллектуализация всех познавательных процессов и наблюдается умение дедуктивного и индуктивного рассуждения.*

*Проблема интеллектуальных способностей рассматривается с позиций выдающихся исследователей сферы способностей, таких как Б.М. Теплов, К.К. Платонов, З.И. Калмыкова и предлагаются конкретные выводы.*

*Анализируется и рассматривается Тест Равена и ее возможности в диагностики интеллектуальных способностей подростков.*

*В конце статьи предлагаются полезные выводы.*



***Ключевые слова**: подростковый период, способности, интеллектуальные способности, развитие, диагностика интеллектуальных способностей, тест Равена.*


## THE TEST OF RAVEN AND ITS POSSIBILITIES IN DIAGNOSTICING THE INTELLECTUAL ABILITIES OF ADOLESCENTS


.Сарҷумлаашро ёбед ва хели ҷумлаи пайравашро муайян намоед.

**Варианти дуюм**

Байтро нависед, мазмунашро шарҳ диҳед ва таҳлили сарфӣ намоед:

Эй бародар, хоки поят тӯтиё,
Гар ту моро дӯст медорӣ, биё.

**Варианти сеюм**

Мазмуни байтро шарҳ диҳед ва таҳлили наҳвӣ кунед:

Дар ҷавонӣ дор пиронро азиз,
То азизи дигарон бошӣ ту низ.

Истифода аз вариантҳои саволномаҳои тестӣ низ қобили қабул аст.

**Варианти якум**

Ҷумлаи пайрави маайянкунанда кадом қисмати сарҷумларо шарҳ медиҳад?

а) хабари сарҷумларо; б) исми сарҷумларо; в) пайрави ҳолро: г) тамоми сарҷумларо.

**Варианти дуюм**

Хели ҷумлаи пайрав чӣ ном дорад?

Вақте ки мо омадем, ӯ хушҳолона аз ҷояш хест.

а) пайрави замон; б) пайрави хабар;в) пайрави мубтадо; г) пайрави пуркунанда.

**Варианти сеюм**

Аз калимаҳои зерин ибораҳо созед:

А) ақл 1.серҳосил

Б) китоб 2. гузаро

В) умр 3. расо

Г) замин 4. шавқовар

**Варианти чорум**

Ҷумлаҳои мураккаби зеринро ба ҷумлаи сода баргардонед:

Бачаҳое, ки дар атрофи мактаб бозӣ мекарданд, таваҷҷуҳи моро ба худ ҷалб намуданд.

Падарам пурсид, ки ба куҷо меравам.

Пас аз иҷрои ин амалҳо омӯзгор ба баёни мавзӯи нав гузашта, мефаҳмонад, ки ҷумлаи пайрави макон ҷойи воқеъ шудани амалу ҳолати сарҷумларо эзоҳ дода, ба саволҳои куҷо?, дар куҷо? ҷавоб мешавад.

Ҷумлаи пайрави макон ба сарҷумла бо пайвандаки **ки** вобаста шуда, аксаран якҷоя бо таркибҳои **ҳар куҷо, ҳар ҷо, дар он ҷо, дар ин ҷо** ва ғайра меояд.

Баъдан ҷумлаҳои зеринро, ки қаблан дар тахтаи синф навиштааст, таҳлил намуда, ақидаҳояшро доир ба мавзӯъ асоснок менамояд:

Он ҷо ки намак хӯрдӣ, намакдон нашикан. Ҳар ҷо ки бошӣ, иззати худро нигаҳ дор. Мо, дар куҷое ки бошад, ба ҳамон ҷо ҳозир мешавем.

Дар ҷумлаҳои зикргардида қисматҳои «намакдон нашикан», «иззати худро нигаҳ дор» ва «Мо ба ҳамон ҷо ҳозир мешавем» сарҷумла буда, таркиб ва ифодаҳои «Он ҷо ки намак хӯрдӣ», «Ҳар ҷо ки бошӣ»ва «дар куҷое ки бошад» ҷумлаи пайрави макон мебошад.

Ҷолиби диққат аст, ки баъзан барои қувват додани вазифаи пай-вандак ва таъкиди маънон макон таркибҳои пешояндии монанди **дар он ҷо, о н ҷ о, ба он ҷо** ва ғайра дар дохили сарҷумла меоянд ва вазифаи ҳоли маконро низ адо мекунанд:

Дар ҷое ки зулму ситам ҳаст, он ҷо хароб мешавад (Айнӣ). Дар ҷое ки обу офтоб ҳаст, дар он ҷо ҳаёт ҳаст (Зарб.). Балки ба замми ин, ба ҷое роҳ меёбад, ки дар он ҷо бо паризодагон умр ба сар мебарад (Айнӣ). Онҳо роҳ гашта, чакалакро миёнбур карда, ба ҷое баромаданд, ки он ҷо дашти васее сар мешуд ва даромадгоҳи қишлок намоён мегардид (Раҳим Ҷалил) [4].

Дар лаҳзаи мустаҳкамкунӣ аз китоби дарсӣ шарти машқи 107-ро иҷро кардан мувофиқи матлаб аст, Шарти машқ чунин аст: «Ҷумлаҳоро нависед, аломатҳои китобатро гузоред ва гӯед, ки ҷумлаи пайрав ба кадом савол ҷавоб мешавад.

Намуна: Дар ҳар ҷо ки об ҳаст дар он ҷо ҳаёт месабзад.(Иҷроиш: Дар ҳар ҷо ки об ҳаст, дар он ҷо ҳаёт месабзад. Сарҷумла «дар он ҷо ҳаёт месабзад» буда, «Дар ҳар ҷо ки об ҳаст» ҷумлаи пайрав мебошад ва ба саволи «дар куҷо?» ҷавоб мешавад ва ҷумлаи пайрави макон мебошад).[5]

Таъкид кардан бамаврид аст, ки тахтаи синф ҷойи ҷавлонгоҳи хонандагон аст. Аз ин хотир, ҳар як ҷумла бо ёрии худи хонандагон таҳлил карда мешавад. Ин лаҳза худи хонандагон имкон доранд, ки ҷумлае навишта, хели ҷумлаи пайравашро муайян намоянд. Ё худ ҷумлаҳои мураккабро ба ҷумлаи сода баргардонанд.

Хулоса, методи салоҳиятнокӣ тақозо менамояд, ки хонанда чизи аз омӯзгор гирифтаашро донад ва сарҷумларо аз ҷумлаи пайрав ҷудо карда тавонад, яъне донишҳои назариявии гирифтаашро дар амал татбиқ карда тавонад.

Дар интиҳо омӯзгор ҷавобҳои хонандагонро ба инобат гирифта, ба ҳар кадоме аз онҳо баҳогузорӣ менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Баҳодиҳии дониши хонандагон дар муҳити ҳамфаъол. Душанбе, 2007.1.с.36
2. Асосҳои назариявии таълим ва омӯзиши хамфаъол 3- (Дастури таълимӣ) – Душанбе : 2007- С. 44-45.
3. Барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-11. -Душанбе: Маориф, 2007.-с.3
4. Рустамов Ш. Забони тоҷикӣ барои синфи 9. / Ш. Рустамов, А. Каримов, С. Аминов –Душанбе: Маориф, 1992.-21 с.
5. Раҳимов .Х. Педагогика / .Х.Раҳимов, А. Нуров -Душанбе: Маориф, 2011.-116 с.

## ОБУЧАЮЩИЕ ПРИГОВОРЫ В 9 КЛАССЕ АКТИВНЫМИ МЕТОДАМИ

*В данной статье рассматривается об изучении наречия места предложений с помощью используемого метода деятельности. В обосновании следует отметить, что используется метод обучения деятельности учителей с целью и именно этим будет способствовать развитию качеств воспитания. Отмечается, что школьная доска - это место для прогулок. Поэтому каждое предложение анализируется с помощью самих читателей. На этом этапе у читателей есть возможность написать предложение и определить тип предложения, которому следует следовать. Или возвращайте сложные предложения к простым.*

*Метод оценки компетенций также требует, чтобы учащийся знал, что он узнал от учителя, и уметь отличать резюме от следующего, то есть уметь применять теоретические знания на практике.*

***Ключевые слова:*** *предложение, основная часть предложения, подчиненный, место, программа, читатели, вариант, язык, совместная деятельность, методы, обучение, обучение, информация.*

## LEARNING VERDICATIONS IN CLASS 9 BY ACTIVE METHODS

*This article discusses the study of the adverb of the place of sentences using the used method of activity. In the substantiation, it should be noted that the method of teaching the activities of teachers is used for the purpose and this will contribute to the development of the qualities of education. It is noted that the blackboard is a place for walking. Therefore, each sentence is analyzed with the help of the readers themselves. At this point, readers have the opportunity to write a sentence and determine the type of sentence to follow. Or revert complex sentences to simple ones.*

*The competency assessment method also requires the student to know what he has learned from the teacher and to be able to distinguish a resume from the following, that is, to be able to apply theoretical knowledge in practice.*

***Keywords:*** *sentence, the main of sentence, subordinate, place, program, readers, variant, language, co-activity, methods, learning, educate, information.*

***Сведение об авторах:***

***Ахадова Зайниддин*** *– кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры обшей педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел: (+992) 931699932*

***Бобоев Сохиб****- соискатель кафедра теории и практики языкознания обшей психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел: 937006037*

***About the authors:***

***Akhadova Zainiddin*** *- Ph.D., Senior Lecturer of the Department of General Pedagogy of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel: (+992) 931699932*

***Boboev Sohib*** *- Applicant for the Department of Theory and Practice of Linguistics of General Psychology, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel: (+992) 937006037*

## СИСТЕМАТИЧЕСКОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ УЧЕБНОГО СЛОВАРЯ

***Мирзоева Ш.И.***

*Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни*

В работе в аудитории при использовании словаря преподаватель создает творческую атмосферу поиска пословиц и поговорок на различные темы, открывает перед студентами их значения, предлагая при этом использование пословиц и поговорок в различных ситуациях.

Чтобы обращение к словарю было сознательным и продуктивным, необходимо привить студентам не только любовь к русскому языку, но и выработать умения и навыки самостоятельной работы со справочной литературой, в том числе с учебным словарем пословиц и поговорок.

Васильев А.Н. писал: «Материал словарных статей при умелом использовании словаря является весьма удобным и для самого преподавателя, который, как известно, тратит много времени при отборе дидактического материала к занятиям в нерусской аудитории» ” [2, с.43].

Упражнения, знакомящие студентов со словарными статьями, очень полезны в познавательном отношении и вызывают у них большой интерес к русским пословицам и поговоркам.

Упражнения и задания, выполняемые с помощью «словаря», уточняют мысли студентов, делают их речь гибкой и выразительной, пробуждают интерес к пословицам, поговоркам русского и таджикского народов.

Систематическое использование учебного словаря пословиц и поговорок способствует также зрительному запоминанию написания пословиц и поговорок и сокращает тем самым число грамматических ошибок.

«Перед лексикографами нашей страны, - писала Е.А. Быстрова, - стоит задача, - разработать теорию учебную лексикографии, определить ее научные – лингвистические, лингводидактические, психологические – основы, создать отвечающие требованиям современной лингвистической и методической науки словари. Специфика целей и условий обучения русскому языку в национальной школе, особенности учебного процесса требуют создания цельной системы учебных словарей, которая при значительном сходстве с системой учебных словарей русского языка для иностранцев должна иметь свои характерные особенности» ” [1, с.57].

В настоящее время для национальной школы разработаны и созданы различные типы словарей: одноязычные, двуязычные; активные и пассивные; аспектные и комплексные, словари-справочники.

Интенсивно ведется работа по составлению учебных фразеологических словарей русского языка для национальной школы. В 70-е годы опубликован ряд таких словарей, например, «Русско-узбекский фразеологический словарь» М. Садыковой (Ташкент, 1972); «Русско-азербайджанский фразеологический словарь» М.Т. Тагиева (Баку, 1974); «Русской - киргизский фразеологический словарь» (для учащихся 4-8 классов – составители Н. Хмельницкая, А. Биялиев (Фрунзе, 1977) и другие. В 1984 году опубликован «Школьный русско-таджикский фразеологический словарь». Составители: И.Л. Николаев, Раупов.В).

В 1983-84 гг. в НИИ ПРЯНШ АПН СССР подготовлен и издан «Учебный фразеологический словарь русского языка». Пособие для национальной школы (Е.А.Быстрова, А.П. Окунаева, Н.М. Шанский, Л. Просвещание, 1984).

Вопрос об изучении фразеологических единиц русского языка студентами таджикских групп вузов имеет большое значение.

Важная роль в процессе обучения русскому языку принадлежит работе Б.А. Тахохова «Изучение фразеологических единиц русского языка в таджикских группах факультета русского языка и литературы». Пособие для преподавателей . Пособие имеет большое практическое значение при обучении русскому языку студентов-таджиков” [3, 88].

Чтобы сделать русскую речь студентов содержательной и выразительной, наряду со словарем фразеологизмов целесообразно создать также учебный словарь пословиц и поговорок, материалом которого будут являться русские и таджикские пословицы и поговорки. Пословицы и поговорки дают представление о народной мудрости, воспитывают вдумчивое отношение к жизни. Они учат, как жить, как относиться к труду, к своим обязанностям, хвалят трудолюбивых, смелых, честных, добрых, осуждают недостойное поведение, высмеивают жадность и т.п. Меткое применение пословиц и поговорок помогает исправлению недостатков.

Будущие учителя русского языка должны быть знакомы с пословицами и поговорками не только для того, чтобы самим практически владеть ими в речи, но и чтобы суметь объяснить русские пословицы и поговорки учащимся-таджикам.

Окунаева А.П. писала «Нельзя говорить о грамотности речи, особенно о языковой культуре студентов, имея в виду только обогащения их лексического запаса. Однако такой однострочный подход к оценке речи студентов нередко наблюдается, в частности, при обучении русскому языку в таджикской аудитории»” [4, с.88].

Как показали наши наблюдения. У большинства преподавателей отсутствует учет и система работ по пословицам и поговоркам. Многие преподаватели недооценивают роль пословиц и поговорок в становлении речи студентов и повышении их общего уровня. Преподаватели ограничиваются сведениями из учебника из-за отсутствия дополнительного методического материала, в результате знания студентов по усвоению русских пословиц и поговорок являются неглубокими и поверхностными. Многие преподаватели не смогли конкретно ответить на вопрос: какую именно работу по пословицам и поговоркам они проводят со студентами на занятиях и какие словари используют.

В процессе занятий необходимо указать на сложность работы над пословицами и поговорками. Иногда, объясняя студентам пословицы или поговорки, преподаватели не доводят до конца содержание той или иной разбираемой единицы.

Таким образом, бессистемное проведение работы с пословицами и поговорками является одним из недостатков, тормозящих развитие речи студентов.В связи с этим на данном этапе представляется необходимым ликвидировать имеющийся разрыв между реальными и необходимыми.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Быстрова Е.А. Современный русский язык. / Е.А. Быстрова - М.: Наука, 2007.- 243 с.
2. Васильев А.Н. Особенности русского языка. / А.Н. Васильев - М. Высшая школа, 2008.-354 с.
3. Тахохова Б.А. Изучение фразеологических единиц русского языка в таджикских группах факультета русского языка и литературы. / Б.А. Тахохова // Пособие для преподавателей.- Душанбе, 1974.- 243 с.
4. Окунаева А.П. Учебный фразеологический словарь русского языка. / А.П. Окунаева - Пособ" [1, 57].ие для национальной школы М.: Просвещание, 1984.-263 с.


## СИСТЕМАТИЧЕСКОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ УЧЕБНОГО СЛОВАРЯ


*В этой статье автор исследует изучения пословиц и погорок в современной школе. Автор статьи на основе обширного материала показывает развитие пословиц и поговорок в современном языкознании.*

*Надо отметить, что пословицы и поговорки наряду с другими видами народного творчества составлений самостоятельную область филологии – паремиологию занимающуюся разработкой проблем афористических жанров – пословиц, поговорок, афоризмов. Он пытался разработать теоретические вопросы паремиологии и паремиографии, изучая пословиц поговорки в трех аспектах – лингвистическом, логика – семиотическом и предметно-образном. Он исходил из того положения, что «….пословицы и поговорки при своей видимой простоте представляют собой весьма непростые образования.*

*Фразеологизм-идиома – застившее словосочетание, не переводимое на обычный язык по сумме лексем. В структурном отношении фразеологизм-одночленнаяпразема. В роли самостоятельным фразы он выступать не может. В этом коренное отличие фразеологизма от молвушки, которая выступает лишь в роли самостоятельной*



***Ключевые слова** : пословица, погорок, образование, школа, изучение, русский язык.*


## ETYMOLOGICAL COMMENTARY ON PROVERBS AND SAYINGS


*In this article, the author explores the study of proverbs and pogorka in the modern school. The author of the article, on the basis of extensive material, shows the development of proverbs and sayings in modern linguistics.*

*It should be noted that proverbs and sayings, along with other types of folk art, are an independent field of philology - paremiology, which deals with the development of problems of aphoristic genres - proverbs, sayings, aphorisms. He tried to develop theoretical questions of paremiology and paremiography, studying proverbs and sayings in three aspects - linguistic, logic - semiotic and subject-figurative. He proceeded from the position that ".... The words and sayings, with their apparent simplicity, are very complicated formations.*

*Phraseologism-idiom is an obscured phrase that cannot be translated into ordinary language by the sum of lexemes. Structurally, the phraseological unit is a single-term prasema. He cannot act as an independent phrase. This is the fundamental difference between a phraseological unit and a gossip, which acts only as an independent*



***Keywords**: proverb, pogorok, education, school, study, Russian*



***Сведение об авторе***

***Мирзоева Шамигул Идибековна** - Преподаватель общеуниверситетской кафедры русского языка Таджикского государственного университета имени С. Айни, Тел:.(+992) 902558591*

***About the author***

***Mirzoeva Shamigul Idibekovna** - Lecturer at the University-wide Department of the Russian Language of the Tajik State University named after S. Aini, Tel: (+992) 902558591*



**ТДУ 372.851**


## ИСТИФОДАИ ОМОДАГИИ МАТЕМАТИКИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ МАВРИДИ ҲАЛЛИ МУСТАҚИЛОНАИ МАСЪАЛАҲОИ МАТНӢ


***Буриев Ф.К.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*


Мақсади таълими математика дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо омӯзонидан ва исти фодаи ташаккули омодагии математикии хонандагон мавриди ҳалли масъалаҳои матнӣ додани маҳорату малакаи татбиқи ин донишҳо дар амал мебошад.

Вобаста ба талаботи имрӯза, хонандагони синфҳои ибтидоӣ бояд на танҳо элементҳои асосии донишро омӯзанд, балки тарзҳои донишандӯзӣ ва усулҳои фаъолиятро азхуд карда, тавассути он

дониши нав гирифта, маҳорату малакаи худро дар раванди ҳалли масъалаҳои матнӣ инкишоф диҳанд.

Ҳалли масъалаҳои матнӣ қисми таркибии аксари дарсҳои мате- матика, алалхусус дарсҳои математика дар синфҳои ибтидоӣ мебошад. Дар бештари намуди дарсҳо ҳалли масъалаҳои матниро ҳам дар аввали дарс барои санҷиши дониши хонандагон ва ҳам дар охир барои такрор ва мустаҳкамкунии маводи омӯхташуда, инчунин барои кори муста- қилона истифода мебаранд. Дар робита бо вазифаи хонагӣ ва иҷрои кори мустақилона ба хонандагон дар бораи ҳалли масъалаҳо матнӣ маълумоти алоҳида дода мешавад. Дар раванди дарси математика барои ҳалли масъалаҳои матнӣ боз бештар вақт ҷудо карда мешавад. Ҳатто як қисми дарс, махсус ба ҳалли масъалаҳои матнӣ бахшида мешавад. Дар қатори омӯзиши маводҳои назариявию амалии дарс, инчунин қисми муҳимми вазифаи хонагӣ ва истифодаи омодагии математикии хонанда- гон мавриди ҳалли мустақилонаи масъалаҳои матнӣ аз фанни мате- матика мебошад [8, с. 54-56].

Айни замон дар дастурҳои таълимӣ ва методӣ шумораи ниҳоят зиёди масъалаҳои матнӣ гирд оварда шудаанд, лекин то ҳол ягон хулосаи онҳо вуҷуд надорад. Таснифоти масъалаҳои матнӣ ҳам барои назария ва ҳам барои амалияи таълими математика мавриди ҳалли масъалаҳои матнӣ ниҳоят муҳим аст, зеро ин ба омӯзгор имкон медиҳад, ки ӯ имко- ниятҳои ҳам таълимӣ ва ҳам тарбиявии масъалаҳоро ба эътибор гирифта аз як тараф ба як мақсад истифода намудани онҳо худдорӣ намояд.

Азбаски масъалаҳои матнӣ аз якдигар ҳам аз рӯи мазмун ва ҳам аз рӯи мақсадҳои дидактикӣ ба куллӣ фарқ мекунанд, онҳоро чунин тасниф намудан мумкин аст: а) аз рӯи мазмун; б) аз рӯи ифодаи шарт; в) аз рӯи методикаи ҳал.

Албатта, чунин таснифоти масъалаҳои матниро пурра ва то охир пайи ҳам шуморидан нашояд, чунки баъзан ҳамон як масъаларо вобаста ба аломатҳое, ки аз рӯи онҳо таснифот мегузаронанд, ба гурӯҳҳои гуно- гун шомил кардан мумкин аст.

Маълум аст, ки воситаҳои таълимӣ аз математикаи ибтидоӣ дар синфҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гим- назияҳо аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ доранд. Воқеан ҳам, агар хонанда- гони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо дар байни маводҳои назариявӣ ва амалии математика фарқи муайянеро аниқ карда тавонанд. Дар зинаҳои ибтидоии таълими мате- матика дарки ин гуна фарқият барои хонандагон басо мушкил аст, зеро дар синфҳои ибтидоӣ таълими маводи номбурда раванди ягонаи бо ҳам ҷузъан пайвандеро ташкил медиҳанд.

Пайдост, ки дар таълими курси ибтидоии математика барои ҳосил намудани мафҳумҳои математикӣ, муқаррар кардани хосиятҳо, таъриф- ҳо, теоремаҳо, ошкор сохтани робитаи байни компонентҳо ва ғайра, ки ба масъалаҳои матнӣ мансубанд, аксар мавридҳо аз методи индуксияи нопурра истифода мебаранд.

Бо ин мақсад омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ силсилаи масъалаҳои матнии махсус интихобшударо ҳал намуда, хонандагонро водор ме- созад, ки далелҳои дар шарти онҳо инъикосёфтаро муоина намуда, алоқамандии байнашонро ошкор карда, моҳият ва қонунияти мате- матикиро фаҳманд ва хулосаҳои зарурӣ бароранд. Аз ин рӯ, муайян намудани мавқеи масъалаҳои матнӣ дар системаи таълими математика аз масъалаҳои хеле муҳим ба ҳисоб меравад [1, с.276].

Агар масъалаҳои матнӣ аз як тараф, барои пайдоиши маҳорату малакаҳои зарурӣ хизмат расонад, аз тарафи дигар, вай асосҳои назария- виро ба вуҷуд оварда, барои ба амалия татбиқ намудани онҳо низ имконияти фароҳам меоварад. Аз ин ҷост, ки дар таълими курси ибтидоии математика аз методҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои матнӣ ҳаматарафа истифода кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Мувофиқи талаботи нави методи таълими математика мазмуни масъалаҳои матнӣ дар таълими хонандагони синфҳои ибтидоии муасси- саҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо як қадар тағийр дода шудааст. Дар ҳар як мисолу масъалаҳои матнии пешниҳодшуда, дар қатори мустаҳкамкунии маводи назариявии пештара, боз проблемаҳо гузошта мешавад. Аз ин рӯ, истифодаи омодагии математикии хонанда- гон мавриди ҳалли мустақилонаи масъалаҳо матнӣ бояд сабабгори фикркунии хонандагон гардида, барои ҳосил намудани мафҳумҳои нав замина гузоранд. Он бояд боиси кашфи мустақилонаи қоидаву қонунҳои нав, вобастагиҳои байни бузургиҳо гашта, ба таълими ҳамгиро асоси боэътимод гузорад. Ва ниҳоят, ҳалли масъалаҳои матнӣ бояд барои якҷоягии табии раванди азхудкунии назария ва ба вуҷуд овардани маҳо -рату малакаҳои зарурии амалӣ бевосита хизмат карда тавонад.

Ин талабот омӯзгорро вазифадор менамояд, ки дар навбати аввал ҳар як масъалаҳои матнӣ ва машқҳои китобҳои дарсиро аз нуқтаи назари танқидиву эҷодӣ дида баромада, ба кадом мақсад гирифта шудани онҳо- ро хубтар фаҳмида гирад. Аз тарафи дигар, омӯзгор бояд донад, ки дар таълими курси ҳозираи математикаи синфҳои ибтидоӣ афзоиши мавқеи назарияи (мафҳуми маҷмӯъ, элементҳои мантиқи математикӣ, вобастаги- ҳои байни бузургиҳо, истифодаи методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ангезиш, хулосабарорӣ, таҳлил, пайвасткунӣ, беруноварӣ, мушаххасгардонӣ ва ғайра) ба

сифати методи таълим истифода кардани намудҳои гуногуни масъалаҳои матнӣ нақши муҳимеро мебозад. Ба ин гуна масъалаҳои матнӣ, дурустар сарфаҳм нарафта дар давраи ҳозира проблемаи аз системаи муайяни масъалаҳои матнӣ беҳтар истифода бурданро дуруст ҳал кардан аз имкон берун аст.

Мо таҳти мафҳуми ҳалли мустақилонаи масъалаҳои матнӣ ба хонан дагон чунин масъалаеро мефаҳмонем, ки онро хонандагони хурдсол бо супориш ва зери назорати омӯзгор бе иштироки ӯ дар вақти муқаррар- гардида иҷро менамоянд. Дар ин маврид хонандагони синфҳои ибтидоӣ кӯшишу ғайрати расидан ба мақсади гузошташуда намуда, қобилияти фикрӣ, натиҷаҳои амалиёти фикрӣ ва ҷисмонии худро дар ин ё он шакл (ҷавоби шифоҳӣ ва хатӣ) ифода менамоянд[3, с.185].

Истифодаи омодагии математикии хонандагон мавриди ҳалли мус- тақилонаи масъалаҳои матнӣ амалиёти фаъоли фикриро, ки ба ҷусту- ҷӯйи тарзҳои нисбатан иҷро гардидаи супоришҳои пешниҳод намудаи омӯзгор ва ба таҳлили натиҷаи корҳои иҷрошуда алоқаманданд, ифода менамояд. Албатта, ба таври содда иҷро кардани ин ё он амалиёт, рӯй- бардор намудани матн аз тахтаи синф бо маънои пуррааш ҳалли масъ- алаи матнӣ ҳисоб меёбад, аммо сатҳи гуногуни мустақилиятнокӣ ва дониши хонандагонро ба инобат гирифтан зарур аст.

Дар таълими математикаи синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ масъалаҳалкунӣ нақши махсусеро мебозад. Инро ба назар гирифта, тақ- рибан сеяки вақти ба таълими математика додашуда барои масъала- ҳалкунӣ истифода карда мешавад, зеро ҳал кардани масъалаҳои матнӣ дар таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ функсияҳои дидактикии таълимӣ, тарбиявӣ, инкишофӣ ва санҷиширо иҷро менамояд [4, с.5].

Амалӣ гардонидани функсияҳои дидактикии масъалаҳои матнӣ ба тайёрии муаллими синфҳои ибтидоӣ ва самаранокии раванди ҳалли масъалаҳои матнӣ вобаста аст. Дар раванди таълими математика чунин масъалаҳои матниеро интихоб намуда, ҳал бояд кард, ки матни онҳо ҷиҳатҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофӣ дошта бошад. Аз назарияи таълим маълум аст, ки функсияҳои масъалаҳои матнӣ на танҳо аз дуруст интихоб намудани маводи назариявӣ, балки аз омӯзиши ҳалли муста- қилонаи масъалаҳои матнӣ низ иборат аст. Бо ибораи дигар гӯем, бо донишҳои мустаҳкам мусаллаҳ гардонидани ҳар як хонандаи синфҳои ибтидоӣ, функсияи асосии масълаҳалкунӣ дар раванди таълими мате- матика ин мустақилона ҳал кардани масъалаҳои матнӣ мебошад. Воқеъ- ан ҳам, ҳар як масъалаи матниро бо мақсади муайян, дар мавриди муво- фиқ ҳал кардан мебояд, вале мушоҳидаҳову таҷрибаҳои гузаронидаамон шаҳодат медиҳанд, ки аксари муаллимони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми таълими математика функсияҳои дидактикии масъалаҳои матниро ба эътибор намегиранд. Дар натиҷа хонандагони хурдсол мазмун ва мақ- сади масъалаҳои матниро намефаҳманд ва ниҳоят ба моҳияти омӯзиши математика сарфаҳм нарафта, майлу рағбати масъалаҳалкунии онҳо коҳиш меёбад.

Бо мақсади боз ҳам муфассал, зиёдтар, мукаммалтар муқаррар кар- дани моҳияти ҳалли масъалаҳои матнӣ муҳокимаи онро дар адабиёти гуногун дида мебароем. Муайян кардани моҳияти ҳалли масъалаҳои матнӣ – ин нишон додани сохтори таркибии он, раванди ҳалли масъ- алаҳои матнӣ ва хусусиятҳои алоҳидаи ҳар як марҳилаи он мебошад. Гуфтан ба маврид аст, ки дар адабиёти методии муосир оид ба таркиби ҷараёни ҳалли масъалаҳои матнӣ дар синфҳои ибтидоӣ фикри ягонаи мушаххас вуҷуд надорад. Таҳлили дастурҳои методӣ оид ба ҳалли масъ- алаҳои матнӣ инро собит мекунад. Як қатор муаллифон методистон рӯирост қайд мекунанд, ки раванди ҳалли масъалаҳои матниро ба қисмҳои алоҳида ҷудо кардан табиатан маънои наздикшавии онҳоро дорад.

Агар дар раванди ҳалли масъалаҳои матнӣ чи тарзе ки хубтар таҳқиқ карда нашуда бошад ҳам, баъзе хонандагони хурдсол онро ба қадри кифоя хубтар нафаҳмиданашон мумкин аст.

Ҳангоми ҳалли ибтидоии масъалаи матнӣ баъзе хонандагон ба маъ нои он кам сарфҳам мераванд, сабабаш дар он аст, ки дар ин ҷо барои ҳисобкуниҳои шифоҳӣ ва хаттӣ нисбатан зиёдтар фикр кардан лозим меояд. Машғулиятҳои техникаи ҳисобкунӣ дар вобастагии байни бузур- гиҳо, ки дар шарти масъалаҳои матнӣ дар бораи он сухан меравад, нокифоя фикр карда мешавад, ки ин ба хубтар нафаҳмидани тарзи ҳалли масъалаҳои матнӣ сабаб мешавад. Бинобар ин, мувофиқи мақсад аст, ки баъди навиштани нақша ва амалҳо хонандагон масъаларо такроран дида мебароянд, чунки онҳо ҳисобкуниҳоро тамом карда ба дарк кардани тарзи ҳалли он машғул мешавад[13, с.207].

Хусусияти хоси истифодаи омодагии математикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди ҳалли мустақилонаи масъалаҳои матнӣ дар он аст, ки мавриди ҳалли ин намуд масъалаҳо қиматҳои зарурӣ барои ҳосил кардани ҷавоби масъала, инчунин усулҳои ҳосил кардани ин қиматҳо ҷустуҷӯ карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, мавриди таҳлили масъала ва тартиб додани нақшаи ҳалли он ба саволҳои зерин ҷавоб ёфтанро дар мадди аввал гузоштан лозим аст: барои ҳалли масъалаи мазкур кадом қиматҳо заруранд?; бо истифодаи таҷриба онҳоро чӣ тавр ҳосил намудан мумкин аст?; воҳиди ин қиматҳо дар кадом системаи воҳидҳо бояд ифода шаванд?; чӣ гуна чекуниҳо ва бо кадом саҳеҳият гузаронидан лозим аст? ва ғ. Аз сабаби он ки ин кори хонандагон характери эҷодӣ дорад, бино- бар он ин зинаи ҳалли мустакилонаи масъалаҳои матнӣ бояд бодиқ- қатона иҷро карда шавад.

Методисти машҳури рус Ю.М. Колягин қайд менамояд, ки масъ- алаҳо дорои функсияҳои таълимӣ, инкишофдиҳандагӣ, тарбиявӣ ва назо- ратӣ мебошанд. Ба фикри ӯ функсияи таълимии масъалаҳо муҳимтарин ба шумор меравад. Масъалаҳои математикӣ дар таълим нақши ду- тарафаро мебозанд. Аз як тараф, масъала мақсади таълим ва аз тарафи дигар воситаи таълим мебошад. Аз ин лиҳоз, ҳангоми муайянкунии функсияҳои масъалаҳои матнӣ ҳарду ин нақшҳоро бояд ба инобат гирифт. Барои таҳлили муфассали нақши дутарафа, бо мақсад мувофиқ аст, ки ин нақшҳо дар алоҳидагӣ дида баромада шаванд, лекин дар ҷараёни таълим онҳо бо якдигар зич алоқамананд. Барои масъалаҳо чун воситаи таълим истифода карда мешаванд, бояд онҳоро хонандагон ҳал карда тавонанд[12, с.124].

Ҳамин тариқ, ҳалли масъалаҳои матнӣ боиси инкишофи фикррониии хонандагон мегардад, ба бештару хубтар азхудшавии муносибатҳои функсионалӣ, ривоҷи маданияти ҳисобкунии онҳо мешавад. Дар ҷараёни ҳалкунии масъалаҳои матнӣ дар хонандагон маҳорат ва малакаи модели- ронии объектҳо ва ҳодисаҳо ташаккул меёбад. Роҳу усулҳои ҳалли масъ- алаҳои матнӣ мавриди истифодаи маводҳои дода шуда оид ба ёфтани ададҳо аз рӯи амалҳои ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсим, ки дар арифметика истифода бурда мешавад, бо тарзу усулҳои гуногун ҳал намудан мумкин аст. Масалан:

**Масъалаи 1.** Пиёла 4 сомонӣ арзиш дорад, 9-то ҳамин хел пиёла чанд сомонӣ арзиш дорад?

**Ҳал:** 9×4=36 сомонӣ. Ҷавоб: 36 сомонӣ.

**Масъалаи 2.** 12 табақ 96 сомонӣ меистад. Барои 8-то ҳамин хел табақ чанд сомонӣ додан лозим меояд?

**Ҳал:** 1) 96:12=8 сомонӣ нархи як табақ.

2) 8×8=64 сомонӣ нархи 8-то табақ. Ҷавоб: 64 сомонӣ.

**Масъалаи 3.** Хома 20 дирам меистад. Ба 1 сомонӣ чандто ҳамин хел дафтар харидан мумкин аст?

**Ҳал:** 10 сомонӣ:50 дирам=1000 дирам:50 дирам=20 хома. Ҷавоб: 20 хома.

**Масъалаи 4.** Барои 8 китоби забони модарӣ 120 сомонӣ доданд. Ба 180 сомонӣ чандто китоби забони модарӣ харидан мумкин аст?

**Ҳал:** 1) 120:8=15 сомонӣ нархи як китоб.

2) 180:15=12 китоб. Ҷавоб: 12 китоб.

**Масъалаи 4**. Дӯзанда атлас ва адрас харид. Нархи 8 м атлас ба нархи 6 м адрас баробар аст. Ӯ 320 м атлас харид. Бо ҳамин маблағ вай чанд метр адрас харида метавонад?

Ҳал: 1) 320:8=40 –то атласи 8-метра харидааст.

2) 40×6=240 м атрас харида метавонад. Ҷавоб: 240 м атрас.

**Масъалаи 5.** Омӯзгор 9 китоб ва баъд 12 китоб харид. Ба ҳамаи харид 420 сомонӣ дод. Як китоб чанд сомонӣ арзиш дорад?

**Ҳал:** 1) 9+12=21 китоб.

2) 420:21=20 сомонӣ. Ҷавоб: 20 сомонӣ.

**Масъалаи 6.** Ду хонанда якҷоя бо 180 дирам қалами ранга хари- данд. Хонандаи якум 5 қалам ва хонандаи дуюм 7 қалам харид. Ҳар як хонанда ба чанд дирамӣ қалам хариданд?

**Ҳал:** 1) 5+7=12 қалами ранга ҳарду хонанда харид.

2) 180:12=15 дирам нархи як қалами ранга.

3) 15×5=75 дирам хариди хонандаи якум.

4) 15×7=105 дирам хариди хонандаи дуюм.

Ҷавоб: 75 дирам ва 105 дирам.

**Масъалаи 7:** Ду баста матоъи навъи якхела хариданд. Дар ҳарду баста 36 метр матоъ ҳаст. Барои харидани бастаи якум 72 сомонӣ ва барои матоъи бастаи дуюм 48 сомонӣ доданд. Дар ҳар як баста чанд метрӣ матоъ буд?

**Ҳал:** 1) 540 сомонӣ +720 сомонӣ =1260 сомонӣ нархи ҳарду баста.

2) 1260:36=35 сомонӣ нархи 1 м матоъ.

3) 540:35=15,5 м матоъ дар басти якум.

4) 720:35=20,5 м матоъ дар басти дуюм.

Ҷавоб: 15,5 метр ва 20,5 метр.

**Масъалаи 8:** Ба ду фабрикаи дӯзандагӣ 720 метр сатинро чунон тақсим намуданд, ки 8 ҳиссаи сатини фабрикаи дӯзандагии якум ба 12 ҳиссаи сатини фабрикаи дузандагии дуюм баробар аст. Ҳар як фабрика чанд метрӣ сатин гирифтааст?

**Ҳал:** 1) 8+12=20 ҳисса.

2) 720:20=36 м дар як ҳисса.

3) 36×8=288 м сатин барои фабрикаи якум.

4) 36×12=432 м сатин барои фабрикаи дуюм.

Ҷавоб: 288 м ва 432 м.

**Масъалаи 9.** Ду баста матоъи навъи якхела хариданд. Дар бастаи якум 24 метр матоъ ва дар бастаи дуюм 18 м матоъ буд. Барои бастаи якум назар ба бастаи дуюм 240 сомонӣ зиёд маблағ доданд. Ҳар як бас- таи матоъ чанд сомонӣ нарх доранд?

**Ҳал:** 1) 24 м-18 м =6 метр матоъ дар бастаи якум назар ба дуюм зиёд буд.

2) 240:6=40 сомонӣ нархи 1 метр матоъ.

3) 24×40=960 сомонӣ нархи матоъи бастаи якум.

4) 18×40=720 сомонӣ нархи матоъи бастаи дуюм.

Ҷавоб: 960 сомонӣ ва 720 сомонӣ.

**Масъалаи 10.** Ду коргар якҷоя рӯзҳои баробар кор карданд. Кор- гари якум дар як рӯз 2480 сомонӣ, коргари дуюм 2420 сомонӣ маблағ мегирифтанд. Агар коргари дуюм дар тамоми муҳлати корӣ назар ба коргари якум 420 сомонӣ кам маблағ гирифта бошад, он гоҳ ҳар як кор- гар чанд сомонӣ маблағ гирифтанд?

**Ҳал:** 1) 2480-2420=60 сомонӣ дар як рӯз коргари якум назар ба дуюм зиёд гирифтааст.

2) 420:60=7 рӯз коргарон кор карданд.

3) 2480×7=17360 сомонӣ маблағи гирифтаи коргари якум.

4) 2420×7=16940 сомонӣ маблағи гирифтаи коргари дуюм.

Ҷавоб: 17360 сомонӣ ва 16940 сомонӣ.

**Масъалаи 11.** Дар китобхонаи мактаб 180-то китоби бачагона буд. Барои хониши беруназсинфии як синфи 4-ум 60-то, синфи дигари 4-ум 15-то камтар китоб гирифтанд. Якҷоя ҳар ду синф аз китобхона чандто китоб гирифтанд?

**Масъалаи 12.** Хонандагон дар мавсими ҷамъоварии гиёҳҳои шифо- бахш 450 грамм пудина, 130 грамм гули хайрӣ, 160 грамм барги зулф ва назар ба ин 6 маротиба зиёдтар райҳон ҷамъ намуданд. Онҳо ҳамагӣ чӣ қадар гиёҳҳои шифобахш ҷамъоварӣ карданд?

**Масъалаи 13.** Баъди майда кардани юнучқа 8 фоизаш кам мешавад, ки вай 400 килограммро ташкил мекунад. Вазни боқимондаи юнучқаро ёбед?

**Масъалаи 14.** Аз 120 килограмм ангур 30 килограмм мавиз ҳосил кардан мумкин аст. Барои ҳосил кардани 400 килограмм мавиз чӣ қадар ангур лозим аст?

**Масъалаи 15.** Хоҷагии ҷангалпарвар аз як майдон 680 сентнер писта ҷамъоварӣ кард, ки ин аз пистаи майдони дуюм ҷамъоварӣ карда 90 сентнер кам аст. Хоҷагии ҷангалпарвар аз ду майдон чӣ қадар писта ҷамъоварӣ кардааст?

**Масъалаи 16.** Дар як анбор нисбат ба дигараш 10 маротиба зиёд ҷав буд. Баъди оне, ки аз анбори якум 1200 тонна ҷавро бурда ба анбори дуюм 360 тонна ҷав оварданнд. Миқдори ҷави ду анбор буда баробар шуд. Аз аввал дар ҳар як анбор чӣ қадар ҷав дошт?

**Масъалаи 17.** Мактаб барои хонандагони синфҳои 3-юм ва 4-ум 120 дона китоби бачагона харид. Дар синфҳои 3-юм 80 нафар хонанда ва дар синфҳои 4-ум 64 нафар хонанда таҳсил мекунад. Ин китобҳоро байни хонандагон чӣ тавр тақсим кардан мумкин аст?

**Масъалаи 18.** Ба 90 сомонӣ чанд китоби нархаш 4 сомонӣ ва чанд китоби нархаш 6 сомонӣ харидан мумкин аст?

**Масъалаи 19.** Зайнаб 4-дона себ чинд, ки назар ба себҳои Олим чиндагӣ 8 дона камтар буд. Олим чанд дона себ чиндааст?

**Масъалаи 20.** Муаллим 60-то китобро ба талабаҳо 4-тоги тақсим карда доданд. Чанд талаба китоб гирифт?

Ҳамин тавр, ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди мустақилона омӯзонидани ҳалли масъалаҳои матнӣ, онҳоро мустақилона фикр кар- дан, ба онҳо ҳаматарафа асосноккунии ташкилу гузаронидан ва исти- фодаи мафҳуми масъала, сохтори масъала, намудҳои масъала мавриди омӯзиши фанни математика дар синфҳои ибтидоӣ имконият фароҳам меоварад. Фаъолияти меҳнатии хонандагони синфҳои ибтидоиро аз нуқтаи назари педагогию психологӣ ва методӣ тайёр намудан ба ҳалли масъалаҳои матнии математикӣ, инчунин алоқаманд намудани таълим бо ҳаёт аҳамияти ҳамин қисми математикиро бо истифодаи дониш, маҳорат ва малакаҳои мустақилона ҳалли масъалаҳои матниро боз ҳам зиёд менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Бантова М.А., Бельтюкова Г.В. Методика преподавания математики в начальных классах. / М.А. Бантова -М., 1984. - 335 с.
2. Бегимов Ҳ. Ҳалли масъалаҳои типикӣ. / Ҳ. Бегимов, Т.Б. Раҷабов, И.Д. Сайёдов // (Дастури таълимӣ-методӣ). – Душанбе, 2013. – 98 с.
3. Бегимов Ҳ.Х. Методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. / Ҳ. Бегимов, С. Рабиев, Т.Б. Раҷабов, А.Н. Наҷмиддинов –Душанбе, 2020. -233 с.
4. Бегимов Ҳ.Х. Ҳалли масъалаҳои математикӣ дар синфҳои ибтидоӣ. / Ҳ.Х. Бегимов, А. Разоқов, Д. Акбаров- Маърифати омӯзгор. 2007-№10. – С. 45-49.

5. Бурҳонов Қ.Т. Ҳалли масъалаҳои типикӣ. (Дастури таълимӣ). / Қ.Т. Бурҳонов, С. Рабиев, Р.Н. Султонов, Ш.А. Турдиева –Хуҷанд, 2010. – 56 с.

6. Зайцев Г.Т. Теоретические основы обучения решению задач в началь- ных классах. / Г.Т. Зайцев - Л.: 1983. - 98 с.

7. Иззатуллоев К. Таълими ҳалли масъалаҳои матнӣ аз математика дар синфҳои ибтидоӣ. / К. Иззатуллоев, А. Пирназаров, Т. Давлатов, Д. Муродова – Душанбе, 2016. – 167 с.

8. Колягин Ю.М., Оганесян В.А. Учись решать задачу. / Ю.М. Колягин, В.А. Оганесян -М.: 1980-124 с.

9. Осимов Қ.У. Методҳои ҳалли масъалаҳои мате- матикӣ. (Дастур барои муаллим). / Қ.У. Осимов, Л.М. Фридман – Душанбе, 1987. – 207 с.

10. Демидова Т.Е. Теория и практика решения текстовых задач. / Т.Е. Демидова А.П. Тонкых -М., 2002. -288 с.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МАТЕМАТИЧЕСКОЙ ГОТОВНОСТИ ШКОЛЬНИКОВ В САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЕ НАД ТЕКСТОВЫМИ ЗАДАЧАМИ

*В этой статье говорится о математических готовности учеников в про- цессе обучения математики начальных классов в самостоятельном решении текстовых задач. Следовательно, текстовые задачи можно разделить на три группы:*

*а) задачи приведённые предложениями, называются текстовыми;*

*б) текстовые задачи, в которых выражаются количество каких-либо явлений, называются сюжетными задачами; в) задачи в которых нужно найти не- известную величину и выявить сумму, называются задачи на вычисление.*

*При обучении математики начальных классов, уходит очень много времени, то есть более половины уроков математики тратится на решение текстовых задач. Это связано с тем, что использование текстовых задач у учащихся начальных классов развивается математическое мышление.*

*Например, точная цель решения арифметических действий с числами, свойствами этих действий и, главное, формирование навыков моделирования путем решения текстовых проблем.*

*При способности различных методов решения математических текс- товых задач не следует торопится, чтобы не сбить мысль школьников при решении текстовых задач.*

*Решение математических задач по математике в начальных классах имеет очень огромное значение. способность решение задачи является показателем степени развития в математике, обогащает учебный предмет. математику в основном любят те дети, которые могут решать задачи. Сле- довательно, обучение школьников решению задач приводит к заинтересован- ности изучения данного предмета, помогает развить свой интеллектуал.*

***Ключевые слова:*** *образование, учёба, воспитание, анализ, знание, усвоение, мастерство, задача, структура задачи, виды задач, решение текстовых задач, самостоятельные работы, математика начальных классов, учитель начальных классов, начальные учебные учреждения.*

## USING THE MATHEMATICAL READINESS OF SCHOOLCHILDREN IN INDEPENDENT WORK ON TEXTUAL TASKS

*This article refers to the mathematical readiness of students in the process of learning the mathematics of primary classes in the independent solving textual tasks. Consequently, text tasks can be divided into three groups:*

*a) The tasks given by proposals are called text b) text tasks, which express the number of any phenomena, are called plot tasks c) tasks in which you need to find an unknown value and identify the amount called the tasks for calculating.*

*б) When learning the mathematics of primary classes, a lot of time leaves, that is, more than half of the lessons of mathematics is spent on solving text tasks. This is due to the fact that the use of text challenges in primary school students is developing mathematical thinking. For example, the exact purpose of solving arithmetic actions with numbers, properties of these actions and, most importantly, the formation of modeling skills by solving text problems.*

*в) With the ability of various methods for solving mathematical text tasks, it should not be in a hurry, so as not to knock down the thought of schoolchildren when solving text tasks.*

*The solution of mathematical tasks in mathematics in primary classes is very important. The ability to solve the problem is an indicator of the degree of development in mathematics, enriches a learning subject. Mathematics are mostly loved by those children who can solve problems. Consequently, the training of schoolchildren to solve problems leads to the interest of studying this subject, helps to develop their intellectual.*

***Keywords**: education, study, education, analysis, knowledge, assimilation, skill, task, problem structure, types of tasks, solving textual tasks, independent abates, elementary class mathematics, primary school teacher, primary educational institutions.*

***Сведения об авторе:***

***Буриев Фирдавс Комиджонович*** *– старший преподаватель кафедры методика начального образования Таджикский государственный педа гогический университет имени Садриддина Айни. г. Душанбе, проспект Рудаки. Тел: (+992) 904132606. E-mail: firdavs.buriev.list.ru*

***About the autor:***

***Buriev Firdavs Komildjonovich*** *- Senior Lecturer of the Department of Primary Education Methods, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Dushanbe, Rudaki Avenue. Phone: (+992) 904132606. E-mail: firdavs.buriev.list.ru*

## БАЪЗЕ ШАКЛҲОИ ФАЪОЛГАРДОНИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ФИЗИКА ДАР НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТ

***Бобохонова Ш.Н.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Усулҳои омӯзиши ҳамфаъол дар назди ҳар як омӯзгор вазифа мегузорад, ки баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати дониши шогирдон пайваста аз пайи омӯзиш бошад ва роҳу воситаҳои фаъолгардонии шогирдонро ҷустуҷӯ намуда, дарёб намояд. Роҳу васоити фаъолгардонӣ зиёд аст, аммо мавриди истифода қарор додани он аз муаллим малакаву маҳорати баланди касбиро тақозо дорад. Ба пиндори мо, ҳарчанд ки методи таълими тадқиқотӣ таърихи чандинасра дорад ва пайдоиши он ба давраи Эхё рост меояд, дар фаъолгардонии донишҷӯён нақши мондагор мебозад. Бояд тазаккур дод, ки дар асри XVIII педагогҳои пешқадам шогирдони худро ба «мушоҳидаи мулоҳизакунанда», инчунин мустақилона мушоҳида кардан ва омӯхтани факт - на истифодаи суханон ва фикри дигарон (аз китоб, ҳикояҳо), на ҷадвалҳои каси дигар, маҳз далелҳои аслӣ аз воқеияти атроф таълим медоданд... Гуфтаҳои педагоги машҳури олмонӣ А. Дистервег: «Муаллими бад ба хонандагон ҳақиқати тайёрро медиҳад, муаллими хуб роҳҳои пайдо кардани онро таълим медиҳад» нақши муаллими он замонро равшан таҷассум мекунад.[1, с.15].

Бояд гуфт, ки методи тадқиқотӣ аввал дар таълими илмҳои табиӣ (биология, физика, химия), истифода шуда буд, зеро усулҳои таълими онҳо табиатан бо истифодаи мушоҳида, таҷриба, озмоиш алоқаманд аст.

Дар оғози асри XX методи тадқиқотӣ чун системаи педагогӣ ташаккул ёфт, ин хеле пеш аз пайдоиши назарияи омӯзиши проблемавӣ буд. Минбаъд дар назди олимон саволе пайдо шуд, ки оё методи тадқиқотӣ дар фанҳои дигар татбиқшаванда аст ё не. Гурухе дар он ақида буданд, ки ин метод танҳо хоси фанҳои табиӣ аст, гуруҳи дигар мегуфтанд, ки он бояд барои ҳамаи фанҳои дар донишгоҳ таълимдодашаванда баробар хизмат кунад.

Рушди тасаввуроти минбаъда дар бораи моҳият, вазифа ва методикаи омӯзиши тадқиқотӣ дар таълим бо пайдоиши назарияи омӯзиши проблемавӣ вобастагӣ дорад. Ба мисли ин, ки суҳбати эвристикӣ чи гуна пайдо шуд (яке аз қадимтарин усулҳои таълим), методи тадқиқотӣ чун қисми таркибӣ ба системаи методҳои омӯзиши проблемавӣ ворид гардид[2, с.51-52].

Ба ин тариқ, методи тадқиқотии таълим «сохта» нест, он оҳиста-оҳиста дар ҷараёни рушди ақидаҳои педагогӣ ривоҷ ёфт ва воқеан решаҳои таърихӣ дорад.

Дар мақола як шакли фаъолгардонӣ, кори лабораториро дар мавзӯи «Муайян кардани масофаи конунӣ бо ёрии оинаи фурӯхамида» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки ин кори лабораториро омӯзгорон метавонанд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии педагогӣ дар барномаю силлабус ҷой диҳанд.

**Муайян кардани масофаи фокуссӣ (конунӣ) бо ёрии оинаи фурӯхамида**

Асбоб ва лавозимоти зарурӣ: мизи оптикӣ, лампаи электрикӣ, предмет, экран, оинаи фурӯхамида.

### 1. МУҚАДДИМА

Масофаи фокусии оинаи фурӯхамида F аз формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$\frac{1}{F} = \frac{1}{a_1} + \frac{1}{a_2} \quad (1)$$

дар ин ҷо $a_1$-масофа аз оинаи фурӯхамида то предмет, $a_2$ -масофа аз оинаи фурӯхамида то тасвири предмет мебошад.




Барои муайян кардани масофаи фокусии аз оинаи куравии фурухамида истифода мебаранд. Оинаи куравӣ аз сатҳи сайқалдодашудаи сегменти куравӣ иборат мебошад. Оинаҳои куравӣ фурухамида ва барҷаста мешаванд. Барои оинаҳои куравии фурухамида расми 1 сатҳи дохилии сигменти куравӣ ва барои оинаҳои куравии барҷаста расми 2 сатҳи берунии сигменти куравӣ сайқал додашуда.

Маркази сатҳи куравӣ C, маркази оптики оина вақуллаи сигменти куравӣ O, қудби оина номида мешавад. Хаттӣ росте, ки аз маркази оптики оина C мегузарад, меҳвари оптики оина C ва қутби оина O мегузарад, меҳвари оптики асосӣ CO номида мешавад.



Нурҳое, ки аз наздикии меҳвари оптики асосӣ ба он паралел мегузаранд, нурҳои марказӣ ё назди меҳварӣ меноманд. Агар ба оинаи фурӯхамида дастаи нурҳои ба меҳвари оптики асосӣ паралелро равона намоем, онҳо аз оина инъикосгардида, дар нуқтаи тақрибан дар миёнаи радиуси оинахо банда якдигарро бурида мегузаранд расми 3. Ин нуқтаро бо F ишора менамоянд ва онро конуни асосии оина меноманд.

Яъне дастаҳои ба меҳвари оптики асосии оина параллели рӯшноӣ, дар конуни асосии оина ҷамъ мегарданд, бинобар он оинаҳои фурӯхамидаро оинаҳои ҷамкунанда меноманд. Масофаи OF масофаи конунии оина номида мешавад ва бо F ишора карда мешавад .[3, с. 21-22]

Ҳамворие, ки ба меҳвари оптики асосӣ перпендикуляр буда, аз конуни асоси оина мегузарад, ҳамвории конунӣ номида мешавад. $F = \frac{1}{2}R$

Аз оинаҳои фурӯхамида дар амалия ва сохти асбобҳои оптикӣ ба таври васеъ истифода мебаранд. Масалан да паси лампаҳои чароғи автомобилҳо , фонусҳои проексионӣ ва кисагӣ, дар масофаи конуниашон , оинаи фурӯхамида гузошта шудааст.

Сохти прожекторҳо ба оинаи фурӯхамида асос карда шудааст ва аз онҳо барои равшанкунии майдончаҳои сохтумонӣ, стадионҳо ва ғайраҳо истифода мебаранд.

Сохтани тасвири манбаи нуқтавии рӯшноиро , дар оинаи куравии фурӯхамида дида мебароем . Нуқтаи рушноидиҳанда дар пеши оинаи куравии фурӯхамида гузошта шуда аст.




Расми 3

Барои сохтани тасвири нуқтаи рӯшноидиҳанда, аз он ба оина се нур мегузаронем ва мувофиқи қонунҳои инъикосшавӣ, нурҳои инъисосшударо месозем.

Нурҳои инъикосгардида дар нуқтаи $S_1$, ҳамдигарро бурида мегузаранд.

Нурҳои дигари аз нуқтаи бароянда низ S бароянда низ, дар нуқтаи $S_1$ , ҳамдигарро мебуранд. Бинобар ин, нуқтаи $S_1$ тасвири нуқтаи рӯшноидиҳанда S мебошад. Агар чашмро мисли дар расми 3 нишон диҳанда гузорем, он гоҳ дар нуқтаи $S_1$ нуқтаи рӯшноидиҳандаро мебинем.[4, с. 151]

Ҳамин тариқ, нурҳои назди меҳварие, ки аз нуқтаҳои гуногуни ҷисми нурафкан мебароянд, баъди аз оинаи фурӯхамида инъикос гардиданашон, дар нуқтаҳои мувофиқ ҳамдигарро мебуранд ва маҷмӯи онҳо тасвири ҷисмро медиҳанд.

Алоқамандии масофа аз предмет то қуллаи оина бо формулаи зерин ифода карда мешавад: $\frac{1}{F} = \frac{1}{a_1} + \frac{1}{a_2}$ Баробарии (1 ) формулаи оинаи куравии фурӯхамида номада мешавад.

Аз формулаи 1 маълум мешавад, ки агар манбаи рӯшнои S-ро ба нуқтаи $S_1$гузаронем он гоҳ тасвир дар нуқтаи S ҳосил мешавад расми 3.

Вобаста ба масофа аз предмет то оина, андоза ва мавқеъи тасвири он низ тағйир меёбад

Аз расми 6 дида мешавад:

1) Предмет дар масофаи $d > 2F$ҷойгир бошад, тасвир ҳақиқӣ, чаппа, нисбат ба предмет расми 6. хурд ва дар байни маркази оптикӣ ва конуни оина ҳосил.мешавад.



расми 6

Исследуя проблему формирования познавательного интереса, учёные выделяют следующие разные его уровни. Это, прежде всего, отсутствие самого интереса, безразличие и негативное отношение к процессу изучения предмета. Далее можно рассмотреть позитивную реакцию на нечто новое, касающееся конкретных языковых фактов.

Следует отметить, что в процессе формирования и развития интереса студентов экономического вуза при изучении русского языка важной частью работы субъектов обучения является их любопытство. Оно позволяет выяснить степень положительной реакции и интереса студента относительно изучаемого языкового материала. Исследование показало, что студенты активно принимают участие в ходе получения новой информации, выполнения заданий и упражнений ситуативного и коммуникативного характера.

Устойчивый интерес к предмету «Русский язык» возникает на базе кропотливой самостоятельной работы, поиска дополнительного материала и источника развития общего лингвистического кругозора студентов с использованием современной технологии, методов и приемов обучения.

Несмотря на то, что знания в области русского языка имеют огромную познавательную и воспитательную ценность в формировании личности студента, его успешной социализации и профессионализации. Занятия по русскому языку пробуждают интерес студентов к познанию русского языка и русской культуры, расширяют кругозор и мировоззрение студентов – будущих специалистов в сфере экономики. Безусловно, центральной фигурой в познавательном аспекте обучения является преподаватель русского языка, его опыт и умение выстраивать эффективную линию изучения русского языка, формирование интереса студентов к данному предмету. Умелая организация работы со стороны преподавателя по внутреннему (психологическому) побуждению студентов к действию, возрастанию мотивов, стремления к получению знаний, любознательность, занимательность и прочее являются предпосылками формирования интереса к учению.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Выгодский, Л. С. Хрестоматия по возрастной и педагогической психологии / Л.С. Выгодский. – М.: МПУ, 1980. – 242 с.
2. Выгодский, Л.С. Педагогическая психология / Л.С. Выгодский. – М.: Педагогика, 1991. – 480 с.
3. Леонтьев, А.А. Принципы коммуникативности и психологические основы интенсификации обучения иностранным языкам / А.А. Леонтьев // Русский язык за рубежом. – 1982. - №4.
4. Лихачев, Б.Т. Педагогика: Курс лекций. Учебное пособие для студентов педагогич. уч. заведений и слушателей ИПК и ФПК.-4-е изд., и доп / Б.Т. Лихачев. – М.: Юрайт, 2000. – 523 с.
5. Ходжаева, М.Д. Проблема методов активного обучения и воспитания в процессе формирования деловых качеств личности / М.Д. Ходжаева // Сборник статей международной научно-практической конференции «Подготовка конкурентно способных специалистов рынка труда в условиях интеграции высших учебных заведений зарубежных стран и Республики Таджикистан». 17-18 мая 2013 года. – Куляб, 2013. – С.355-361.
6. Рахматуллин, А.М. Организация обучения русскому языку в таджикском вузе. – Душанбе, 1987.


## ОРГАНИЗАЦИИ РОЛЕВОЙ ИГРЫ И ЕЕ ВНЕДРЕНИЕ В ПРОЦЕСС ОБУЧЕНИЯ ДЛЯ РАЗВИТИЯ ИНДИВИДУАЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ СТУДЕНТОВ ЭКОНОМИЧЕСКИХ СПЕЦИАЛЬНОСТЕЙ


*В данной статье автор исследует один из эффективных методов в обучении русскому языку, с учетом развития индивидуальных способностей студентов экономических специальностей, потому что русский язык для студентов национальных групп экономического факультета вузов служит средством общения, получения научной информации, фактором активного включения в сферу науки производства и общественной жизни. Поэтому одним из ключевых требований к подготовке специалистов является овладение русским языком.*

*Успешность обучения русскому языку в экономическом вузе определяется содержанием и обучение на языке специальности, которое должно носить профессионально-направленный и коммуникативно-ориентированный характер.*

***Ключевые слова:*** *ролевая игра, студенты, русский язык, эффективный метод, информация, поток, современное общество, цель.*

## ORGANIZATION OF ROLE-PLAYING GAMES AND ITS IMPLEMENTATION IN THE LEARNING PROCESS FOR THE DEVELOPMENT OF INDIVIDUAL ABILITIES OF STUDENTS OF ECONOMIC SPECIALTIES

*Russian is one of the most effective methods of teaching the Russian language, taking into account the development of individual abilities of students of economic specialties, because the Russian language for students of national groups of the Faculty of Economics of universities serves as a means of communication, obtaining scientific information, a factor of active inclusion in the sphere of science of production and social life. Therefore, one of the key requirements for training specialists is the mastery of the Russian language. the success of teaching Russian in an economic university is determined by the content and training in the language of the specialty, which should be professionally-oriented and communicative-oriented.*

***Keywords:*** *role-playing game, students, Russian language, effective method, information, flow, modern society, goal.*

***Сведение об авторе:***

***Кодирова Бунафшамох Азизуллоевна*** *– кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедрой русского языка Таджикского государственного финансово-экономического университета Адрес: город Душанбе, ул. Нахимова 64 Тел****:*** *(+992) 937753636 E. - mail: bunafcha@mail.ru*

***About the author:***

***Kodirova Bunafshamoh Azizulloevna*** *- Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer, Department of Russian Language, Tajik State Financial and Economic University Address: Dushanbe, st. Nakhimov 64 Mob .: +992 937753636 E. - mail: bunafcha@mail.ru*

## ХУСУСИЯТҲОИ ДИДАКТИКИИ ТЕХНОЛОГИЯ ИТТИЛООТӢ ВА КОММУНИКАТСИОНӢ (ТИК) ДАР ТАЪЛИМИ БИОЛОГИЯ

***Алиназарова М.Р.***

*Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев*

Яке аз тамоюлҳои ҷаҳонии рушд ва муосиркунонии соҳаи маориф ва ҷавобгуй будани он ба талаботи замон- ин ҷорӣ намудани истифодаи фаъолонаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) дар раванди таълим мебошад, ки он дар навбати худ омили асосии беҳтаршавии сифати таълим ба ҳисоб меравад. Ҳамин аст, ки бештари муҳаққиқон дастрасӣ ба технологияи иттилоотиро ҷавобгӯ ба талаботҳои мубрам ва дурнамои шахсият, ҷомеа ва давлат, меноманд. Умуман, технологияи компютерӣ ва телекоммуникатсия ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон амиқ ворид шуда, қисми ҷудонашавандаи он гардиданд. «Аз ин рӯ, -ба тавре муҳақиқи рус Воройский Ф.С. (муаллифи яке аз мукаммалтарин донишномаи луғавии соҳаи информатика) мегӯяд-, аз худ кардани миқдори зиёди донишҳо дар соҳаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва воситаҳои таъмини онҳо барои ҳама мисли саводи ибтидоӣ зарур аст». [1. с. 11].

Бебаҳс аст, ки оқилона ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба раванди таълим, ташаккул ва рушди фарҳанги иттилоотию коммуникатсионӣ, на танҳо барои намояндагони улуми дақиқ ва техникӣ, балки барои илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва табиатшиносӣ, аз он ҷумла зистшиносиву биология зарурат дорад. Барои ин раванди муносиботи улуми муосир, муҳимтарин омил ин хусусияти фарққунандаи рушди илм дар нимаи дуюми асри XX буда метавонад, зеро ҳамгироии афзоянда ва мураккабии таҳқиқот дар ин марҳилаи ҳасос ба дараҷае расиданд, ки сарфи назар аз аҳамияти пешрафти техникаву технология ҳамчун унсури асосии рушди ҷомеа, иттилоот ва зистшиносии (биологияи умумӣ) умумӣ мустақилият онҳоро зери шубҳа мегузорад. Рушди технологияи иттилоотӣ ва ҳаёт, ҳамчун як ҷузъи раванди васеътари рушди ҷомеаи муосир дар маҷмӯъ баррасӣ карда мешаванд, ки қувваи пешбарандаи онҳо афзоиши ниёзҳои моддӣ ва маънавии одамон, яъне ниёзҳои иқтисодиёт ва амалияи саноатӣ аз як тараф ва такмили низомҳо бо «зеҳни сунъӣ» («искусственный интеллект») аз тарафи дигар, ба ҷомеа имкон медиҳад, то шахс аз амалиётҳои маъмулии равонӣ раҳо карда ва ба воситаи иттилоот барои ҳалли масъалаҳои эҷодӣ вақти бештаре пайдо мекунад. Ҳамин тариқ, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҳамчун воситаи техникӣ вазифаи автоматикунонии фаъолияти зеҳниро иҷро мекунад. Агар ч= дар солҳои 70-ум. асри XX, хусусан дар низоми улуми собиқ шуравӣ, пешрафтҳои назаррас дар рушди технологияҳои компютерӣ ақидаеро ба вуҷуд оварданд, ки «зеҳни сунъӣ» метавонад вазифаи табиии инсонро комилан иваз кунад. Барои мисол, Ю. Давыдов вазъи рӯҳонии фарҳанги он давраро

мавриди таҳлил қарор дода «бегонасозии экзистенсиалии одамон» -ро ба худписандӣ табдил дода, зеҳни сунъӣ ва инсонро бегона меномад. Вай умуман ин равандро ба бемори шабоҳат дода, онро аз марг ҳам шадидтар тасвир мекунад ва менависад «он (инсон) ба музмин табдил мeёбад ё боиси пажмурда шудани тамоми хосиятҳои руҳии инсон мегардад». [2, с.31].

Имрӯз бошад, мо такмили низомҳоро бо зеҳни сунъӣ имконияти бузургтарин ва фарҳанги пешрафтатаре меномем, ки шахсро аз амалиётҳои маъмулии равонӣ раҳо мекунад ва барои ҳалли масъалаҳои эҷодӣ вақти бештаре мегузорад. Худи ҳамон фаъолияти эҷодӣ ва ҳисси зеҳнӣ бо қисми беҳуши менталӣ (равонӣ) алоқаманд аст, механизми онҳо асосан тасодуфӣ, ғайримантиқӣ ва ғайри алгоритмӣ мебошад, ки маънои онро пурра моделсозӣ кардан мумкин нест, вале бе он ҳам тасаввур карданаш намешавад. [ниг. С.62-68]

Ба ғайр аз ин, пешрафти ҷомеаи имрӯзаи иттилоотӣ инчунин аз омилҳои ғайриқтисодӣ: табиати муносибатҳои иҷтимоӣ, хусусиятҳои низоми сиёсӣ, идеология, фарҳанг ва анъанаҳо, вобаста аст. Далели эътимодноки ин раванд бояд аз таърифи информатика оғоз ёбад, ки моҳияти байнисоҳавии онро нишон медиҳад. Дар ташаккули он назарияи низомҳои умумӣ, кибернетика, назарияи коммуникатсия, назарияи иттилоот нақши ҳалкунанда доштанд. Аммо, мо барои иттилооти бештари ин масъала, дар оянда мақолае интишор хоҳем кард, зеро ин консепсисияи (масъала) муайяни муосир тадқиқоти амиқтареро талаб мекунад. Акнун ба баррасии масъалаи "Методикаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар таълими биология" бармерагдем, ки ба рушди салоҳиятнокӣ дар соҳаи иттилоотонии таълими биология равона шудааст. Муҳимтарин вижагиҳои ин масъала: мафҳумҳо, принсипҳо, муқаррароти методологияи умумии таълими биология буда, мазмуни онҳо ба таҷрибаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар таълими биология, ки дар солҳои охир асос мeёбад.

Мафҳуми «информатика» дар луғати кибернетика таърифи зеринро дарбар мегирад: информатика- илмест, ки равандҳо ва низомҳои иттилоотиро дар муҳити иҷтимоӣ, нақши онҳо, усулҳои сохтани оныо, механизми таъсиррасонӣ ба амалияи инсон, таҳкими ин таъсирро бо ёрии технологияҳои иттилооти мефаҳмонад. Информатика ҳамчун илова ва конкретикунонии назарияи иттилоот буда, аз ниёзҳои автоматикунонии равандҳои иҷтимоӣ ва коммуникатсионӣ ба миён мебиёяд, ки ҳамчун асосҳои илмии истифодаи компютерҳои электронӣ дар идоракунӣ, илм, тарроҳӣ, таълим, хизматрасонӣ ва ғайра дар солҳои 70-ум ташаккул ёфтааст. [4. с.4].

Мисли ҳар як соҳаи нисбатан нав ва босуръат рушдёбандаи дониш, информатика на танҳо бо соҳаи иҷтимоӣ алоқаманд аст, балки дар он улуми табиатшиносӣ ба таври васеъ низ истифода мешавад. Дар солҳои охир информатика дар контексти илмҳои дигар тафсирҳои зиёдеро дарёфт кард ва на ҳамаи онҳо якранганд. Барои мисол, дар назарияи коммуникатсия мафҳуми сигнал ҳамчун интиқолдиҳандаи иттилоот таҳия карда шудааст, ки баъзе параметрҳои он ба тариқи муайян рамзгузорӣ карда мешаванд. Нақшаи умумии интиқоли сигнал низ таҳия карда шуда, дониш дар назарияи иттилоотӣ боз ҳам инкишоф мeёбад.

Ба мазмуни он, ки таҷрибаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар таълими биология, барои мо имрӯз зарурати актуалӣ будани онро нишон медиҳад. Бояд иқрор шуд, ки дар илми муосири тоҷик ин мавзуъ то ҳол сарфи назар мешавад, вале омӯзиши мавзӯъ маҳз дар ҳамин контекст мубрамияти худро дар адабиёти илмии хориҷа, Россияв пурра нишон додааст. Мо дар инҷо танҳо низоми маориф ва илми давлатҳои хориҷаеро ба инобат мегирем, ки бо ягонтае аз шароит ва тартиботашон ба низоми илми тоҷик наздикӣ доранд. Таҳлили чунин адабиёт нишон медиҳад, ки олимони хориҷӣ, ба монанди: Ила Ҷеронен (Eila Jeronen), Сирпа Антила-Муилу ( Sirpa Anttila-Muilu), Юуха Ҷеронен (Juha Jeronen) (намояндагони илму маорифи Финляндия), Мариана Ланку (Mariana Iancu) (Руминия), Снежана Ставрев Веселеновска ва Снежана Кирова ( Snezana Stavreva Veselinovska ва Snezana Kirova) (Сербия), Мурниза Муҳамад (Murniza Muhamad) (Малайзия) ва дигарон бо мақсади равшан ва асоснок кардани хусусиятҳои асосии дидактикии технологияҳои коммуникатсионии иттилоотӣ дар таълими биология дар марҳилаҳои муаяни донишомӯзӣ (синфҳои миёнаи муассисаи таҳсилоти умумӣ, техникуму литсейҳо ва муасиссаҳои олии таълимӣ (ВУЗ), мавзӯъро ҳаллу фасл намудаанд. Аз нишон додани адабиёти илмии иттилоот дар илми биологияи Россия ва собиқ давлати шурав= ба хотири маҳдудияти ҳаҷми мақола худдорӣ намуда, танҳо мақсаду вазифаҳои чунин равандро нишон медиҳем.

Бо омӯзиши мавзӯъ муносибатҳои зерин шакл мегиранд:

- воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаи ҳалли вазифаҳои касбии ташкилию методӣ ва таълимии илми биология ва омӯзиши он, истифода мешаванд;

- маълумотҳои сифатан аъло, ки дар манбаъҳои гуногуни иттилоот мавҷуданд (мутахассисон, ашёи биологӣ, нармафзори таълимӣ, видео, интернет), муайян карда мешаванд;

- ҳамчун корбари воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ барои фаъолияти бомуваффақияти касбии зистшиносӣ ва биология, хизмат мерасонад;

- ҳамкорон (муаллимон, методистон, муҳаққиқони биологӣ) ва донишомӯзон (талабаҳои мактаб, гушкунандагони техникумҳову литсейҳо, донишҷӯёни макотиби олӣ) ҳамчун манбаъи арзишманд ва манбаи иттилооти аз ҷиҳати касбӣ муайян карда мешаванд.(5с.55-68)

Тавре, ки дар боло қайд кардем намояндагони илми биологияи Финландия, хусусан Ила Ҷеронен, Сирпа Антила-Мюл, Юха Джеронен таъсири махсуси воситаҳои таълими фосилавиро ба баланд бардоштани самаранокии омӯзиши биология аз ҷониби донишомӯзон қайд мекунанд. Онҳо мегӯянд, ки бояд барномаи таълимии маҷозӣ сохта шавад, ки бояд маводи илмиро дар шакли видео ва презентатсияҳо дар бар гирад; китобхонаи маводҳои илмӣ оид ба биология; тестҳо барои санҷиш ва санҷиши дониши донишҷӯён, муошироти фаврӣ бо муаллим барои маслиҳат ва ғ вуҷуд дошта бошад. [5.с. 55-68]

Ҳамин тавр, тибқи талаботи муосири стандарти таълим, шакли анъанавии дарс наметавонад ба донишомӯзон чунин ҳаҷми маълумотро, ба мисли дарс бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ диҳад. Тавре гуфтем, наслҳои нав ба технология барои ба шаклҳои нави пешниҳоди маводи таълимӣ ниёз доранд.

Омӯзгори биология бояд қодир бошад, ки дар шакли технологияи муосири компютерӣ ба донишомӯзон мафҳумҳо ва истилоҳоти гуногунро, ки дар омӯзиши мавзӯи муайян калимаи илмӣ мебошанд, ошкор созад, зеро фаҳмиши мафҳуми биология душвор аст, алахусус барои макотиби умумӣ. Мавзӯъҳоро бо унсурҳои навоварӣ мутобиқ намудан зарур аст, ки дар шакли анъанавӣ пешниҳоди маводи биология барои донишомӯзон на ҳамавақт ҷолиб буд.

Биология ҳамчун соҳаи илми омӯзишӣ мавзӯъҳоеро дабар мегирад, ки дар омӯхтани онҳо дастгирии компютерӣ ва махсусан истифодаи технологияҳои мултимеди нақши бениҳоят муҳим мебозад, ки ташаккули самараноки нуқтаи назари ҳамаҷонибаи донишомӯз ба манзараи илмии муосир, нақш ва ҷойгоҳи инсон дар табиат. Омӯзандагони салоҳиятҳои асосӣ, ки ҳаёти муосир ба онҳо ниёз дорад. Иттилоотонии курси биология асосан дар шакли татбиқи технологияҳои нави иттилоотӣ, аз ҷумла дастурҳои мултимеди сурат мегирад. Ҳамин тариқ, мо асос дорем чунин шуморем, ки проблемаи истифодаи технологияҳои компютерӣ дар таълими биология дар ҳамаи марҳилаҳо актуалӣ аст.

Имрӯзҳо истифодаи технологияҳои компютерӣ дар таълими биология дар муасиссаҳои таълимӣ, дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад: назорати компютерии дониш, истифодаи барномаҳои мултимедиявӣ ё барномаҳои таълимии компютерии намудҳои гуногун, истифодаи барномаҳои компютерӣ барои лаборатория ва кори амалӣ. Иловатан мисол овардан мумкин аст, ки компютер ва ТИК қоидахои мушаххаси ҳисобкунии арзиши аслии воқеиро дар сиёсати баҳисобгирӣ нишон медихад ва ғ. [Ниг.: 6]

Истифодаи технологияҳои мултимеди дар дарсҳо як қатор афзалиятҳоро фароҳам меорад: донишом\зон маводро беҳтар дарк мекунанд, шавқ зиёд мешавад, омӯзиши инфиродӣ, қобилиятҳои эҷодии хонандагону донишчуён ташаккул меёбанд. Намудҳои коре, ки донишом\зонро хаста мекунад ба воситаи гуногуни аудиовизуалии (мусиқӣ, графика, аниматсия) шавқовар гардонида барои ғанӣ ва ҳавасманд кардани омӯзиш истифода мешаванд. Намоиши динамикии мавод, ташаккули худогоҳии донишомӯз ва фароҳам овардани шароит барои кори мустақилона бевосита зиёд мегардад.

Ҳамин аст, ки таҳқиқотчӣ Марианна Ланку дар истифодаи ТИК дар раванди таълими биология дар баробари нармафзори анъанавии таълимӣ вазифаҳои зеринро ба назар мегирад:

- муаррифии мундариҷаи нави илмии биология ба воситаи маводи электронӣ;
- назорати азхудкунии маълумот аз ҷониби ҳамдонишомӯзон ва ҳам волидайни онҳо;
- моделсозии равандҳо, падидаҳо барои қонунҳои мураккаб дар биология;
- намоиши тасвирҳои системаҳои биологӣ (растаниҳо, ҳайвонот ва ғ.) дар муҳити воқеӣ, ки онро ба воситаи видеофилмҳои махсус ташкил кардан мумкин аст (дар воқеъ дар синф лаборатория муҳити назди муасиссаи таълимӣ ба воситаҳои анъанавии таълим онҳоро ба хонандагон пешкаш кардан ғайриимкон аст);
- амалияи бозиҳои дидактикӣ, ки ба воситаи ТИК ба роҳмонданаш мушкиле надорад, тафаккури эҷодӣ, мушоҳида, диққат, қобилиятҳои эҷодии талаб намуда, фаъолияти зеҳнии омӯзиши мавзуъҳои биологиро дучанд зиёд мекунад ва ғ.. [ниг.7]

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ метавонанд бо роҳҳои гуногун, мувофиқи талабот ба намуди муайяни дарс, сатҳи азхудкунии барномаҳои гуногун ва мавҷудияти барномаҳои тасдиқшуда дар системаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба амал оянд.

Воситаҳои электронии мавҷуда кӯмаки муассир ба омӯзгор дар омодагӣ ба дарс мебошанд. Аммо мо мекӯшем, ки мустақилона дарс ташкил кунем, маводи ҷолиберо интихоб кунем, ки китоби дарсиро такрор накунад, аз ин рӯ, барои истифода дар дарсҳои маводи аслии дар Интернет ҷойгиршуда имкониятҳои назаррас мавҷуданд.

Олимон қайд мекунанд, ки қайд мекунанд, ки ҳангоми истифодаи ТИК, алахусус захираҳои интернетӣ, донишомӯзон имкон доранд: маълумоти заруриро ёбанд; ба омӯхтани масъалаҳои гуногун дастрасӣ пайдо намоянд; дар инкишоф додани қобилияти ҷустуҷӯии илмӣ ва ҷамъоварии иттилоот барои татбиқи лоиҳаҳои таълимӣ фаъол гарданд; бо дигар донишомӯзон оид ба лоиҳаҳои таълимӣ бо истифода аз Интернет ва ғайра ҳамкорӣ ва имконият пайдо мекунанд. Онҳо ба хулосае омаданд, ки ҳамгироии ТИК дар таълими биология имкон медиҳад, ки мундариҷаи мавзӯъро ба донишҷӯён наздик намуда, омӯзишро осон намоем, тамошои мувофиқ ва зудро қабул намуда аз истифодаи оқилонаи маводи зарурӣ ва муҳимтар аз он боз таълим бо омезиши технологияҳои анъанавӣ ва ТИК (омӯзиш / омӯзиши омехта) бартариҳои зиёд пайдо мекунанд. Донишомӯзон мустақилона низ ташкил ёфта банақшагирии фаъолии таълимии худро сайқал медиҳанд, имкони зиёд кардани супоришҳо барои азхудкунии маводи таълимӣ аз ҷониби донишомӯзон бо истифодаи оқилонаи ТИК фаъолияти эҷодкорона ва истифодаи усули таҳқиқотӣ одатҳои ба кори коллективӣ табдил додани кори инфиродии худро пайдо мекунанд [8.].

Ҳамин тариқ, муайян кардани хусусиятҳои асосии дидактикии ТИК, ки дар таълими биология муҳиманд, имконпазир аст:

- ҳавасмандгардонӣ, ки тавассути кумак ба ҳавасмандгардонии донишҷӯён ба фаъолияти омӯзишӣ таъмин карда мешавад;
- иттилоотӣ, ки аз ҷониби донишҷӯён ба даст овардани самаранокии ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ, пешниҳод, интиқоли маълумотро дар назар дорад;
- таҳқиқоте, ки ба рушди малакаҳои эҷодӣ ва таҳлилии донишҷӯён, омезиши дониши биологии онҳо дар бораи таҷрибаи ҳаётӣ ва фаъолияти касбии оянда ва ғайра мусоидат мекунад;
- намоиш, ки визуализатсияи маводи таълимиро тавассути истифодаи презентатсияҳо, видеоҳо ва ғайра дар бар мегирад;
- назорат, ки истифодаи намудҳои гуногуни супоришҳои тестӣ, корҳои лабораторӣ ва ғайраро барои санҷиши дониш, малака ва малакаи донишҷӯён дар бар мегирад;
- баҳогузорӣ, ки мувофиқи вазифа ва меъёрҳо додани шумораи муайяни холҳоро ба донишҷӯ барои иҷрои супоришҳои тестӣ, корҳои лабораторӣ ва ғайра пешбинӣ мекунад.

Хулоса, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар дарсҳои давраи табиӣ самаранокии омӯзишро ба таври назаррас баланд мебардорад, ташаккули шахсияти эҷодкор, ташаккули ҳаёт ва салоҳияти иҷтимоии донишомӯзонро таъмин мекунад, ки барои муваффақият дар фаъолияти мустақилонаи оянда шароит фароҳам мегардад. Истифодаи ТИК дар дарсҳои биология метавонад сифати раванди таълимро тавассути визуализатсияи гуногун (муаррифии тасвирҳои ранга, видео, диаграмма, график ва ғ.) баланд бардорад, ки омӯзиши биологияро ба истифодаи шаклҳои нави кор ҳавасманд мекунад, ташкил ва тақвият додани фаъолияти таълимӣ тавассути истифодаи шаклҳои ҷолиби пешниҳоди маводи таълимӣ, такмили раванди арзёбии дастовардҳои таълимӣ ва ғайра. Дурнамои таҳқиқоти минбаъда тарроҳӣ ва фароҳам овардани чунин муҳити омӯзиши виртуалиро омода намояд.

## АДАБИЁТ


1. Воройский Ф.С. Информатика. Энциклопедический словарь-справочник: введение в современные информационные и телекоммуникационные технологии в терминах и фактах. М.: ФИЗМАТЛИТ, 2006. - 768 с. - ISBN 5-9221-0717-8.
2. Давыдов Ю.Н. Этика любви и метафизика своеволия: Проблемы нравственной философии / Ю.Н. Давыдов. - М.: Молодая гвардия, 1982. - 287 с.
3. Murniza Muhamad, Halimah Badioze Zaman, Azlina Ahmad.Virtual Biology Laboratory (VLab-Bio) International Conference on Education and Educational Psychology (ICEEPSY 2012): Scenario-based Learning Approach / Procedia - Social and Behavioral Sciences 69 (2012) 162 - 168
4. Словарь по кибернетике: Под. ред. акад. В.С. Михалевича. — 2-е изд., перераб. и доп. —Киев: Гл. ред. Укр. Сов. энцикл., 1989.— 751 с.
5. Eila Jeronen, Sirpa Anttila-Muilu, Juha Jeronen. Problems and challenges in the usage of ICT in biology and geography in schools and teacher education in Finland / PROBLEMS OF EDUCATION IN THE 21st CENTURY - Volume 5, 2008. - 55-68 гг.
6. Дорошенко Ю.А. Биология и экология с компьютером / Ю.А. Дорошенко, Н. Семенюк, Л.П. Семко. - М .: Изд. дом "Школ. Мир ": Изд. Л. Галицина, 2005. - 128 с.
7. Mariana Iancu. Assessing the role of new information and communication technologies (ICT) in the potentiation of the didactical methodologies applied in the study of biological disciplines / The 6thInternational Conference Edu World 2014 "Education Facing Contemporary World Issues", 7th - 9th November 2014. Procedia - Social and Behavioral Sciences 180 (2015). 1498 - 1506 гг.
8. Snezana Stavreva Veselinovska and Snezana Kirova. Application of ICT in teaching biology(Example of a lesson) / TECHNICS AND INFORMATICS IN EDUCATION. 6th International Conference, Faculty of Technical Sciences, Čačak, Serbia, 28-29th May 2016

## ДИАЛЕКТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ (ИКТ) В ПРЕПОДАВАНИИ БИОЛОГИИ

*В статье рассматриваются различные стороны применения средств информационных технологи на занятиях по биологии; уроках, экскурсиях, кружках и т.д. среди обучающихся в общеобразовательных школах, слушателей лицеев и техникумов, студентов ВУЗ. Автор, на примерах показывает некоторые способы и формы использования компьютеров, информационно-коммуникативных технологий (ИКТ), цифровых лабораторий и микроскопов , фото- и видео аппаратур, электронных досок и мобильных устройств, обсуждаются условии и некоторые возможности средств ИКТ в процессе обучения биологии.*

*В начале статьи автор также уделяет внимание мировоззренческим установкам информатики и биологии, где коротко останавливается на понятиях.*

***Ключевые слова:*** ИКТ, *информатика, биология, методика, дидактика, аудио, видео, электронные ресурсы, Интернет и т.п.*

## DIALECTICAL FEATURES OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES (ICT) IN TEACHING BIOLOGY

*The article discusses various aspects of the use of information technology tools in biology classes; lessons, excursions, circles, etc. among students in secondary schools, students of lyceums and technical schools, university students of high educational institutions. The author, by examples, shows some ways and forms of using computers, information and communication technologies (ICT), digital laboratories and microscopes, photo and video equipment, whiteboards and mobile devices, discusses the conditions and some of the possibilities of ICT tools in the process of teaching biology.*

*At the beginning of the article, the author also pays attention to the worldview attitudes of computer science and biology, where he briefly dwells on concepts.*

***Key words:*** *ICT, informatics, biology, methodology, didactics, audio, video, electronic resources, Internet, etc.*

***Сведения об авторе:***

***Алиназарова Муҳаббат Раматназаровна*** - *старший преподаватель кафедры общей биологии Хорогского государственного университета имени М. Назаршоева, тел : (+992) 933143286. Email: pizroj17@mail.ru*

***About the author:***

***Alinazarova Mukhabbat Ramatnazarovna*** - *senior lecturer of the Department of Biology, Khorog State University named after M. Nazarshoev, tel: (+992) 933143286. Email: pizroj17@mail.ru*

## АСОСҲОИ ДИДАКТИКӢ ВА МЕТОДҲОИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИРИ ИННОВАТСИОНӢ, ИТТИЛООТӢ ВА КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МАКТАБҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ТОҶИКИСТОН

***Асқарова У.Ҳ.***

*Донишкадаи тиббӣ- иҷтимоии Тоҷикистон*

*Вазъи имрӯзаи муносибат ба забон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзиши забонҳои англисӣ дар низоми муассисаҳои таҳсилоти олӣ шароити мусоид фароҳам овардааст. Асосгузори сулҳу Вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид мекунанд, ки муносибати сиёсӣ ба забон дар кишвар дар баробари забони тоҷикӣ ба дигар забонҳо низ ҳуқуқи фаъолияти баробарӣ фароҳам меорад ва имкон медиҳад, ки онҳо низ омӯхта шаванд.[1]*

Таълими забони англисӣ дар мактабҳои таҳсилоти олии кишварамон хуб ба роҳ монда шудааст. Омӯзиши забони англисӣ дар сурате самара мебахшад, ки агар дар раванди таълим ҳам аз методҳои анъанавии таълим ва ҳам аз тарзу усули нави таълим, ки мақсад дар ҳарду самт махз ба ташаккулу такмили салоҳиятҳои коммуникатсионии забони хориҷӣ равона карда шуда, ҳампоя истифода бурда мешавад.

Имрӯзҳо бидуни воситаҳои техникии таълим ва ё интернет дар машғулиятҳои забони англисӣ комилан ғайримкон аст, ба ҳаёти тақрибан ҳар як инсон пайванди ногусастанӣ дорад. Аксари донишҷӯён имрӯза дар ҳаёт ва таҳсилот аз компютер ва интернет фаъолона истифода мебаранд.

Асри XXI – асри технологияҳо ва навовариҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон мебошад. Ҳар як омӯзгорро зарур аст, ки аз воситаҳои истифода бо воситаҳои технологияҳои муосири

инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсиониро дар машғулиятҳои забони англисӣ васеъ ва самаранок истифода мебаранд. Дар раванди таълим шахси асосӣ ва пешбаранда дар дарс омӯзгор аст. Истифодаи аз воситаҳои технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, бояд ҳамчун яке аз усулҳои самаранокии ташкили раванди таълиму тарбия баррасӣ кард ва дар марҳилаи нисбатан баландтар дар сурати истифодаи дурусту оқилона ва эҷодкорона он метавонад барои омӯзонидани забони англисӣ воситаи муфид ва зарурӣ гардад.

Баррасии хусусиятҳои дидактикӣ ва вазифаҳои методии технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таълим омӯзиши забони англисиро дар асоси технологияҳои мултимедӣ инъкиос мекунад ва хусусиятҳои дидактикӣ ва вазифаҳои методии технологияҳоро барасӣ мекунад.

Технологияҳои рақамии замонавӣ имкон медиҳанд, ки барои бозёфтҳои таҷҳизоти аудиовизуалӣ (матнҳо, овозҳо, тасвирҳои видеоӣ, графикӣ ва ғайра) ба даст оварда шуда, истифода аз компютер махсус таъкид ва татбиқ мегардад. Медиа (мултимедияи англисӣ) - мазмун ва мундариҷаи шаклҳои гуногуни таълиму омӯзиши забони англисиро тавассути графика, аниматсияҳои компютерӣ, пайдарпаии видео ва амсоли он роҳандозӣ мекунад.

Имрӯз таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар бисёр мактабҳои таҳсилоти олии кишварамон таваҷҷӯҳ бештар ба проблемаи информатизатсия ҳамчун самти асосии модернизатсияи низоми таҳсилот равона мегардад ва он ҳамчун яке аз проблемаҳои асосии стратегияи рушди тамаддун баррасӣ ва арзёбӣ мешавад. Дар робита ба ин дар солҳои соҳибихтиёрии чумҳурӣ дар соҳаи сиёсати давлатӣ оид ба таҳсилот якчанд барномаҳои давлатӣ, қонунҳою стратегияҳо ва консепсияҳо қабул карда шуданд.

Масалан, самтҳои асосӣ ва вазифаҳои таҳсилоти иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» чунин омадааст: « Ворид намудани дар ҷараёни таълим моделҳои дурнамои воситаҳои таълими инноватсионӣ ва иттилоотӣ, воситаҳои муосири техникӣ, васоити аёнӣ ва таҷҳизот барои таълими забонҳои русӣ ва англисӣ таъмини муассисаҳои таҳсилот бо таҷҳизоти компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ, гузаронидани корҳои илмӣ-методӣ оид ба вориднамоии технологияҳои нави компютерӣ дар раванди таълим ва тарбия, омоданамоӣ ва бозомӯзии кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ доир ба истифодабарӣ ва вориднамоии технологияҳои нави иттилоотӣ- коммуникатсионӣ ва пайваст намудани муассисаҳои таҳсилоти олии кишварамон ба шабакаи Интернет ва дар ин замина воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилотӣ ( системаи кредитӣ) эҷоди низоми ягонаи идоракунии иттилоотӣ ва таъмини манфиатҳои шахсият, давлат ва ҷомеа дар раванди вориднамоии технологияҳои нави компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилот [1, с.4-5].

26 январи соли 2021 Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон таҳаввулоти ҷиддиро, ки дар ҷомеа рӯй медиҳад, таъкид карда, чунин зикр карданд: «Оид ба тарбияи насли наврас сухан карда набояд фаромӯш кард, ки онҳо бояд дар мактабҳое таҳсил кунанд, ки бо таҷҳизоти муосир, аз ҷумла, компютерҳо, муҷаҳҳаз бошанд»[2]

Технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таълим тарзи пешниҳоди иттилоот дар компютер бо имконияти дар як вақт истифодабарии матн, графикҳо, овоз, видео, ва эффектҳои аниматсиониро фаро мегирад. Истифодаи чунин технология дар ҷараёни таълим барои васеъ намудани ҷаҳонбинии донишҷӯён, мустақилона фикр кардан ва дар ниҳоят инкишофи шахсияти донишҷӯён мебошад. [3, с.44].

Технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таълим мазмун ва мундариҷаест, ки ҳамзамон бо шаклҳои гуногун интиқол дода мешавад, ки графика, аниматсияҳои компютерӣ, намоиши видеоӣ ва ғ. Масалан, як объект метавонад маълумотҳои матнӣ, аудиоӣ, графикӣ, видеоӣ ва инчунин роҳу усулҳоеро, ки бо он алоқаманд аст, дар бар гирад. Ин ҳама бо истифода аз маҷмӯи махсуси сахтафзор ва нармафзор ба даст меояд.

Истилоҳоти «технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» барои истифода бурдани воситаҳои ахбори омма истифода мешавад, ки имконияти нигоҳ доштани миқдори зиёди маълумотро фароҳам меорад ва дастрасии онҳоро ба таври одилона таъмин мекунад (аввалин воситаи чунин намуд дискҳо буданд).

Дар ин ҳолат мафҳуми «Технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» маънои онро дорад, ки компютер метавонад васоити ахбори оммаро истифода барад ва маълумотро ба истифодабаранда тавассути ҳамаи намудҳои имконпазир, ба монанди аудио, видео, аниматсия, тасвирҳо ва ғ. дастрас намояд [ 5 с.67].

Воситаи технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таълим метавонад ба таври қобили мулоҳиза ё ба таври дақиқ тасвири сатрӣ ва ғайримаъмулӣ дошта бошад.

Таҳлили хусусиятҳои дар боло зикршудаи таҷҳизоти омӯзиши технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва вазифаҳои методии дар омӯзиши забони англисӣ дар раванди таълим метавонад се усулҳои омӯзиширо амалӣ намояд:

1. Дастгирии раванди омӯзиши забони англисиро бо тарзи анъанавӣ, истифода бо воситаҳои технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар дарси забони англисӣ.

2. Омӯзиши пурра бо истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар ҷараёни омӯзиши забони англисӣ.

3. Модели (омехта) омӯзиши технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар дарси забони англисӣ.

Мо бояд дарк кунем, ки чи тавр дар дарси забони англисӣ ҳар як модели омӯзиши истифода аз воситаҳои технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мавриди баррасӣ қарор бидиҳем. Масалан:

Модели 1. Дастгирии раванди омӯзиши забони англисиро бо тарзи анъанавӣ, омӯзиши истифода бо воситаҳои технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ.

Дар дохили модули аввалин донишҷӯён дар давраи машғулиятҳои аудиторӣ метавонанд аз захираҳои Интернет, инчунин захираҳои шабакавӣ, оид ба сервери ташкилот, бо мақсади минбаъд тароҳии забони англисӣ истифода кунанд. Ба ин захираҳо дохил мешаванд: иттилоот ва захираҳои маълумотӣ (луғатҳо, энсиклопедияҳо, маводи маҷозӣ (виртуалӣ), сайри осорхонаҳо, галереяҳо ва ғ.), захираҳои интернетӣ (трэжахантҳо, веб- квестҳо) санҷишҳои шабакавӣ барои идоракунии малакаҳои забонӣ ё рушди малакаҳои суханварӣ. Ба ибораи дигар, дар доираи модели ҳамгироии технологияҳои сайёр ба раванди таълимӣ, технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ замонавии омӯзиши анъанавии забонҳои муҳассилинро ғанӣ мегардонад.

**Модели 2. Омӯзиши пурра бо истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ пурра**. Хусусияти фарққунандаи ин намуди таълим аз он иборат аст, ки он танҳо дар асоси технологияи муосир гузаронида мешавад. Донишҷӯён супоришҳоро ба анҷом мерасонанд, бо муаллим тавассути почтаи электронӣ сӯҳбат мекунанд, дар мубоҳисаи онлайн иштирок мекунанд. Тамосҳои шахсӣ бо муаллим ё байни донишҷӯён дар чаҳорчӯбаи ин модел таъмин карда мешаванд.

Донишҷӯён дар муҳити таблиғотии санъати виртуалӣ таҳсил мекунанд. Платформа барои амалисозии модели омӯзиши истифода аз воситаҳои технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ. пурра ба мизоҷон бояд, яъне ба донишҷӯён бо дастрасии ваколатдор ба бахши дахлдори муҳити таълимӣ (ба таркиби махсуси таълимӣ ё маҷмӯи фанҳои дар як давраи муайян таҳқиқшуда), захираҳои омӯзишӣ дар шакли маводи таълимӣ ва иҷрои вазифаҳои амалӣ ва лабораторӣ ҳамчун як таркиби муаррифии мавод ба назар гирифта шудааст), платформа барои мубоҳисаи шабакавӣ оид ба масъалаҳои омӯзиш (блог ё форум), санҷишҳои шабакавӣ барои пешгӯӣ ва назорати ниҳоии малакаҳо ташаккул меёбад. Пайвандҳо ба захираҳои иловагӣ дар бораи Интернет ва ё маводи курси иловагӣ таҳия мешавад. [ 6 с.33].

**Модели 3. Модели (омехта) омӯзиши технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар дарси забони англисӣ.**

Ин модел аз тариқи анъанавии раванди таълимӣ тавсиф меёбад. Фарқ аз аввалин модели тренингӣ ин аст, ки донишҷӯён як қисми барномаи таълимиро бо истифода аз шаклҳои анъанавии таҳсилот (пурра ё қисман) ва қисми дигарро тавассути технологияҳои сайёр аз худ мекунанд.

Албатта, ҳамаи ин се модели омӯзиши технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар дарси забони англисӣ метавонанд вобаста ба шароитҳои мушаххаси омӯзиш муваффақона амалӣ карда шаванд, талабот ба муҳассилин, инчунин имконият барои донишомӯзон муҳайё мегардад.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои охир, шумораи кофии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва монографӣ дар бораи истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва тренингҳо барои донишҷӯёни риштаҳои забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷанбаи забонӣ ва ғайризабонӣ дошта афзоиш ёфта, . махсусан, масъалаҳои зерин ҳал карда шудаанд, ки барои мисол, масъалаҳои методологию иттилоотии забони англисӣ, истифодаи захираҳои онлайнии таълим дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ, истифодаи технологияҳои (почтаи электронӣ, вебсайт) дар ташаккули иҷтимоию фарҳангӣ ва салоҳиятҳои фарҳангӣ, технологияҳои (блог-технология, вики- технология, зеркастҳо) дар рушди малакаҳои суханварӣ ва ташаккули иҷтимоию фарҳангии донишҷӯён навъҳои гуногуни лингвистикӣ дар ташаккули малакаҳои луғавӣ ва сарфунаҳвии донишҷӯёнро таҳлил карда шудааст.

Ба ҳамин тахриқ, натиҷаҳои омӯзиши корҳои таҳқиқотӣ оид ба рушди усулҳои дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар дарси забони англисӣ нишон медиҳанд, ки ҳамаи се модули омӯзиши дар таълими забонҳои хориҷӣ мавриди истифода қарор ёфта метавонад.

Мисли ҳар як васоити омӯзишӣ, технологияи мултимедӣ баъзе хусусиятҳои ғайримаъмулӣ ва функсияҳои методиро дорост, ки аз онҳо дар раванди омӯзиши забон ва фарҳанги хориҷӣ истифода бурдан мумкин аст. Ба андешаи мо, ҷанбаҳои табиии технологияҳои мултимедӣ бояд «бо хусусиятҳои асосӣ ва технологияҳои иттилоотӣ аз дигар намудҳои технология фарқ мекунанд. Функсияҳои додашуда бояд ҳамчун зуҳури берунии технологияҳои мулитмедӣ фаҳмида мешаванд.

***Якумин технологияи*** **муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар дарси забони англисӣ** маъмултарин - почтаи электронӣ мебошад. Хусусиятҳои ғайрифаъоли почтаи электронӣ метавонад ба як ё якчанд истифодабарандагон интиқол додани матн ва дигар маълумот (ҳамчун замима) иттилоотро, қобилияти нигоҳ доштани иттилооти дастрасшуда (матн, графика, аудио, видео)-ро дар диски сахт тақозо мекунад. Дар асоси ин хусусиятҳои дидактикӣ, лоиҳаи телекоммуникатсионӣ дар мубодилаи иттилоот байни донишҷӯён имконпазир аст. Имкониятҳои почтаи электронӣ методҳои амалисозии лоиҳаҳои телекоммуникатсиониро, ки барои рушди малакаҳои тарҷумаи муҳассилин ва ташаккули малакаҳои иҷтимоию фарҳангии онҳо таҳия намуда шудааст.

Дар айни замон, тақрибан ҳамаи провайдерҳои умумӣ хизматрасониҳои почтаи электронӣ, аз ҷумла ҳисобҳои почтаи электронӣ, версияи сайёри барномаҳо *(gmail..com, mail.ru. ва ғайра.)* таҳия шудаанд. Ин барномаҳо ба истифодабарандагон имкон медиҳанд, ки паёмҳои электрониро донишҷӯён аз компютери доимӣ гиранд ё аз компютерҳо ва планшет барои кор гиранд. [ 6 с.34].

***Технологияи дуюм*** **муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар дарси забони англисӣ,** ки хеле васеъ густариш ёфтааст, блог-технология мебошад. Блог-технология саҳифаи шахсии як корбар дар Интернет дар шакли рӯзнома ё маҷалла мебошад. Дар таълифоти методии солҳои охир адабиёти фаровоне оварда шудааст, ки истифодаи блог-технологияҳоро дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ тавсиф ва баррасӣ мекунад. Хусусиятҳои дидактикии блог-технологияҳо ҳамчун оммавият (дастраснокӣ) (блогҳо ба ҳамаи иштирокчиёни лоиҳа, ки дар масофаи дур ҷойгиранд, дастрас мебошад) -хаттият (тағйирот ва иловаҳо бо тартиби хронологӣ дар поён аз тарафи дигар ҷойгиранд); - муаллифӣ ва модератсия (мӯътадилнокӣ) (муаллифони ягона дар блогҳо мавҷуданд, мӯҳтавои блог бо муаллифи он алоқаманд мебошад); -сайёру мултимедӣ будан (имконияти истифодаи матнҳои шаклҳои гуногун барои таҳияи муҳтавои блогҳо матн, графика, аксу тасвир (фото) видео, аудио)

Функсияҳои додашудаи блог-технология чунинанд: ҷойгиркунии матн ва графика, маводҳои аудиоӣ ва видеоӣ; қобилияти баррасии маълумот дар бораи дастаҳо (пакетҳо); в) рушди малакаҳои худкомавӣ; рушди фаъолияти донишҷӯён; рушди малакаҳои омӯзишӣ дар ҳамкорӣ малакаҳои хаттии муҳассилин ва малакаҳои иҷтимоӣ метавонанд дар асоси блог-технология таҳия карда шаванд. Бо ёрии браузерҳои компютерҳои сайёр ва ғайрисайёр донишҷӯён метавонанд хизамтрасониҳои зеринро ба қайд гиранд ва истифода баранд.

***Технологияи сеюм*** **муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар дарси забони англисӣ** вики-технология мебошад. Вики-технология - ин яке аз технологияҳои муосири интернетӣ аст, ки имкон медиҳад як шахс ё гурӯҳи одамон дар масофаи номаълум аз ҳар як коре, ки барои эҷоди як навъ (мултимедиа) таъйин гаштаанд, истифода кунанд. Як аз хусусиятҳои дидактикии вики-технологияро чунин аст, ки - оммавият - вики-ҳуҷҷат барои ҳамаи иштирокчиёни лоиҳаи Интернет, ки дар масофаи дур ҷойгиранд ғайрихаттият - тағйироту иловаҳо ба ҳуҷҷати бевосита ворид карда мешаванд, аз мавқеи хронологӣ зери якдигар ҷойгир карда намешаванд (мисли блог ва ё веб-форум), ҳар як иштирокчии лоиҳа метавонад ба нусхаи пештараи ҳуҷҷатгузориҳо тағйирот ворид кунад; - қобилияти дастрасӣ ба таърихи офариниши ҳуҷҷатҳо (ҳама нусхаҳои ҳуҷҷат ва ҳама тағйиротҳо дар сервер сабт мешавад, агар зарур бошад, ҳар як иштирокчии лоиҳа метавонад ба нусхаи қаблии ҳуҷҷат, ҳамчунин пайванде, ки иштирокчиёни лоиҳа ва ҳангоми тағйири ҳуҷҷат тағйирот ворид мекунанд) бармегардад -имконпазирии истифодаи маводҳо аз шаклҳои гуногун - матн, графика, фото, видео, аудио, сохтори гиперматни (қобилияти эҷоди гиперматнии дохилӣ ва берунӣ) ҳангоми эҷоди вики-ҳуҷҷатҳо мебошанд.

Функсияҳои вики-технология инҳоянд: ҷойгиркунии матн ва графика, маводи аудио ва видео; қобилияти донишҷӯён барои коркарди мундариҷаи якум; в) рушди донишҳои муҳассилин; рушди малакаҳои омӯзишӣ дар ҳамкорӣ. [ 7 с.12].

***Технологияи чоруми*** **муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар дарси забони англисӣ** таълими инҳо мебошанд, ки метавон дар таълими забони англисӣ омӯзгорон аз онҳо истифода намуда, ба тариқи умумӣ сабтҳои аудиоӣ ва видеоиро меноманд, ки барои шунидан ва ё дидан дар шабакаи интернет истифода мешавад ва ҳар як инсон метавонад аз он баҳравар гардад. Хизматрасонии технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар дарси забони англисӣ яке аз хизматрасониҳое мебошад, ки дар заминаи он метавон маълумот дарёфт намуд, зеркастҳои ҷойгиршударо дидану баррасӣ намуд, ҳамчунин зеркасти шахсии худро сабт ва ҷойгир намуд. Дар шабакаи Интернет теъдоди фаровони хизматрасониҳои талимӣ ва ғайритаълимӣ

(аутентӣ)-и зеркастҳо мавҷуданд, ки метавон барои рушди малакаҳои истеъмои муҳассилин истифода кард. Ҳамчунин хизматрасониҳое мавҷуданд, ки онҳо имкон медиҳанд зеркастҳои истифодабарандагон ҷойгир карда шаванд, ҳамчунин муҳокимаи шабакавии зеркастҳо дар микроблогҳо ва ё дар форум ташкил карда шаванд.

Ҳамин тариқ, метавон натиҷагирӣ намуд, ки дар асоси хизматрасонии зеркастҳо рушди малакаҳои суҳбату муколама ва истимоъ имконпазир аст, ҳамчунин метавон салоҳиятнокии иҷтимоӣ-фарҳангии муҳассилин ва донишҷӯёнро муваффақ шуд.

Дар шакли таълими **технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ** мобилии забони англисӣ чунин хизматрасониҳои зеркасти мавриди истифода қарор гирифта метавонанд. [ 8 с.7].

*Технологияи панҷуми* **муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар дарси забони англисӣ**, ки дар таҳқиқоти мазкур мавриди баррасӣ қарор мегирад, веб-форум мебошад. Таҳти мафҳуми веб- форум бахши сомонае фаҳмида мешавад, ки барои ташкили муҳокимаи шабакавии дилхоҳ масъала коркард гаштааст. Новобаста ба густариши кофии веб-форум дар адабиёти илмӣ таълифот оид ба истифодаи он зимни омӯзиши забони англисӣ кофӣ намебошад. Ба хосиятҳои дидактикии веб-форум метавон инҳоро мансуб донист: оммавият; хаттият; имкони ҷойгирнамоии шарҳи баҳраварон; муаллифии ягонаи баҳраварон.

Ба вазифаҳои дидактикии веб-форум инҳо мансубанд имкони ташкили муҳокимаи шабакавии масъалаҳо рушди малакаҳои мустақилона пеш бурдани фаъолияти таълимӣ, рушди фаъолияти маърифатию зеҳнии омӯзандагон, -рушди малакаҳои омӯзиш дар ҳамкорӣ ва дар заминаи хосиятҳои мазкури дидактикӣ, ташкили муҳокимаи шабакавии масъалаҳои омӯхташаванда мебошанд.

***Технологияи шашуми*** **технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар дарси забони англисӣ** васоити видеоинтернет- коммуникатсияи синхронӣ мебошад, ки мо бояд ба «технологияҳое мансуб донем, ки имкони муошират дар вақту замони воқеиро дар заминаи барномаҳои итернетӣ фароҳам меоранд, алоқаи видеоӣ ва аудиоиро таъмин мекунанд. Ин воситаҳо бо хосиятҳои фарққунандаи худ тафовут доранд, ки ба онҳо мансубанд, ки-имкони ташкили видеоалоқа байни истифодабарандогони хизматрасонӣ (сервер) дар вақту замони воқеӣ; имкони гузоштани видео - ва аудиохабарҳо дар реҷаи онлайн ва оффлайн; -имкони сабти гуфтугӯҳои аудиоӣ ва видеоӣ, ки баъдан онҳоро метавон ба дигар истифодабарандагон фиристанд, имкони фиристодани хабар дар чат дар реҷаи вақту замони воқеӣ (то 6 нафар ҳамзамон) ва оффлайн имкони интиқолу пахш_намудан аз мизи корӣ доранд.

***Технологияи ҳафтуми*** **технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар дарси забони англисӣ** луғату фарҳангҳои электронӣ мебошанд. Онҳо бо дастраснокӣ, бисёрзабонӣ (монолингвӣ ва билингвӣ) фарқ мекунанд, имкони ҳудуди маҳдуди ҷустуҷӯӣ доранд (маҳдудият аз рӯи соҳаи фаъолият, масалан, тиб, соҳаи техникӣ, иқтисод, ҳуқуқшиносӣ). Дар асосу заминаи луғату фарҳангҳои электронӣ метавон корҳои ҷустуҷӯӣ-тадқиқотии муҳассилинро зимни хониш ба роҳ монда, фаъолияти зеҳнии онҳоро рушд дод ва таълимро дар ҳамкорӣ ба роҳ монда луғату фарҳангҳои элктронӣ барои ташаккули малакаҳои луғавии нутқи муҳассилин ва ташаккули салоҳияти тарҷумонии онҳо мусоидат мекунад.

***Технологияи ҳаштуми*** **технологияҳои муосири инноватсионӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар дарси забони англисӣ** маҷмӯаи лингвистӣ мебошад, ки онро метавон зимни таълими забонҳои хориҷӣ истифода кард. Таҳти мафҳуми маҷмӯаи (корпуси) лингвистӣ маҷмӯаи матнҳои ноқилони электронӣ фаҳмида мешаванд, ки аз рӯи аломатҳои муайян гурӯҳбандӣ шудаанд (хронология, муаллиф, минтақа ва ғайра). Маҷмӯаи лингвистӣ дорои хосиятҳои мазкури дидактикӣ мебошад: бисёрзабонӣ (маҷмӯаҳо дар забонҳои гуногун мавҷуданд); қаринавӣ (контекстӣ) будани натиҷаҳои ҷустуҷӯ ва имкони маҳдудгардонии соҳаи истифодаи забон мебошанд. [ 8 с.12].

